АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ
БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 34.01+340(576.3)
ТКБ: 67.6 ( 2 тоҷик)
Қ– 76

ҚОДИРЗОДА ТОҲИР ҚАМАР

# ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ СУДЯҲО ДАР ПАРТАВИ ИСЛОҲОТИ СУДӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

ДУШАНБЕ – 2025

МУНДАРИҶА

**НОМГУИ ИХТИСОРАҲО...................................................................................... 4**

**МУҚАДДИМА ..................................................................................................... 5**

**БОБИ 1. ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ.......... 35**

1.1. Мафҳум, функсияҳо ва унсурҳои шуури ҳуқуқӣ ................................ 35

1.2. Намудҳои шуури ҳуқуқӣ.......................................................................... 59

1.3. Шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳамчун намуди шуури ҳуқуқӣ .......... 72

**БОБИ 2. ФАҲМИШИ ҲУҚУҚӢ ДАР РАВАНДИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНИИ СУДӢ ......................................................... 105**

2.1. Масоил ва табиати фаҳмиши ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ.............................................................................................105

2.2. Фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ заминаи ташаккули ҳуқуқии тафаккури судяҳо .................................... 120

2.3. Расмиёти судӣ ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ ........................................................................... 140

**БОБИ 3. ШУУРИ ҲУҚУҚИИ КАСБИИ СУДЯҲО ЧУН ЗАМИНАИ ФАЪОЛИЯТИ ТАФСИРИ ҲУҚУҚӢ................................................... 172**

3.1. Ҷанбаҳои назариявӣ, намудҳо ва тарзҳои тафсири ҳуқуқӣ............. 172

3.2. Усул ва тарзҳои герменевтикаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ ........................................................................... 192

3.3. Тафсири меъёрҳои ҳуқуқ аз руйи робитаи мантиқӣ ва низомнокии онҳо. ................................................................................................................ 200

**БОБИ 4. НАЗАРИЯИ ҲУҚУҚИ ИСБОТКУНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ КАСБИИ СУДЯҲО ........................................... 214**

4.1. Масоили умуминазариявии таҳияи назарияи ҳуқуқи исботкунӣ.... 214

4.2. Нақш ва ҷойи назарияи далелҳо ва назарияи исбот дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ ......................................................................25326

4.3. Баҳодиҳии далелҳо. Ҷоизӣ, дахлдорӣ ва боэътимодии далелҳо ..... 253

**БОБИ 5. РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ СУДЯҲО ........................................................................................ 278**

5.1. Тадбирҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо дар ҳошияи барномаи навиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ................................................ 278

5.2. Таҳсилоти касбии судяҳо чун заминаи инкишофи шуури ҳуқуқии судяҳо.. ........................................................................................ 278

5.3. Роҳҳои пешгирии саҳви судӣ чун омили тақвияти шуури ҳуқуқии судяҳо ........................................................................................ 295

**ХУЛОСА ........................................................................................ 329**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ................................................................ 329**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ........................................................................ 344**

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ .................. 382**

## НОМГУИ ИХТИСОРАҲО

**ВКД** – Вазорати корҳои дохилӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

**ИМА** – Иёлоти муттаҳидаи Амрико

**КГ** – Кодекси граждани̅

**КМ** – Кодекси мадани̅

**КИҶҶ** – Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КММ** – Кодекси мурофиавии маданӣ

**КМҶ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

**қ.** – қисм

**ҚҶТ** – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШС** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳои

**ПСО** – Пленуми Суди Олӣ

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ФР** – Федератсияи Россия

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ.** Дар шароити муосири дигаргуниҳои куллии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ислоҳотҳои ҳуқуқӣ, дар шароити ҷаҳонишавии тамаддунҳо ва тағйиротҳои дигари ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд нақши ҳокимияти судӣ, огоҳии шуури ҳуқуқии судӣ ва татбиқи ҳуқуқ махсусан меафзояд.

Вобаста ба ин дар мамалакат як силсила ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқие гузаронида шудаанд, ки онҳо ба ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва пеш аз ҳама, ба ташаккул ва таҳкими мақомоти судӣ таъсири мусбӣ расониданд. Бинобар ин барои такмил додани қонунгузории ҶТ дар ин самт гузаронидани таҳқиқотҳои назариявӣ-илмие заруранд, ки барои таъмини мустақилияти судяҳо ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо мусоидат намояд. Аз ин рӯ, коркарди проблемаи шуури ҳуқуқии касбии судяхо аз ҷиҳати назария ва амалияи илми ҳуқуқшиносӣ зарур ба шумор меравад.

Возеҳу равшан аст, ки проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ кайҳо боз таваҷҷӯҳи олимони ҳуқуқшиносро ба худ ҷалб кардааст. Он дар асарҳои ҳам мутахассисон оид ба назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ ва ҳам фанҳои ҳуқуқии соҳавӣ мавриди тарҳрезӣ қарор дода шудааст. Аммо қисми асосии таҳқиқотҳо оид ба масъалаҳои бамиёномада, даҳсолаҳо пеш аз ин интишор ёфтаанд ва мафҳуми онҳо асосан дарки назариявии проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқро дар бар мегиранд. Ҷиҳати шуури ҳуқуқии судя ва ҳуқуқтатбиқкунӣ дар баррасии парвандаҳои судӣ бошад, дар адабиётҳои соҳавӣ ва маводи илмӣ, ба шакли масъалаҳои умумии татбиқи ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатӣ қайд намуданд: «Механизми муҳими ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таъмини волоияти қонун мақомоти ҳокимияти судӣ мебошад» [21].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо диққати махсус дода, таъкид намуданд, ки ҳангоми пешниҳоди номзадҳо ба вазифаи судя донишу маҳорат ва сифатҳои ахлоқии онҳо мавриди омӯзишу санҷиш қарор дода шавад[26].

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024-ро ба ифтихори санаи бисёр муҳимми таърихӣ, 30 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд.

Дар паём, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қайд карданд, ки «Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем»[20, с. 7].

Дар Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешаванд [22;15;16;24;23]. Ҳуҷҷатҳои барномавии зикргардида дар баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меоранд, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд, масъулият дошта бошанд, инчунин дар баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии онҳо мусоидат менамоянд.

Сарфи назар аз пажӯҳишҳои мавҷуда дар бораи шуури ҳуқуқӣ, мушкилоти ҳалталаб, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, то ҳол боқӣ мондаанд. Таъминоти кофии таҳқиқотҳои

назариявӣ дар бахшҳои алоҳидаи ин мавзӯъ ба таври комил ба назар намерасанд. Пурсишҳои сотсиологии дар байни судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки чораҳои андешидашуда ҳам дар қисми қонунгузорӣ ва ҳам сатҳи ташкилию ҳуқуқӣ ва сифату самаранокии қабули санадҳои судӣ ба пуррагӣ кифоя намекунанд. Махсусан кафолатҳои қонунии мустақилияти судяҳо, масъалаҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иҷрои санадҳои судӣ чӣ дар қонунгузорӣ ва чӣ дар амалия беҳбудиро талаб мекунад, ки ҳамаи ин дар натиҷа ба шуури ҳуқуқии судяҳо таъсири худро мерасонад.

Яке аз омили дигари онҳо масоили тарҳрезии илмии таносуби назарияи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мебошад. Муаллиф, ки таҷрибаи беш аз сисолаи худро ҳамчун судя дар амалия ҷамъ намудааст, бар зарурати пайванди устувори байни назарияи ҳуқуқӣ ва амалия таъкид намуда, қайд мекунад, ки зиндагии ҳуқуқӣ аксар вақт вазъиятҳои гуногунро ба миён меорад ва бидуни таҳлил ва фаҳмиши назариявии онҳо ҳалли он душвориро ба миён овардааст ва адабиёти махсус дар бораи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, ки роҳнамои ҳалли ин масъалаҳо бошад, кам аст.

Аз ин лиҳоз, муаллиф аз таҷрибаи касбии бисёрсолаи худ ба хулоса омадааст, ки оид ба таҳкими ҳокимияти судӣ ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, як зумра пешниҳодҳои назариявӣ-амалӣ коркард шавад. Дар робита ба ин, таъкид мешавад, ки судяҳо ҳангоми татбиқи адолати судӣ бояд арзишҳои ҳуқуқӣ, урфу одатҳои ҳуқуқӣ, мероси фарҳанги ҳуқуқии миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо ҳам мувофиқ истифода баранд, иттилоотонии раванди ҳуқуқтатбиққунӣ, бозомӯзӣ, дарки падидаҳои ҳаёти ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, фаъолияти касбии худро сифатан баланд бардоранд. Ҳамзамон, имконпазирии гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро дар доираи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии тамоми ҷомеа ба мақсад мувофиқ меҳисобад.

Бинобар ин, таҳқиқоти илмии масъалаҳои назариявии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар алоқамандӣ бо таҷрибаи судӣ дар замони муосир заруратро металабад ва интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, маҳз бо дар назар доштани ҳамин гуфтаҳо асос ёфтааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ самараи тафаккури чандинсолаи муаллифро оид ба проблемаҳои ҳуқуқ ва татбиқи он дар алоқамандии зич бо проблемаҳои ислоҳоти судӣ дар кишвари мо ифода мекунад. Дар робита бо ин, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, бо рисолаи номзадии дар соли 2018 дифоъкардаи муаллиф дар мавзуи: «Проблемаҳои суиистифода аз ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ», самти таҳқиқоти илмии интихобшуда ва дар он оғозшударо идома ва инкишоф медиҳад, ки ин як марҳила дар таҳқиқоти муаллиф оид ба масъалаи мутаносибии ҳақиқат ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо аст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф кӯшиш намудааст, ки нуқтаи назари худро баён намояд, лаҳзаҳои баҳснокро ҷудо намуда, таваҷҷуҳро ба ақидаҳои нав ҷалб карда, фаҳмиши худро дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки дар ин самт ба миён меоянд, пешкаш намояд.

Ҳамзамон, мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ин таҳлил ва омӯхтани омилҳое мебошанд, ки ба ҷараёни дар ҳаёт татбиқ намудани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ душвориҳоро ба миён меоранд. Муаллиф аз нигоҳи назарияи илми ҳуқуқшиносӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки роҳҳои ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳои замони муосир ва тағйир додани тафаккури фаҳмиши ҳуқуқ аз ҷониби судяҳо ва тамоми шахсоне, ки бо ин ё он тарз дар татбиқи ҳуқуқ ва дар баамалбарории адолати судӣ  саҳм доранд, коркард намуда, ақидаҳои назариявӣ ва таклифҳои амалӣ пешниҳод намояд.

Ҳамин тариқ, дарки назариявии проблемаҳои шуури ҳуқуқии судяҳо ва татбиқи бевоситаи онҳо дар таҷрибаи судӣ аҳаммияти таҳқиқоти мавзуро равшан мекунад ва он чун масъалаи калидӣ дар рисолаи илмӣ махсус зикр мегардад.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Доир ба назарияи ҳуқуқ монография ва рисолаҳои илмие, ки махсус ба омӯзиши шуури ҳуқуқии судяҳо ва татбиқи ҳуқуқ бо назардошти дастовардҳои афкори муосири илмӣ-ҳуқуқӣ ва ҷамъбасти таҷрибаи ҳуқуқии судӣ кам буда, оид ба баъзе паҳлуҳо ва ҷанбаҳои ин масъала аз ҷониби олимони Россия, ба монанди Салников В.П. [130, с. 500], Аверин А.В. [270], Байниязов Р.С. [272], Белканов Е.А. [273, с. 25], Вопленко Н.Н. [65], Касаткин С.Н. [281], Малюткин А.В. [100], Илин И.А. [81], Байтин М.И. [39] ва дигарон таҳқиқотҳо гузаронида шудааст.

Илова бар ин, оид ба масъалаҳои хусусият ва сарчашмаҳои ташаккулёбӣ ва рушди мақомоти ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон, ки бевосита ба болоравии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таъсирбахш аст, аз ҷониби Абдуллозода Ф.Н. [268], асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Суди Олӣ, аз ҷониби Муродзода А.А. [286], ҳуқуқи инсон ва механизмҳои амалишавии он дар мурофиаҳои судӣ, аз ҷониби Искандаров З.Ҳ. [85; 86], масъалаҳои назариявӣ ва конститутсионӣ-ҳуқуқии низоми ҳокимияти судӣ, мақоми судя аз нигоҳи талаботи конститутсионӣ аз ҷониби Мирзамонзода Х.М. [108; 226, с. 133–146; 201, с. 121–138], табиати ҳуқуқии санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раҳмон Д.С. [298], таърихи пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби Шоназаров С.А. [159] мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд. Инчунин, масъалаҳои таърихии ташаккули ҳокимияти судӣ, низоми судӣ, ҷой ва нақши ҳокимияти судӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ, ахлоқ ва шуури ҳуқуқӣ ва дар умум фаъолияти ҳокимияти судӣ, дар асарҳои олимони ватанӣ, ба мисли Усмонов О.У. [149; 150], Ойгензихт В.А. [116], Менглиев Ш.М. [106; 107], Имомов А.И. [84], Иброҳимзода С.И. [79, с. 441–509], Тағойназаров Ш.Т. [141], Бобоҷонзода И.Ҳ. [53; 52; 51; 170, с. 57–62; 171, с. 57–64; 168, с. 180–198; 167, с. 53–57; 169, с. 87–95; 166, с. 94–109; 197, с. 70–77; 195, с. 80–87; 193, с. 223–228; 191, с. 215–220; 181, с. 88–103; 176, с. 106–

115; 180, с. 21–39; 178, с. 87–98; 177, с. 45–54; 186, с. 49–56; 188, с. 87–92; 179, с. 6–18; 189, с. 35–73; 184, с. 119–141; 187, с. 15–26; 182, с. 106–118; 194, с. 72–80], Шарофзода Р.Ш. [254, с. 23–31; 263, с. 130–141; 252, с. 175–188; 262, с. 44–53; 259, с. 5–18; 251, с. 342–349; 255, с. 27–38; 257, с. 38–46; 249, с. 46–60; 250, с. 153–158; 261, с. 241–248; 256, с. 76–85; 253, с. 58–72; 258, с. 46–54; 260, с. 68–74], Холиқзода А.Ғ. [243, с. 26–37; 246, с. 211–222; 248, с. 7–18; 247, с. 43–54; 245, с. 7–21; 242, с. 73–103; 244, с. 41–72; с. 397–403], Диноршоев А.М. [74; 75, с. 439–450], Ализода З. [37], Шодиев И.Р. [305], Маҳмудов И.Т. [220, с. 10–16; 222, с. 4–5; 224, с. 57–68], Холиков К.Н. [153], Маҳмудзода М.А. [104], Раҳимзода М.З.[126], Абдуллоев Н. [29], Азиззода У.А. [32], Нематов А.Р. [232, с. 65–75; с. 9–15; 235, с. 73–89; 236, с. 141–148; 234, с. 103–117; 233, с. 575–585], Буризода Э.Б. [60], Назаров А.К. [290], Абдулхонов Ф.М. [269], Тоҳиров Ф.Т. [145], Ализода Ш.Ш. [164, с. 41–46], Шоҳиён Ш. [265, с. 12–14; 264, с. 14–17], Раҳматҷонзода Р. Р. [299], Обидова М. Н. [294], Назар М. А. [289] ва дигарон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар Тоҷикистон бошад оид ба назарияи илми ҳуқуқ якчанд рисолаҳои номзадӣ, аз ҷумла, рисолаи Нусратов Л.М. соли 2008 дар мавзуи «Проблемаҳои ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони муосир (ҷанбаҳои назария ва методология)» [293], рисолаи Ғоибов Р.Д. соли 2012 дар мавзуи «Татбиқи ҳуқуқии судӣ дар заминаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон дар давраи пас аз шӯравӣ: ҷанбаи умумии назариявӣ» [274], рисолаи Насков Д.С. соли 2021 дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва омилҳои асосии ташаккули шуури ҳуқуқии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият» [291], Саркорова Ш.С. соли 2023 дар мавзуи «Деформатсияи шуури ҳуқуқӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ» [302], рисолаи Завқизода С.А. соли 2023 дар мавзуи «Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ» [278] ва соли 2014 рисолаи доктории Насриддинзода Э.С. дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги (маданияти) ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити амиқтар шудани фарқиятҳои

фарҳангӣ ва тамаддун: мушкилоти назария ва амалия»[111] ва рисолаи доктории Раҷабзода Р.М. дар мавзуи «Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ ва методологӣ» [300] ҳимоя карда шудаанд. Аммо дар корҳои илмии анҷомдодашуда, ҳамаи ҷанбаҳои шуури ҳуқуқии судяҳо, ба таври алоҳида ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз масъалаҳои камомӯхташуда дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон ба шумор рафта, ба амалӣ намудани бандҳои 25-29, 39-42, 54-57-и Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – «Проблемаҳои татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои солҳои 2019-2023» анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади кори рисолавӣ аз таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар замони ҳозира, омӯзиши андешаҳои гуногун дар бораи ин падидаи ҳуқуқӣ, ошкор намудани хусусият ва заминаи методологии таҳқиқот, аз муайяннамоии масоили муҳими назариявӣ ва методологии ташаккул ва такмили шуури ҳуқуқии судяҳо, фаҳмиши ҳуқуқ ва татбиқи ҳуқуқ дар раванди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва нақши он дар такмили дониши ҳуқуқии касбии судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ дар ҷомеаи имрӯза, арзи вуҷуд дорад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мутобиқи ҳадафҳо вазифаҳои зерини таҳқиқотии ба ҳам алоқаманд муайян карда шуданд:

- муайяннамоии мафҳуми шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бо таҳлил ва омӯзиши нуктаҳои назариявӣ ва мавқеҳои гуногуни олимон, консепсияҳои пешниҳодгардида ва қонунгузории амалкунанда;

- ошкор намудани унсурҳои шуури ҳуқуқӣ дар шуури ҳуқуқии касбии судяҳо;

- омӯзиши масоили муҳими назариявӣ ва методологии ташаккул ва такмили шуури ҳуқуқии судяҳо дар ҷараёни ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ ва нақши он дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ;

- муайян намудани сохтор ва хусусиятҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ва ошкор намудани мазмун ва хусусиятхои фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар замони муосир;

- муайян намудани намудҳои шуури ҳуқуқӣ ва робитаи он бо шуури ҳуқуқии касбии судяҳо;

- таҳлили мавқеъ ва аҳаммияти идеологияи ҳуқуқӣ ва психологияи ҳуқуқӣ вобаста ба консепсияҳои илмии пешниҳодгардида дар ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар замони муосир;

- ошкор намудани табиати фаҳмиши ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳукуқтатбиққунии судяҳо ва алоқамандии он бо шуури ҳуқуқии касбии судяҳо;

- таҳқиқи фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ дар фаъолияти ҳукуқтатбиққунии судяҳо ҳамчун заминаи ташаккули ҳуқуқии тафаккури судяҳо;

- муайян намудани мавқеъ ва нақши шуури ҳуқуқии судяҳо дар фаҳмиш ва тафсири ҳуқуқ ва сатҳи он дар намудҳо ва марҳилаҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ дар раванди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ;

- муқаррар намудани расмиёти судӣ ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқии судӣ ва аҳаммияти он дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ;

- таҳлили ҷой ва нақши герменевтикаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ;

- ошкор намудани усул ва тарзҳои герменевтикаи ҳуқуқӣ ва қоидаҳои воқеии тафсир;

- таҳқиқи тафсири меъёрҳои ҳуқуқ аз рӯйи робитаи мантиқӣ ва низомнокии онҳо дар дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ;

- муайяннамоии нақш ва ҷойи назарияи далелҳо ва назарияи исбот дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ;

- таҳқиқи масоили умуминазариявии таҳияи назарияи ҳуқуқи исботкунӣ дар болоравии шуури ҳуқуқии судяҳо;

- таҳлили баҳодиҳии далелҳо, ҷоизӣ, дахдорӣ ва боэътимодии далелҳо ҳамчун заминаи ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳо;

- ошкор намудани имконият ва дурнамои истифодаи усулҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ дар омӯзиш ва фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар замони муосир;

- таҳлили мушкилоти асосии татбиқи ҳуқуқ дар фаъолияти судяҳо, мафҳуми равандҳои шинохти ҳақиқат ва таъсири онҳо ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, намудҳо ва хусусиятҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар амалияи судӣ, шарҳи қонун дар ҷараёни татбиқи ҳуқуқ судӣ, инчунин масъалаҳои баҳодиҳии далелҳо ва исбот дар раванди мурофиаи судӣ;

- дар асоси омӯзиш оид ба такмили қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ошкор намудани муқарраротҳои куҳнашудаи қонунҳо, норасоиҳои қонунгузорӣ ва такмили фаъолияти амалии судҳо, бо тавсияҳои илмию амалӣ вобаста ба фаъолияти судяҳо ва бо ин васила тавсияҳои мушаххас ҷиҳати коркарди тадбирҳо оид ба баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар ҳошияи барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ - муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятие мебошанд, ки масоили назариявӣ-метологии шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро дар ба амал баровардани адолати судӣ, ҳамчун соҳаи муҳимтарин ва мушаххаси фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дар амалияи судӣ муайян менамояд.

**Мавзуи таҳқиқот-** моҳият, мазмун, ташаккул ва фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ва методологияи таҳқиқоти он дар ҳошияи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи тарихии таҳқиқот)**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоии диссертатсия, муҳокимаи он дар шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя тавсия карда шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ якчанд марҳилаҳои рушдро дар бар мегирад, аз ҷумла: 1) давраи қабули Конститутсияи ҶТ ва тағйиру иловаҳо ба он дар соли 1999, қонунҳои конститутсионии ҶТ "Дар бораи суди конститутсионии ҶТ, Дар бораи судҳои ҶТ", Кодекси оила, Кодекси манзил, Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси граждании ҶТ, қисмҳои 1 ва 2, (солҳои 1994-2000), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, № 383 «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба такмили тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ»; 2) Конститутсияи ҶТ бо тағйиру иловаҳо дар соли 2003, Кодекси граждании ҶТ қисми 3 (2005), Кодекси мурофиавии мадании ҶТ (2008), Кодекси мурофиавии иқтисодии ҶТ (2008), Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ(2009), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; 3) Давраи қабули Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ солҳои 2011-2013,

2015-2017, 2019-2021, Қонуни конститутсионӣ “Дар бораи судҳои ҶТ”, Кодекси одоби судяхо, инчунин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, № 1005 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028», Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "27" ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ карда шудааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои стратегию барномавӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро, таҳқиқотҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба паҳлуҳои ҷудогонаи категорияи шуури ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Ин проблемаҳо дар корҳои олимони ватанию хориҷӣ ба монанди Сальников В.П., Аверин А.В., Байниязов Р.С., Белканов Е.А., Вопленко Н.Н., Касаткин С.Н., Малюткин А.В., Ильин И.А., Байтин М.И., Усмонов О.У., Тоҳиров Ф.Т., Ойгензихт В.А., Менглиев Ш.М., Имомов А.И., Иброҳимзода С.И., Тағойназаров Ш.Т., Furthermore Бобоҷонзода И.Ҳ., Шарофзода Р.Ш., Холиқзода А.Ғ., Искандаров З.Ҳ., Диноршоев А.М., Ализода З., Насриддинзода Э.С., Шодиев И.Р., Маҳмудов И.Т., Холиков К.Н, Маҳмудзода М.А., Раҳимзода М.З., Азиззода У.А., Нематов А.Р., Буризода Э.Б., Назаров А.К., Мирзамонзода Х.М., Раҳмон Д.С., Назар М.А., Абдулхонов Ф.М., Ализода Ш.Ш., Раҳматҷонзода Р.Р., Нусратов Л.М., Ғоибов Р.Д., Насков Д.С., Саркорова Ш.С., Обидова М.Н. ва дигарон инъикос ёфтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқот ба равиши низомӣ, ба принсипҳои раванд, таҳлили вазъиятӣ, функсионалӣ, эволютсионӣ ва ҳамгироии онҳо асос ёфтааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нуқтаи назари принсипи ҳуқуқ гузаронида шудааст, ки ба эҷоди назари ҳамаҷонибаи фаъолияти шуури ҳуқуқӣ дар замони муосир мусоидат мекунад. Бо ёрии усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо

раванди пайдоиш ва таҳаввули ақидаҳо дар бораи шуури ҳуқуқӣ мушоҳида карда мешаванд.

Дар таҳқиқот ҳамчун усулҳои умумии донишҳои илмӣ, усулҳои таҳқиқоти назариявӣ: таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия истифода шудаанд. Ҳамчун усулҳои махсуси таҳқиқоти ҳуқуқӣ, усулҳои зерин истифода шудаанд: усули расмӣ-мантиқии шарҳи меъёрҳои ҳуқуқ, усули муқоисавии ҳуқуқӣ, инчунин усули моделсозии назариявӣ ва ҳуқуқӣ.

Бо истифода аз усулҳои умумиилмии низомӣ, таркибӣ ва функсионалӣ мафҳуми умумии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, низоми унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқӣ, алоқаи дохилинизомӣ ва функсионалии байни унсурҳои шуури ҳуқуқӣ, вазифа ва мақсадҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо омӯхта мешаванд. Усулҳои зикршуда имкон доданд, ки унсурҳои таркибӣ ва функсияҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо омӯхта шаванд.

Дар заминаи усулҳои илмии мантиқӣ, таърихӣ, сотсиологӣ робитаи мантиқии байни унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, низоми мантиқии функсияҳои шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, таъсири шароити таърихӣ ба мазмун ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, аз ҷумла, дар замони муосир, алоқамандии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бо падидаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, омилҳои объективӣ ва субъективӣ муайян ва таҳлил карда мешавад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифода аз усулҳои махсуси илмии оморӣ ва сотсиологӣ сатҳи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, аз ҷумла, ҳиссаи донишҳои ҳуқуқии назариявӣ ва амалӣ дар фаъолияти касбии онҳо, унсурҳои маънавии фарҳанги ҳуқуқии касбии онҳо муайян карда мешаванд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади муайян намудани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бо истифода аз усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, аз ҷумла, пурсишнома дар байни судяҳо гузаронида шуд. Дар натиҷа зарурат ва аҳаммияти донишҳои назариявӣ

дар фаъолияти касбии судяҳо, сатҳи истифодаи донишҳои назариявӣ дар фаъолияти судяҳо, таносуби донишҳои назариявӣ ва амалӣ муайян карда мешавад.

Дар заминаи усулҳои махсуси ҳуқуқии шакли меъёрӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ дар диссертатсия шароити таърихии инкишофи шуури ҳуқуқӣ, унсурҳои идеологӣ ва сиёсии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, таносуби шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо муайян ва таҳқиқ карда мешаванд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, Паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ, Суханрониҳо дар вохурӣ бо судяҳои судҳои ҶТ солҳои 2011 ва 2019, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, Барномаҳои ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017 ва 2019-2021, қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ, ҷамъбастиҳои амалияи судӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавию стратегӣ (Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.08.2023 дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038), Кодекси одоби судяҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ - стратегӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар баробари қонунгузории миллӣ, инчунин, конститутсия ва қонунгузории баъзе кишварҳои хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда истифода шудаанд.

Асоси эсмпирикии таҳқиқотро маводи аз ҷониби муаллиф мураттабгашта оид ба ҳолати воқеии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, натиҷаи пурсиши сотсиологии судяҳо оид ба сатҳи донишҳои назариявии

ҳуқуқии онҳо, таҳсилоти ҳуқуқии касбӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии касбӣ, таҷрибаи шахсии фаъолияти касбии муаллиф дар Суди Олии ҶТ ташкил медиҳанд.

**Навоварии илмии таҳқиқот дар он ифода мегардад,** ки он яке аз аввалин таҳқиқотҳои маҷмуӣ мебошад, ки дар он масоили назариявӣ - методологии консепсияи нави илмии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо коркард карда шудааст.

Дар таҳқиқот муаллиф бо омӯзиши нуктаҳои назариявӣ ва мавқеҳои гуногуни олимон, консепсияҳои пешниҳодгардида марбут ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ва қонунгузории амалкунандаро баррасӣ намуда, масоили муҳими назариявӣ ва методологии ташаккул ва такмили шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро дар ҷараёни ислоҳотҳои судӣ – ҳуқуқӣ ва нақши онро дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ дар замони муосир мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллифи рисола категорияҳои ҳуқуқиеро, ки шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро тавсиф мекунанд, мурратаб ва мушаххас намуда, унсурҳои сохтории онро таҳқиқ карда, ҳолатҳои обективӣ ва субъективие, ки дар ташаккули шуурии ҳуқуқии касбии судяҳо ва ҳуқуқтатбиққунӣ бобати ба амал баровардани адолати судӣ дар фаъолияти касбии судяҳо нақши муассир доранд, муайян менамояд.

Навоварии илмии таҳқиқоти диссертсионӣ, ҳамзамон аз ҷанбаҳои кам таҳқиқгардидаи шуури ҳуқуқӣ, фаҳмиши ҳуқуқӣ, тафсири ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, аз қабили, ангезаи рафтор, менталитет ва аҳаммияти он дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳо муайян карда шудааст.

Ҳамзамон, дар рисола муаллиф ҷанбаҳои нави фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, омилҳои мушаххасе, ки ба ташаккули унсурҳои алоҳидаи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таъсир мерасонанд ва хусиятҳои

онро муқаррар намуда, тадбирҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро дар ҳошияи барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва давлати демократию ҳуқуқбунёд равона карда шудааст, муайян менамояд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Ба ҳимоя нуктаҳо, хулоса ва муқарраротҳои илмии назариявии зерин пешниҳод мегарданд:**

1. Шуур - яке аз мафҳумҳои пойдевории фалсафа, психология, ҷомеашиносӣ буда, ҷузъи муҳими низоми равонии инсонро тавсиф мекунад. Фаъолияти шуур ба шахс имконияти таъсис додани дониш дар бораи алоқамандӣ, муносибатҳо, қонунияти олами объективӣ, гузоштани мақсад ва тартиб додани нақшаҳо, ба танзим даровардан ва назорат бурдан аз болои муносибатхои эҳсосӣ, оқилона ва амалӣ мебошад. Шуури ҳуқуқӣ, маҷмуи ғояҳо ва эҳсосотест, ки муносибати одамонро нисбат ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ифода мекунад. Шуури ҳуқуқӣ, як намуди махсуси ҳисси инстинктивии адолат аст, ки дар он шахс маънавиёти худро дарк намуда, маънавиёти одамони дигарро эътироф мекунад. Шуури ҳуқуқӣ дар шуури шахс зуҳуроти маҷмуии талаботи абадӣ ва тағйирёбандаи ҳуқуқи фитрӣ - дастурҳои идеалии меъёрӣ, принсипҳо, асосҳои адолат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки ба тамоми моҳияти маънавии инсон дохил мешаванд, мебошад. Шуури ҳуқуқӣ, ин низоми ақидаҳо, эътиқодҳо, баҳодиҳиҳо дар бораи ҳуқуқ ва қонуният мебошад, ки хоси тамоми ҷомеа, синф, гуруҳи иҷтимоӣ ё фард аст.

Муҳаққиқ ду гурӯҳи ақидаҳоро қайд мекунад: ғояҳои маънодор ва низомсоз. Якум табиати шуури ҳуқуқиро ифода намуда, тамоми мазмуни онро мувофиқи мантиқи он возеҳу равшан месозад. Муаллиф муътақид аст, ки ин навъи ғояҳо табиати шуури ҳуқуқиро дар ҳама гуна шаклҳои мушаххаси таърихию фарҳангии он тавсиф мекунанд. Ӯ ба ғояҳои маънодор - ғояҳои ҳуқуқ, меъёр, тартибро мансуб медонад. Ин ғояҳоро

мавриди омӯзиш қарор дода, метавон табиати ҳуқуқро дар умумияти он фаҳмид. Ғояҳои низомдор ин мазмуни шуури ҳуқуқиро дар заминаҳои фарҳангӣ ва таърихии он инъикос мекунанд ва ба фарҳанги муайяни ҳуқуқӣ хусусиятҳои фарққунандаи хос медиҳанд. Бо кумаки омӯзиши онҳо моҳияти ҳуқуқ, дар дақиқии он дарк карда мешавад.

Шуури ҳуқуқӣ, дорои якчанд функсияҳо мебошад: идрокӣ; баҳодиҳӣ; танзимкунанда; пешгуӣ; робитавӣ; амсиласозӣ. Шуури ҳуқуқӣ, аз унсурҳои зерин иборат мебошад: психологӣ ва  идеологӣ.

Намудҳои шуури ҳуқуқиро субъектҳои он, барандагон ва эҷодкунандагони шаклҳои гуногуни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Аз ин лиҳоз, се намуди асосии шуури ҳуқуқиро қайд намудан мумкин аст: а) ҷамъиятӣ, б) гуруҳӣ ва в) фардӣ. Чунин тақсимот бо аломати дараҷаи гуногуни ҷомеаи иҷтимоӣ асос меёбад.

Шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ - ифодаи абстрактии шуури ҳуқуқӣ дар маҷмуъ мебошад. Ин низоми ғояҳо, ақидаҳо, назарияҳо, эҳсосот, ҳиссиёт, майлу таассуроти ҳуқуқии таърихан дар асоси хусусиятҳои умумии фарҳангӣ ва миллии рушд ташаккулёфта, ба ҷомеа хос  мебошад. Шуури ҳуқуқии гурӯҳӣ - бо гурӯҳҳои калон, азим  ва хурд, ки сохтори миллӣ, синфӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, истеҳсолии ҷамъиятро ташкил медиҳанд, ифода меёбад. Шуури ҳуқуқии фардӣ - аз як тараф, ифодаи мушаххаси шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва гуруҳӣ дар ҷаҳонбинии шахси алоҳида буда, аз тарафи дигар, маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ, ғояҳо ва назарияҳои ба таври инфиродӣ беназир, ки фард аз худ кардааст, инчунин эҳсосот, руҳия ва самтҳои мувофиқи ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибати шахси мушаххасро нисбат ба қонун ва ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд.

Шуури  ҳуқуқӣ ба рафтори татбиққунандаи ҳуқуқ ҳам бевосита ва ҳам бавосита тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Равиши мулоҳизаҳои судяе, ки ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунанда намуди ҷазоро интихоб намуда, муҳлат ё андозаи аниқи ҷазоро муайян мекунад, бо

дарназардошти иҷозати қонун оид ба татбиқи ҳудуди болоӣ ва поёнии ҷазо, ба дониши низомии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои хоси ҷиноят ва шахсияти судшаванда, дарк кардани сиёсати ҷиноятии давлат, нақши ҷазо ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои дар қонун гузошташуда асос ёфтааст.

2. Шуури ҳуқуқии касбӣ ин маҷмӯи ақидаҳо, анъанаҳо ва эътиқоди шахсони касбӣ мебошад, ки мустақиман ба фаъолияти ҳуқуқӣ машғуланд. Ин гуна шуур дар асоси дониши касбии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалӣ ташаккул ёфта, судяҳо, прокурорҳо, адвокатҳо, мушовирони ҳуқуқӣ, вакилони мақомотҳои намояндагӣ ва дигар шахсони ҳирфаиро дар бар мегирад.Тарҳрезии дастурҳои бошууронаи ҳуқуқӣ ва самтҳои арзишӣ дар ҳуқуқшиносӣ, истифодаи онҳо дар амалияи ҳуқуқӣ, татбиқи ба амал баровардани дастовардҳои афкори назариявӣ, принсипҳо ва арзишҳои ҳуқуқ бештар аз он вобаста аст. Шуури ҳуқуқии касбӣ пеш аз ҳама дар асоси амалияи ҳуқуқӣ ташаккул меёбад, аммо, аз тарафи дигар, воқеан инсонпарварӣ ва сатҳи воқеан касбии чунин амалия аз он вобаста аст. Шуури ҳуқуқии касбии судя - як намуди шуури ҳуқуқии касбӣ мебошад, ки дар робита ва дар ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ ташаккул меёбад.

Омӯзиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо қисми ҷудонашавандаи таҳлили мураттаби ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ мебошад. Таҳқиқи хислатҳои хоси ташаккул ва фаъолияти шуури ҳуқуқии касбии судяҳо имкон медиҳад, ки ба амал баровардани салоҳдиди судӣ ҳангоми қабули санадҳои судӣ фаҳмида шавад.

Татбиқи салоҳияти судя оид ба амал баровардани адолати судӣ аз лаҳзаи ворид гардидани маводи парванда барои баррасӣ то баровардани санади ниҳоии судӣ, бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ танзим карда мешавад. Баррасии фаъолияти судӣ танҳо ҳамчун мурофиавӣ метавонад ба

тасаввуроти носаҳеҳ, дар бораи нақши шуури ҳуқуқии касбии судя - ҳамчун инъикоси фаъолияти мурофиавӣ оварад.

Шуури ҳуқуқии касбии судя - ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ дорои сифатҳои функсионалӣ - сохторӣ буда, дар хислатҳои инфиродии судя зоҳир гардида, моҳияти шуури ҳуқуқии охиринро муайян намуда, табиати падидаи мавриди таҳқиқ қарордоштаро возеҳу равшан мекунанд.

Шуури ҳуқуқии касбии судя - сатҳи олии инъикоси равонии ҳақиқат аз тарафи судя, дар шакли тасвирҳо ва мафҳумҳои умумишуда ба амал баровардани онҳо мебошад. Шуури ҳуқуқии касбии судяро дониши касбӣ, тафаккури касбӣ ташкил медиҳад. Дар ин ҷо ҳолати эҳсосии судя, муносибати уро нисбат ба ҳуқуқ муайян мекунад.

Шуури ҳуқуқии касбии судя аз унсурҳои гуногуни сохторӣ иборат аст, ки ҳар яке дорои аҳаммият ва ҷузъҳои таркибии хоси худ мебошад:

- унсури мантиқӣ-меъёрӣ: Ин унсури асосӣ пайванди мантиқӣ ва меъёриро дар бар мегирад, ки сатҳи амиқии донишҳои ҳуқуқӣ ва тафаккури ҳуқуқии судяро муайян мекунад.
- унсури равонӣ: Ин ҷузъ эҳтироми баланд ба ҳуқуқ, эътиқод ба зарурати иҷрои бошууронаи талаботи ҳуқуқ ва дарки ҳуқукро ҳамчун арзиши олӣ дарбар мегирад.
- самт ба рафтори фаъоли ҳуқуқӣ: Ин унсур ба рафтори касбӣ нигаронида шудааст, ки омодагии судяро барои иҷрои вазифаҳои касбӣ, татбиқи дақиқ ва қатъии талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, талош барои адолат ва эътирофи зарурати такмили шахсӣ дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқии касбии судя дар пайвасти дониш, муносибат ва рафтори фаъол дар доираи ҳуқуқӣ ташаккул меёбад.

3. Фаҳмиши судя - дарки моҳияти падидаи мушаххаси ҳуқуқӣ ҳамчун гуногунии гурӯҳи муайяни чунин падидаҳо мебошад. Судя мафҳумҳоро барои тавсифи ин ё он ҳодиса (мисли дуздӣ, сохтакорӣ,

сӯиқасд ба куштор ва ғайра) истифода бурда, натиҷаҳои фаъолияти эҷодии равониро ҷамъбаст мекунад ва онҳоро бо меъёрҳои ҳуқуқии дар қонун муайяншуда мутобиқ месозад. Аз ин бармеояд, ки фаҳмиши касбии судя аз дониш, маданияти умумӣ ва таҷрибаи касбии ӯ вобаста аст.

Фаҳмиш - воситаи зеҳнӣ-идрокӣ буда, бо худ ҷараёнеро ифода медиҳад, ки дар асоси он натиҷаи ҳаммонандкунӣ, дарк, арзёбии объекти фаҳмиш дар доираи ҳолати ба вуқуъомадаро ташкил карда, имкон медиҳад, ки дар он самтро ёфта, қарор қабул карда, дар асоси ин гуногунии донишҳои аллакай мавҷударо оид ба ин объекти фаҳмиш, возеҳу равшан менамояд.

Ба нақши фаҳмиши ҳуқуқ дар ташаккули шуури касбии ҳуқуқии судя таваҷҷуҳ зоҳир намуда, муайян кардан лозим аст, ки дар шакли идрок умуман фаҳмиш баромад карда, самти шахсият дар ҷомеа мебошад. Шуур-тарзи фаҳмиш, тафаккур, инъикоси мақсаднок ва табдили созандаву эҷодии ҳақиқат буда, ҳам ҷанбаҳои маърифатӣ ва ҳам эҳсосиро дарбар мегирад.

Фаҳмиш - асоси паҳлуи маърифатии шуури судя буда, судя маълумотро тавассути шуур ва асосан тавассути фаҳмиш қабул ва дарк мекунад. Фаҳмиши ҳуқуқ, дар доираи паҳлуи маърифатии шуури ҳуқуқии судя бо ёрии усулҳои мушаххаси фаҳмиши ҳуқуқ, аз он ҷумла, дарки ҳуқуқ, тавсиф, тавзеҳро дар бар мегирад, амалӣ мегардад. Дар раванди муайян кардани нақши фаҳмиши ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии судя, метавон ду унсури асосиро ҷудо кард:

- шуури ҳуқуқӣ ҳамчун ҷараён: Ин марҳилаи таҳаввули динамикӣ мебошад, ки дар он судя дарк ва таҳлили меъёрҳои ҳуқуқиро бо шароити воқеии мушаххас пайваст мекунад.
- шуури ҳуқуқӣ дар натиҷа: Ин натиҷаи ташаккулёфтаи раванди дарки ҳуқуқ мебошад, ки ҳамчун фаҳмиши устувори арзишҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти судя инъикос меёбад.

Ҳамин тавр, шуури ҳуқуқии судя ҳам раванди дарк ва ҳам натиҷаи ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқиро дар бар мегирад.

Фаҳмиши ҳуқуқӣ аз якчанд унсурҳо иборат мебошад, аз ҷумла:

Унсури якум ин ҷараён, донистани ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки ҷараёни дарк, ҷамъоварӣ, тафсири дониши ҳақиқати ҳуқуқиро дар бар мегирад. Маҳз дар доираи ҳамин унсур, аз ҷумла, ҷараёни дарки ҳуқуқ ё фаҳмиши ҳуқуқ, ки асоси ҷараёни фаҳмиши ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ба амал баровара мешавад. Фаҳмиши ҳуқуқӣ ҳамчун ҷараён бо фаъолияти мақсадноки ақлию зеҳнии судя муайян карда шуда, бо худ ҳаммонандкунӣ, дарк, арзёбии ҳуқуқро ҳамчун падидаи мустақили иҷтимоӣ ва зуҳуроти он, инчунин мазмуни онро ифода мекунад. Моҳияти фаҳмиши ҳуқуқӣ дар ҷараёни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ аз фаҳмидани ҳуқуқ (шакл ва мазмуни он), ҷустуҷуи ҳуқуқ, ёфтани ҷавоб ба савол, ки ҳуқуқ чист, дар чӣ ифода меёбад, чӣ гуна шаклҳо дорад, иборат аст.

Унсури дуюм, натиҷаи дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки идеологияи ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар чунин низом шуури ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷа мавқеи асосиро ишғол намуда, ҳамчун асоси идеологияи ҳуқуқӣ баромад мекунад. Дар ақидаҳои адабиёти ҳуқуқшиносӣ оид ба падидаи шуури ҳуқуқӣ бояд фаҳмише ҷудо карда шавад, ки дар худ ду категорияҳоро: ҳуқуқ ва шуурро дар бар мегирад.

Фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ ба маънои дурусти дарк ва татбиқи қонунҳои амалкунанда ҳангоми баррасии парвандаҳои судӣ мебошад ва ин мафҳум асосан ба чунин ҷанбаҳо равона шудааст:

- судяҳо бояд меъёрҳои ҳуқуқиро на танҳо ба маънои зоҳирии онҳо, балки бо назардошти руҳия ва мақсади аслии қонунҳо фаҳманд ва ин ба онҳо имконият медиҳад, ки онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои судӣ дуруст татбиқ намоянд;

- дар ҳар як парвандаи судӣ, судя бояд муайян кунад, ки кадом қонун ё меъёр ба ҳолати мушаххас татбиқшаванда аст ва онро дуруст арзёбӣ ва татбиқ намояд;

- ташаккули тафаккури ҳуқуқии судяҳо талаб мекунад, ки онҳо ҳодисаҳоро на танҳо тибқи қонун, балки бо назардошти принсипҳои адолат ва ахлоқӣ низ баррасӣ кунанд;

- судяҳо бояд дарк намоянд, ки қонунгузорӣ бояд ба манфиати ҷомеа, адолат ва риояи ҳуқуқҳои инсон бошад.

Ҳамин тавр, фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ ҳамчун замина барои ташаккули тафаккури ҳуқуқии судяҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки қарори дуруст ва одилона қабул намоянд, ки ин ба таъмини адолати судӣ мусоидат мекунад.

4. Расмиёти судӣ ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ ба судя шароит фароҳам меорад, ки дар муайян намудани ҳолатҳои парвандаҳои судӣ, ки дорои аҳаммияти муҳими ҳуқуқӣ мебошанд, дар муқаррар кардани ҷоизӣ ва дахлдории далеҳо ва баҳодиҳии онҳо нақши муҳим дошта, ҳамчун қоидаҳои мурофиаҳои судӣ баромад намуда, дар қонунгузорӣ ва қарорҳои суди конститутсионӣ, пленумҳои судҳои олӣ ва олии иқтисодӣ таҷассум ёфта, дар қабули санадҳои қонунию асосноки судӣ мусоидат менамояд. Расмиёти судӣ дар маҷмуъ, аз давраҳои мурофиаи судӣ (мухлатҳои мурофиавӣ, қабули аризаҳо, маводҳо ва парвандаҳои судӣ, омодасозӣ ва гузаронидани маҷлисҳои пешакии судӣ, таъини парвандҳоа ба муҳокимаи судӣ, оғози маҷлисҳои судӣ, тафтиши судӣ, музокираҳои судӣ, қабули санади судӣ), эътибори қонуни пайдо кардани санади судӣ, марҳилаҳои кассатсионӣ, назоратӣ ва ҳолатҳои нав ошкоргардида, иҷрои санадҳои судӣ иборат мебошанд, ки ҳар кадом дорои қоидаҳои махсус ва мухлатҳо буда, марҳилаҳои судиро аз якдигар тафовут медиҳанд.

5. Тафсири ҳуқуқӣ, ҳамчун фаъолияти мушаххаси ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки барои фаҳмиши маънои аслии мазмуни ҳуқуқ нигаронида шуда, бо мақсади таъмини танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда мешавад.

Санадҳои тафсири меъёрӣ ҳангоми ҳуқуқтатбиқкунӣ нақши ташкилӣ ва ёридиҳандаро мебозанд ва ягонагии ҷараёнҳои тавзеҳдиҳӣ ва қонунсозиро таъмин менамоянд. Натиҷаи тафсири ҳуқуқӣ ва натиҷаи татбиқи ҳуқуқ аз рӯйи эътибори ҳуқуқӣ бо ҳам рақобат карда наметавонанд, зеро санади тафсири сababӣ нисбат ба санади татбиқи ҳуқуқ ёридиҳанда, тобеъ ва хизматкунанда мебошад. Тафсири ҳуқуқ дар мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда бо тафсири маънои меъёрҳои ҳуқуқӣ алоқаманд аст, ки бевосита дар ҷараёни иҷрои қонун дар ҳолати мушаххас ва ё бо мақсади хизматрасонӣ ба раванди иҷрои ҳуқуқ амалӣ карда мешавад.

6. Назарияи ҳуқуқи исботкунӣ ин маҷмӯи қоидаҳо, принсипҳо ва методологияест, ки асосҳои қонунии исботи далелҳоро дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ муайян мекунад. Он мафҳумҳо ва равандҳои асосии ба даст овардани далелҳо, арзёбии онҳо ва истифодаи онҳоро барои қабули санадҳои судӣ ва ҳуқуқиро дарбар мегирад.

7. Назарияи ҳуқуқи исботкунӣ аз унсурҳои асосии зерин иборат мебошад:

- мафҳуми далелҳо (исбот): далелҳо ин маълумотҳое мебошанд, ки воқеияти як ҳодиса ё амалиётро тасдиқ ё рад мекунанд ва барои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ истифода мешаванд;

- манбаъҳои исбот: ба инҳо баёноти тарафҳо, нишондоди шоҳидон, ҳуҷҷатҳо, далелҳои шайъӣ, хулосаҳои ташхисӣ ва дигар шаклҳои манбаъҳои исботкунӣ дохил мешаванд;

- принсипҳои исбот: принсипҳои асосӣ ин объективият, қонунӣ, боэътимодии далелҳо, ҷоизӣ, дахдорӣ ва шаффофият мебошанд;

- тақсими гаронии исбот: дар бисёр низомҳои ҳуқуқӣ муайян кардани он, ки кадом тараф бояд далелҳои худро пешниҳод кунад ва уҳдадории исботи дурустии онҳоро бар дӯш дорад, муҳим аст;

- арзёбии далелҳо: арзёбӣ асосан аз рӯйи принсипҳои ҳақиқати объективӣ, далелнокӣ ва қонунӣ анҷом дода мешавад;

- раванди исботкунӣ: ҷараёни ҷамъоварӣ, сабт, арзёбӣ ва пешниҳоди далелҳо дар мурофиаи судӣ ва дигар равандҳои ҳуқуқӣ мебошад.

8. Нақши баланд бардоштани шуури касбии ҳуқуқии судяҳо дар раванди ба амал баровардани адолати судӣ, татбиқи самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои босифати судӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Бешак, татбиқи адолати судӣ аз ҷониби судя бояд уҳдадории ӯро дар бар гирад, ки ба такмили ихтисос ва тайёрии касбии худ пайваста чораҳо андешад. Дар бораи зарурати баланд бардоштани тахассуси судя барои таъмини бомувафаққонаи иҷрои вазифаҳои мансабии судяҳо, муқарраротҳои дар қонунгузорӣ ҷойдошта, нокифоя буда, такмили қонунгузориро тақозо менамояд. Андешидани чунин чораҳо имкон медиҳад, ки барои баланд бардоштани тахассуси касбии судяҳо аз ҷониби давлат шароити мусоид фароҳам оварда шуда, дар навбати худ судяҳо уҳдадории худро дар назди давлат бобати ба амал баровардани адолати судӣ дар асоси қонун чораҳои мутақобила андешанд. Дастгирӣ ва баланд бардоштани такмили тахассусӣ дар фаъолияти судяҳо ҳамчун омили ҳавасмандии судяҳо бояд бо имконияти болоравии мансаби онҳо алоқаманд бошад.

Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои илмии бадастомада барои дарки илмии равандҳои ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳо нигаронида шудаанд. Муқаррарот, хулосаҳо ва

тавсияҳои илмӣ, ки дар таҳқиқот оварда шудаанд, имкон медиҳанд, ки нақши шуури касбии ҳуқуқии судяҳо дар механизми татбиқи ҳуқуқ, мушкилоти вазъи кунунии шуури ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон, нақши давлат дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ амиқтар сурат гирад.

Дар таҳқиқот кӯшиш карда мешавад, ки муносибати ҷаҳонбинии нав нисбат ба масъалаи баррасишаванда ташаккул дода шавад. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда на танҳо ба олимон, балки ба кормандони таҷрибаомӯз, мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ имкон медиҳад, ки бо мақсади ташаккул ва такмили сифатҳои касбии судяҳо ва пешгирии шаклҳои гуногуни деформатсияи касбии онҳо ба шуури ҳуқуқӣ нигоҳи амиқтару нав гиранд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар раванди таҳияи тадбирҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир, ягонакунии истилоҳот дар соҳаи назарияи ҳуқуқ ва давлат, инчунин дар раванди қабули қоидаҳо, омода намудани кадрҳои судягӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии онҳо мусоидат хоҳад намуд.

Таҳлили ташаккул ва рушди шуури ҳуқуқии дар таҳқиқот гузаронидашуда имкон медиҳад, ки низоми тадбирҳои мушаххасе, ки ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлат дар ин самт нигаронида шудаанд, мақсаднoктар муайян карда шаванд, зеро самаранокии низоми идоракунӣ дар давлат ва сатҳи фасод дар сохторҳои давлатӣ аз сатҳи шуури ҳуқуқии кормандон вобаста аст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот зикргардида, ҳам барои ҳалли масъалаҳои умумии назариявии вобаста ба проблемаи маърифати ҳуқуқӣ ва ҳам барои таҳияи барномаҳои маҷмуии мақсаднок, ки ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани самаранокии фаъолияти меъёрҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд, заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

Маводи диссертатсиониро дар раванди таълим дар омода намудани таъминоти таълимию методии фанҳои «Таърихи ҳуқуқ ва давлат» ва «Назарияи ҳуқуқ ва давлат» истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо асосҳои назариявӣ ва методологӣ ва тасдиқи таҷрибавию амалии мавқеъҳои ибтидоии муаллиф таъмин карда мешавад. Истифодаи маҷмуи усулҳои иловагие, ки ба мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқи омӯзиш мувофиқанд, ташкил ва иштироки шахсии муаллиф дар фаъолияти таҷрибавӣ ва омӯзгорӣ ва дар амалия ҷорӣ намудани маводҳо иъникос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзу ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки таҳқиқоти илмии у, аз ҷумла таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ, нуктаҳои илмии пешниҳоднамуда ва хулосаҳо дастоварди муаллиф буда, асосноккунӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ гардида, дастовардҳои илмии муаллиф вобаста ба мавзу дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва дигар нишастҳои илмӣ ба табъ расонида шудаанд, аз ҷумла дар:

– Конференсияи илмӣ-амалӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи: «Мубрамияти мурофиаи маъмурӣ – мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳал». Маъруза:

«Таҷрибаи баррасии парвандаҳоои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ». ш. Душанбе, 28 майи соли 2022;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дарАкадемияи миллии илмҳои Тоҷикистон. бахшида ба 25 – солагии рӯзи «Ваҳдати миллӣ» дар мавзуи «Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ». Маъруза: «Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун омили самаранокии татбиқи қонунгузорӣ дар фаъолияти судҳо». ш. Душанбе, 14 июни соли 2022;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 25 – солагии рӯзи «Ваҳдати миллӣ». Маъруза: «Масъалаҳои шуури ҳуқуқӣ ҳангоми амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар таҷрибаи судӣ». ш. Душанбе, 17 июни соли 2022;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар Ҷуҳурии Қирғизистон, дар мавзуи «Конститутсия и доступ к правосудии». Маъруза: “Доверие к правосудие в контексте судебно-правовой реформе». ш. Бишкек, 14-18 сентябри соли 2022;

– Конференсияи илмӣ-амалӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи: «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». Маъруза: «Масъалаҳои ҷавобгарӣ дар соҳаи коррупсия». ш. Душанбе, 25 октябри соли 2022;

– Конференсияи III-юми байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ» дар Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. Маъруза: «Проблемаҳои ташаккули шуури касбии ҳуқуқӣ ҳамчун шакли шуури ҳуқуқӣ». ш. Душанбе, ш. Душанбе, 28 апрели соли 2023;

– Конференсияи II-юми илми-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба рӯзи илми тоҷик дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маъруза: «Фаҳмиши меъёрии

ҳуқуқ дар замони муосир ҳамчун асоси ташаккули ҳуқуқии тафаккури судяҳо». ш. Душанбе, 29.04.2023;

– Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо», дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маъруза: «Шуури ҳуқуқии судяҳо ҳамчун омили самаранокии таъини ҷазо». ш. Душанбе, 26-уми майи соли 2023;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон . Мавзу: "Ҷавобгарии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ". Маъруза: «Ҷавобгарии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи муҳоҷират». ш. Душанбе, 22 майи соли 2023;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар мавзуи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». Маъруза: «Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». ш. Душанбе, 8.06.2023;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мавзуи «Механизмҳои муосири ташаккули маърифати ҳуқуқии аҳолӣ: ҳолати кунунӣ ва дурнамо». Маъруза: «Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ». ш. Душанбе, 23.01.2024;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши илми ҳуқуқшиносӣ дар ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон» бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли маърифати ҳуқуқӣ. Маъруза: «Тарзҳои болоравии маърифати ҳуқуқии аҳолӣ да асоси паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. ш. Душанбе, 12.04.2024;

– Конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли Маърифати ҳуқуқӣ дар мавзуи «Нақши маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ» Маъруза: «Роҳҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи дар ҳошияи паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, ш. Душанбе. 12.04.24;

– Конференесияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба соли Маърифати ҳуқуқӣ «Маърифати ҳуқуқӣ-омили тақвияти тартиботи қуқуқӣ ва қонуният» дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Маъруза: «Фаҳмиши меъёри ҳуқуқ дар замони муосир ҳамчун омили ташаккули маърифати ҳуқуқӣ». ш. Душанбе, 19.04.2024;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маъруза: «Масъалаҳои шуури ҳуқуқӣ ҳангоми амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар таҷрибаи судӣ». ш. Душанбе, 24.04.2024;

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ ба муносибати «соли «маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳими такмили давлатдории миллӣ» бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи байналмиллалии саёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон. Маъруза: «Роҳҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи дар ҳошияи паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». ш. Душанбе, 25-26 апрели соли 2024;

– Конференсияи илмию назариявӣ дар Корхонаи Агентии обуҳавошиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар н. Сино. Маъруза: Оид ба дастуру суханрониҳои Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар НОБ-и Роғун 8-9 августи соли 2023 ва Қонунҳои миллӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”, 17 июли соли 2024;

– Конференсияи илмию назариявӣ дар АМИТ дар мавзуи Истиқлолияти давлатӣ-заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд. Маъруза: “Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ яке аз падидаҳои даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 3 сентябри соли 2024;

– Конференсияи илмию назариявии ҷумуриявӣ дар ФСҲ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи “Истиқлолияти сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ”, бахшида ба 33-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маъруза: “Таҳкими ҳокимияти судӣ яке аз заминаҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар даврони Истиқллияти давлатӣ”, 6 сентябри соли 2024;

– Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар Китобхонаи миллии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки экспертҳо аз Германия ва Узбекистон дар мавзуи “Даъватҳои замони муосир ва нотариат: дурнамо ва таҳлилҳо”, 3 октябри соли 2024;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар АМИТ дар мавзуи “Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси фаъолияти илмӣ-амалии Узви вобастаи АМИТ, д.и.ҳ., профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон Раҳимзода М.З.)” Мавзуи баромад “Татбиқи муқarraротҳои Конститутсия оид ба фаъолияти соҳибкорӣ дар асарҳои профессор Раҳимзода М.З.” 18 октябри соли 2024;

– Конференсияи илмию назариявӣ дар АМИТ дар мавзуи “Конститутсия санади ҳуқуқӣ-сиёсии рушди давлатдории миллӣ” бахшида ба 30 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ”. Маъруза: “Санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ дар фаъолияти судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи ба амал баровардани адолати судӣ”, 25 октябри соли 2024;

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ ба муносибати «соли «маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳими такмили давлатдории миллӣ» бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи байналмиллалии саёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон. Маърӯза: “Роҳҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон” ш. Душанбе, 2 ноябри соли 2024.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзу ва моҳияти диссертатсия унвонҷӯ 8 монография, 2 китоби дарсӣ, 6 васоити таълимӣ, 73 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 30 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боб, нуздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаб оид ба дарёфти дараҷаи илмии д.и.ҳ. иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 395 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ

## 1.1. Мафҳум, функсияҳо ва унсурҳои шуури ҳуқуқӣ

Ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ин ё он муносибати одамонро нисбат ба худ ба вуқуъ меоварад, ки метавонад мусбат ё манфӣ бошад. Одамон дар ин ё он шакл муносибати худро ба ҳамаи он чизе, ки танзими ҳуқуқӣ фаро гирифтааст, бо таассурот дар бораи ҳуқуқ алоқаманд аст (қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти суд ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, рафтори аъзои ҷомеа дар соҳаи амали ҳуқуқ) ифода медиҳанд. Инсон ба ҳар ҳол ба ҳуқуқи гузашта, ба ҳуқуқе, ки айни замон мавҷуд аст ва ба ҳуқуқе, ки дар оянда онро дидан мехоҳад, муносибате дорад [194, с. 72–80].

Тағйиротҳое, ки дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии фаъолияти ҳаётии ҷомеа ба амал меоянд, ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, ки асоси он афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, такмили институтҳои демократии ҳокимият, коркарди низоми ҳамкории ҳокимият ва ҷамъият мебошад, нигаронида шудааст.

Қобили ҳаёт будани ин гуна ислоҳотҳо на танҳо аз заминаҳои дорои хусусияти моддӣ, балки аз он ки то чӣ андоза ҷамъият ба дигаргунсозиҳо омода мебошад вобаста аст. Дар баробари ин, имконияти ташаккули давлати ҳуқуқбунёд бевосита аз сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон алоқамандӣ дорад. Доир ба ин, таҳқиқотҳое, ки ба ҷустуҷӯи воситаҳои муосири таъсиррасонӣ ба раванди (ҷараёни) ташаккули шуури ҳуқуқии шахс дар марҳилаҳои гуногуни сину солии инкишофи ӯ, бахусус наврасону ҷавонон ҳамчун дорои тамоми заминаҳои сифатии зарурӣ барои ба амал баровардани таъсири педагогӣ нигаронида шудааст, бешубҳа рӯзмарра мегарданд. Дар баробари ин зарур аст, ки хусусиятҳои хоси объекти ин навъи таҳқиқот муайян карда шавад, яъне мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» ҳам дар

ручӯи (ретроспекти) таърихӣ ва ҳам дар илми муосир мавриди баррасӣ қарор гирад.

То солҳои бистуми асри гузашта на танҳо мафҳуми ягонаи «шуури ҳуқуқӣ», балки он падидаҳое, ки дар илми муосир ба соҳаи ин мафҳум мансуб буд, арзи вуҷуд надошта, онҳо асосан аҳаммияти амалӣ доштанд. Ба сифати синоним чунин истилоҳот ба мисли «эътиқод ба ҳуқуқ», «тафаккури ҳуқуқӣ», «қабули ҳуқуқ» истифода мешуданд. Бештари олимони то давраи шӯравӣ, тахти мафҳуми шуури ҳуқуқӣ як навъ асосноккунии рафтори иштирокчии алоҳида ё ин ки иштирокчиёни муносибати ҳуқуқиро мефаҳмиданд. Ҳамзамон як зумра таҳқиқотчиён самаранокии шуури ҳуқуқиро инкор намуда, онро дар сатҳи савқи табиӣ ва эҳсосотҳои бешуурона медиданд. Намояндагони илми пас аз инқилобӣ, алалхусус илми ҳуқуқшиносӣ таваҷҷӯҳи бештар ба коркарди назарияи шуури ҳуқуқӣ ва унсурҳои алоҳидаи он зоҳир менамуданд. Рушди дарки мафҳуми мазкур бевосита бо тағйиротҳои воқеияти сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи сотсиалистӣ пайваст карда мешуд.

Солҳои 1920 - 1930 асарҳои намояндагони сохти нави давлатӣ Стучка П.И. [140] ва дигарон пайдо шуданд, ки дар онҳо шуури ҳуқуқии насли «нав» ҳамчун инқилобӣ ва бевосита бо фаъолияти Давлати Шуравӣ зич алоқаманд буда, муайян карда шудааст. Таҳқиқотчиёни давраи ташаккули ҳуқуқи шуравӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи сотсиалистӣ ва амалияи татбиқи онҳо гуногун арзёбӣ баён карда, хусусияти синфии мафҳуми «шуури ҳуқуқиро» муайян кардаанд. Аммо дар баробари ин раванди ташаккули шуури ҳуқуқии гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа ва хусусиятҳои хоси он умуман мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

Амалан ягона олиме, ки дар ҳамон давра ба масъалаи ташаккули шуури ҳуқуқии насли наврас рӯй овард Макаренко А.С. [99, с. 361-367] мебошад, ки назарияи «муттаҳидшавии ҳуқуқи оддӣ ва педагогикаи

муқаррарӣ»-ро кор карда баромада, дар он «зарурияти тарбияи табиати махсуси шахс тавассути таъсири ҳуқуқӣ»-ро асоснок кардааст.

Давраи солҳои 1930 - 1950 бо тағйир ёфтани афзалиятҳои илмӣ ва рӯй овардани илм ба масъалаҳои рӯзмарраи он замон хос аст. Дар ҳамон давра ҳамагӣ чанд асаре нашр шуда буд, ки бо мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» алоқамандӣ доштанд.

Олимон-таҳқиқотчиён «шуури ҳуқуқӣ»-ро чун ақидаи одамон нисбат ба ҳуқуқ муайян карда, кушиш намудаанд, ки ин мафҳумро аз нуқтаи назари мутақобилии ду ҷаҳони гуногун — сотсиализм ва капитализм асоснок кунанд. Чӣ тавре ки ҳуқуқи сотсиализм пешрав эътироф карда мешуд, шуури ҳуқуқии ҷомеаи сотсиалистӣ низ мусбӣ арзёбӣ мегардид.

Сарфи назар аз идеологизатсияи аз ҳад зиёди масъалаи мазкур, маҳз дар ҳамин давра олимон ба ҷудо кардани хусусиятҳои дарки ҳуқуқ аз ҷониби гурӯҳҳои дар асоси синну сол ё ҷинс муттаҳидшуда, инчунин якрангии иҷтимоӣ рӯ овbooарданд. Дар ҳамин давра таваҷҷуҳ ба қонунӣ будани рафтори наврасон ва вобастагии дараҷаи қонуният аз дарки падидаҳои ҳуқуқӣ пайдо шуд. Дар асарҳои Карева М.П. [207, с. 47–53] бори аввал тезис дар бораи ҳамвобастагии шуури ҳуқуқӣ ва рафтори одамон баён гардида, ҳамзамон вазифаи танзимкунанда ба аввал нисбат ба дуюм дода шудааст.

Дар нимаи дуюми солҳои 50-уми асри гузашта асарҳо оид ба психологияи ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, ки дар онҳо кушишҳои нахустин барои ҷустуҷӯи асоси эҳсосӣ ва ҳиссиёт дар сохтори мураккаби шуури ҳуқуқии инсон сурат гирифтанд.

Аз соли 1960 инҷониб таҳқиқотчиён ба таҳлили унсурҳои алоҳидаи шуури ҳуқуқӣ, вазифаҳои он, инчунин сабабҳои деформатсияи шуури ҳуқуқӣ рӯй оварданд. Мавзуи охирин бо афзоиш ёфтани вазъи ҷинояткорӣ алоқаманд буда, дар заминаи ҳаёти осоишта ва ором дар

доираи қонуният ва тартиботи сотсиалистӣ гурӯҳҳои ҷиноятпеша бештар аз ҳисоби шаҳрвандони ба назар боинсофу ҳалолкор пайдо шуданд.

Шуури ҳуқуқии ноболиғон бошад, дар он давра ба объекти алоҳидаи таҳқиқот табдил ёфта, то ҳол танҳо дар шакли шуури гурӯҳӣ арзи вуҷуд дорад. Манбаи тавонои методӣ, ки фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ, комсомолӣ ва пионериро оид ба тарбияи ҳуқуқӣ таъмин месохт, таъсис дода шуда, муносибатҳои асосӣ нисбат ба сохтори шаклҳои гуногуни шуури ҳуқуқӣ таҳия карда шуда, дараҷаи таносуби байни ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ ва ҳамон таъсире, ки муҳити иҷтимоӣ ба ҷараёни ташаккули ҳуқуқии шахсият мерасонад, ошкор карда шуд.

Покровский И.Ф. [120, с. 8-11] дар асарҳои худ сарчашмаҳои фаъолии шуур ва механизмҳои ташаккули онҳо, дараҷаи таъсири омилҳои берунаро ба ҷараёни ташаккули шуури ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Сохтори шуури ҳуқуқиро дар алоқамандӣ ва ҳамкорӣ психология ва идеологияи ҳуқуқӣ таҳлил мекунад.

Аз солҳои 1970-ум инҷониби мақомотҳои ВКД ИҶСШ таҳқиқотҳои васеъ, ки бо таҳлили сатҳи шуури ҳуқуқии ташаккулёфтаи гурӯҳу категорияҳои алоҳидаи одамон алоқаманд аст, гузаронида шудаст. Бо ин мақсад саволномаҳо, таҳлили матбуот, адабиёти ҳуқуқшиносӣ, пурсишҳо гузаронида мешуданд. Аксари маводҳо барои истифодаи хизматӣ нашр шуда, натиҷаҳои ин таҳқиқотҳо дар коркарди минбаъдаи масъалаи мазкур нақши муҳимро бозидаанд [25].

Дар баробари ин таҳқиқотҳои сотсиологӣ гузаронида шуда, маълумотҳои онҳо ба Долговая А.И. [204, с. 31–36] имкон додаанд, ки роҳҳоро оид ба таҳқиқи шуури ҳуқуқӣ тарҳрезӣ намуда, сабабҳои нуқсонҳои он дар байни ҳуқуқвайронкунони ноболиғон муайян карда шаванд. Муҳаққиқи мазкур собит кардааст, ки сатҳи нокифояи тарбияи ҳуқуқӣ ё тамоман набудани он асоси барои деформатсияи шуури ҳуқуқии наврасон мегарданд ва танҳо камолоти қонунгузорӣ ва бутунии ҷараёни

таълиму тарбия метавонад, заминаи ташаккули шахсияти дорои шуури мусбии ҳуқуқӣ гардад.

Аз солҳои 1980 - 1990 таваҷҷӯҳ нисбат ба проблемаи шуури ҳуқуқӣ тадриҷан суст мешавад, ки он бо дигаргуниҳои нави куллӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат мебошад. Тағйири сохти сиёсӣ, тақсимнопазирии қаламрав, услуби идоракунии иқтисодиёти давлат, зарурати ҳаллу фасли дигар масъалаҳоро дар нақши аввал ба миён гузошта шудааст. Боз кушиши инкор кардани комёбиҳои илми давраи гузаштаи таърихӣ ва ба вуқуъ омадани ақидаҳои нав оғоз мешавад.

Дар миёнаи солҳои 1990-ум олимон дар як вақт ба таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ оғоз бахшида, ба таҷдиди назари нави мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» дар фазои нави ҷаҳонӣ ва дохили давлат равона карда шуданд. Дар баъзе давлатхо бахшҳои нахустини фанни ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи инсон ташкил карда мешаванд, ки мақсади асосии онҳо ташаккули шуури нави ҳуқуқӣ - демократӣ мебошад.

Дар назария ва амалияи илмии муосир мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» то ҳол дар соҳаҳои гуногуни илм: ҳуқуқшиносӣ, фалсафа, мантиқ, психология, педагогика ва ғайраҳо истифода мешавад ва ҳар кадоми онҳо онро ба таври худ маънидод мекунанд. Дар фалсафа ва мантиқ шуури ҳуқукӣ ҳамчун яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, дар ҳуқуқшиносӣ ҳамчун маҷмуи ғояҳо, ҳиссиёт, эҳсосоти одамон нисбат ба ҳуқуқи мавҷуда ва гузашта, дар педагогика ва психология бошад, ҳамчун асоси тарбияи ҳуқуқӣ мешуморанд.

Дар таҳқиқоти худ мо ба маълумотҳои ҳамаи ин илмҳои номбаршуда такя мекунем, зеро танҳо тасвири бутуни падидаи мазкур метавонад кумак расонад, ки аз моҳияти он воқиф шуда, қонуният ва сохтори онро дарк намоем. Дар баъзе мавридҳо барои фаҳмидани сатҳи

шуури ҳуқуқии судяҳо қонунгузор низ мусоидат мекунад ё пеши роҳи баланд рафтани онро медорад.

Мисол, бояд қайд намуд, ки масоили аъзои оилаи молики (кироягири) хонаи истиқоматӣ донистан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ дар таҷрибаи судӣ баъзе саволҳоро ба миён овардааст. Дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳо дар бораи аъзои оилаи кироягир, молик (моликон) ҳисобидан ва маскун кардан, ҳамчун меъёри ҳуқуқи моддӣ, моддаҳои 21-и КМ ҶТ ва муқарраоти дахдори Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас карда мешаванд. Аммо талаботи ин моддаҳо вобаста ба муносибатҳои нави ҳуқуқӣ ва урфу одат ва анъанаҳои мардум, ки ҳукми қонунро гирифтаанд ҷавбогӯ набуда, истифодаи ин қонунҳо дар амалияи судӣ нооромии рӯзгори мардумро ба миён оварда истодааст. Мафҳуми истиқоматгоҳи шаҳрвандонро бошад, дар моддаи 21-и КМ ҶТ омадааст.

Мувофиқи талаботи қонун ҳуқуқ барои истифодабарии фонди манзили давлатӣ он гоҳ пайдо мегардад, ки агар шахс на камтар аз шаш моҳ бо кироягир якҷоя зиндагӣ мекунанд, бо вай хоҷагии умумӣ мебаранд, аъзои оилаи кироягир донистан мумкин аст. Ин талабот нисбати фонди манзилҳои ҷамъиятӣ, бино ва хонаҳои истиқоматӣ дар биноҳои марбути колхозу ташкилотҳои кооперативӣ, иттиҳодияҳо, иттифоқҳои касаба ва дигар созмонҳои ҷамъиятӣ, кооперативҳои манзилу сохтмон, хонаҳои шахсӣ низ паҳн мегардад ё не қонун ба танзим надаровардааст. Оид ба фонди манзили инфиродӣ–хонаҳои истиқоматӣ (квартираҳое), ки моликияти шаҳравандон мебошанд, инчунин биноҳои истиқоматии хусусигардонидашуда, ки дар фондҳои манзили давлатӣ ва кооперативӣ воқеанд, қонугузор муҳлати шашмоҳаро пешбинӣ накардааст ва дар ин ҷода баҳсҳо мавҷуданд.

Дар деҳотҷойҳо аксарияти хонаҳои истиқоматӣ ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда надоранд, лек дар онҳо одамон зиндагонӣ карда

истода, истифодабарандагони манзил ба ҳисоб мераванд. Дар бисёрии ҳолатҳо хонаҳои истиқоматӣ шиносномаи техникӣ ҳам надоранд. Зеро чун қоида дар китобҳои хоҷагидории Ҷамоатҳо ҳамчун сардори хоҷагӣ падар ё модар, ва баъди вафоти онҳо яке аз фарзандашон ба сифати сардори хоҷагӣ ба қайд гирифта мешавад ва аз нигоҳи қонун ин манзилҳо сохтмонҳои худсарона ба шумор мераванд. Қонунгузории амалкунанда бошад бошад дар ин ҳолат масъалаи аъзои оилаи истифодабарандаи манзили истиқоматӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳоро ба танзим надаровардааст. Ҳамзамон, тартиб ва тарзи аъзои оилаи молик донистани шахс, маскун намудани ӯ, аз ҳуқуқи манзил маҳрум кардан, муҳлати даъво нисбати чунин баҳсҳо, дар сурати фарзандони ноболиғ доштани даъвогар, аз манзили истиқоматӣ кӯчонидан, инчунин, масъалаи аз хонаҳои шахсӣ, давлатӣ, хизматӣ, хобгоҳ ва дигар шакли манзилҳо кӯчонидани шахсони дар онҳо зиндагонӣ менамуда, тағдири шахсони ноболиғ дар ин ҳолат, аз ҳуқуқи манзил маҳрум намудани шахс, аз ҷумла ноболиғон, тартиби ба қайд гузоштан ва аз қайди манзил баровардан ва дар қайди манзил будан оё ҳуқуки истифодабарии манзилро пайдо менамояд ва дигар саволҳои дар амалия ба амал меомада дар Кодекси манзили ба танзим даровarда нашудаанд.

Ҳамин тариқ, бинобар пайдо гардидани муносибатҳои нави иқтисодӣ, манзилӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, ки онҳо ҳалли қонуниро металабанд, ба мақсад мувофиқ буд, ки қабули Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав тезонида шуда, дар он масъалаҳое, ки дар амалия ва рӯзгори мардум ба миён меоянд ба танзим даровarда шуданд. Дар баробари ин дар Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон киҳо аъзои оилаи молик дониста мешаванд муқаррар кардааст, аъзои оилаи молик ҳамсар ва фарзандони ҳамроҳашон доимӣ сукунатдошта ҳисоб меёбанд. Волидони зану шавҳар ва фарзандони онҳо, ки соҳиби оилаи худ мебошанд ва бо молик муқимӣ зиндагӣ

мекунанд, танҳо бо розигии тарафҳо метавонанд аъзои оилаи молик диониста шаванд. Дар ҳолатҳои мустасно инчунин дигар ашхос, ки бо молик муқимӣ истиқомат мекунанд ва бо ӯ хоҷагии умумиро пеш мебаранд, чун аъзои оилаи молик шинохта мешаванд. Хурандагони ғайри қобили меҳнат, агар бо молик муқимӣ зиндагӣ кунанд, аъзои оилаи ӯ дониста мешаванд.Баҳсҳо дар бораи аъзои оилаи молик донистани шахс ба тартиби судӣ ҳал карда мешавад. Ҳуқуқ ва вазифаҳои оила ва аъзои собиқи оилаи моликро қонун муқаррар намудааст.

Гуфтаҳои боло шаҳодати он аст, ки қонунгузорӣ масъалаҳои зикршударо ба таври зарурӣ ба танзим надаровардаааст, ки ҷой дошани ин ҳолат ҳангоми татбиқи ҳуқуқ мушкилиро ба миён оварда, ҷиҳати болоравии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мусоидат наменамояд.

Ҳуқуқ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи низоми муносибатҳои сиёсии ҷомеа буда, аз маҷмуи меъёрҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ, ки кафолати он худи давлат ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ мебошанд, иборат аст. Дар он на танҳо ба маҷбуркунӣ ва манъ кардани содир намудани кирдори муайян, балки муносибати одамон нисбат ба низоми мавҷуда, таасурот, ақидаҳои онҳо, ки бо худ шуури ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, асос меёбад. Ба шуури ҳуқуқӣ ҷанбаи аксиологӣ - баҳодиҳии воқеии он чизе, ки қонунӣ аст, ба қонун мувофиқ мебошад ва чӣ хилофи он аст, хос мебошад. Яке аз унсурҳои сохтори шуури ҳуқуқӣ, идеологияи ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

Мафҳуми «шуури ҳуқуқ»ӣ дар аксари китобҳои дарс оид ба назарияи давлат ва ҳуқуқ пайдо кардан мумкин аст, онро мутахассисони соҳаи криминология ҳангоми таҳлили детерминизми ҷиноятҳо истифода мебаранд: - «Шуури ҳуқуқӣ категорияи назарияи давлату ҳуқуқ ва криминология буда, маънои соҳаи шуури гурӯҳӣ, иҷтимоӣ ва фардӣ, ки падидаҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқиро инъикос дода, бо арзишҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ, таасурот дар бораи тартиботи ҳуқуқии дуруст асоснок

карда шудааст. Шуури ҳуқуқӣ бо шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа, анъанаҳои фарҳангӣ-ҳуқуқӣ, демократӣ ё авторитарӣ муайян карда мешавад» [56]. Бештари муҳаққиқон қайд мекунанд, ки шуури ҳуқуқӣ падидаи идеалист, ки онро дар амал мушоҳида кардан мумкин нест. Ин хамфикрии онҳо бо намояндагони фалсафа, психология ва педагогика гувоҳӣ медиҳад.

Аммо ба ин нигоҳ накарда, маҳз ҳуқуқшиносон сохтор, вазифа ва намудҳои шуури ҳуқуқиро ҷудо карда, нақши онро дар механизми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини тартибу конуният муайян мекунанд. Ҳамзамон нақши шуури ҳуқуқӣ чунон бузург аст, ки аксар вақт назарияи давлат ва ҳуқуқ ва назарияи шуури ҳуқуқиро алоҳида баррасӣ мекунанд. Онҳо аз қоидае, ки равоншиносон таҳия кардаанд, бармеоянд, ки шуур дар фаъолият амалӣ мешавад ва аз ин рӯ, сатҳи шуури ҳуқуқии шахсро аз рӯи амалҳои ӯ муайян кардан мумкин аст. Рафтори қонунии шахс, сатҳи баланди маданияти ҳуқуқии ӯ метавонад нишондиҳандаи сатҳи мусбати шуури ҳуқуқии ӯ гардад. Содир кардани ҷиноят, сарфи назар аз ангезаҳои он, дар бораи деформатсияи шуури ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад.

Якчанд функсияҳои асосии шуури ҳуқуқӣ арзи вуҷуд доранд:

- идрокӣ – ин як маҷмӯи муайяни донишҳои ҳуқуқӣ, ки натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ буда, бо мафҳуми «омодагии ҳуқуқӣ» муайян карда мешавад;

- баҳодиҳӣ – дар муносибати муайяни эҳсосии шахс нисбат ба падидаҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқӣ, бо дарназардошти таҷрибаи ӯ ифода меёбад. Чунин муносибат дар баҳодиҳии субъект он донишу таҷрибае, ки ҷамъ овардааст дар заминаи вазъияти мазкур ё бо дурнамои оянда зоҳир мегардад. Дараҷаи баҳодиҳӣ аз арзиши объекти хоҳиш, мақсади фаъолияти мушаххас вобаста аст, ки он барои интихоби унсурҳои афзалиятноки низоми ҳуқуқ асос мешавад. Чунин муносибатҳо ба чор

гурӯҳи асосӣ тақсим карда мешаванд: ба қонун ва умуман қонунгузорӣ; ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; ба рафтори қонунии атрофиён; ба қонунӣ будани рафтори худ;

- танзимкунанда – натиҷаи баамалбарории нақшаи дохилии муносибатҳои баҳодиҳӣ, ки сарчашмаҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқиро дар бар мегирад. Нишондиҳандаи он метавонад рафтори қонуниро ҳамчун натиҷаи сатҳи мусбати шуури ҳуқуқӣ ва рафтори ғайриқонуниро ҳамчун натиҷаи дигаргуншавии (деформатсияи) шуури ҳуқуқӣ дар бар гирад;

- пешгӯйӣ – аз қобилияти пешбинӣ кардани вазъи ояндаи низоми ҳуқуқӣ бо дарназардошти маҷмӯи падидаҳо ва ҷараёнҳое, ки ба ҷанбаи ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва давлат таъсир мерасонанд, иборат мебошад;

- робитавӣ – ҳамчун таҳкурсӣ барои ҳамкории иҷтимоии одамон, барқарор намудани робитаҳо, интиқоли иттилоот ва қобилияти идора кардани дигарон хизмат мекунад;

- амсиласозӣ – қобилияти ташаккул додани намунаҳои гуногуни рафтор дар ҳолатҳои муҳими ҳуқуқӣ.

Бояд махсус қайд намуд, ки таълими ҳуқуқшиносӣ маънои азхуд кардани донишҳои назариявиро надорад. Танҳо дар сурати таҷдиди ҳолатҳои воқеии муҳими ҳуқуқӣ, таҳлилу ҷустуҷӯ ва арзёбии намудҳои гуногуни амал метавонад асоси ташаккули маҳорати истифодабарии донишҳои назариявӣ ва ба сатҳи малакаҳои амалӣ табдил додани онҳо гардад.

Шуури ҳуқуқии шахс, гурӯҳ, ҷомеа сарчашмаи ҳуқуқ мебошад, зеро маҳз субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки ҳамаи мо ба ҳисоб меравем, самти рушду инкишофи қонунгузориро амр карда, ниёз ва эҳтиёҷоти худро ташаккул медиҳанд. Танҳо субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ метавонанд қонунро мавриди амал қарор диҳанд ва танҳо онҳо метавонанд мувофиқии рафторро ба меъёрҳои мавҷудаи ҳуқуқ арзёбӣ

намоянд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ҷараёнии ташаккули шуури ҳуқуқӣ, коркарди баҳои дурусти рафтор таъсир мерасонанд.

Ҳамин тавр, метавон ба хулосае омад, ки шуури ҳуқуқӣ ва ҳуқуқ дар қиёс вуҷуд дошта, аз ҳамдигар вобастаанд. Чӣ қадар сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бошад, ҳамон қадар одамон бештар рафтори қонунӣ интихоб мекунанд ва ҳамон қадар қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мустаҳкамтар мешавад.

Ин мафҳумҳо бо ҳам алоқамандӣ доранд, аммо онҳо категорияҳои мустақили ҳуқуқӣ мебошанд. Агар шуури ҳуқуқӣ бо худ маҷмӯи назарияҳо, эҳсосот, одатҳое, ки дар онҳо умуман муносибат ба ҳуқуқ ифода меёбад бошад, пас фарҳанги ҳуқуқӣ он арзишҳоеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби шахс дар соҳаи ҳуқуқ таъсис дода шудааст.

Фарҳанги ҳуқуқӣ ғояҳо, фикру эҳсосотро амалӣ мекунад, эътиқоди ҳуқуқӣ, дастурҳоро, ки ба дарки дурусти низоми ҳуқуқии ҷомеа нигаронида шудаанд, муайян месозад [111].

Баррасии мафҳуми “шуури ҳуқуқӣ” дар тарҷеи таърихӣ бо истифода аз нуқтаи назари байнисоҳавӣ заминаҳои зарурииро ба вуҷуд меорад, ки на танҳо барои ҷустуҷӯи воситаҳои алоҳидаи таъсири педагогӣ нисбат ба ҷараёни ташаккули шуури ҳуқуқӣ, балки барои таъсис додани низоми бутуни педагогӣ оид ба рушду инкишофи инсон дар марҳилаҳои сину сол зарур мебошанд.

Аз ин рӯ, шуури ҳуқуқӣ - маҷмуъи ғояҳо ва эҳсосотест, ки муносибати одамонро нисбат ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ифода мекунад. Шуури ҳуқуқӣ одатан дар шакли «соф» вуҷуд надорад, балки он бо дигар намуду шаклҳои дарки воқеият ва ҳақиқат алоқаманд аст. Чунончӣ, аксар вақт шуури ҳуқуқӣ бо ақидаҳои ахлоқӣ алоқаманд аст. Одамон ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари категорияҳои ахлоқии неку бад, адлу адолату беинсофӣ, виҷдон, номус ва гайра баҳо медиҳанд. Муносибатро ба ҳуқуқ бештар дар асоси

ақидаҳои сиёсӣ муайян мекунанд. Ин махсусан ба муносибати марксистӣ-ленинӣ нисбат ба ҳуқуқ хос аст.

Ба ақидаи Нусратов Л.М. «...ҳуқуқшиносӣ бештар аз афкори фалсафӣ дар таҳияи муқарраротҳои алоҳидаи назарияи шуури ҳуқуқӣ вобаста аст. Зеро, маҳз дар доираи фалсафа, хеле пеш аз он ки илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчун як илми соҳаи мустақил мустаҳкам гардид, масъалаҳое, ки айни замон ба назарияи шуури ҳуқуқӣ мансубанд, мавриди таҳқиқот қарор гирифтанд» [115, с. 21].

Дар ҳуқуқшиносии муосир фалсафаи шуури ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Баъзе проблемаҳои шуури ҳуқуқӣ дар фалсафаи ҳуқуқ, ки дар доираи он ғояи шуури ҳуқуқӣ бештар бо идеяи ҳуқуқ иваз карда мешавад, баррасӣ мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки ғояи шуури ҳуқуқӣ бидуни ҳуқуқ маънои аслии худро гум мекунад, вале бо вуҷуди он, шуури ҳуқуқӣ бо ҳуқуқ ҳампайванд нагардида, дар робита онҳо ҷои худро ишғол мекунад. Шуури ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи табиӣ ва фитрӣ бо ҳам пайванданд. Дар шароити чунин муносибат нисбат ба ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ на танҳо фалсафаи ҳуқуқ, балки фалсафаи шуури ҳуқуқӣ низ зарур аст. Гузашта аз ин, фалсафаи ҳуқуқ бояд дар доираи фалсафаи шуури ҳуқуқӣ баррасӣ карда шавад, ки ба ақидаи мо, аз рӯйи мантиқ дуруст хоҳад буд.

Ба ақидаи Илин И.А. шуури ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмӯи ақидаҳо оид ба ҳуқуқ, давлат, тамоми ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Масалан, ӯ ба ақида буд, ки шакли идоракунӣ дар давлат, пеш аз ҳама бо шуури ҳуқуқии монархӣ ё ҷумҳуриявӣ муайян карда мешавад. Илин И.А. қайд мекунад, ки инсон бе шуури ҳуқуқӣ бо худсарии худ зиндагӣ намуда, ба худсарии дигарон тоқат мекунад [82].

Таъсири шуури ҳуқуқӣ ба ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ хеле калон ва ба назар намоён аст. Бо ин дохил намудани он ба механизми танзими ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз воситаҳои таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ

шарҳ дода мешавад. Хусусияти хоси шуури ҳуқуқӣ ҳамчун қисми таркибии механизми танзими ҳуқуқӣ дар он аст, ки нақши он бо ягон марҳилаи таъсири ҳуқуқӣ маҳдуд намебошад. Шуури ҳуқуқӣ ҳам дар марҳилаи қонунэҷодкунӣ ва ҳам дар марҳилаи ба амал баровардани ҳуқуқ истифода бурда мешавад. Он ба ин ё ба он дараҷа дар тамоми унсурҳои механизми танзими ҳуқуқӣ - меъёрҳои ҳуқуқ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои баамалбарории ҳуқуқ мавҷуд аст.

Хусусияти хоси шуури ҳуқуқӣ дар он аст, ки инъикос ва азхудкунии олами падидаҳои ҳуқуқӣ дар он дар шакли ғояҳо, ақидаҳо, назария, эҳсосот, ҳиссиёт, рӯҳия ва мутаасирот, ки дар инсон ҳамчун унсурҳои махсуси шуури ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, амалӣ мегардад. Маҳз ҳамин ҷузъҳо донишро дар бораи ҳуқуқ ва муносибати шахс ва ҷомеа нисбат ба он ташаккул медиҳанд. Аз ин ру, дар илм дуруст қайд карда шудааст, ки шуури ҳуқуқӣ ин дониш дар бораи ҳуқуқ, арзёбии ҳуқуқи амалкунанда ва тафаккур, ақидаҳо дар бораи тағйироти матлуб дар ҳуқуқ мебошад ва ин на танҳо натиҷаи инъикоси объект, балки воситаи таъсиррасонӣ ба объект, ба тамоми низоми ҳуқуқии давлат низ мебошад [123, с. 36].

Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи ҳаёти иҷтимоӣ хусусиятҳои хоси худро дорад:

- шуури ҳуқуқӣ ва арзёбии ҳолати он, нақши он дар ҳаёти ҷомеа бештар бо вазъи иқтисодиёт ва шароити моддии ҳаёти иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки манфиатҳои иқтисодии синфҳо, табақаҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида шакли асосҳои ҳуқуқӣ пайдо намуда, дар шакли ангезаҳои ҳуқуқиро гирифта, ақидаҳо ва арзёбии сиёсию ҳуқуқӣ, ки иқтисодиёт муқаррар кардааст, ифода меёбад;

- шуури ҳуқуқӣ доимо дорои хусусияти синфӣ - сиёсӣ мебошад, зеро бо мазмуни худ манфиатҳои мустақили синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоиро дар соҳаҳои решагӣ, ҳаётан муҳимтарини ҷамъиятӣ ифода ва ҳифз мекунад. Аммо арзиши шуури ҳуқуқӣ дар он аст, ки бештари

ғояҳои он дар баробари синфӣ будан бо мазмуни умумиинсонӣ низ тавсиф меёбанд. Принсипҳои қонуният, адлу адолат, инсондӯстӣ ба арзишҳои абадии умумибашарӣ буда, заминаи маънавии шуури ҳуқуқии байнидавлатиро ташкил медиҳанд. Бинобар ин, ин аломати мазкури шуури ҳуқуқиро метавон тавъамкунии диалектикӣ ва амали мутақобилаи принсипҳои синфӣ-сиёсӣ ва асосҳои умумибашарӣ номид;

- шуури ҳуқуқӣ, бо шуури сиёсию маънавӣ зич пайванд ва печида аст. Дар ҳаёти ҳастӣ он ҳамчун як навъи хосӣ омезиши маънавӣ - ва ҳуқуқии ғояҳою эҳсосот амал мекунад. Ин бо ягонагии мустаҳкамии давлат ва ҳуқуқ дар ҷомеаи башарӣ ва маънои чуқури маънавии ҳастии онҳо шарҳ дода мешавад. Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун ифодаи шуури сиёсӣ дар категорияҳои ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, инчунин дар аксари мавридҳо хусусияти ахлоқӣ-маънавӣ, ки бо истилоҳҳои арзёбӣ ифшо мешавад: қонунӣ ва ғайриқонунӣ, одилона ва ноодилона, аз ҷиҳати ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ асоснокшуда ва баръакс, баромад мекунад [130, с. 500]. Ҳамаи ин шаҳодати он аст, ки шуури сиёсӣ дар шуури ҳуқуқӣ ҳамчун дар яке аз шаклҳои худ ифода ёфта, нисбат ба он нақши пешбарро мебозад. Дар навбати худ, шуури ҳуқуқӣ ва ахлоқ ба шуури сиёсӣ таъсири хеле назаррас расонида, рушди онро нисбат ба арзишҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ равона мекунад. Ҳамин тариқ, шуури сиёсӣ хусусиятҳои қонунӣ ва асоснокии маънавӣ пайдо мекунад. Шуури ҳуқуқӣ ҳамеша аз ҷиҳати сиёсӣ аҳаммияти калон дошта, аз ҷиҳати ахлоқӣ нигаронида шудааст. Дар он мақсад ва воситаҳои сиёсат аз ҷиҳати ҳуқуқ ва маънавиёт эътироф ва баҳо дода мешавад;

- шуури ҳуқуқӣ, дорои хусусияти арзёбӣ ва ҳамзамон меъёрӣ мебошад. Он ҳастии ҳуқуқиро аз нуқтаи назари категорияҳои қонунӣ ва ғайриқонунӣ, одилона ва ноадолатӣ, маънавӣ ва бадахлоқӣ ва ғайра баҳо медиҳад. Андешаҳои он дар бораи арзиш, яъне дараҷаи самаранокии иҷтимоии падидаҳои ҳуқуқӣ, одамонро дар фаъолияти ҳаётиашон тавҷеҳ

медиҳанд. Арзёбии вазъи қонуният, адолати судӣ, қонунгузории амалкунанда ва амалияи татбиқи он имкон медиҳад, ки ба олами падидаҳои ҳуқуқӣ сари вақт ва ба таври муносиб вокуниш нишон дода, муносибати шахсро нисбат ба онҳо ташаккул диҳад. Муносибати баҳодиҳии одамон ба ҳуқуқ, ки дар шуури ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ҳамчун яке аз шаклҳои меъёрии он баромад мекунад.

Бо масъалаҳои назарияи умумии шуури ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ асосан намояндагони назарияи давлат ва ҳуқуқ машғул шуда, проблемаҳои амалии баҳисобгирии шуури ҳуқуқӣ дар соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ омӯхта мешаванд. Категорияи шуури ҳуқуқӣ мафҳуми назариявиест, ки дар он ҳампайвастии фалсафа ва ҳуқуқ возеҳу равшан зохир мегардад.

Позитивизми ҳуқуқӣ ҳамчун асоси назариявии юриспруденсияи догматикӣ баромад кард [148, с. 242]. Позитивизм вазифаи таҳқиқоти илмиро дар шарҳ додани падидаҳо нею, балки тасвири онҳо мебинад; илм аз нуқтаи назари позитивистҳо ба саволи «чаро» нею, балки ба саволи «чӣ тавр» ҷавоб медиҳад [78, с. 12]. Маводи таҷрибавӣ барои дарк кардани ҳуқуқ-ҳуқуқи позитивӣ дониста мешуд: яъне урфу одатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои парламентҳо, амсолҳои судӣ. Самти расмӣ - меъёрӣ бештар ба гносеология нигаронида шуда, мешуморид, ки позитивизми фалсафӣ дуруст буда, дарк кардани моҳияти падидаҳо ғайриимкон мебошад [217, с. 6]. Ҳуқуқ танҳо дар шаклҳои берунии зуҳури он фаҳмида мешуд. Хеле танг шудани вазифаҳои илмӣ барори мавриди баррасӣ қарор гирифтани самтҳо танҳо проблемаи муҳокимаи амалиёти ақлро дар ҷараёни дарккунӣ боқӣ гузошт. Ба чунин амалиётҳо мушоҳида, тасвир, мураттабсозии объекти мушоҳидашаванда, яъне меъёрҳои ҳуқуқ мансуб дониста мешуданд [122, с. 34].

Бо дарназардошти ин равиши методологӣ позитивизм имкон надошт, ки шуури ҳуқуқиро ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ

баррасӣ намояд. Лукашева Э.А. дуруст қайд кардааст, ки дастурҳои умумии методологии позитивизми ҳуқуқӣ имкон надодаанд, ки шуури ҳуқуқиро дар доираи проблематикаи назарияи ҳуқуқ мавриди омӯзиш қарор дод. Позитивизм танҳо бо омӯзиши ҳуқуқие, ки ҳаст, маҳдуд буд. Ба доираи чунин омӯзиши шуури ҳуқуқӣ танҳо ҳамчун қисми таркибии як қатор проблемаҳои дигар, масалан, тафсир ва татбиқи қонун дохил мешуданд [215].

Яке аз намояндагони намоёни позитивизми ҳуқуқӣ Шершеневич Г.Ф. ба шумор мерафт. Муҳаққиқ ба ҷанбаҳои сиёсӣ ва сотсиологии ҳуқуқ, ки дар таълимоти ӯ дар бораи шуури ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи зиёд дода, онро «ҳисси қонуният» муайян кардааст [158].

Тибқи консепсияи Шершеневич Г.Ф., иҷро кардани талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, инсон ба воситаи таъсири рӯҳӣ аз тарафи давлат, ки дар ӯ асосҳои дахлдори рафтори ҳуқуқиро ташаккул медиҳад, сурат мегирад.

Аз ин рӯ, муаллиф мавҷудияти дар ҳисси қонуният унсури зеҳниро пурра инкор накарда, онро ҷузъи дуюмдараҷа ҳисоб кардааст, зеро ба ақидаи Шершеневич Г.Ф., ҳисси қонуният бо худ, пеш аз ҳама, беихтиёрона риоя кардани қонунро ифода менамояд, аз ин лиҳоз ин - «майдони эҳсосот, на ин ки ақл мебошад» [158, с. 22]. Ҳисси қонуният дар ду шакл ифода меёбад: «ҳуқуқи касеро поймол накун» ва «ба вайрон кардани ҳуқуқи худ роҳ надеҳ»[158, с. 13]. Ба ақидаи олим, вазифаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро маҳз шуури ҳуқуқӣ ичро мекунад. Ва ин хулоса, ба назар мерасад, аллакай аз доираи позитивизми анъанавӣ берун мебарояд.

Ҷомеашиносии ҳуқуқ ҳамчун самти мустақили ҳуқуқшиносӣ дар охири солҳои 60-90-уми асри XIX ба вуҷуд омадааст [217, с. 18]. Ҷомеашиносии ҳуқуқ бо догмаҳои ҳуқуқ маҳдуд нашуда, кушиш мекард, ки ҳуқуқро бо мазмуни он дарк намуда, масъалаи пайдоиш ва фаъолияти

ҳуқукро дар робита бо дигар факту муносибатҳои гуногун ба миён гузорад ва ҳаллу фасл намояд [78; 46, с. 10]. Ҷомеашиносон ҳама унсурҳои тафаккури мусбати ҳуқуқиро истисно намекунанд. Онҳо инчунин методологияи позитивӣ ва назарияи идрокро низ истифода мебаранд.

Тафовути асосии консепсияҳои ҳуқуқ дар он аст, ки ҳуқуқ дар доираи самти сотсиологӣ ҳамчун яке аз фактҳои бо ҳам алоқаманди иҷтимоӣ, ҳамчун низоми васеи иҷтимоӣ, тартиботи иҷтимоӣ дар заминаи дигар факт-ҳодисаҳо шарҳ дода мешуд [77, с. 22].

Яке аз асосгузорони равияи сотсиологӣ дар ҳуқуқшиносӣ Муромтсев С.А. мебошад. Мувофиқи назарияи Муромтсев С.А., ҳуқуқ бо худ аз ду муносибат иборат аст: воқеӣ (муаллиф пешниҳод мекунад онро «ҳуқуқӣ» номид) ва ҳуқуқшиносӣ - ҳифзи муносибатҳои воқеӣ бо ёрии меъёрҳои ҳуқуқии дар ҷомеа муқаррараргардида. Унсури пайвасткунандаи ин ду муносибат, ба андешаи олим, шуури ҳуқуқист, ки ӯ онро «тафаккури ҳуқуқӣ» ё «назари ҳуқуқӣ» меномад [109, с. 148].

Шуури ҳуқуқӣ, дар таълимоти Муромтсев С.А., ба амсоли меъёрҳои ҳуқуқ яке аз омилҳои тартиботи ҳуқуқ баромад мекунад. Меъёрҳои ҳуқуқӣ, ба ақидаи олим, «қоидаҳое мебошанд, ки ҳудуди дахлдор ва тарзу усули ҳифзи ҳуқуқии муносибатҳоро муайян намуда, аз ҷониби ҳокимят муқаррар карда мешаванд» [109, с. 149]. Таъсири бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба тартиботи ҳуқуқӣ ба қувваи назарраси ҳокимияте, ки меъёрҳо таҳия кардааст, асос меёбад.

Аммо ин қувва - дар қатори бисёриҳо танҳо яке аз омилҳои ташаккул ва рушди давлатдории ҳуқуқӣ мебошад. Ба чунин омилҳо Муромтсев С.А., «рӯҳияи ҳуқуқии» шахсон ва мақомотҳоеро мансуб медонист, ки тавассути фаъолияти онҳо меъёри ҳуқуқӣ бояд ба амал бароварда шавад, олим шуури ҳуқуқиро ҳамчун ҷузъи ҳамеша тааллуқдошта ва зарури ҳуқуқ намешуморид, аммо имкони танқиди

субъекти муносибатҳои ҷамъиятии мавҷудаи ҳифзшавандаро низ инкор намекард. Шуури ҳуқуқӣ дар таълимоти Муромтсев С.А. бо худ ақидаро дар бораи тартиботи одилонаи ҳуқуқӣ, ки дар ҷомеа ба вуҷуд омадааст, ифода мекунад. Шуури ҳуқуқӣ ба фаъолияти ҳуқуқ дар ҷомеа мусоидат намуда, самти такмили он мебошад.

Ҷонибдорони назарияи ҳуқуқи табиӣ нақши ҳуқуқро дар низоми танзими иҷтимоӣ ба таври дигар дарк мекунанд. Маънои идеяи ҳуқуқи табиӣ (фитрӣ) дар намудҳои гуногун аз эътибори он иборат аст, ки дар баробари ҳуқуқи дар давлат аз ҷониби одамон таъсисёфта, яъне ҳуқуқи мусбат, боз ҳуқуқи табиӣ вуҷуд дорад, ки бо худ як падидаи васеътар, асоснок, ибтидоӣ дар ҳаёти одамон буда, сарчашмаи он тартиботи табиии чизҳоро дар ҷамъият, табиат мебошад [35, с. 118].

Тули тамоми таърихи рушду инкишофи ҳуқуқи табиӣ (фитрӣ) ақоиди он мазмуни худро тағйир додааст, аммо дар ҳамаи давраҳо афкори «адолати умумибашарӣ» бетағйир боқӣ монд, ки онро тарафдорони ҳуқуқи табиӣ ё бо эътиқод ба объективии он, ё бо заминаи метафизикӣ асоснок мекарданд. Соловёв В.С., Илин И.А., Михайловский И.В., афкорои ҳуқуқи табииро бо эътиқоди динӣ асоснок мекарданд. Чичерин Б.Н., Новгородсев П.И., Кистяковский Б., Спекторский Е.В. тарафдорони асосноккунии ғояи ҳуқуқи табиӣ дар заминаи метафизикӣ ба шумор мераванд [93, с. 73].

Афкори ҳуқуқи табиӣ наметавонад берун аз инсон вуҷуд дошта бошад. Тавре Алексеев С.С. қайд намудааст, ҳаёти бевосита табиӣ наметавонад ҳамчун як навъи «ҳуқуқ» зоҳир гардад. Аз он танҳо талаботҳои муайян метавонанд ба вуҷуд оянд [36, с. 5]. Ин талабҳо бо вуҷуди худ ҳануз талабу идеалҳои ҳуқуқӣ намебошанд, конунӣ нестанд. Барои он ки онҳо хусусияти ҳуқуқӣ пайдо кунанд, бояд тавассути шуури ҳуқуқӣ шиканиш карда шаванд. Танҳо дар он сурат талаботе, ки аз муҳити табиӣ бармеоянд, шакли талаботи ҳуқуқӣ ва намунаҳои

қоидаҳоеро, ки мувофиқи онҳо ташаккул меёбанд, хислатҳои тимсолҳои меъёрҳои ҳуқуқиро пайдо мекунанд [36, с. 26].

Баррасии ҷараёни рушду инкишофи шуури ҳуқуқӣ дар афкори сиёсию ҳуқуқии Аврупои Ғарбӣ дар асри XVIII - ибтидои асри XX яке аз асарҳои асосӣ: «Муқаддима ба фалсафаи ҳуқуқ. Бухрони шуури ҳуқуқии муосир» бахшида шудааст. Новгородсев П.И. дар бораи буҳрони шуури ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи буҳрони (дар сатҳҳои фалсафӣ, назариявӣ ва амалӣ) индивидуализм ва назарияҳои Аврупои Ғарбии давлати ҳуқуқбунёд, ки дар асрҳои XVIII — XIX ба вуқуъ омадаанд, ба хулоса омад. Ва гарчанде олим мафҳуми  консептуалии шуури ҳуқуқиро надода бошад ҳам, дар асарҳои у фаҳмиши категорияи мазкур ҳамчун ҳақиқати фалсафию ҳуқуқӣ, ки ба чорчӯбаи мантиқи расмӣ ва тафаккури маҳдуди ҳуқуқӣ-позитивӣ дуруст намеояд, ҷой дорад. Моҳияти самти меъёрию ахлоқии ҳуқуқ, ки Новгородсев П.И. таъсис додааст, асосии маънавиро, ки арзиши мутлақ дорад, муайян мекунад. Маҷмӯи дастурҳои ҳатмии маънавӣ тибқи таълимоти Новгородсев П.И., ҳуқуқи табииро ташкил медиҳад. Талаботи охирин баробари дигаргун шудани мазмуни қонунҳои маънавӣ  тағйир меёбад, вале шакл ҳамеша бетағйир мемонад - «маслиҳатҳои шартӣ нею, балки дастурҳои бечунучаро, шакли императивҳои қатъӣ» [113, с. 96].

Шуури ҳуқуқӣ, бо худ дар шуури шахс зуҳуроти маҷмӯи талаботи абадӣ ва тағйирёбандаи ҳуқуқи табиӣ – дастурҳои меъёрии идеалӣ, принсипҳо, асосҳои адлу адолат, ҳуқуқ ва озодиҳои шахс, ки тамоми моҳияти маънавии инсонро фаро мегиранд, ифода меёбад.

Назарияи психологии ҳуқуқ, ки Петражитский Л.И. кор карда баромадааст, аҳаммияти махсус дорад. Дар ҳақиқат дар ҳаёти иҷтимоӣ, ба ақидаи Петражитский Л.И., танҳо ҷараёнҳои равонӣ, унсурҳои психикаи индивидуалии инсон мавҷуданд. Дар таълимоти Петражитский Л.И., ки ҳуқукро бо шуури субъективии ҳуқуқӣ (падидаи психикаи

фардӣ) шабоҳат медод, мафҳуми ҳуқуқ хеле васеъ оварда шудааст. Ҳуқуқ, ба ақидаи олим, ҳуқуқи позитивӣ - ҳиссиёти императивӣ – атрибутивиро дарбар мегирад, ки дорои таассурот дар бораи воқеиятҳои меъёрӣ ҳамчун асоси уҳдадорӣ [113, с. 73], инчунин ҳуқуқи ҳисси пешакӣ – чунин шуури ҳуқуқӣ мебошад, ки шахсро бидуни истинод ба ягон эътибори беруна вазифадор мекунад.

Кудрявсев В.Н. менависад: «Шуруи ҳуқуқӣ - ин низоми ақидаҳо, эътиқодҳо, баҳоҳо, таассурот дар бораи ҳуқуқ ва қонуният мебошад, ки ба тамоми ҷамъият, ин ё он синф, гурӯҳи иҷтимоӣ ё фарди алоҳида хос аст» [211, с. 3].

Шегорсев В.А., шуури ҳуқуқиро ҳамчун «ташкилаи махсуси сохторие мешуморад, ки аз як тараф, ба қонунияти муайян, дорои унсурҳои барои ҳамаи шуури ҷамъиятии сохти дохилӣ итоат мекунад ва аз тарафи дигар дорои мақоми махсус мебошад, ки имкон медиҳад онро ҳамчун мутаносибан ташкилаи мустақим, ки дар низоми шуури ҷамъиятӣ ҷойи махсуси худро ишғол мекунад ва вазифа танҳо ба он хос бударо ба амал мебарорад, мебошад» [160, с. 23]. Ратинов А.Р., мафҳуми амалии худро оид ба шуури ҳуқуқӣ чунин ифода кардааст: «Зери мафҳуми шуури ҳуқуқӣ мо соҳаи шуури ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ ва фардиро дар назар дорем, ки фаъолияти ҳуқуқиро дар шакли дониши ҳуқуқӣ, муносибатҳои арзёбӣ нисбат ба ҳуқуқ ва амалияи татбиқи он, дастурҳои ҳуқуқӣ ва самтҳои арзишие, ки рафтори инсонро дар ҳолатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммимятдошта ба танзим медарорад, инъикос медиҳад» [125, с. 80]. Ба гуфтаи Явич Л., шуури ҳуқуқӣ ин низоми таасуроту ҳиссиёт буда, муносибати одамонро нисбат ба ҳуқуқи амалкунанда возеҳу равшан месозад [162].

Аммо шуури ҳуқуқӣ на танҳо ҳақиқатро инъикос медиҳад, балки ба он таъсир низ мерасонад. Ва дар адабиёти давраи шуравӣ баъзе муаллифон дар истилоҳи шуури ҳуқуқӣ таваҷҷӯҳро бештар ба нақши

амалӣ, танзимкунандаи он ҷалб менамуданд. Масалан,Чефранов В.А., қайд кардааст, ки шуури ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои самарабахши шуури ҷамъиятӣ мебошад, зеро дар он вазифаи иҷтимоӣ-амалӣ (танзимкунӣ) нисбат ба идрокӣ ва арзёбӣ бартарӣ дорад [156, с. 170].

Ҳамин тавр, таҳқиқи назарияҳои шуури ҳуқуқӣ бо истифода аз усули таърихӣ нишон дод, ки ҳамаи консепсияҳои шуури ҳуқуқӣ ба ин ё он тарз ба пешниҳоди се ғояи асосӣ бурда расонида мешаванд: аз тарафи шахс инъикос додани муносибатҳо ва робитаҳои иҷтимоии воқеан муқарраргардида; дарки маънавии ӯ талаботи доимӣ ва тағйирёбандаи ҳуқуқ дар замон ва макон; зоҳир намудани ҳиссиёту эҳсосоти худ, инчунин эътиқоди субъективие, ки нисбат ба ҳуқуқи ҳақиқӣ ба вуқуъомада, ки талаботи нави ҳуқуқиро ба миён меоранд.

Ба фикри мо муносибати дигар нисбат ба баррасии мазмуни шуури ҳуқуқӣ, бо ҷудо кардани сохтори берунӣ ва дохилии шуури ҳуқуқӣ самарабахш мебошад [172, с. 18]. Сохтори берунӣ идеология ва психологияи ҳуқуқиро дар бар мегирад. Он таъиноти функсионалии шуури ҳуқуқиро инъикос намуда, дар асл бетағйир мемонад. Сохтори ботинӣ бошад дар ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобилаи ҷузъҳои гуногуни зеҳнӣ ва эҳсосӣ ифода меёбад, ки шарту воситаҳои ба низомдарории тафаккури мо ва ҳақиқат, ба он додани мазмуни ҳуқуқӣ мебошанд. Муаллифон онҳоро ба таври гуногун (воҳидҳои маъноӣ; қабатҳо; мемҳо) меноманд. Сохтори дохилии шуури ҳуқуқӣ серҳаракат буда, дар ҷараёни маърифат метавонад тағйир ёбад, ба ҳақиқати нав мутобиқ шавад.

«Шуури ҳуқуқӣ, ин самт ба идеали давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ки хусусияти бечунучаро дорад ва аллакай дар айни замон рафтори амалии шахсро ҳамчун шаҳрванд муайян мекунад. Ин маънои онро дорад, ки гарчанде то ҳол давлати ҳуқуқбунёд вуҷуд надошта бошад ҳам, инсон ҳамон тавр зиндагӣ мекунад, ки гуё он таъсис ёфтааст. У ба души худ уҳдадорӣ оид ба риоя кардани чунин дастурҳо (ё ҳадди аққал

эъломияҳо), ки ба мафҳумҳои соҳибихтиёрӣ ва ҳуқуқ мувофиқат мекунанд, вогузор мекунад ва итоат карданро ба чунин дастурҳо, ки дорои пешбурди ошкоро ғайриқонунии (патерналистӣ ва авторитарӣ бюрократӣ) корҳои давлатӣ мебошад, рад мекунад» [136, с. 189-190].

Чунин тавсиф шаҳодати он аст, ки дар шуури ҳуқуқӣ на муайянкунии гузашта (фаъолиятӣ, муносибатҳои воқеӣ), балки муайянкунии оянда ба воситаи ҳолат ва сохти шуури дилхоҳ бартарӣ дорад. Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун шакли шуур ва ҷаҳонбинӣ дар ҷараёни иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, сохтори мураккаб дорад.

Ҳамин тавр ба хулоса омадан мумкин аст, ки мафҳуми шуури ҳуқуқӣ, ин яке аз мафҳумҳои пойдевории фалсафа, психология, ҷомеашиносӣ буда, ҷузъи муҳими низоми равонии инсонро тавсиф мекунад. Фаъолияти шуур ба шахс имконияти таъсис додани дониш дар бораи алоқамандӣ, муносибатҳо, қонунияти олами объективӣ, гузоштани мақсад ва тартиб додани нақшаҳо, ба танзим даровардан ва назорат бурдан аз болои муносибатхои эҳсосӣ, оқилона ва предметию - амалиро бо ҳақиқат, самтҳои арзишии ҳастии худ ва беҳтар намудани шароити ҳаёти худро, таъмин месозад.

Шуури ҳуқуқӣ, яке аз ҷанбаҳои шуури ҷамъиятӣ мебошад, ки ҳам дар фаъолияти оқилона ва ҳам дар фаъолияти эҳсосии шахс ифода ёфта, барои эҷоди модели идеалии субъективии ҳуқуқӣ, дарки низоми ҳуқуқии давлат, баҳодиҳии он аз нуқтаи назари мутобиқат ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Шуури ҳуқуқӣ, маҷмуи ғояҳо ва эҳсосотест, ки муносибати одамонро нисбат ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ифода мекунад.

Шуури ҳуқуқӣ, як намуди махсуси ҳисси инстинктивии адолат аст, ки дар он шахс маънавиёти худро дарк намуда, маънавиёти одамони дигарро эътироф мекунад. Шуури ҳуқуқӣ, дар шуури шахс зуҳуроти маҷмуии талаботи абадӣ ва тағйирёбандаи ҳуқуқи фитрӣ - дастурҳои

идеалии меъёрӣ, принсипҳо, асосҳои адолат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки ба тамоми моҳияти маънавии инсон дохил мешаванд, мебошад. Шуури ҳуқуқӣ, ин низоми ақидаҳо, эътиқодҳо, баҳодиҳиҳо дар бораи ҳуқуқ ва қонуният мебошад, ки хоси тамоми ҷомеа, синф, гурӯҳи иҷтимоӣ ё фард аст.

Дар зери шуури ҳуқуқӣ мо соҳаи шуури ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ ва фардиро низ мефаҳмем, ки фаъолияти ҳуқуқиро дар шакли дониши ҳуқуқӣ инъикос менамояд, муносибати баҳодиҳӣ ба ҳуқуқ ва амалияи татбиқи он, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва самтҳои арзишӣ, ки рафтори инсонро бо аҳаммияти ҳуқуқӣ танзим мекунанд, фаҳмида мешавад.

Мафҳуми шуури ҳуқуқиро бо ин ё он тарз бо пешниҳоди чор ақидаи асосӣ ифода намудан мумкин аст: а) инъикоси муносибатҳо ва робитаҳои ҷамъиятии воқеан муқарраршуда; б) дарки маънавии он аз талаботи доимӣ ва тағйирёбандаи замон ва макони ҳуқуқ; в) зуҳуроти ҳиссиёту эҳсосоти ҳуқуқ; г) ба вуҷуд омадани эътиқоди субъективӣ вобаста ба ҳуқуқи воқеӣ, пайдо кардани талаботи нави ҳуқуқӣ [23-М, с. 16-26].

Шуури ҳуқуқӣ ин маҷмуи ақидаҳо ва ҳиссиёти ҳуқуқӣ мебошад, ки хусусияти меъёрӣ дошта, ҳам дониш дар бораи падидаҳои ҳуқуқӣ ва ҳам баҳодиҳии онҳоро аз нуқтаи назари адолат ва инчунин талаботи нави ҳуқуқӣ, ки дорои хусусияти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ буда, талаботи сиёсӣ ва манфиатҳои инкишофи ҷамъиятиро ифода менамояд, мебошад [187, с. 15-26].

Муҳаққиқ ду гурӯҳи ақидаҳоро қайд мекунад: ғояҳои маънодор ва низомсоз. Якум табиати шуури ҳуқуқиро ифода намуда, тамоми боигарии мазмуни онро мувофиқи мантиқи он возеҳу равшан месозанд. Муаллиф муътақид аст, ки ин навъи ғояҳо табиати шуури ҳуқуқиро дар ҳама гуна шаклҳои мушаххаси таърихию фарҳангии он тавсиф мекунанд. Ӯ ба ғояҳои маънодор ғояҳои ҳуқуқ, меъёр, тартибро мансуб медонад.

Ин ғояҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, метавон табиати ҳуқуқро дар умумияти он фаҳмид.

Ғояҳои низомдор мазмуни шуури ҳуқуқиро дар шаклҳои фарҳангӣ ва таърихии он ифода намуда, ба тамоми доираи маъноии фарҳанги мушаххаси ҳуқуқӣ хусусияти хос мебахшанд. Бо кумаки омӯзиши онҳо моҳияти ҳуқуқ, дар дақиқии он дарк карда мешавад.

Вобаста ба мафҳуми додашуда, мазмун ва моҳияти шуури ҳуқуқӣ якчанд функсияҳои зерини шуури ҳуқуқиро ҷудо кардан мумкин аст: - идрокӣ; - баҳодиҳӣ (арзёбӣ); - муназзим (танзимкунанда); - пешгуӣ; - робитавӣ; - функсия амсиласозӣ.

Ҳамин тариқ, дар фаъолияти судя меъёри ҳуқуқ устувории умумии ба амал баровардани адолати судӣ дар ҳалли парвандаҳо таъмин намуда, қоида ва чаҳорчубаҳоеро, ки дар онҳо имконияти интихоб мавҷуд аст, мустаҳкам мекунад. Агар меъёри ҳуқуқӣ асоси ҳуқуқӣ барои қабули қарор бошад, пас шуури ҳуқуқӣ асоси методологии ҷараёни таъини ҷазо ё қабули карор аз руи парванда мегардад. Он хусусияти идрокии кори судиро муайян мекунад.Шуури ҳуқуқии судя ба интихоби намуди ҷазо, ки ба вазнинии ҷинояти содиршуда ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ аст, инчунин ба интихоби меъёри ҳуқуқ барои қабули қарор оид ба дигар парвандаҳо бевосита таъсир мерасонад [95].

Шуури ҳуқуқӣ, аз унсурҳои зерин иборат мебошад: психологӣ ва идеологӣ. Дар бораи унсурҳои шуури ҳукуқӣ дар адабиёти махсус ва дигар манбаҳо маълумотҳои зиёде ҷой доранд ва бинобар ин, дар ин бора муфассал истода намегузарем, аммо танҳо ҳамон нуктаро қайд кардан лозим меояд, ки нақши ин унсурҳо дар ҳуқуқтатбиққунии судӣ ва муайян намудан сатҳи ташаккулёбии шуури ҳукуқии касбии судяҳо нақши муҳимро мебозанд. Судя, ки худ барандаи субъекти ҳокимият мебошад, ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ

бояд психология ва идеологияи ҷомеаи муосир ва сиёсати ҳокимиятиро таҷассум кунад.

## 1.2. Намудҳои шуури ҳуқуқӣ

Масъала оид ба намуд ва сатҳҳои шуури ҳуқуқӣ проблемаи сохтори онро мушаххас намуда, идрокро ба дигар меъёрҳои таҳлили ин падидаи мураккаб равона мекунад. Намудҳои шуури ҳуқуқиро субъектҳои он, барандагон ва эҷодкунандагони шаклҳои гуногуни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Аз ин лиҳоз, се намуди асосии шуури ҳуқуқиро қайд менамоянд: ҷамъиятӣ, гурўҳӣ ва фардӣ. Чунин тақсимот бо аломати дараҷаи гуногуни ҷомеаи иҷтимоӣ асос меёбад.

Шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ё оммавӣ ифодаи абстрактии шуури ҳуқуқӣ дар маҷмуъ мебошад. Ин низоми ғояҳо, ақидаҳо, назарияҳо, эҳсосот, ҳиссиёт, майлу таассуроти ҳуқуқии таърихан дар асоси хусусиятҳои умумии фарҳангӣ ва миллии рушд ташаккулёфта мебошад, ки ба ҷомеаи мазкур умуман хос мебошад. Ин як навъ симбиози афкори оқилона-психологӣ ва арзёбиҳои ҳуқуқии ба ин ё он халқ хос буда, дар доираи замон ва давлати таърихи мушаххаси он ташаккул ёфтааст.

Яқинан нишондиҳандаҳои ҳисси адолати ҷамъиятӣ инҳоянд: муносибати таърихан ташаккулёфтаи ҷомеаи мазкур нисбат ба ҳуқуқ; арзёбиҳои миллӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла «одоби муошират (одоб), асотир (қиссаҳо) ва ақоидҳо» дар ақидаҳо оид ба ҳуқуқ; низоми арзишҳои ҳуқуқие, ки дар ҷомеа парвариш меёбанд; принсипҳо ва ғояҳои ҳуқуқие, ки ба ҷомеаи мазкур хосанд, ки дар муассисаҳо ва институтҳои асосии он таҷассум ёфтаанд ва ғайра [65, с. 15].

Сарфи назар аз хусусияти абстракии худ шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ҳамеша «заминӣ» буда, аз ҷиҳати ирсӣ ба хусусиятҳои миллию таърихии фарҳанг, дин ва сохти иҷтимоии давлат ва ҷамъияти мушаххас пайванд аст. Ва ин ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи шуури ҳуқуқии росиягӣ,

амрикоӣ, олмонӣ ва ғайра сухан кунем. Ва аз ин рӯ, ҳар як халқи дорои давлати худ, дорои шуури ҳуқуқии ҷамъиятии аз ҷиҳати иҷтимоӣ нотакрор мебошад. Оид ба шуури ҳуқуқии ҷамъиятии мо, масалан, дар бораи чунин хислатҳои асосии он, ба монанди хусусияти сермиллат сухан рондан қобили қабул аст; ғояи таърихан ташаккулёфтаи самт ба манфиати ҷомеаҳои иҷтимоӣ ва набудани соҳибихтиёрии шахсӣ; муносибати танқидӣ нисбат ба ҳуқуқ ва нақши он дар ҳаёти ҷомеа; ассимилятсия (ба худ монанд кардани)  ғояҳои ғарбӣ ва шарқӣ дар низоми ҳуқуқӣ бо самти бартарият ба арзишҳои низоми ҳуқуқии континентаӣӣ ва ғ. метавонем сухан кунем [132, с. 211-226]. Ин масъала ниҳоят душвор буда, таҳқиқоти мустақилонаи илмиро талаб мекунад. Аммо дар ин ҷо бояд ба яке аз «қиссаҳо»-и дар адабиёти рус вуҷуддошта дар бораи ташаккул наёфтани шуури ҳуқуқии рус ва гӯё яке аз хусусияти намоёнтарин хоси он ки дар бартарии ғояи нигилизми ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, изҳори норозигӣ баён кардан лозим меояд.

Шуури ҳуқуқии гурӯҳӣ бо гурӯҳҳои калон, азим ва хурд, ки сохтори миллӣ, синфӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, истеҳсолии ҷамъиятро ташкил медиҳанд, ифода меёбад. Ин як низоми ғояҳо, назарияҳо, ақидаҳо, эҳсосот ва майлҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки барои ҷомеаҳои иҷтимоӣ хос буда, муносибати бартарии онҳоро нисбат ба ҳуқуқ, арзёбии коллективии онро ифода мекунанд.

Чунин аҳаммиятро ақидаҳои ҳуқуқии синфҳо, миллатҳо, халқият, коллективҳои меҳнатӣ ва ҳатто муваққатӣ доранд, ки дар онҳо умумияти муайяни психологии арзёбии ҳақиқати ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст. Дар ин ҷо бояд нақши махсуси шуури ҳуқуқии синфӣ, ки дар шакли шуури ҳуқуқии коргар, деҳқон, хизматчӣ ва ғайра ифода ёфтааст, қайд кардан лозим аст. Дар таърихи рушду тараққиёти ҷамъият ин намудҳои шуури ҳуқуқии коллективӣ бештар ҳамчун сарчашмаҳои шикасти инқилобӣ ва ислоҳоти низомҳои ҳуқуқии миллӣ хизмат мекарданд.

Дар ҳаёти ҷамъият шуури ҳуқуқии гурӯҳҳои хурд: коллективҳои меҳнатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои таълимӣ, нафакахӯрон ва ғайра низ нақши калон мебозад. Ин як навъ «бурида»-и ғоявӣ-психологии шуури ҳуқуқии фардию ҷамъиятӣ дар ҳаёти коллективонаи одамон мебошад. Инҳо ақидаҳо ва арзёбии тартиботи ҳуқуқӣ, қонун, қонуният, адолати судӣ, институтҳо ва муассисаҳои ҳуқуқии ҷомеаи дар ин гурӯҳ парваридашудае мебошанд, ки дар асоси иттиҳоди гурӯҳӣ ва умумияти манфиатҳо таҳия шудаанд [200, с. 28].

Аъзоёни гурӯҳ аз ин маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ ва арзёбии холисона ё бошуурона ташаккулёфта таассуроти худро дар бораи ҳуқуқ ба даст меоранд ва ба ин шуури ҳуқуқии «миёна» барои исбот кардани асоси муносибати худ нисбат ба ҳуқуқ ва рафтори худ муроҷиат мекунанд.

Нишондиҳандаҳои муҳими шуури ҳуқуқии гурӯҳӣ микроиқлими қонуният, дастурҳои рафтори қонунӣ, тасвирҳо ва қолабҳои (стандартҳои) рафтори хоси аъзоёни гурӯҳ мебошанд [194, с. 76-91; 123]. Аз ин рӯ, шуури гурӯҳӣ ҳамчун як навъ пайванде ба назар мерасад, ки шуури ҳуқуқии фардӣ ва ҷамъиятиро баён мекунад. Бо ёрии он иҷтимоикунонии  шуури ҳуқуқии фардӣ сурат гирифта, муносибати муайяни шахсон нисбат  ба қонунгузорӣ ва ҳақиқати ҳуқуқӣ ташаккул меёбад [160, с. 61].

Шуури ҳуқуқии фардӣ, аз як тараф, ифодаи мушаххаси шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва гурӯҳӣ дар ҷаҳонбинии шахси алоҳида буда, аз тарафи дигар, маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ, ғояҳо ва назарияҳои ба таври инфиродӣ беназир, ки фард аз худ кардааст, инчунин эҳсосот, рӯҳия ва самтҳои мувофиқи ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибати шахси мушаххасро нисбат ба қонун ва ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд.

Дар давраи шӯравӣ таърихи ватанӣ мавҷудияти шуури ҳуқуқии фардиро тақрибан то нимаи солҳои 60-ум инкор мекард. Чунончӣ, Фарбер И.Е., ки шоистагии бешубҳаи у дар сохтори шуури ҳуқуқӣ дар

баробари идеологияи шуури ҳуқуқӣ ҷудо ва асоснок кардани инчунин психологияи ҳуқуқӣ мебошад, навиштааст: «Ақида, ки гӯё ба истилоҳ шуури ҳуқуқии инфиродӣ вуҷуд дорад, қобили қабул нест» [151, с. 69].

Шуури ҳуқуқии фардӣ, албатта, мазмуни ҷамъиятӣ дорад, зеро он дар заминаи ҳастии ҷамъиятӣ ва фазои муайяни ҳуқуқӣ, ки бо шуури ҷамъиятӣ ва ҳаёти ҳуқуқии даври мазкур ба вуҷуд оварда шуда, ташаккул ёфтааст [62, с. 59]. Ҳамзамон дар он хусусиятҳои хоси тарбия ва маърифати шахсият, фардӣ ва коллективӣ, таҷрибаи рафтори он дар соҳаи ҳуқуқ, ки ақидаҳо, арзёбӣ ва самтҳоро субъективӣ ташаккул менамояд, дида мешавад.

Он метавонад миқёси калон ва маҳдуд, салоҳиятнок ва оддӣ, нуқсондор ва дигаргуншакл бошад ва ба ин васила ҷаҳони беназири арзишҳои ҳуқуқии шахсро нишон диҳад. Аз ин ҷост, ки проблемаи таълими касбӣ ва тарбияи донишҷӯён - ҳуқуқшиносони оянда махсусан тезутунд ва рӯзмарра садо медиҳад. Бағоҷи донишҳои ҳуқуқии субъективона азхудкардаи онҳо бояд ба афкорҳои абадӣ ва умумибашарӣ, арзишҳо ва таассурот дар бораи қарзи шаҳрвандӣ ва касбӣ равона карда шаванд.

Агар шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ ва инфиродӣ намудҳои онро тавсиф кунад, пас сатҳҳои ташаккул ва фаъолияти онро муқаррарӣ, касбӣ ва назариявӣ ошкор мекунанд.

Ҳамин тариқ, намудҳои шуури ҳуқуқиро субъектҳое муайян мекунанд, ки сохтори иҷтимоии ҷамъиятро ташкил медиҳанд, ҳол он ки сатҳҳо дараҷа ва сифати ташаккули онро нишон медиҳанд. Аниқтараш, сатҳи шуури ҳуқуқӣ аз руи амиқ, пуррагӣ ва тарзи инъикоси ҳаёти ҳуқуқӣ дар шуури ҷамъиятӣ муайян карда мешавад.

Шуури оддии ҳуқуқӣ чунин маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ ва шаклҳои психологии ба онҳо мувофиқро ифода медиҳад, ки бевосита дар асоси таҷрибаи ҳаррӯзаи одамон ҳастии ҷамъиятӣ ва падидаҳои ҳуқуқиро

инъикос мекунанд [62, с. 42]. Хислатҳои асосии он инҳоянд: хусусияти оммавӣ, хусусияти эмпирикӣ ва на ҳамеша салоҳияти кофӣ.

Шуури оддии ҳуқуқӣ, маънои дарки ҳамарӯзаи ҳақиқати ҳуқуқӣ аз ҷониби оммаи васеъ, коллективҳо ва шахсони мушаххасро дорад. Ин ақидаҳои маъмултарин (бештар паҳншуда) ва аввалиндараҷаи ҳуқуқии одамон дар бораи вазъи қонунгузорӣ, адолати судӣ, қонуният ва ифодаи муносибати арзёбии онҳо нисбат ба соҳаи ҳуқуқии ҷомеа мебошанд. Дар ин таассурот дар бораи ҳуқуқ ҳам таҷрибаи бевоситаи ҳуқуқии халқ ва ҳам тасаввуроти он (қисса, ривоят, хурофот) дар бар гирифта шуда, аз ин лиҳоз бо ҳам пайвастани ҷузъҳои оқилона ва психологии шуури ҳуқуқ бо мавриди ба амал омадани нақши бартаридоштаи охирин мушоҳида карда мешавад.

Маҳз дар ҳамин ҷо зарбулмасалҳои халқӣ ташаккул ёфта, қувваи ҳаётбахш пайдо карда, муносибати ҳаррӯзаи одамонро нисбат ба ҳуқуқ ифода мекунанд. Эҷодиёти бадеӣ ва халқӣ дар шуури ҳуқуқии оддӣ метавонад ҳам нишонрасӣ ва амиқии чашм боз кардани мардум ва ҳам мулоҳизаҳои маҳдуд ва бесалоҳиятро оид ба масъалаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ нишон диҳад: «Агар мардум одил мебуд, судяҳо ба истироҳат мерафтанд»; «Танҳо як тарафро шунида, қарор қабул накунед»; «Суди инсонӣ - суди аз ҳама дуруст аст»; «Чашм дар ивази чашм, дандон бар ивази дандон»; «Қонун - барои сарватманд, ҷазо бошад барои камбағал аст»; «Дар ҷое ки пул аст, қонун ҳеҷ ҳаст»; «Дар ҷое, ки қудрат ҳуқуқ аст, ҳуқуқ нотавон аст» ва ғайра [65].

Тавре ки маълум аст, судҳо парвандаҳои категорияҳои гуногунро баррасӣ мекунанд: парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ, назорати судӣ аз болои мақомотҳои давлатӣ ва ғайра. Чунин ба назар мерасад, ки мафҳуми адолат бояд ягона бошад. Дар асл, ҳама маҳз аз категорияи парванда вобаста аст. Масалан, дар мурофиаи ҷиноятӣ адлу адолат бештар бо чораи (андозаи) ҷазо вобаста аст: он

метавонад (чун қоида ба ҷабрдида) хеле сабук ба назар намояд. Ё, баръакс, беасос сахт аст. Аксар вақт чунин эҳсосотро маҳкумшудагон ва хешовандони онҳо изҳор мекунанд.

Зимнан, имрӯз норозиён на дар парвандаҳои ҷиноятӣ нею, балки дар парвандаҳои маданӣ ва оилавӣ зиёд мебошанд. Дар мо бори бузурги қарзи аҳолӣ мавҷуд аст ва қарздор инро манфӣ медонад, гарчанде дар шартнома гуфта мешавад: бонк ҳақ дорад дар сурати риоя нагардидани ҷадвали пардохт пеш аз муҳлат баргардонидани қарзро талаб кунад. Аммо шахс боварӣ дорад, ки айби ӯ дар ин нест: ӯро аз вазифа ихтисор кардаанд ё маошашро дер медиҳанд. Ҳамзамон, гарчанде, ки чунин ҳолатҳо ба таври қонунӣ танзим нашудаанд, ҳолатҳое ҷой доранд, вақте ки судяҳо рӯёниши пеш аз муҳлатро рад мекунанд, аз ҷумла оид ба қарзҳои ипотекӣ бо асъори хориҷӣ, агар пардохткунанда то бӯҳрон қарзро мунтазам мепардохт.

Шуури оддии ҳуқуқӣ ҳамчун ифодаи сатҳи хоси ибтидоии эмпирии инъикоси ҳақиқати ҳуқуқӣ буда, ҳамчун як навъ заминаи ғоявӣ - психологӣ, шарти мутақаддими ташаккули шуури назариявию касбии ҳуқуқӣ амал мекунад. Таърихан, он пеш аз таҳлили аз ҷиҳати ҳуқуқ босаводона, салоҳиятноки ҳақиқати ҳуқуқӣ қарор гирифта, барои он муҳити таъминкунанда ва яке аз сарчашмаҳои муҳимтарин мебошад.

Шуури назариявии ҳуқуқӣ ин инъикоси мураттаби консептуалии қонунияти ҳаёти ҳуқуқии ҷамъият дар шакли мафхумҳо ва категорияҳои илмӣ мебошад.

Ин сатҳи баланди инъикоси гносеологӣ дар шуури одамони соҳаи ҳуқуқ мебошад, ки аз хоҳиши маҳдуд нашудан бо таҳлил ва арзёбии падидаҳои ҳуқуқӣ нею, балки ошкор намудани моҳияти онҳо иборат аст. Аз ин ру, шуури назариявии ҳуқуқиро илми ҳуқуқшиносӣ ва идеология ифода мекунад. Дарки назариявии ҳуқуқ ва падидаҳои он дар хусусияти низомии донишҳои илмӣ, дар воридшавии амиқи идрок ба моҳияти

робитаҳои табиии ҳаёти ҳуқуқӣ ва хоҳиши ошкор кардани ҳақиқати объекти таҳқиқот ифода меёбад. Назария асбоби илм ва ҳамзамон аксар вақт барои идеология хизмат мекунад. Ин воситаи бахшидани обрую эътибор, эътиқодӣ ба шакли дарки илмӣ ва ҳамзамон нишондиҳандаи дараҷаи баланди идеология мебошад. Дониши назариявӣ дар бораи ҳуқуқ даъвои ҳақиқӣ буданро дошта, ҷузъи таркибии идеология буда, манфиатҳои синфӣ-сиёсиро дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ ҳимоя ва асоснок мекунад. Шуури назариявии ҳуқуқӣ маҳсули тадқиқоти илмӣ буда, бо нақши бартаридоштаи унсурҳои оқилона нисбат ба муносибати равонӣ хос аст. Мундариҷаи он, ки дар шакли ғояҳо, мафҳумҳо, конструксияҳои илмӣ ифода ёфтааст, ҳамчун унсури таркибии ба фарҳанги маънавии ҷомеа дохил шуда, ҷаҳони зеҳнии фарҳанги ҳуқуқиро равшантар тавсиф мекунад.

Онро метавон ҳамчун яке аз шаклҳои коллективии шуури ҳуқуқии ҷомеа муайян кард, ки дар шакли низоми ақидаҳои ҳуқуқӣ, ҳиссиёт, самтҳои арзишӣ ва дигар ташкилаҳои сохтории шуури ҳуқуқии ҷамъияти одамоне, ки бо фаъолияти ҳуқуқӣ ба таври касбӣ машғуланд ва омодагии махсуси таълимӣ ё амалиро талаб мекунад, баромад мекунад.

Проблемаи шуури ҳуқуқии касбӣ барои илми ҳуқуқшиносӣ нисбатан нав аст. Бо вуҷуди ин, дар солҳои охир он ҳам аз ҷиҳати назарияи умумии ҳуқуқ коркарди таҳқиқоти назаррасро ба даст овардааст.

Дар адабиёти илмӣ чунин хусусиятҳои шуури ҳуқуқии касбӣ, аз қабили салоҳият, самт баамаалбарории меъёрҳои ҳуқуқӣ, алоқамандӣ бо ғояҳои адлу адолат ва қонуният, камолоти сиёсӣ, ҳисси вазифаи касбӣ ва ғайра қайд карда мешаванд [135, с. 9-22]. Дониш дар бораи ҳуқуқ, малака ва маҳорати фаъолияти ҳуқуқӣ, асоси шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносонро ташкил медиҳанд.

Ин салоҳияти касбӣ дар соҳаи қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи татбиқи он мебошад, ки дар дониши кофии амиқ ва муҳимтар аз ҳама, аз ҷиҳати касбӣ зарурӣ дар бораи ҳуқуқ ва қонунияти мавҷудияти он ифода ёфтааст, имкон медиҳанд бо фаъолияти ҳуқуқӣ машғул шавад. Дониши ҳуқуқшиносон дар соҳаи ҳуқуқ нисбат ба дигар шаҳрвандон хеле мукаммалтар ва муфассалтар буда, ба сатҳи коршиносӣ мерасад.

Аз ин лиҳоз, коршинос дар  соҳаи ҳақиқати ҳуқуқӣ буда, ба ӯ қобилияти касбии ифода намудани ниёзи рушди ҳуқуқии ҷомеа дар мафҳумҳо ва категорияҳои ҳуқуқӣ, арзёбии ин ё он воқеияти ҳаёти ҷамъиятӣ, рафтори одамон аз нуқтаи назари қонунгузории амалкунанда хос аст [135, с. 20-21]. Ба ҳайси барандагони чунин шуури ҳуқуқӣ, яъне субъектҳои воқеӣ муфаттишон, судяҳо, адвокатҳо, прокурорҳо, мушовирони ҳуқуқӣ ва дигар намояндагони соҳаи ҳуқуқшиносӣ  баромад мекунанд. Он дар ҷараёни таълим ва тарбияи донишҷӯёни муассисаҳои таълимии ҳуқуқшиносӣ ташаккул меёбад.

Ва ин маънои онро дорад, ки худи ҷараёни таълиму тарбия дар донишгоҳ, воқеан маънои ташаккули мақсадноки шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносони касбии ояндаро дорад.

Шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон аз шуури ҳуқуқии дигар гурӯҳҳои аҳолӣ аз ҷиҳати ҳаҷм ва амиқии донишҳои сиёсию ҳуқуқӣ, малака ва маҳорати таҳлили масъалаҳои ҳуқуқӣ, ҳаллу фасли масъалаҳои ҳуқуқие, ки ҳаёт ба миён мегузорад, сифатан фарқ мекунад. Аммо, ботинан онро метавон ба навъҳои гуногун, ба амсоли шуури ҳуқуқии муфаттишҳо, судяҳо, прокурорҳо ва ғайра ҷудо кард. Ин тақсимоти навъӣ хусусиятҳои хоси рафтори нақшии кормандони хадамотҳои гуногуни ҳуқуқӣ, яъне бо хусусиятҳои хоси вазифаҳои хизматии иҷрошаванда ва қолабҳое, ки дар ин робита дар арзёбии ҳақиқати ҳуқуқӣ ва тарзу усулуби фаъолият ташаккул ёфтаанд, муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқии касбиро метавон ҳамчун як низоми ғояҳо, ақидаҳо, эҳсосот, самтҳои арзишӣ аз ҷиҳати касбӣ ташаккулёфтаи, ки бо хусусиятҳои нақши иҷтимоӣ ва фаъолияти ҳуқуқӣ асосёфта, тарзи ҳаёт ва асосҳои рафторро дар соҳаи хизматии намояндагони касби ҳуқуқшиносӣ расмиёт муайян мекунад [66, с. 21].

Масалан, маълум аст, ки дар тафаккур ва фаъолияти муфаттишон аксар вақт тамоили айбдоркунӣ бартарӣ мекунад, шуури адвокат бошад ба ҳимояи манфиати муштарӣ, ҷустуҷӯӣ хатогиҳо ва саҳв дар фаъолияти хизматчиёни давлатӣ бо мақсади дастгирӣ кардани мавқеи худ аз руи парвандаи судӣ нигаронида шудааст.

Чунин ба назар мерасад, ки тафовутҳои навъии шуури ҳуқуқии касбӣ бо хусусиятҳои хоси дастурҳои ҳуқуқӣ, ки дар байни намояндагони касбҳои ҳуқуқшиносии маъмулӣ ташаккул ёфтаанд, тавсиф дода мешаванд. Бинобар ин, дастури ҳуқуқӣ як қолаби деонтикии сохтори равонии шахс буда, омодагии уро ба фаъолият муайян намуда, ҳамчун як навъи «танзим»-и хоси тамоми унсурҳои сохтории шуури ҳуқуқӣ барои амал намудан, мутобиқи талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ баромад мекунад [161, с. 19].

Инчунин маълум аст, ки хусусияти дастурҳои ҳуқуқии нақшӣ на танҳо бо рафтори дурусти ҳуқуқӣ, як навъ итоати касбӣ ба қонун, балки асосан бо арзёбии ҳаётан муҳими ҳақиқати ҳуқуқӣ, ки дар раванди фаъолияти ҳуқуқӣ ташаккул меёбад, якхела будани усулҳои фаъолияти ҳуқуқӣ, тахассуси кормандон дар соҳаи қонунгузории соҳавӣ (ҷиноятӣ ва ҷиноятӣ-мурофиавӣ, масалан, дар байни муфаттишон), самт ба ҳадафҳои махсуси фаъолият (ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, таъмини манфиатҳои иқтисодии ширкатҳо ва ғайра), муайян карда мешаванд. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки дар сохтори шуури ҳуқуқии касбӣ на танҳо унсурҳои мусбӣ, балки манфиро низ дида, қайд намоем.

Ба унсурҳои мусбии шуури ҳуқуқии ҳуқуқшинос ҳамон падидаҳои ғоявӣ - психологии ҷаҳонбинии у мансуб аст, ки ба иҷрои босаводона, босалоҳият, бо сифати баланди касбии вазифаҳои хизматии у мусоидат мекунанд. Ин арзишҳои ҳуқуқии субъективӣ азхудшудаи шахс мебошанд, ки соҳаи ҳавасмандии уро муайян мекунанд. Ба инҳо дохил мешаванд: ғояҳои қонуният, адлу адолат, инсондустӣ, ҳисси вазифаи касбӣ, самт ба ҷустуҷӯи ҳақиқат ва дигар сифатҳои мусбии касбӣ.

Онҳо низоми бо ҳам пайваст буда, дар маҷмуъи иттифоқии хислатҳои аз ҷиҳати касбӣ зарурии шахсияти шахси мансабдорро ташкил дода, ҳолати махсуси шуури ҳуқуқии уро, ки шартан «муқаррарӣ» номидан мумкин аст, тавсиф мекунанд.

Аз гуфтаҳои боло бояд аллакай маълум шавад, ки ҳисси шуури ҳуқуқии солимӣ чист. Ин як чизи аз «шуур» васеътар ва амиқтар аст. Дар шуури ҳуқуқӣ на танҳо «дониш» ва «тафаккур», балки ҳам хаёлот, ҳам ирода, ҳам эҳсос ва ҳам тамоми рӯҳи инсон низ иштирок мекунад.

Дуруст донистани салоҳият, вазифа ва мамнуъиятҳои ҳуқуқии худ кофӣ нест; шахсоне ҳастанд, ки онҳоро хуб медонанд ва доимо аз ин дониш суистифода мекунанд, то ки аз доираи салоҳдиди худ бароянд, вазифашонро кам кунанд ва аз дӯши худ тамоми мамнуъиятҳоро бардоранд..... Бояд ба савқи табии худ ру оварда, онро ба «итоат кардан ба қонун» ё «риоя кардан ба қонун» одат кунонид ва ин танҳо барои онҳое имконпазир хоҳад буд, ки дорои рӯҳияи савқи табии ба қадри кофӣ қавӣ ва муайяне мебошад, то ки маънои маънавии ҳуқуқ, мақсад ва таъиноти онро аз худ кунад [80, с. 81].

Аз ин рӯ, шуури ҳуқуқиро метавон ҳамчун эҳсоси табиии ҳуқуқ ва адлу адолат ё тамоюли махсуси маънавии сабқи табиии нисбат ба худ ва ба шахсони дигар тавсиф кард.

Шуури ҳуқуқӣ як навъи махсуси ҳисси савқи табии ҳуқуқ мебошад, ки дар он инсон маънавиёти худро тасдиқ намуда, маънавиёти одамони

дигарро эътироф мекунад; аз ин ҷост аксиомаҳои асосии шуури ҳуқуқӣ: ҳисси шаъну эътибори маънавии худ, қобилияти худуҳдадоркунӣ ва худидоракунӣ, эҳтиром ва боварии ҳамдигар. Ин аксиомаҳо ба шахс мустақилият, озодӣ, мувофиқат, мутақобилӣ ва ҳамбастагиро таълим медиҳанд. Ва пеш аз ҳама ва бештар аз ҳама - иродаи маънавиро меомӯзонанд [80, с. 81].

Мафҳуми «меъёр»-и шуури ҳуқуқӣ дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ ба таври кофӣ таҳқиқоти амиқ нагирифтааст, баръакс, дар бораи имконнопазирии муқаррар кардани он изҳороти хеле эҳтиёткорона ба чашм мерасанд [124, с. 84]. Дар воқеъ, қобилият ва кордон будани шахс ба ҳама гуна фаъолият, тавассути натиҷаҳои мушаххаси меҳнати у, ки хилофи интизориҳои бо меъёр ифодаёфтаи иҷтимоӣ нестанд, шинохта мешавад. Ва ҷомеа ҳолати шуури ҳуқуқии фардро «муқаррарӣ» баҳо дода, хусусияти рафтори лафзӣ ва амалии уро ба андешаҳои оид ба меъёр мувофиқ мебинад. Дар бораи мутобиқатии шуури ҳуқуқии ҳуқуқшинос ба ягон меъёри касбӣ на танҳо диплом дар бораи таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, балки ҳолати воқеии шуур, ирода, самтҳои арзишӣ-ҳуқуқии у ва аз ҳама муҳимаш, маҳорату малакаи иҷрои вазифаҳои хизматӣ, ки дар натиҷаҳои мушаххаси кор объективона мебошанд, шаҳодат медиҳанд.

Бо вуҷуди ин, мафҳуми «шуури муқаррарии ҳуқуқӣ» шартӣ мебошад, зеро он аз як тараф, танҳо тамоилҳои имконпазири шахсро барои иҷрои кори муайяни ҳуқуқӣ ифода намуда, аз тарафи дигар имкон намедиҳад, ки ба вазъи идеологӣ ва психологии сохтори шахсияти корманди касбӣ аз ҷиҳати микдорӣ ва сифатӣ чен карда шуда, андозаҳои бенуқсони он пешниҳод карда шаванд. Он танҳо сози умумии бартаридоштаи тамоми унсурҳои сохти ғоявӣ-психологии шахсро қайд мекунад. Тавре файласуф Илин И. қайд кардааст, шуури ҳуқуқии муътадилӣ: «пеш аз ҳама ирода ба максади ҳуқуқ ва аз ин ру ирода ба

ҳуқуқ мебошад; ва аз ин ҷо зарурати дар ҳаёт ба амал баровардани он, яъне барои ҳуқуқ мубориза бурдан низ ба вуқуъ меояд» [80, с. 22].

Аз ин ру, шуури ҳуқуқии касбии «муътадил» ҳадди аққал бо самт ба қонуният, яъне итоат ба қонун ва фаъолияти иҷтимоӣ - ҳуқуқӣ тавсиф меёбад. Маҳз ҳамин сифатҳо сози касбӣ, самтгирии онро дар ҷараёнҳои баамалбарории ҳуқуқ ифода мекунанд. Албатта, ин сифатҳои сохтори психологии (равонии) шахс ба дониши амиқи касбии ҳуқуқ ва тарзу усулҳои фаъолияти ҳуқуқӣ асос ёфта, аз ин ру, огоҳии ҳуқуқӣ, заминаи зеҳнии шуури ҳуқуқии касбиро ташкил медиҳад.

Ба фикри мо, ҷудо кардани нишондиҳандаҳои мушаххаси шуури муътадили ҳуқуқии ҳуқуқшинос ё номбар кардани шумораи зиёди онҳо хеле хатарнок аст. Гап дар сари он аст, ки худи хусусияти вазифаҳои хизматие, ки масалан, аз тарафи адвокат, судя ё мушовири ҳуқуқӣ ҳал карда мешавад, моҳиятан фарқ дорад, ба амсоли хусусияти якхелаи фаъолияти ин шахсони мансабдор, ки низ фарқ мекунанд [95].

Барои мушовири ҳуқуқӣ дониши васеъ ва амиқ дар соҳаҳои ҳуқуқи меҳнат, маданӣ, тиҷоратӣ аҳаммияти бартарӣ дорад; кордонии судя на танҳо бо фазилату пурдонии ӯ дар соҳаи қонунгузорӣ, балки асосан бо пайравии ӯ ба ҷустуҷӯи ҳақиқат дар парвандаҳои судӣ, қобилияти дар санадҳои судии худ якҷоя кардани талаботи қонуният ва адлу адолат муайян карда мешавад. Дар навбати худ, симои адвокати бомуваффақият дар шуури ҷамъиятӣ бо қобилияти ӯ оид ба қадри имкон ҳимоя кардани манфиатҳои муштарӣ, ҳамзамон ғолиб баромадан дар баррасии парвандаҳо алоқаманд аст.

Ҳамаи ин гувоҳӣ медиҳад, ки «шуури ҳуқуқии муътадилӣ» ҳуқуқшинос бо мутобиқии ӯ ба иҷрои нақши хидматӣ муайян карда мешавад. Маҳз рафтори нақшбозии ҳуқуқшинос ба ҳайси муфаттиш, судя, адвокат, прокурор маҷмуи талаботи касбиро нисбат ба номзадҳо ба ин вазифаҳо ташкил медиҳад.

Аз нуқтаи назари ҷомеашиносӣ, иҷрои нақш аз зарурати шахс ба талаботҳое, ки дар интизориҳои иҷтимоӣ мавҷуданд, мувофиқат кардан ва қонеъ гардонидан иборат аст. Оид ба интизориҳои иҷтимоиро расмӣ гардонидан, яъне онҳоро ба мартабаи амрҳои ҳуқуқӣ расонидан бояд ниҳоят эҳтиёткор буд.

Яке аз масъалаҳо он аст, ки ҳангоми аз номзад ба вазифаи татбиққунандаи ҳуқуқ доштани таҳсилоти ҳуқуқӣ ва дигар он ки дар сатҳи расмӣ қобилияти ташкилотчигӣ, дақиқӣ, фидокорӣ, мушоҳидакорӣ ва дигар сифатҳои идеявию равонӣ, ки аслан барои касби ҳуқуқшиносӣ зарур аст, талаб карда шавад. Натиҷаҳои санҷишҳои сершумор оид ба муайян кардани мутобиқи касбии донишҷӯёни донишгоҳҳои ҳуқуқшиносӣ ҳангоми ба таҳсил қабул шуданашон низ носаҳеҳ нестанд.

Ба замми ин, «шуури ҳуқуқии муътадилӣ» ҳуқуқшинос дар ҷараёни кофии тулонии кори таълимӣ - тарбиявӣ дар донишгоҳ, таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисос ва ғайра ташаккул меёбад ва қаблан онро «муътадил» ё «ғайримуътадил» шуморидан бениҳоят қатъӣ ва ғайридемократӣ хоҳад буд. Аз ин ру, таассурот дар бораи мавҷуд будани ягон меъёри шуури касбии ҳуқуқшинос бо симои идеалӣ, як навъ маҷмуи сифатҳои ахлоқӣ (маънавӣ), сиёсӣ, равонӣ ва зеҳнӣ, ки барои бомуваффақият иҷро кардани вазифаҳои хизматӣ имкон медиҳанд, асос меёбад.

Ҳамин тавр ба хулоса омадан мумкин аст, ки намудҳои шуури ҳуқуқиро субъектҳои он, барандагон ва эҷодкунандагони шаклҳои гуногуни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Аз ин лиҳоз, се намуди асосии шуури ҳуқуқиро қайд намудан мумкин аст: а) ҷамъиятӣ, б) гуруҳӣ ва в) фардӣ. Чунин тақсимот бо аломати дараҷаи гуногуни ҷомеаи иҷтимоӣ асос меёбад. Шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ - ифодаи абстрактии шуури ҳуқуқӣ дар маҷмуъ мебошад. Ин низоми ғояҳо, ақидаҳо, назарияҳо, эҳсосот, ҳиссиёт, майлу таассуроти ҳуқуқии таърихан дар асоси хусусиятҳои умумии фарҳангӣ ва миллии рушд ташаккулёфта, ба ҷомеа хос мебошад. Шуури

ҳуқуқии гурухӣ - бо гурӯҳҳои калон, азим ва хурд, ки сохтори миллӣ, синфӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, истеҳсолии ҷамъиятро ташкил медиҳанд, ифода меёбад. Шуури ҳуқуқии фардӣ - аз як тараф, ифодаи мушаххаси шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва гурухӣ дар ҷаҳонбинии шахси алоҳида буда, аз тарафи дигар, маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ, ғояҳо ва назарияҳои ба таври инфиродӣ беназир, ки фард аз худ кардааст, инчунин эҳсосот, руҳия ва самтҳои мувофиқи ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибати шахси мушаххасро нисбат ба қонун ва ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд.

### 1.3. Шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳамчун намуди шуури ҳуқуқӣ

Проблемаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои асосии назарияи ҳуқуқ мебошад. Аҳаммияти рӯзмарраи абадии ин мавзуъ аз он иборат аст, ки ҳуқуқ натиҷаи фаъолияти инсон буда, мазмун ва иҷрои аз шахс ва шуури ҳуқуқии у иборат аст. Бо дарназардошти он ки мақоми судя дар давлат, меъёри муҳими фаҳмида гирифтани арзишҳои давлати ҳуқуқбунёду ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби ҷамъият амиқ ба шумор меравад, пас ба шуури ҳуқуқии касбии судя ҳамчун объекти махсуси илмӣ таваҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Барои мо омӯзиши масъалаҳои таърихии ташаккули шуури касбии ҳуқуқӣ дар Империяи Византия проблемаи методологиро, ки аз як тараф, (ҳадди аққал қисман) тавассути истифодаи тамоми усулҳои мавҷудаи таҳқиқоти шуури ҳуқуқии муосир ҳалшаванда, аз тарафи дигар - принсипи таърих ва омӯзиши ҳаматарафаи шуури ҳуқуиро дар маҷмуъ ифода медиҳад. Дар баробари ин, омезиши консепсияи давомияти шуури ҳуқуқӣ ва муқоисаи он берун аз ҷанбаи диахронӣ, инчунин тафовут байни проблематикаи шуури ҳуқуқии шахси мушаххас дар таърих ва шуури ҳуқуқии тамоми гурӯҳҳои бутуни иҷтимоӣ, аз он ҷумла гурӯҳҳои касбӣ, як нуқтаи муҳим ба шумор меравад.

Барои ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ дар Империяи Византия як қатор омилҳое таъсир расонидааст, ки онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кардан самарабахш аст: ҳуқуқӣ (сарчашмаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи канонӣ ва омилҳои ғайриҳуқуқӣ (иҷтимоӣ): ҷаҳонбинӣ, динӣ, этнофарҳангӣ, маданию маърифатӣ, моддию хоҷагидорӣ ва таърихӣ. Дар баробари ин, аз инҳо масеҳият, принсипҳои ҳуқуқи Рим ва анъанаҳои халқҳое, ки дар Империяи Византия сукунат доштанд, асосӣ дониста мешаванд.

Ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ дар Византия ҷараёни тулонӣ буда, барои он вуҷуди тағйироти ногаҳонӣ хос набуда, ҳамзамон чандирии ҳуқуқ, ки дар қобилияти мутобиқ шудан ба падидаҳои нави иҷтимоию ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, хос аст.

Таснифи эҳтимолии марҳилаҳои ташаккули шуури ҳуқуқии касбии Византия, тақсимоти таърихи онро ба давраҳои зерин нишон медиҳад: а) давраи аввалин таҷрибаи истифодаи сарчашмаҳои ҳуқуқии Рим дар Империяи Византия (аз замони таъсиси империя то мураттабсозии (кодификатсияи) Юстиниан); б) давраи мураттабсозӣ (кодификатсия) (аз таълифи Кодекси ҳуқуқи гражданӣ (Cogrus Juris Civilis)-и Юстиниан то таъсиси Эклог); в) гузаштани шуури ҳуқуқии касбӣ аз давраи охири антиқ ба асри миёна (аз офариниши Эклог то Новеллаҳои Леви Хирад); г) давраи мураттабсозӣ ва тартиб додани дастурамалҳои ҳуқуқии хусусӣ (пас аз тартиб додани Новеллаҳои Леви Хирад ва то мағлубшавии Византия) [304].

Умуман, таснифоти пешниҳодшуда бо тақсимоти давраҳои рушду инкишофи ҳуқуқии Византия ҳамчун ҳуқуқ рост меояд ва ҳар як давра дар соҳаи шуури ҳуқуқии касбӣ хусусиятҳои хоси худро дорад.

Шуури ҳуқуқии касбии Византияро метавон тавассути як қатор арзишҳои ҳуқуқие тавсиф кард, ки ба он ҳамчун як падидаи ҳуқуқии ҷудонашаванда хос будаанд. Ҳамзамон принсипҳои умумии ҳуқуқи классикии римӣ асосҳое гардидаанд, ки бо он шуури ҳуқуқӣ аслан

ташаккул меёфт, аммо мазмун, маъно ва дарки ин принсипҳо дар Византия дар зери таъсири омилҳое, ки чунин шуури ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, аз нав дида баромада шудаанд.

Дар байни арзишҳои ҳуқуқие, ки дар шуури ҳуқуқии Византия инъикос ёфтаанд, адлу адолат, эҳтиром ба қонун, масъулияти мутақобилаи ҳоким ва тобеони давлат, озодӣ, баробарӣ ва урфу одатро ба маънои онтологӣ, қайд бояд кард.

Дар адабиёти илмии муосир ба масъалаҳои таҳқиқи ҳамаҷонибаи нақши шуури ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судя аҳаммияти кофӣ дода намешавад. Рисолаи мазкур ба кӯшиши пур кардани ин норасоӣ бахшида шудааст. Ин падида асосан рӯякӣ, ҳангоми таҳқиқи чунин мафҳумҳо ба амсоли «шуури ҳуқуқӣ» ва «ҷаҳонбинӣ» омӯхта мешавад. Ҳоло танҳо як қатор муҳаққиқон зернамудҳои шуури ҳуқуқии касбӣ, аз ҷумла, шуури ҳуқуқии судяҳо, прокурорҳо, адвокатҳо ва дигаронро фарқ мекунанд.

Шуури ҳуқуқии касбии судя ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ дорои сифатҳои функсионалӣ - сохторӣ буда, дар хислатҳои инфиродии судя зоҳир гардида, моҳияти шуури ҳуқуқии охиринро муайян намуда, табиати падидаи мавриди таҳқиқ карордоштаро возеҳу равшан мекунанд [23-М, с. 16-26].

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки шуури ҳуқуқии касбии судя қисмати мафҳуми васеътари «шуур» мебошад.

Шуур - яке аз мафҳумҳои пойдеворин фалсафа, психология, ҷомеашиносӣ буда, ҷузъи муҳими низоми равонии инсонро тавсиф мекунад. Фаъолияти шуур ба шахс имконияти таъсис додани дониш дар бораи алоқамандӣ, муносибатҳо, қонунияти олами объективӣ, гузоштани мақсад ва тартиб додани нақшаҳо, ба танзим даровардан ва назорат бурдан аз болои муносибатхои эҳсосӣ, оқилона ва предметию - амалиро

бо ҳақиқат, самтҳои арзишии ҳастии худ ва беҳтар намудани шароити ҳаёти худро, таъмин месозад [69].

Шуури касбӣ шакли шуури ҷамъиятӣ буда, бо худ маҷмӯи талабот, идеалҳо ва таассуроти асосии иҷтимоиро ифода медиҳад, ки ба касби муайян ва барои танзими муносибатҳои касбии одамон, мутаносибии талаботи маҳдуди касбӣ бо дастурҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст.

Тавре ки Лазутин Г.В. қайд менамояд, шуури касбӣ ташкилаи низомӣ буда, предмети инъикоси он фаъолияти мушаххаси касбӣ ва вазифаи он танзими соҳаи мазкури фаъолии иҷтимоии инсон мебошад. Ҳамин тариқ, мафҳуми «шуури ҳуқуқии касбӣ» як қисми шуури ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки дар сохтори он ҳамчун проексияи тахассуси таҷрибаи меҳнатии гурӯҳҳои мушаххаси касбӣ дар натиҷаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ба вуҷуд меояд [97].

Мухин В.В. шуури ҳуқуқии касбиро ҳамчун «тарзи дарки том, мураттаб, дорои самти амалӣ, меъёран муқаррашудаи ҳақиқати ҳуқуқӣ ва таъсири фаъолона ба он муайян намуда, фаъолият ва инкишофи тартиботи ҳуқуқиро, ки субъекти он шахсони дорои таҳсилоти махсуси ҳуқуқӣ ва бо амалияи ҳуқуқӣ корозмудона машғуланд, таъмин месозанд» [288].

Бояд гуфт, ки дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ танҳо ду равиши асосии дарки нақши ҳуқуқ дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ арзи вуҷуд ёфтааст - дар муайян намудани муносибати ҳуқуқ бо шуури ҳуқуқӣ ва ҳифзи зиддиятҳои байни ҳуқуқ ва шуур.

Масалан, бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2021 ҳалномаи суди шаҳри Ҳисор аз 17 августи соли 2021 доир ба парвандаи граждании аз рӯйи аризаи даъвогии Суюнов Қурбоналӣ Тошмуродович дар намояндагии Суюнов Абдумансур Тошмуродович ба ҷавобгарии Ашурова Олия Исмоиловна оид ба бартараф намудани монеагӣ вобаста

ба роҳрави манзили истиқоматӣ бо тарзи аз байн бурдани девор ва кандани дарвозаи даромади манзили истиқоматӣ, бекор карда, ҳалномаи нав қабул гардида, даъво рад карда шуд. Зеро мутобиқи талаботи моддаи 26 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон [8] мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо, шаҳрҳо қитъаҳои заминро бо мувофиқаи мақомоти маҳаллии заминсозӣ ба истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок, якумраи меросӣ ва ба иҷора медиҳанд.

Тавре аз маводи парванда бармеояд, бо қарори раиси шаҳри Ҳисор аз 5 майи соли 2017, таҳти №415 ба Ашурова О.И. аз деҳаи Чуқурак, Ҷамоати деҳоти Мирзо Ризо, шаҳри Ҳисор ба масоҳати 0.10 га қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои истифодаи якумраи меросӣ ҷудо гардида, 3 июли соли 2017 ӯ бо Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дараҷаи А №0073764 таъмин карда шудааст. Ҳамзамон, бо қарори раиси шаҳри Ҳисор аз 21 июни соли 2017, таҳти №648 ба Суюнов Қурбоналӣ низ аз ҳисоби қитъаи замини наздиҳавлигии модараш Суюнова Ҳанифа барои сохтмони манзили истиқоматӣ бо масоҳати 0,12 га бо ҳуқуқи истифодаи якумраи меросӣ вобаста кардааст, ки ин қитъаи замин дар ҳамсоягии ҷавобгар Ашурова О.И. ҷойгир мебошад. Аз хулосаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қабати маводи парванда мавҷуд аст (в.п.67-69) дида мешавад, ки дарвозаю девори ҷавобгар Ашурова О. дар дохили 0,10 га қитъаи замини худи ӯ ҷойгир буда, зиёда аз 20 сол боз дарвозаю девор дар истифодабарии ӯ қарор доранд. Аммо суди марҳилаи якум ин ҳолати корро мадди назар карда, дарвоза ва деворе, ки дар қитъаи замини тибқи қонун ба Ашурова О.И. ҷудошуда мавҷуданд ҳамчун монеагӣ ҳисоб карда, даъвои Суюнов Қ.Т.-ро қонеъ кардааст. Аз маводи парванда ва далелҳои дар он мавҷудбуда бармеояд, ки ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта муайян карда шудаанд вале суди марҳилаи якум бархилофи ҳолатҳои кор, ки худ муайян кардааст, даъвои Суюнов Қ.Т.-ро қонеъ кардааст. Коллегияи

судӣ бо назардошти ин ҳолат дар асоси моддаи 350 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалномаро бекор, ҳалномаи нав қабул карда, даъвои Суюнов С.-ро рад намудааст.

Ё мисоли дигар, бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 апрели соли 2021 ҳалномаи суди ноҳияи Рӯдакӣ аз 11 ноябри соли 2020 аз рӯи аризаи даъвогии Азизов Шерафкан Хайридинович ва Нарзуллоева Ҳамида ба ҷавобгарии Ғафуров Мирзомурод Холмуродович ва Сафоева Маҳбуба Юсуфовна дар бораи бартараф намудани монеагӣ ва аризаи даъвогии муқобили даъвои Ғафуров Мирзомурод Холмуродович ба ҷавобгарии Азизов Шерафкан Хайридинович ва Нарзуллоева Ҳамида дар бораи бартараф намудани монеагӣ, бекор гардида, парванда ба баррасии нави судӣ ирсол шудааст.

Ҷавобгар Ғафуров М.Х. ба суд оиди соҳибмулкӣ манзили сохтааш ва ба ӯ вобаста гардидани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҳуҷҷати ҳукуқмуайянкунанда аз қабили қарори мақомоти ҳокимияти давлатиро, ки қитъаи замини баҳсӣ ва роҳ ба ӯ вобаста шудааст пешниҳод накардааст. Инчунин, Ғафуров М.Х. дар бораи он ки қитъаи замини манзили истиқоматӣ ва роҳи он ба марҳум падараш тааллуқ дошт, низ ҳуҷҷати ҳуқукдиҳандаи истифодаи қитъаи заминро ба суд пешниҳод нанамудааст. Дар маҷлиси коллегияи судӣ Ғафуров М.Х. баён намудааст, ки оиди қитъаи замине, ки ҳамчун роҳ истифода мешавад, падараш ва ё худаш қарори вобастакунии қитъаи замин надоранд. Роҳе, ки тарафҳо баҳс карда истодаанд аз солҳои 80-ум ҳамчун роҳи умум истифода мешудааст.

Ҳайати коллегияи судӣ, барои муайян кардани ҳолати воқеии кор ба мавзеи замини баҳсӣ ва роҳи он ба суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, деҳаи Меҳтарӣ маҷлиси сайёри судӣ намуда, муқаррар кардааст, ки манзилҳои истиқоматии тарафҳо дар ҳамсоягӣ буда,

даъвогарон Азизов Ш. ва Нарзуллоева Ҳ. барои ба манзили истиқоматиашон даромадан ва ё борҳои хоҷагиашонро тавассути воситаи нақлиёт дастрас кардан, ба ғайри роҳи баҳсӣ дигар роҳи баромаду даромад надоранд. Муайян гардидааст, ки суди марҳилаи якум танҳо ба хулосаи экспертизаи судӣ-заминсозӣ такя карда, ба хулоса омадааст, ки даъвогарон Азизов Ш.Х. ва Нарзуллоева Ҳ. аз дигар тарафи қисмати замини манзили истиқоматӣ роҳ кушода, ба хона даромаду баромад карда метавонанд.

Мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 88 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон 10] хулосаи коршиноси судӣ дар маҷлиси судӣ таҳқиқ гардида, дар баробари дигар далелҳо баҳо дода мешавад. Коллегияи судӣ қайд мекунад, ки суди марҳилаи якум бархилофи талаботи меъёри мазкур амал намуда, танҳо хулосаи экспертизаи судӣ-заминсозиро ҳамчун далел ба асос гирифта, дигар ҳолатҳои корро таҳқиқ ва муайян накарда, бармаҳал ҳалнома қабул кардааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло коллегияи судӣ ба хулоса омадааст, ки мутобиқи талаботи моддаи 351 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] нодуруст муайян кардани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта, исбот нагардидани ҳолатҳои муайяннамудаи суди марҳилаи якум, ки барои парванда дорои аҳаммият мебошанд ва номутобиқатии хулосаи суди марҳилаи якум вобаста ба ҳолатҳои парванда, ки дар ҳалнома дарҷ гардидаанд, асос барои бекор кардани ҳалнома бо тартиби кассатсионӣ мегардад ва бинобар ин ҳалномаи номбаршуда бекор, парванда ба баррасии нави судӣ фиристода шуд.

Ё дигар мисол, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2021 ҳалномаи суди шаҳри Ҳисор аз 12 августи соли 2021-ро бо даъвои Сванов Икромҷон Баҳромович ба ҷавобгарии Баротов Баҳодур ва Деҳқонзода Изатулло Абдулобой дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бе додани дигар

манзили истиқоматӣ ва даъвои муқобили Баротов Баҳодур Раҳмонович ба ҷавобгарии Сванов Икромҷон Баҳромович дар бораи беэътибор донистани шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, бо асосҳои зерин бекор намудааст.

Мувофиқи талаботи банди 2 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 «Дар бораи ҳалномаи судӣ» ҳалнома дар он ҳолат қонунӣ ва асоснок мебошад, ки агар он бо риояи дақиқи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки нисбати ҳамин муносибатҳои ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд, пурра мувофиқат кунад ва ҳолатҳои парванда бо далелҳои дар маҷлиси судӣ таҳқиқ гардида, ки ба талаботи қонун оиди дахлдорӣ ва ҷоизии далелҳо ҷавобгӯ мебошанд, ё ҳолатҳое, ки ба исбот эҳтиёҷ надоранд, тасдиқ шуда бошанд.

Коллегияи судӣ қайд менамояд, ки суд даъвои Сванов И.Б.-ро дар бораи аз манзили истиқоматӣ кӯчонидани Баротов Б.Р. бо аҳли оилааш бе додани дигар манзили истиқоматӣ қонеъ намуда, ҳалномаро бо он асоснок кардааст, ки соҳибмулки манзили баҳсӣ Баротов Б.Р. буда, Сванов И.Б. дар асоси шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ аз 24 феврали соли 2021, таҳти феҳрасти 1Ш-135, ки дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор барасмият дароварда шудааст, манзили истиқоматӣ воқеъ дар шаҳри Ҳисор, деҳаи Хучилдиёри поёнро дар намояндагии Деҳқонзода И.А. ба маблағи 273000 сомонӣ харидорӣ намудааст. Баротов Б.Р. бо аҳли оилааш дар манзили истиқоматӣ ҳамчун сокинони муваққатӣ ба ҳисоб меравaнд ва аз ин рӯ тибқи талаботи моддаи 77 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз манзили баҳсӣ кӯчонида мешаванд. Чунин хулосарониии суди марҳилаи якум бармаҳал буда, он бе муайян кардани ҳолатҳои кор мебошад. Зеро бо ҳалномаи суди шаҳри Ҳисор аз 8 июни соли 2021 ваколатномаи аз 26 сентябри соли 2020 таҳти феҳрасти №10Ғ-32443 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор аз номи Баротов Б.Р. ба Деҳқонзода И.А. дода шуда, ки дар

асоси он шартномаи хариду фурӯши ин манзил баста шудаст, беэътибор дониста шудааст. Дар ин сурат суд вобаста ба талаботи моддаи 64 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати мазкурро мавриди баҳодиҳии ҳуқуқӣ қарор надодааст. Инчунин, бо ҳалномаи суди шаҳри Ҳисор аз 30 ноябри соли 2020 ҳуқуқи соҳибмулкии Баротов Б.Р. ба манзили истиқоматӣ воқеъ, дар шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Мирзо Ризо, деҳаи Хучилдиёри поён, хонаи берақам, эътироф карда шуда, вале ваколатнома аз номи Баротов Б.Р. **ба** Деҳқонзода И.А. дар хусуси бегона намудани манзили мазкур санаи 26 сентябри соли 2020 дода шудааст.Ин ҳолати кор низ madди назари суди марҳилаи якум шуда, ба он баҳои ҳуқуқи дода нашудааст. Чунки аз баёноти Деҳқонзода И.А. дар мурофиаи судӣ бармеояд, ки Баротов Б.Р. аз тағояш Саидов Абдураҳмон зиёда аз 43000 доллари ИМА қарздор буда, ӯ манзили истиқмоатии баҳсиро ба Сванов И. ба маблағи 27000 доллари ИМА фурӯхта, аз ин маблағ 25000 доллари ИМА қарзи Баротов Б.-ро дар назди тағояш Саидов Абдураҳмон кам намуда, маблағи 2000 доллари ИМА-ро барои ҳуҷҷатгузории манзили истиқоматӣ сарф намудааст.

Суди марҳилаи якум талаботи моддаи 70 КМГ-ро ба иҷро нарасонида, далелу ҳуҷҷатҳои дар боло номбаршудаpo мавриди таҳқиқ, муқоиса ба якдигар накарда, кадоме аз онҳо ба ҳақиқат рост меоянд насанҷида, натиҷаи баҳодиҳии онҳоро дар ҳалнома дарҷ накарда, бармаҳал ҳалнома қабул кардааст. Дар натиҷа коллегияи судӣ ба хулоса омадааст, ки ҳолатҳои дар боло номбаршуда аз нодуруст муайян кардани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта ва мувофиқат накардани хулосаи суд ба ҳолатҳои парванда, ки дар ҳалнома дарҷ гардидаанд ва татбиқи нодурусти меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ, шаҳодат медиҳанд, ки ҷой доштани чунин ҳолат тибқи талаботи қисми 1 моддаи 351 КМГ Ҷумхурии Тоҷикистон асос барои бекор кардани ҳалнома бо тартиби кассатсионӣ мебошад.

Ё, бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2021 ҳалномаи ноҳияи Рӯдакӣ аз 27 январи соли 2021 аз рӯйи парвандаи оилавӣ бо даъвоҳои Тулаева М.А. бо ҷавобгарии Тулаев А.Х. ва дигарон дар бораи бекор кардани қарори раиси Ҷамоати деҳот, беэътибор донистани қарори раиси ноҳия, шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, эътироф намудани ҳукуқи моликият, моликияти умумӣ эътироф намудани манзили истиқоматӣ, ва тақсими он бекор карда шудааст.

Дар қарори коллегияи судӣ зикр карда шудааст, ки суди марҳилаи якум ҳангоми баррасии парвандаи мазкур талаботи моддаи 221 КГ ҶТ ва қисми 6 моддаи 38 КО Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба муҳлати умумии даъво мадди назар карда, даъворо қонеъ намудааст. Тавре аз маводҳои парванда бармеояд, муносибатҳои оилавии Тулаева М. ва Тулаев А. соли 2010 қатъ гардида, акди никоҳашон ҳануз 12 июли соли 2012 бекор карда шудааст. Тулаева М. бошад, баъди 7 соли бекор кардани акди никоҳашон ба суд барои тақсими моликияти муштарак мурочиат кардаст. Бинобар ин, бо қарори коллегияи судӣ ҳалнома бекор ва бо қабули ҳалномаи нав даъвоҳои Тулаева М.А. рад карда шудааст.

Мисоли дигар, бо қарори назоратии коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2021 ҳалномаи суди ноҳияи Сино аз 15 феврали соли 2021 ва қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии суди шаҳри Душанбе аз 25 майи соли 2021 доир ба парвандаи оилавӣ бо даъвои Қандов Ҷ.С. дар намояндагии Амиралиев Ҷ.С. ба ҷавобгарии Қандова М.С. ва дигарон дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бекор карда шудааст.

Коллегияи судӣ қайд кардааст, ки тавре аз маводҳои парванда дида мешавад, Қандова М.С. дар асоси шартномаи хариду фурӯш аз 10 августи соли 1996 соҳибмулки манзили манзили истиқоматии баҳсӣ буда, муддати 24 сол дар ҳамин манзил доимӣ истиқомат намуда, дар қайди

қайди манзили зикргардида мебошад. Баъд онро дар асоси шартнома ба бародараш Қандов Ҷ.С. ҳадя намудааст. Гарчанде ҳуқуқи моликияти Қандова М.С. нисбат ба манзили баҳсӣ қатъ гардида бошад ҳам, вале ӯ дар қайди ҳамин манзил буда, ба таври доими дар он истиқомат карда, дорои ҳуқуқи истифода ба манзил мебошад. Суди марҳилаи якум бошад Қандова М.С.-ро ҳамчун сокини муваққатӣ эътироф карда, аз манзили баҳсӣ кӯчонидааст. Аз ин рӯ, бо қарори коллегияи Суди Олӣ ҳалномаи суди марҳилаи якум ва қарори коллегияи судии шаҳри Душанбе бекор ва бо қабули ҳалномаи нав даъвои Қандов Ҷ.С. рад карда шудааст.

Мебоист қайд кард, ки судяҳое, ки дорандаи шуури ҳуқуқии касбии судягӣ мебошанд, албатта ба хатогию кмбудиҳои судӣ камтар роҳ медиҳанд ва аз ҷониби судҳои болоӣ бекор кардану, ҳалномаҳои нави судӣ қабул наудан, дар таҷрибаи судӣ, дар оянда боиси беҳ гардидани амалияи судӣ ва беҳ гардидани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо гашта метавонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки асосҳои бекор гардидани санадҳои судӣ, омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ нагузаронидан, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун даъватномаҳои судиро барои дар вақти муқаррагардидаи мурофиаи судӣ ҳозир гардидан нарасонидан, парвандаҳоро бе иштироки даъвогар ва ё ҷавобгар баррасӣ намудан, аз талаби даъво баромадан ва ё яке аз талабҳои даъворо ҳал накардан, натиҷаҳои баҳодиҳии далелҳоро дар ҳалнома дарҷ накардан, ҷоизию дахлдории далелҳоро мавриди баҳодиҳӣ қарор надодан, нишондодҳои марбут ба зарурати гузаронидани амали мурофиавӣ, ки дар қарори суди марҳилаи кассатсионӣ зикр гардидааст иҷро накардан, татбиқи нодурусти меъёрҳои моддию мурофиавӣ ва ғайраҳо мебошанд ва ин ҳолатҳо саҳви судӣ мебошанд.

Масалан, бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олӣ аз 13 феврали соли 2019 ҳалномаи суди шаҳри Ҳисор аз 6

декабри соли 2018 оид ба парванда аз рӯи даъвои Ғафурова Рузигул Комиловна ба ҷавобгарии Исломов А., Исломов Аҳмарбек Булбулович, Мирзоева Муқаддас Нуриддиновна, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор, Кумитаи идораи замини шаҳри Ҳисор дар бораи бартараф намудани монеагӣ, беэътибор донистани қарори раиси ноҳияи Ҳисор №99 аз 18 январи соли 2010 ва Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин №А-0235596, аризаи даъвогии муқобили даъвои Исломов Аҳмарбек Булбулович дар намояндагии Мирзоева Муқаддас Нуриддиновна ба ҷавобгарии Ғафурова Рузигул Комиловна дар бораи беэътибор донистани қарори раиси Ҷамоати деҳоти Мирзо Турсунзода (собиқ Қарамқул) №32 аз 15 марти соли 2007 бекор карда шуда, парвандаи мазкур ба баррасии нави судӣ фиристода шудааст.

Ғафурова Р.К. ба суд бо даъвои зикршуда муроҷиат намуда, асос овардааст, ки аз ҳисоби қитъаи замини наздиҳавлигии Исмоилов Булбул ба Исмоилова Раҷабмоҳ 0,07 га ҷудо карда шудааст. Ин қитъаи замин дар асоси қарори раиси Ҷамоати деҳоти Қарамқули ноҳияи Ҳисор №32 аз 15.03.2007 сол ба ӯ вобаста карда шудааст. Қитъаи замини номбурда дар ҳамсоягии қитъаи замини Исломов А. ва Мирзоева М. воқеъ мебошад, ки онҳо барои истифода ва чен кардан, инчунин гирифтани Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ба ӯ монеагӣ ба вуҷуд овардаанд. Исмоилов А. бошад, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисорро ба гумроҳӣ бурда, дар асоси қарори раиси шаҳри Ҳисор №99 аз 18.01.2010 сол қитъаи замини ӯро соҳиб шуда, Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин гирифтааст. Бинобар ин, аз суд хоҳиш намудааст, ки монеагии эҷоднамудаи Исломов А. ва Мирзоева М.И. барои чен намудан ва истифодаи қитъаи замин воқеъ дар шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Қарамқул, деҳаи Комсомол бартараф карда, қарори раиси ноҳияи Ҳисор №99 аз 18 январ соли 2010 дар бораи ба Исломов А. вобаста намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин

беэътибор дониста шаванд.

Дар навбати худ, Исломов А.Б. ва Мирзоева М.И. аризаи даъвогии муқобили даъво пешниҳод намуда, хоҳиш кардаанд, ки қарори раиси Ҷамоати деҳоти Қарамқул №32, (ҳоло Ҷамоати деҳоти М.Турсунзода) аз 15 марти сол 2007 бинобар қалбакӣ буданаш бекор карда шавад.

Бо ҳалномаи суди шаҳри Ҳисор аз 6 декабр соли 2018 аризаи даъвогӣ дар бораи бартараф намудани монеагӣ пурра, даъво оид ба беъэтибор донистани қарори раиси ноҳияи Ҳисор, таҳти №99 аз 18 январи соли 2010 оид ба вобаста намудани 2263,0 м.м. қитъаи замин ва Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин қисман, яъне дар масоҳати 0,07 га қитъаи замин қонеъ гардида, қарори раиси ноҳияи Ҳисор №99 аз 18 январи соли 2010 ва Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дар масоҳати 0,07 га қитъаи замин беэътибор дониста, аризаи даъвогии муқобили даъво рад карда шудааст.

Тавре аз қисми асосноккунии ҳалнома бармеояд, суди марҳилаи якум ба хулоса омадааст, ки дар асоси қарори маҷлиси умумии вакилони колхозчиёни колхози ба номи Калинини ноҳияи Ҳисор аз 21 январи соли 1986, масоҳати 0,07 га қитъаи замин аз Исломов Булбул ба номи духтараш Исломова Раҷабмоҳ дар асоси аризааш вобаста карда шудааст, ки минбаъд бо мувофиқа Исломова Р. ин қитъаи заминро ба даъвогар Ғафурова Р. додааст.

Дар маводи парванда қарори маҷлиси умумии вакилони колхозчиёни колхози ба номи Калинини ноҳияи Ҳисор аз 21 январи соли 1986 мавҷуд нест. Дар парванда ду маълумотномаи бойгонӣ доир ба протоколи маҷлиси умумии вакилони колхозчиёни колхози ба номи Калинини ноҳияи Ҳисор мавҷуд аст, ки онҳо мазумунан бо ҳам мувофиқ набуда, ба хулосаи суд мухолиф мебошанд. Дар нусхаи протокол зикр гардидааст, ки дар яке аз оно зикр шудааст: “дар асоси аризааш ба Исломова Раҷабмоҳ аз замини падараш Исломов Бобул 0,07 га қитъаи

замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда дода шавад”, дар нусхаи дигари протокол бошад, қайл гардидааст, ки: “дар асоси аризааш ба Исломова Раҷабмоҳ аз замини падараш Исломов Бобул 0,06 га қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда дода шавад”. Дар мазмуни ҳар дуи ин ҳуҷҷат оид ба масоҳати қитъаи замин, мавқеи ҷойгиршавии он ва санаи қабули қарор мухолифтаҳо ҷой доранд. Аз протоколи маҷлиси судӣ дида мешавад, ки суди марҳилаи якум ин ҳуҷҷатҳоро дар маҷлиси судӣ мавриди таҳқиқ ва муҳокима қарор надода, мухолфатҳоро бартараф ва ҳолатҳои воқеии парвандаро дуруст муайян накарда, бе мавҷудияти далелҳои саҳеҳ бармаҳал хулосабарорӣ намуда, даъворо қонеъ кардааст. Инчунин хулосаи суди марҳилаи якум оиди он ки бо таъиноти суди ноҳияи Ҳисор аз 18 декабри соли 2006 аз даъво даст кашидани даъвогарон Исломов Ҷ. ва Усмонова Р. бо он сабаб қабул карда шудааст, ки **Исломов А. ва Исмоилова Г.** ихтиёран аз қитъаи замини баҳсӣ даст кашида, ин қитъаи заминро ба Исломов Ҷ.Б. ва Усмонова Р.С. медиҳанд, бармаҳал дониста шудааст. Зеро дар таъинот маҳз доир ба ҳамин қитъаи замин гуфта нашудааст. Аз протоколи маҷлисӣ судӣ дида мешавад, ки суд таъинотро мавриди таҳқиқ қарор надода, онро ҳамчун далел ҷиҳати қонеъ намудани даъво бармаҳал ба асоси ҳалнома гузоштааст. Суди марҳилаи якум даъвои муқобили даъворо оид ба бекор кардани қарори раиси Ҷамоати деҳоти Қарамкул №32 (ҳоло М. Турсунзода) аз 15 марти соли 2007-ро мавриди санҷиш ва муҳокима қарор надода, ҳолатҳои воқеии парвандаро дуруст муайян накардааст. Аз мазмуни қарори номбаршуда бармеояд, ки ба Ғафурова Рузигул аз ҳисоби заминҳои зиёдатии наздиҳавлигии Усмонова Раҷабмоҳ 0,07 га қитъаи замин вобаста карда шудааст. Суди марҳилаи якум муайян накардааст, ки қитъаи замини наздиҳавлигии Усмонова Р. дар куҷо ҷойгир буда, масоҳаташ чӣ қадар мебошад, ки аз он 0,07 га масоҳати зиёдатӣ ба Ғафурова Р. вобаста карда шудааст ё не?. Инчунин, суди марҳилаи якум

оид ба даъвои Ғафурова Р. дар бораи тарз ва усули бартараф намудани монегӣ ҳалнома қабул накардааст.

Ё, мисоли дигар Чақалов С. бо ариза дар бораи бекор кардани қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ аз 26 ноябри соли 2014, таҳти №1671, барқарор кардани ҳуқуқи вайронгардида вобаста ба истифодаи қитъаи замин, боздоштани иҷрои қарори мазкур то моҳиятан баррасӣ шудани баҳси мазкур ба суд муроҷиат намуда, аризаи худро бо он асоснок кардааст, ки дар асоси амри прокурори ноҳияи Рӯдакӣ бо қарори, таҳти №1671 аз 26 ноябри соли 2014 қитъаи замини зери роҳи истифодаи умумӣ воқеъ дар деҳаи Ҷуйбодом, Ҷамоати деҳоти Чортеппа, ноҳияи Рӯдакӣ ба ҳолати аввала баргардонида шуда, аз дарвозаи оҳанин озод карда шудааст. Амри прокурор ва қарори зикршуда бармаҳал ва беасос буда, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ӯ ва аъзоёни оилаашро ҳалалдор месозанд. Зеро ӯ тӯли 70-80 сол ин қитъаи замин ва манзили зисташонро истифода бурда, то имрӯз ба давлат маблағи андозро пардохт карда истодааст. Бинобар ин, аз суд хоҳиш намудааст, ки қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ аз 26 ноябри соли 2014, таҳти №1671 бекор карда шуда, ҳуқуқи вайронгардидаи онҳо вобаста ба истифодаи қитъаи замин барқарор карда шуда, инчунин иҷрои қарор то моҳиятан баррасӣ шудани баҳси мазкур боздошта шавад.

Бо ҳалномаи суди шаҳри Ваҳдат аз 07 феврали соли 2019 аризаи ёдрасшудаи Чақалов С. рад карда шудааст. Бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Ол ҶТ аз 15 майи соли 2019 ҳалномаи суди шаҳри Ваҳдат аз 7 феврали соли 2019 аз рӯи аризаи Чақалов Сайфулло нисбати шахси манфиатдор Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ дар бораи бекор кардани қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ аз 26 ноябри соли 2014 таҳти №1671, барқарор кардани ҳуқуқи вайронгардида вобаста ба истифодаи қитъаи замин, боздоштани иҷрои қарори мазкур то моҳиятан баррасӣ шудани

баҳси мазкур, бекор карда шуда, парванда ба баррасии нави судӣ ирсол карда шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 200 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалнома бояд қонунӣ ва асоснок бошад. Суд ҳалномаро танҳо бо он далелҳое асоснок менамояд, ки дар маҷлиси судӣ  таҳқиқ гардидаанд. Суди марҳилаи якум бошад ин талаботи қонунро madди назар карда дар маҷлиси судӣ ҳолатҳои корро пурра муайян накарда, бармаҳал аризаи Чақалов С.-ро рад кардааст. Тавре аз маводи парванда бармеояд  аз ҷониби прокурори ноҳияи Рӯдакӣ санҷиши қитъаи замини Чақалов С. гузаронида шуда, барои бартараф кардани монеагии эҷоднамудаи шаҳрванд Чақалов С. амри прокурор оид ба бетаъхир бартараф намудани қонунвайронкунӣ аз тарафи бародарон Чақаловҳо баровар да шуда, амри мазкур барои иҷроиш ба раиси ноҳияи Рӯдакӣ ирсол карда шудааст. Суди марҳилаи якум ин ҳолатро пурра  насанҷида, аз прокуратураи  ноҳияи Рӯдакӣ маводи санҷиширо талаб накарда, мавриди таҳқиқ қарор надодааст.

Дар асоси амри прокурори ноҳияи Рӯдакӣ,  қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ аз 26 ноябри  соли 2014, таҳти №1671 дар бораи бартараф кардани монеагӣ бобати ғасб кардани қитъаи замин ба тариқи кандани дарвозаи оҳанини шинондаи оилаи Чақаловҳо, бародарон Сайфулло, Абдулло ва Маҳмадӣ, инчунин ба ҳолати аввала баргардонидани қитъаи замин ба имзо расидааст. Суди марҳилаи якум аризаи Чақалов С.-ро  дар бораи беэътибор донистани қарори мазкур рад намуда, муайян накардааст, ки бо чаппа намудани дарвоза оё монеагии ба миён омада бартараф  карда мешавад ё не. Зеро аз хулосаи экспертизаи комплексии судии муҳандисию сохтмонӣ ва таҳқиқи заминшиносӣ аз 14 октябри соли 2016 дида мешавад, ки оилаи Чақаловҳо ҳанӯз соли 1965 дарвозаи оҳанин гузоштаанд ва хонаи истиқоматӣ бо ошхона сохтаанд. Аз ҳамон давра инҷониб ин қитъаи заминро истифода мебаранд. Дар коллегияи

судӣ тарафҳо нишон додаанд, ки барои гузаштан бо ин роҳ аз ҷониби Чақаловҳо барои сокинони деҳа монеагӣ эҷод карда намешавад, аммо оилаи Обидовҳо мехоҳанд, аз қитъаи замине, ки Чақаловҳо онро аз соли 1965 инҷониб истифода бурда истодаанд, роҳи мошингард кушода шавад. Суди марҳилаи якум ба ин ҳолатҳо низ баҳои ҳуқуқӣ надодааст. Муайян карда нашудааст, ки дарвозаи оҳанин, ки бо қарори раиси ноҳия аз байн бардоштани он зикр шудааст, манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи кадоме аз шахсонро халалдор кардааст, ки аз соли 1965 инҷониб онро Чақаловҳо истифода бурдаанд. Ба ғайр аз ин, дар вақти гузаронидани баҳисобгирии давлатии заминҳои соли 1996 аз тарафи ИДЛЗ "Тоҷикзаминсоз" қисми роҳи кӯча ба ҳолати васеии ҳамонвақта ҳамчун замини наздиҳавлигӣ нишон дода шудааст. Суди марҳилаи якум муайян накардааст, ки баҳисобгирии давлатии заминҳои соли 1996, ки аз ҷониби ИДЛЗ "Тоҷикзаминсоз" гузаронида шудааст, асос барои истифодабарии қитъаи замин мегардад ё не?. Оид ба ин масъала мутахассисонро ба кор ҷалб накардааст. Суди марҳилаи якум Ҳалимов С.С.-ро ҳамчун намояндаи Кумитаи идораи замин ва Абдуназарзода Ф.А.-ро намояндаи Ҷамоати деҳоти Чортеппа бе ваколатнома роҳ дода, оно дар маҷлиси судӣ иштирок карда баёнот додаанд.

Мисоли дигар, Сафарова Ф.Ш. ба суд ба ҷавобгарии Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода, Сафаров Рустам Абдужаборович, Ҷамолов Фахриддин Садридинович ва Файзуллоева Башоратхон Нарзулоевна дар бораи беэътибор донистани шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ва беэътибор донистани розигӣ, муроҷиат намуда, онро чунин асонок кардааст, ки бо ҳалномаи суди шаҳри Турсунзода аз 2 октябри соли 2018 манзили истиқоматӣ воқеъ дар шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 4, бинои 20, ҳуҷраи 74 моликияти муштараки ӯ ва Сафаров Р.А. эътироф карда шудааст. Аммо Сафаров Р.А. санаи 20 октябри соли 2018 манзили баҳсиро ба воситаи намоянда

Ҷамолов Ф.С. ба Файзуллоева Б.Н. ғайриқонунӣ фурӯхта, ӯ ва 5 фарзандашонро бе манзил мондааст. Баъд боз ба ӯ маълум гардидааст, ки ҷавобгар ӯро фиреб дода, гӯё барои бурдани кӯдакон ба Россия розигии ӯро ба тариқи нотариалӣ гирифтан, аз номи ӯ 4 апрели соли 2016 розигӣ барои фурӯхтани манзили баҳсӣ гирифта будааст. Аз суд хоҳиш намудааст, ки шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ аз 20 октябри соли 2018 ва розигии ӯ аз 4 апрели соли 2016, беэътибор дониста шавад. Бо ҳалномаи суди шаҳри Турсунзода аз 21 феврали соли 2019 аризаи даъвогии Сафарова Ф.Ш. рад карда шудааст. Бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии ҶТ аз 29 майи соли 2019 ҳалномаи суди шаҳри Турсунзода аз 21 феврали соли 2019 бекор карда шуда, парвандаи мазкур ба баррасии нави судӣ фиристода шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 70 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], суд ба далелҳо аз рӯи эътимоди ботинии худ баҳо медиҳад, ки он ба таҳқиқи ҳамаҷониба, пурра, объективона ва бевоситаи далелҳои дар парванда мавҷудбуда асос меёбад. Суд дахлдорӣ, ҷоизӣ, саҳеҳии ҳар як далелро дар алоҳидагӣ, инчунин басандагӣ ва алоқаи мутақобилаи ин далелҳоро дар маҷмуъ баҳо медиҳад. Суди марҳилаи якум бархилофи талаботи моддаи мазкур баёнотҳои даъвогар Сафарова Ф.Ш. ва шоҳид Сафарова Д.Р.-ро оиди он ки соли 2016 дар идораи нотариалӣ барои ба Россия бурдани ӯ ва фарзандонашон ба кадом ҳуҷҷат имзо гузоштааст, ба инобат нагирифтааст, ки гӯё барои тасдиқи он ягон далел пешниҳод накардааст. Чунин хулосаи суди марҳилаи якум ба ҳолатҳои воқеии кор мувофиқат намекунад, зеро розигӣ барои фурӯхтани манзили баҳсӣ аз 4 апрели соли 2016, ки нотариуси давлатӣ дурустии имзои Сафарова Ф.Ш.-ро дар он тасдиқ кардааст, ба забони русӣ тартиб дода шудааст. Суди марҳилаи якум бошад ин далелро мавриди таҳқиқи ҳамҷониба ва

муҳокима қарор надода, муайян накардааст, ки оё Сафарова Ф.Ш. забони русиро модонист ё не?.

Мутобии талаботи қисми 2 моддаи 64 КМГ Ҷмҳурии Тоҷикистон [10] ҳолатҳое, ки бо санади эътибори қонунӣ пайдокардаи судӣ оид ба парвандаи граждании қаблан баррасигардида муқаррар шудаанд, барои суд ҳатмӣ буда, онҳо ҳангоми баррасии дигар парвандаи гражданӣ, ки дар он ҳамин шахсон иштирок менамоянд, аз нав исбот карда намешаванд ё мавриди баҳс қарор намегиранд.

Тавре аз ҳалномаи суди шаҳри Турсунзода аз 2 октябри соли 2018 бармеояд, манзили истиқоматӣ воқеъ дар шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 4, бинои 20, ҳуҷраи 74 моликияти муштараки Сафарова Ф.Ш. ва Сафаров Р.А. эътироф карда шудааст. Аммо суди марҳилаи якум баъди тибқи ҳалномаи зикргардида ҳолати ҳуқуқии манзили баҳсӣ муқаррар шудан, яъне моликияти муштараки Сафарова Ф.Ш. ва Сафаров Р.А. эътироф карда шудан, Сафарова Ф.Ш. барои бегона кардан розигиашро надодааст ба инобат нагирифта, бармаҳал даъворо рад кардааст.

Тибқи бандҳои 13 ва 14 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҷрибаи судии аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузори ҳангоми баррасии баҳсҳои вобаста ба беэътибор донистани шартномаҳои хариду фуруши хонаи истикоматӣ аз 16 декабри соли 2004 таҳти №11 (бо тагйиротхо аз 19 марти соли 2009 ва аз 24 декабри соли 2010 сол) харидори (ба дастоварандаи) бовиҷдон шахсе эътироф карда мешавад, ки агар хонаи истиқоматиро бо подош аз шахсе ба даст овардааст, ки ҳуқуқи бегона кардани онро надошт ва ба дастоваранда аз ин огоҳ набуд ва огоҳ буда ҳам наметавонист (қисми 1 моддаи 323 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳрири 1999с). Шахсе, ки дар вақти бастани аҳд бепарвоӣ зоҳир намудааст (хонаи истиқоматӣ ё квартираро аз назар нагузаронидааст, дар бораи он ки хонаи баҳсӣ аз ҳуқуқҳои шахсони сеюм ба он озод мебошад эътимоднок нашудааст ва ғайра) ё ин ки бо

ҳаракатҳои худ бо бастани аҳди ғайриқонунӣ мусоидат намудааст, ба дастоварандаи бовиҷдон эътироф карда намешавад. Аз шартномаи хариду фурӯши манзили истикоматии баҳсӣ аз 20 октябри соли 2018 байни Сафаров Р.А. дар намояндагии Ҷамолов Ф.С. ва Файзуллоева Б.Н. бармеояд, ки он ҳангоми дар суд мавриди баррасӣ қарор доштани баҳс байни ҳамсарон Сафарова Ф.Ш. ва Амонов О.Н. баста шуда, манзил ҳануз аз ҳуқуқҳои шахсони сеюм, яъне ҳамсар ва кӯдакони тарафҳо озод нашуда буд.

Дигар мисол, бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии ҶТ аз 27 феврали соли 2019 таъиноти суди ноҳияи Рӯдакӣ аз 12 ноябри соли 2018 дар бораи баргардонидани шикояти кассатсионӣ аз болои ҳалномаи суди ноҳияи Рӯдакӣ аз 20 марти соли 2017 аз рӯйи парвандаи гражданӣ бо аризаи Отставнов Владимир Евгеневич дар намояндагии Акобирова Дилбар Эмомалиевна, шахси сеюм Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ оид ба муайян намудани ҳолати марбутияти ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуқарраркунанда ба манзил, бекор карда шудааст.

Бобоҷонова С. дар намояндагии Раҳимова Ш. нисбати ҳалномаи суди ноҳияи Рӯдакӣ аз 20 марти соли 2017 бо шикояти кассатсионӣ муроҷиат намудааст. Бо таъиноти суди ноҳияи Рӯдакӣ аз 12 ноябри соли 2018 шикояти кассатсионии Бобоҷонова С. дар намояндагии Раҳимова Ш. бинобар гузаронидани муҳлати овардани шикояти кассатсионӣ баргардонида шудааст. Тавре аз маводҳои парванда дида мешавад Бобоҷонова С. иштирокчии парванда набуда, ҳуқуқи ба тариқи кассатсионӣ мавриди шикоят қарор додани ҳалномаи мазкурро надорад. Аммо суди марҳилаи якум ин ҳолатро мадди назар карда, шикояти кассатсионии пешниҳодшударо бо сабаби гузаронидани муҳлат баргардонидааст.

Омӯзиш ва таҳлили парвандаҳое, ки санадҳои судии онҳо бекор карда шудаанд, собит сохт, дар фаъолияти баъзе аз судҳои ҷумҳурӣ камбудиҳо, аз қабили, саривақт баррасӣ накардани парвандаҳо ва арзу шикоятҳо, сифати пасти таҳияи санадҳои судӣ, риоя накардани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, беасос таҳия намудани ҳалномаҳои калонҳаҷми душворфаҳм, саривақт дар мухлатҳои муқарраршуда баррасӣ нагардидани парвандаҳо, бе асос бебаррасӣ монондани аризаҳо сари вақт таҳия нагардидани ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, ба таври дахлдор таъмин нашудани таҷрибаи ягонаи баррасии бархе аз парвандаҳои гражданӣ ба назар мерасанд.

Ҳамин тариқ қабули қарорҳои ғайриқонунии судҳо боиси вайрон гардидани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо ва давлат шуда, ба харҷи маблағҳои зиёдатӣ, ба гирифтани вақти мардум, ташвишу саргрдонии иштирокячиёни мурофиаҳои судӣ оварда мерасонад. Зеро таъмин нагрдидани талаботи қонун оид ба таъмин нагардидани адолати судӣ, иҷрои саривақтии санадҳои судӣ норозигии тарафҳои манфиатдори парвандаҳои судиро ба миён оварда, афкори манфии мардумро нисбати судяҳо ба миён оварда, обрую эътибори ҳокимияти судиро коста менамояд.

Дар як ҳолат шуури ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи махсусе муайян карда шудааст, ки бевосита ё бавосита бо ҳуқуқ айният дода шудааст, дар дигар ҳолат бошад ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудо карда шуда, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа: ҳуқуқ - ба шуури ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ бошад - ба сиёсӣ ё маънавӣ мутаносибан дониста шудааст.

Мантиқи чунин мулоҳиза асос медиҳад изҳор кард, ки ҳуқуқ табиати дугона дорад: он ҳақиқатро дар шакли таассурот, ғояҳо ва арзёбӣ инъикос дода, ҳамзамон ҳамчун танзимгари мустақили муносибатҳои иҷтимоӣ баромад мекунад.

Пеш аз он ки бевосита ба омӯзиши нақши шуури ҳуқуқӣ дар шуури ҳуқуқии касбии судя гузаштан, зарур аст, ки унсурҳои алоҳидаи сохтории онро, ки дорои аҳаммият ва ҷузъҳои алоҳидаи таркибии худ мебошанд, ҷудо карда шаванд.

Якум, ҳангоми муайян кардани тамсилаи шуури ҳуқуқии касбии судя унсури асосии он пайванди мантиқӣ-меъёрӣ мебошад, ки он ҳаҷм ва амиқии донишҳои ҳуқуқӣ, сатҳи тафаккури ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дониши ҳуқуқӣ категорияи мушаххаси ченшавандаро ташкил дода, сохтори худро дорад ва ба донишҳои асосӣ, соҳавӣ, ибтидоӣ ва дуюмдараҷа дар бораи ҳуқуқҳои амалкунанда ва қонуниятҳои алоҳидаи фаъолияти он тақсим мешавад.

Дуюм, як қисми шуури ҳуқуқии касбии судя, ки сарчашмаи равонӣ дорад, эҳтироми баланд нисбат ба ҳуқуқ ва эътиқод ба зарурати иҷрои бошууронаи талаботи он, дарки ҳуқуқро ҳамчун арзиши олии ҷамъиятӣ ташкил медиҳад.

Сеюм, самт ба рафтори фаъоли ҳуқуқӣ ва аз ҷиҳати касбӣ аҳаммиятнок пешбинӣ мекунад: омодагӣ ба иҷрои вазифаи касбӣ, татбиқи дақиқ ва қатъии талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, риояи принсипҳо дар мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо, талош барои адлу адолат, эътирофи зарурати такмили худ.

Чуноне бармеояд, шуури ҳуқуқии касбии судя на фақат аз инъикоси худи ҳуқуқ, нчунин ҷамъи воқеъияти ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, назарияҳои илмҳо ҳуқуқшиносӣ, барномаю консепсияҳо ва ғайраҳо иборат мебошад.

Дар баробари ғояҳо, таассурот, ки дастовардҳои шуури инсонӣ мебошанд, инчунин, дар шуури ҳуқуқӣ намудҳои гуногуни низоми донишҳои ҳуқуқӣ, арзишҳо, афзалиятҳо, гуногунии таассурот дар бораи тарзу усулҳои танзими ҳуқуқӣ, ақидаю андешаҳои беҳтари ҳуқуқӣ ва

афкоре, ки ба майл доштани вусъат додани кухнапарастии ҳуқуқӣ шомиланд, ҷамъ оварда мешавад.

Азбаски шуури ҳуқуқӣ, яке аз унсурҳои шартҳои объективии ба шакли муайян даровардани фаъолият ва вусъадҳии ҳуқуқ аст, он гоҳ дар шуури ҳуқуқӣ кадом ақдаҳои ҳуқуқӣ болотар аст, чӣ гуна арзишҳое, ки дар шуури ҳуқуқии касбии судя қарор доранд, ба арзишҳо ва мақсадҳои идеалии ҳуқуқ мутобиқанд, ҳамон қадар ҳуқуқ танзимгари амалияи судии холисона шуда метавонад. Дар ин ҷиҳат, ҳуқуқ объекти таъсиррасонӣ ба шуури касбии ҳуқуқии судя буда, охирин ҳамчун воситаи субъективии баамалбарории ҳуқуқ баромад мекунад.

Ҳуқуқ - мустаққилияти нисбӣ, мухторият дошта, дар «мантиқи ҳуқуқӣ», ки асосан дар ҳуқуқ бо самти органикӣ ба идеалҳо ва арзишҳои дараҷаи олӣ муайян карда шуда, ҳуқуқро тадриҷан ба ғояҳо ва принсипҳои асосноки таҳкурсӣ, номуташаккилӣ мебарорад, ифода меёбад. Аз ин рӯ, шуури ҳуқуқии касбии судяе, ки побанди қолабҳои идеологӣ аст, наметавонад моҳиятан ба мазмуни қонун таъсир расонад, вале метавонад ҳуқуқи манфиро зимни татбиқ намудани он тағйир диҳад.

Шуури ҳуқуқии касбии судя, сатҳи олии инъикоси равонии ҳақиқат аз тарафи судя, дар шакли образҳо ва мафҳумҳои умумишуда ба амал баровардани онҳо мебошад. Шуури ҳуқуқии касбии судяро дониши касбӣ, тафаккури касбӣ ташкил медиҳад. Дар ин ҷо маҳакҳо, арзёбии муайяни худӣ, нақши муҳимро мебозанд, ки дар байни онҳо ҳолати эҳсосии судя, муносибати уро нисбат ба ҳуқуқ ҷудо кардан лозим аст.

Барои ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судя тафаккури касбии у - яъне низоми ихтиёрдории иттилоотӣ - ҳуқуқии вазъият ба шарофати дастурҳои таъиноти касбӣ аҳаммияти махсус дорад, яъне ин самти ҷамъбастии судя дар ҳолатҳои мушаххаси касбӣ - ҳуқуқӣ оид ба ҳақиқат мебошад. Дар тафаккури судя хосиятҳои объективӣ ва алоқамандӣ байни падидаҳои ҳуқуқӣ, моҳияти хислатҳои умумии онҳо, ки дар шакли

мулоҳиза, фикру ақида ва фаҳмиш ифода меёбанд тамсила карда мешаванд.

Вобаста ба ин, мулоҳизаи судя бояд ҳамчун муқаррар намудани алоқамандии умумӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ - касбӣ ҳисоб карда шавад. Мулоҳизаҳои судя бояд дар худ меъёрӣ, саҳеҳӣ, расмиятнокии хулосаҳоро муттаҳид созанд. Онҳо махсусан бо воқеиятҳои қаблан санҷидашуда, қонуният, низоми фикру хулосаҳо асос меёбанд. Фикру мулоҳизаи судя - ҷамъбасти гурӯҳи якхелаи падидаҳои ҳуқуқӣ; гирифтани дониши нав аз донишҳои мавҷуда мебошад. Хулосаи судя набояд аз доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун берун барояд.

Падидаи «ҳуқуқ» ба мафҳуми мазкур мазмуни ҳуқуқӣ медиҳад ва пайвастии он  бо падидаи «шуур» муайян намудани мавқеи падида дар низоми ҳастии умумии фарҳангиро пешбинӣ мекунад. Ҳуқуқ ҳамчун воқеияти объективӣ амал  намуда, вокуниши субъективии судя нисбат ба шуури ҳуқуқии у мебошад.

Нуқтаи назари Гамбаров Ю.С., ки ташаккули шуури ҳуқуқиро, ҷараёни суст ва на ҳамеша рост, самт - аз содда ба мураккаб мешуморид, ҳанӯз ҳам рӯзмарра мебошад. Гамбаров Ю.С. бар ин назар аст, ки ҳуқуқ ба шуури ҳуқуқии судя тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсир мерасонад [175, с. 3-13].

Муносибати тамоман дигар нисбат ба мафҳуми шуури ҳуқуқии судя ба Петражитский Л.В. тааллуқ дорад, мешуморид, ки ҳуқуқ дар психологияи шахсият ба вуҷуд меояд [117]. Айнан ҳамин гуна нуқтаи назарро Трубетской Э.М. дастгирӣ намуда, мешуморид, ки сарчашмаи ибтидоии ҳуқуқ шуури судя мебошад, аз ин лиҳоз, қувва ва таъсирнокии ҳуқуқи позитивӣ (мусбӣ) бо ҳамон меъёрҳои ҳукқуқии нонавишта, ки дар умки шуури судя ҷой гирифтаанд, асоснок карда мешавад [175, с. 3-13].

Кистяковский Б.А. бошад, шуури ҳуқукии судяро ҳамчун ташаккули принципҳои ғайриҳуқуқӣ, маънавӣ ва ангезаҳои динӣ

медонист. Олим изҳор мекард, ки меъёрҳои ҳуқуқ ва меъёрҳои ахлоқ дар шуури судя ба қадри кофӣ ҷудо карда нашуда, дар ягонагӣ арзи вуҷуд доранд [175, с. 15].

Шуури ҳуқуқии намояндагони касби ҳуқуқшиносӣ махсусияти худро дошта, барои ташаккули намуди хоси шуури ҳуқуқӣ, ки ихтисоси ҳуқуқӣ таъллуқ дорад, хизмат мекунад ва барои ҳар як гурӯҳи касбии ҳуқуқӣ хос мегардад ва онро метавон ҳамчун шуури махсуси ҳуқуқии касбӣ муайян кард. Ба ақидаи Ратинов А.Р., «маҷмуи чунин унсурҳои шуури ҳуқуқие, ки ба гуруҳи ҷудогонаи инсонҳо вобаста ба фаъолияти касбиашон хос аст, метавон махсусгардонида шуморид» [125, с. 185].

Барои шуури ҳуқуқии касбии махсусгардонида сатҳи муайяни дониш вобаста аз соҳаи ҳуқуқ, ки шахс дар рафти кораш бештар бо он сарукор дорад, хос мебошад.

Ҷиҳати муайян кардани мафҳуми ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ талаботи зерини умумӣ аҳаммият доранд: риояи қатъии қонун; эҳтиром ба принсипҳои қонун; омода будан на танҳо ба риоя, балки ба ҳифзи принсипҳои қонуният; донистани меъёрҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти касбии субъекти шуури ҳуқуқии касбииро танзим мекунанд; риояи муқаррароти Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ [133, с. 25].

Унсурҳои сохтории шуури ҳуқуқии касбӣ сатҳи дарки падидаҳои иҷтимоию ҳуқуқиро муайян мекунанд. Ҳамин тариқ, ба ақидаи А.В. Грошев, сохтори шуури ҳуқуқии касбӣ ҷузъҳои эҳсосӣ-арзёбӣ, иттилоотию маърифатӣ ва рафторӣ-танзимкуниро дар бар мегирад, ки ҳам дар марҳилаи гирифтани таҳсилоти ҳуқуқӣ ва ҳам дар ҷараёни амалисозии малакаҳои бадастомада ташаккул меёбанд [71, с. 8-9].

Ғайр аз ин, ҳангоми таҳқиқи сохтори шуури ҳуқуқии касбӣ онро бояд дар назар дошт, ки он ташкилаи мустақил набуда бояд дар заминаи муносибатҳои иҷтимоӣ пешниҳод карда шавад, зеро аз рушду инкишофи онҳо вобаста аст.

Шуури ҳуқуқии касбӣ як қатор аломатҳои махсус дорад, ки дар асоси онҳо дар бораи мавқеъ ва нақши махсуси он сухан рондан мумкин аст [135, с. 19]: барандаи шуури ҳуқуқии касбӣ шахсе баромад мекунад, ки фаъолияти касбии у бо ҳуқуқ ва меъёрҳои он алоқаманд аст; манбаи иттилоотии чунин шуури ҳуқуқӣ таҳсилоти миёнаи махсус дар коллеҷҳои ҳуқуқшиносӣ, таҳсилоти олии ҳуқуқӣ ва дуюми олӣ, инчунин мавҷудияти дараҷаи магистрӣ ё илмӣ мебошад; ба шуури ҳуқуқии касбӣ самти возеҳи предметӣ хос аст, ки зери он донистани ҳақиқати ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, қобилияти татбиқи малака ва салоҳиятҳои бадастомада дар амалия - дар фаъолияти касбӣ фаҳмида мешавад; шуури ҳуқуқии касбӣ мавҷудияти асосҳо ва ҷаҳонбинии ҳуқуқиро, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии барои ҷомеа ва давлат муҳим мебошанд, пешбинӣ менамояд [58, с. 20].

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулоса омад, ки шуури ҳуқуқии касбӣ хусусиятҳои нав пайдо карда, тахти таъсири ҷустуҷӯҳои ботинӣ, эътиқоди маънавӣ, ақидаҳои сиёсӣ ва вазъи иқтисодии ҷомеа ва кишвар тағйир ёфта, ба омили фаъоли ташаккулёбии фаъолияти ҳаёти ҷамъият табдил ёфта, ҳамзамон сарбории функсионалӣ дорад. Шуури ҳуқуқии касбӣ ҷиҳати бартараф намудани фаҳмиши қонун ба сифати маҷбуркунӣ, аз боло фишороваранда, қоидаҳои ҳатмии рафтори ҷоринамуда ва инчунин ба ташаккули фаҳмиши санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ба сифати асосҳои озодӣ, риояи манфиатҳои давлатӣ ва шаҳрвандӣ, нигаҳдории ҳуқуқҳое, ки давлат кафолат додааст, равона карда шудааст.

Зери фаъолияти ҳуқуқӣ - фаъолияте фаҳмида мешавад, ки бо чунин танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ, ба амсоли ҳуқуқ алоқаманд аст [155]. Ба ин фаъолияти ҳуқуқии давлат (илми ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, адлия, адолати судӣ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва назоратӣ ва ғайра) ва фаъолияти ҳуқуқии шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дохил мешаванд [174, с. 175-185; 87].

Таҳти хавфҳои ботинӣ - маънавӣ дар фаъолияти ҳуқуқӣ ва илми ҳуқуқшиносӣ бояд омили инсонӣ, ки бо синои маънавию ахлоқӣ ва сатҳи ботинӣ - маънавии шахс ва шахси мансабдоре, ки ба кори ҳуқуқшиносӣ сару кор дорад ва ё қарорҳои муайян, аз қабили санадҳои судӣ, қарорҳои мақомоти прокуратурақ абул мекунанд, дар мақомоҳои давлатӣ вазифаҳои идоракунии давлатӣ ва ё корпоративиро ба амал мебароранд, фаҳмида мешавад.

Асоси назариявии фаъолияти ҳуқукро илми ҳуқуқшиносӣ таъмин мекунад, ки дар фаъолияти худ на ҳамеша принсипҳои баланди маънавию ахлоқиро ба роҳбарӣ мегирад. Дар натиҷаи фаъолияти ҳуқуқӣ меъёру қоидаҳо таҳия гардида, амнияти ҷисмонӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ ва ахлоқии инсон, ҷомеа ва давлат таъмин мегардад. Қарорҳое, ки ҳангоми ҳуқуқтатбққунӣ дар рафти фаъолияти ҳуқуқӣ қабул карда мешаванд, бевосита аз шахс ё гурӯҳи шахсоне, ки дорои ваколатҳои муайяни салоҳият доранд (таҳқиккунандаҳо, муфатишҳо, прокурорҳо, судяҳо, судҳо, шахсони мансабдор, раисони шаҳру ноҳияҳо ва ғайраҳо шуури ҳуқуқии намояндагони) вобастаанд ва оромию амнияти инсон, ҷомеа ва давлат аз онҳо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, қонун ва ҷомеа бояд нисбат ба онҳо, аз ҷумла ба сатҳи маънавию ахлоқии инсон талаботи зиёд гузорад.

Мутаассифона, дар сатҳи қонунгузорӣ нисбат ба сатҳи маънавию ахлоқии номзад ба ин ё он мансаби интихоботии давлатӣ ва ё ҳукуматӣ, аз ҷумла, судяҳо ягон талабот пешиҳод карда намешавад. Айнан ҳамин гуна вазъият нисбат ба дигар ҳуқуқшиносони амалкунанда, ки манфиатҳои ташкилотҳо ва шаҳрвандонро ҳимоя мекунанд, мушоҳида карда мешавад.

Ҳастии касбӣ бо омилҳои сершумор муайян карда мешавад, дар байни он - ҷой ва аҳаммияти ҳамон фаъолияти касбӣ дар ҷамъият, ки татбиққунандаи ҳуқуқ ба он машғул аст, самт, дарки ин фаъолият аз ҷониби ҷомеа, мақсаду ҳадафҳое, ки бартарияти тафаккури касбии

татбиққунандаи ҳуқуқро ташкил медиҳанд, муайян карда мешавад [270, с. 120].

Байни ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқии касбии судя алоқамандии зич вуҷуд дорад. Он ҳам дар таъсири шуури ҳуқуқӣ ба ҳуқуқ ва ҳам баръакс дар таъсири ҳуқуқ ба шуури ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Ин таъсир пеш аз ҳама дар ҷараёни ташаккули ҳуқуқ зоҳир гардида, дар мархилаи ниҳоии он - марҳилаи қабули қарор хеле намоён мегардад ва он аст, ки маҳз шуури ҳуқуқии касбии судя таассуротро дар бораи зарурати қабули қарорҳои даркшуда, касбӣ ва одилона ба вуҷуд меорад. Шуури ҳуқуқии касбӣ дар марҳилаи мазкури фаъолияти судя аҳаммияти муҳим дорад, инчунин бевосита ба риояи қонунҳо аз ҷониби аъзоёни дигари ҷомеа таъсир мерасонад.

Бо дарназардошти принсипҳои таъсири қонун тавассути ғояҳои ҳуқуқӣ ба ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судя ақидаи мутавозини Сапун А.В. мебошад, ки одилона мешуморад, ки ҳуқуқ ба шуури ҳуқуқии судя дохил намудани ғояҳои пешрафтаи ҳуқуқ, принсипҳо ва таассурот мусоидат мекунад. Ғояҳои пешрафта ва таассурот, ки дар асоси санади муайяни судӣ гузошта мешаванд, аввалан ба судяҳои алоҳидаи дорои сатҳи баланди хабардории ҳуқуқӣ тааллуқ доранд. Баъдан, ин ғояҳо шакли тимсолро гирифта, сарвати тамоми ҷомеа мегарданд, онҳо васеъ паҳн гардида. аз ҷониби ҳамаи аъзоёни ҷомеа қабул ва дарк карда мешаванд [131, с. 14].

Ҳуқуқ ба ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судя дар ҷараёни баамалбарории он низ таъсир мерасонад, алалхусус ҳангоми баррасии парванда ва махсусан дар ҷараёни татбиқи он (қабули санадҳои смудӣ). Фаъолияти татбиқи ҳуқуқи судя, ки бо принсипҳои қонуният, адлу адолат ва инсондӯстӣ асос ёфта, ба ташаккул ва рушди эҳсосоти мусбати ҳуқуқӣ, ба роҳ мондани шуури баланди ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Аммо, агар дар ҷараёни фаъолияти судӣ ба хатогиҳо, худсарӣ, қонуншиканӣ роҳ

дода шавад, ҳамаи ин қудрати ҳуқуқро тароза карда, худи ғояи адолатро поймол мекунанд. Муқаррар кардани шуури ҳуқуқӣ бо принсипҳои муайян танҳо дар ҳамон вақт имконпазир мегардад, агар шуури касбии ҳуқуқии судя дар сатҳи дастурҳои ҳуқуқии шахсият бо идеалҳои ҳақиқат, адлу адолат ва адолати судӣ фаро гирифта бошад.

Ҳамин тариқ, ҳарду падида – «ҳуқуқ» ва «шуури ҳуқуқӣ» бо ҳам алоқамананд. Онҳо якҷоя вуҷуд доранд ва инкишоф меёбанд, ба воситаи шуури ҳуқуқӣ ҳамдигарро дастгирӣ ва пурра мекунанд. Он бошад, дар навбати худ, инчунин раванди таъсири ҳуқуқро ба шуури касбии ҳуқуқии судя дар бар мегирад.

Моҳияти мафҳуми шуури ҳуқуқиро возеҳу равшан намуда, метавон дар бораи робитаи ноаён, вале мутақобилаи байни ҳуқуқ ва шахс изҳор кард, дар он ҳуқуқ, аз як тараф ба шахсият таъсир расонида, ҳамчун объекти он баромад мекунад, аз тарафи дигар фард ин таъсири ҳуқуқро қабул намуда, таъсири ин ҳуқуқро ба худ дарк мекунад.

Ғояи асосии нақши шуури ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судя, дар адабиёти муосир ҳамчун ғояи арзиши баланди иҷтимоии ҳуқуқ, зарурати риояи қатъии меъёрҳои ҳуқуқ ва риояи талаботи қонуният баромад мекунад.

Маҳз ҳамин ғоя мавриди баамалбарории тарбияи ҳуқуқии судяҳо бояд дар маркази таваҷҷуҳ бошад [33]. Аммо дар шуури ҳуқуқии шахс ҷанбаи арзёбӣ-маънавӣ баръало зуҳур меёбад, маҳз аз ҳамин сабаб тафаккури шахсият қодир аст, ки ба низоми ҳуқуқи амалкунанда оид ба мутобиқии он ба ниёзи иҷтимоӣ аз назари танқидӣ баҳо диҳад. Ба ин муносибат Розин В.М. аломатҳои зерини шуури ҳуқуқиро муайян мекунад: а) дорои хусусиятҳои ҳақиқати ҳуқуқӣ; б) алоқамандӣ бо проблемаи фарқияти ҳуқуқ ва қонун; в) ифода ёфтан бо тақсими меъёри эътимоднокӣ ба ҳақиқат ва самаранок; г) тавсиф ёфтан бо хусусиятҳои

объекте, ки дар ҷараёни дарки ҳодисаҳои олами атроф ба вуҷуд меояд [165, с. 15-19].

Ҳамин тариқ, нақши шуури ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ аз баамалбарории таъсиррасонӣ ба шуури ҳуқуқии касбӣ иборат мебошад, зеро муҳимтарин манбаи ташаккул табдил ва рушди он мебошад. Аммо мазмун ва самти ин таъсиррасонӣ ҳаммаъно набуда, аз сифати қонунгузорӣ, мувофиқати он ба талаботи воқеии ҷомеа вобаста аст. Ташаккули шуури ҳуқуқӣ инчунин тавассути таъсири ҳуқуқӣ ба шуури инсон ба амал меояд.

Бо назардошти он ки шуури ҳуқуқӣ ҳамсафари ҳуқуқ аст, мо метавонем хусусиятҳои умумии ба онҳо хосро ҷудо кунем, аз ҷумла: 1) онҳо ба низоми ягонаи ҳуқуқӣ дохил мешаванд; 2) вазифаҳои меъёриро иҷро менамояд; 3) бо сохтори муайян тавсиф меёбанд; 4) бо омилҳои умумии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, фарҳангӣ ва омилҳои дигар асос меёбанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулоса омад, ки шуури ҳуқуқӣ воситаи боқуввати таъсири зеҳнӣ ва маънавӣ ба шуури ҳуқуқии касбӣ буда, ба рушди таассуроти ҳуқуқӣ ва дониши инсон мусоидат мекунад. Илова бар ин, ҳуқуқ ба шуури ҳуқуқии касбии адолати судя тавассути воситаҳои мураккаби институтсионию ҳуқуқӣ (меъёрҳои ҳуқуқ, ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективӣ, санадҳои ҳуқуқӣ) ва маҷбуркунии давлатӣ таъсир мерасонад.

Шуури ҳуқуқии касбӣ ин маҷмӯи ақидаҳо, анъанаҳо ва эътиқоди шахсони касбӣ мебошад, ки мустақиман ба фаъолияти ҳуқуқӣ машғуланд. Ин гуна шуур дар асоси дониши касбии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалӣ ташаккул ёфта, судяҳо, прокурорҳо, адвокатҳо, мушовирони ҳуқуқӣ, вакилони мақомотҳои намояндагӣ ва дигар шахсони ҳирфаиро дар бар мегирад.Тарҳрезии дастурҳои бошууронаи ҳуқуқӣ ва самтҳои арзишӣ дар ҳуқуқшиносӣ, истифодаи онҳо дар амалияи ҳуқуқӣ, татбиқи ба

амал баровардани дастовардҳои афкори назариявӣ, принсипҳо ва арзишҳои ҳуқуқ бештар аз он вобаста аст. Шуури ҳуқуқии касбӣ пеш аз ҳама дар асоси амалияи ҳуқуқӣ ташаккул меёбад, аммо, аз тарафи дигар, воқеан инсонпарварӣ ва сатҳи воқеан касбии чунин амалия аз он вобаста аст.

Аз ин рӯ, сатҳи шуури ҳуқуқии касбии фард, аз шуури оддии ҳуқуқии вай сахт вобастагӣ дорад.

Шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ дараҷаҳо, ақидаҳо ва асосҳоеро таррозӣ менамояд, ки онҳо яке аз воситаҳои асосии фаҳмиш ва дақиқан татбиқ кардани меъёрҳои ҳуқуқ мебошанд.

Шуури ҳуқуқии касбии судя бо шуури ҷамъиятӣ, ки бо гуногунандешӣ, куҳнапарастӣ, мавҷудияти афкор, ақидаю таассуротҳои ҳуқуқии ҳархела ва ё бевосита муқобили якдигар, ҳамзамон эътиқод, парешонӣ, ноустуворӣ ва гумроҳӣ вобастагӣ дорад, тасвир мешаванд.

Ҳама судяҳо аз ҷиҳати шуури ҳуқуқии касбӣ як гурӯҳи якхела буда, ҷомеаи судяхоро ба миён меоранд. Асосҳои ҳуқуқии кору фаъолияти судяҳоро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян менамояд. Ягонагии низоми судӣ бо риояи қоидаҳои бо қонун муқарранамуда пешбурди судиро аз ҷониби ҳамаи судҳо ба анҷом расонидан, татбиқи дақиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъри ҳуқуқӣ, асосҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофгардидаи ҳуқуқи байналмилалӣ, эътироф намудани иҷрои ҳатмии санадҳои судие, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, бо қонунгузорӣ таҳким додани ягонагии мақоми судяҳо, маблағгузории судҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ; мустаҳкам кардани мавқеи ягонаи ҳуқуқӣ барои ҳамаи судяҳо мебошад.

Судяҳо санадҳои судиро дар бамалбарории адолати судӣ, қабул менамоянд, ки ин амал ба андешаи Бойков А.Д. «... як намуди фаъолияти

давлатие, ки суд бо роҳи дар муҳокимаҳои судӣ дар шакли махсус баррасӣ намудани баҳсҳое, ки ба доираи салоҳияти он мансуббуда амалӣ менамояд ва қабули санадҳои умумиҳатмӣ, ки бо маҷбуркунии давлатӣ мустаҳкам карда мешаванд, муайян карда шудааст, қабул менамояд» [55, с. 125]. Дар ин сурат бояд қайд кард, ки санади судӣ, бавоситаи шуури ҳуқуқии касбии судя қабул шудааст ва дар намуди ҷамъ, дониш дар бораи мавзуи мурофиаи судӣ мебошад.

Мебоист қайд кард, ки сифати санади судӣ асосан аз дониши ҳуқуқие, ки дар он зикр гардидааст, мукаммалӣ ва эътимоднокии он бевосита ба сатҳи шуури ҳуқуқии касбии судя вобаста аст.

Дар ҳолати вуҷуд надоштани дигаргуншавии шуури ҳуқуқӣ, судяро ба татбиқи дурусти қонун водор менамояд ва аз ин рӯ, ин ҳолат яке аз омилҳои муҳими қабули санади асоснок, қонунӣ ва одилонаи судӣ ба шумор меравад. Бе ёрии шуури ҳуқуқии касбии судӣ, ба дониши ҳуқуқӣ табдил додани маълумот дар бораи ҳодиса ва воқеият имконнопазир аст.

Бо ин ё он тарз шуури ҳуқуқии касбии судя дар арзёбии воқеияту ҳодисаҳои ҳуқуқӣ, ҳаллу фасли масъала ҷиҳати ҷоизи ва таносубии далелҳо, тафсир ва татбиқи меъёрҳо, ташаккули эътиқоди ботинӣ, омодасозии қарори суд ва ғайра иштирок мекунад.

Шуури ҳуқуқии касбии судя - як намуди шуури ҳуқуқии касбӣ мебошад, ки дар робита ва дар ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ ва таъмини адолати иҷтмоӣ ташаккул меёбад.

Омӯзиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо қисми ҷудонашавандаи таҳлили мураттаби ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ мебошад. Таҳқиқи хусусиятҳои хоси ташаккул ва фаъолияти шуури ҳуқуқии касбии судяҳо имкон медиҳад, ки ба амал баровардани салоҳдиди судӣ ҳангоми қабули санадҳои судӣ фаҳмида шавад.

Татбиқи салоҳияти судя оид ба амал баровардани адолати судӣ аз лаҳзаи ворид гардидани маводи парванда барои баррасӣ то баровардани

санади ниҳоии судӣ, бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ танзим карда мешавад. Баррасии фаъолияти судӣ танҳо ҳамчун мурофиавӣ метавонад ба тасаввуроти носаҳеҳ, дар бораи нақши шуури ҳуқуқии касбии судя - ҳамчун инъикоси фаъолияти мурофиавӣ оварад.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки шуури ҳуқуқии касбии судя - ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-равонӣ дорои сифатҳои вазифавӣ-сохторӣ буда, дар хислатҳои инфиродии судя зоҳир гардида, моҳияти шуури ҳуқуқии охиринро муайян намуда, табиати падидаи мавриди таҳқиқ қарордоштаро возеҳу равшан мекунанд. Шуури ҳуқуқии касбии судя - сатҳи олии инъикоси равонии ҳақиқат аз тарафи судя, дар шакли тасвирҳо ва мафҳумҳои умумишуда ба амал баровардани онҳо мебошад. Шуури ҳуқуқии касбии судяро дониши касбӣ, тафаккури касбӣ ташкил медиҳад. Дар ин ҷо ҳолати эҳсосии судя, муносибати ӯро нисбат ба ҳуқуқ муайян мекунад.

# БОБИ 2. ФАҲМИШИ ҲУҚУҚӢ ДАР РАВАНДИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНИИ СУДӢ

## 2.1. Масоил ва табиати фаҳмиши ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ

Масъалаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ ба қатори масъалаҳои асосии назарияи ҳуқуқ мансуб аст. Аҳаммияти ҷовидонаи ин мавзу аз он иборат аст, ки ҳуқуқ натиҷаи фаъолияти инсон буда, мазмун ва иҷрои (риояи) он аз шахс ва шуури ҳуқуқии ӯ вобаста аст. Аз ин рӯ, масъалаи фаҳмиши ҳуқуқӣ хулосаҳо дар бораи алоқамандии ҳастӣ ва шуур ҳаматарафа буда, ба ҳама гуна соҳаи муносибатҳо ва алоқаҳое, ки дар он шуур мавҷуд аст, дахл дорад. Ин муқаррароти умумиро бояд ҳамеша дар хотир дошт, зеро он ҳам барои илми ҳуқуқшиносӣ, ки фаъолияти ҳуқуқиро дар ҳаёти ҷомеа меомӯзад, ва ҳам барои амалиёти татбиқи ҳуқуқ, ки бо одамон сару кор дорад, аҳаммияти калидӣ дорад. Муҳим аст, ки дар бораи омили субъективӣ, шахсият ва шуури шахс фаромӯш накунем, зеро ин падидаҳо на танҳо бо худи шахсият, балки бо шароите, ки шахс дар он қарор дорад ё доштааст, алоқаманд мебошанд ва танҳо бо дарназардошти ин шароит метавон онҳоро дуруст дарк кард.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ танҳо ду равиши асосии фаҳмиши нақши ҳуқуқ дар раванди шуури ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст: а) дар муайян кардани алоқамандии ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ; б) дар муҳофизаи мухолифат байни ҳуқуқ ва шуур. Дар як ҳолат шуури ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи махсусе, ки бевосита ё бавосита бо ҳуқуқ мушобеҳ муайян карда, дар дигар ҳолат ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудо намуда, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мансуб медонанд: ҳуқуқ – ба ҳуқуқшиносӣ, шуури ҳуқуқӣ бошад - ба сиёсӣ ё ахлоқӣ.

Тавре Алексеев С.С. хулоса мекунад, шуури ҳуқуқии касбӣ ин фаҳмиш ва дарки ҳуқуқ мебошад, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони касбӣ дар асоси донишҳои назариявӣ ва таҷрибавии ҳуқуқӣ ташаккул меёбад [34, с. 212]. Фаҳмиши сатҳи сарсариёнаи ҳуқуқ, ки ба дарки аксиологии ҳақиқат асос меёбад нею, балки воқиф шудан аз моҳияти падидаҳои ҳуқуқӣ мушоҳидакарда мебошад. Вобаста ба ин, шуури ҳуқуқии касбӣ аз бо тартиби мураттаб, таҳлили дақиқ, мазмуни илмӣ, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ ва риояи қатъии сохтори баён аз шуури ҳуқуқии оддӣ фарқ мекунад. Он ҳамчунин аз шуури назариявӣ бо хусусиятҳои ташаккулёбии худ фарқ мекунад, ки ин дарбаргирии таълими ҳуқуқӣ, фаъолияти амалии ҳуқуқӣ, ҷузъи равонӣ ва татбиқи амалии донишҳоро дар ҷараёни фаъолияти меҳнатиро дар назар дорад.

Шуури ҳуқуқии илмӣ ҳамчун яке аз навъҳои шуури ҳуқуқии касбӣ қабул карда мешавад. Шуури ҳуқуқии илмӣ назарияҳо, консепсияҳо, ақидаҳои гуногунро оиди он ки ҳуқуқ, рафтори ҳуқуқӣ чист дарбар мегирад.

Дар манбаҳои ҳуқуқӣ мисолҳои зиёде вуҷуд доранд, ки дар онҳо шуури ҳуқуқии касбӣ ва илмӣ ба якдигар пайванд дода мешаванд. Бо вуҷуди ин, чунин муносибат ба назари мо комилан дуруст нест, зеро шуури ҳуқуқии илмӣ асосан зери таъсири дониш ва таълимоти назариявӣ ташаккул меёбад, дар ҳоле ки шуури ҳуқуқии касбӣ ба донишҳо ва таҷрибае такя мекунад, ки дар натиҷаи фаъолияти амалии татбиқи ҳуқуқ ба даст меояд. Гарчанд шуури ҳуқуқии касбӣ низ, монанди шуури назариявӣ, дар асоси донишҳои илмӣ оид ба ҳуқуқ ташаккул меёбад, аммо байни онҳо фарқияти амиқ вуҷуд дорад. Бисёре аз муаллифон таъкид мекунанд, ки доштани таҳсилоти махсус манбаи асосии ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ мебошад, зеро он барои азхуд намудани донишҳои махсус, ташаккули малака ва маҳоратҳои зарурӣ мусоидат мекунад. Сарчашмаи дигари муҳим таҷрибаи дар раванди фаъолияти

касбӣ ҷамъшуда мебошад. Аммо дар ин маврид сухан дар бораи таҷрибаи касбии ҳуқуқӣ меравад, ки метавонад дорои ду ҷиҳат бошад: ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ [34, с. 32-35].

Судяи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Шодиев Ш.Р. ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, дар пешниҳоди худ қайд менамояд, ки рӯзи 8 октябри соли 2008 ба Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе шаҳрванд Мирзоалиев Д.Қ. бо аризаи даъвогӣ муроҷиат карда, дар он бекор кардани акди никоҳи худ ва ҳамсараш (Мирзоалиеваро талаб намудааст. Аммо суд бо таъиноти худ аз 17 октябри соли 2008 бо назардошги моддаи 17 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, ки тибқи он «шавҳар ҳуқуқ надорад хангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним сол пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан ба суд оиди бекор кардани акди никоҳ даъво пешниҳод намояд», аризаи даъвогии ӯро бе баррасӣ гузоштааст. Ӯ қайд менамояд, ки моддаи 21 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати фарзандони ноболиғ доштани зану шавҳар... ё дар ҳолати ба бекор кардани никоҳ розӣ набудани зан ё шавҳар ва дигар ҳолатҳо бекор кардани ақди никоҳро аз тарафи суд пешбинӣ намуда бошад ҳам, аммо моддаи 17 Кодекси зикршуда бекор кардани ақди никоҳро бо ташаббуси шавҳар имконнопазир гардондааст ва шавҳар то бартараф гаштани ҳомиладории зан ва якунимсола шудани кӯдакаш имконияти бе розигии зан бекор кардани акди никоҳи худро надорад [212, с. 92-98].

Ба ақидаи ӯ, муқаррароти моддаи 17 Кодекси оила ба талаботи қисми 2 моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он «мардон ва занон баробарҳуқуқанд» ва қисми 2 моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он «дар оиладорӣ ва бекор кардани акди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд» мухолифат дошта, он баробарҳуқуқии конститутсионии марду занро дар масъалаи бекор кардани акди никоҳ маҳдуд месозад.

Аз ин рӯ, Шодиев Ш.Р. моддаи 17 Кодекси оиларо ба талаботи қисми 2 моддаи 17 ва қисми 2 моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ набуда ҳисобида, аз Суди конститутсионӣ беъэтибор донистани онро талаб намуда.

Суди конститутсионӣ ба хулоса омадаст, ки моддаи 17 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним сол пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан ба суд оиди бекор кардани акди никоҳ даъво пешниҳод намудани шавҳарро манъ менамояд, бо назардошти афзалияти тарбияи кӯдакон, ишти- роки якҷояи падару модар дар раванди нигоҳубини онҳо, даст- гирии моддию рӯҳии модар дар давраи ҳомиладорию баъди он, ғамхорӣ нисбати модару кӯдак, рушду камол ва таъмини бештари ҳуқуқу манфиатҳои онҳо қабул гардида, ба қисми 2 моддаи 17 ва қисми 2 моддаи 33 Конститутсия мухолифат надорад ва баробарҳуқуқии конститутсионии марду занро поймол намекунад [212, с. 92-98].

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин хулосаи худро бо он асоснок намудааст, ки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзишҳои миллӣ, нақш ва мақоми зан дар ҷомеаи Тоҷикистон ва принсипи ихтиёрӣ будани ақди никоҳи марду зан асос ёфта, он ба таҳкими бунёди муносибатҳои оилавӣ дар заминаи мухаббату эҳтироми якдигар, афзалияти тарбияи кӯдакон ва таъмини бештари ҳуқуқу манфиатҳои аъзои ноболиғи оила равона карда шудааст.

Минбаъд заминаҳои ҳуқуқии оила, баробарҳуқуқии марду зан дар муносибатҳои оилавӣ ва мавқеи модару кӯдак дар як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ инкишофи ҳамаҷонибаи худро ёфтаанд.

Аз ҷумла, моддаи 10 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки бо қатъномаи 2200 А (XXI)

Ассамблеям Генералии СММ аз 16 декабри соли 1966 қабул ва аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 1999 тасдиқ шудааст, чунин пешбинӣ менамояд: «Давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон эътироф мекунанд, ки:

1. Модарон бояд дар давоми давраи қобили қабул то таваллуд ва баъди он бо ғамхории махсус фаро гирифта шаванд...».

Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки бо қатъномаи зикршудаи Ассамблеям Генералии СММ аз 16 декабри соли 1966 қабул ва аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 1999 тасдиқ шудааст, пешбинӣ менамояд, ки «давлатҳои ширкаткунандаи Паймон бояд баром таъмини баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зану шавҳар дар мавриди ақди никоҳ, дар давраи дар никоҳи якдигар будан ва ҳангоми бекор кардани он тадбирҳои мушаххас андешанд. Дар ҳолати бекор карда шудани никоҳ бояд ҳимояи зарурии ҳамаи фарзандон пешбинӣ гардад» [212, с. 92-98].

Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, ки бо қатъномаи 44/25 Ассамблеяи Генералии СММ аз 20 ноябри соли 1989 кабул ва аз тарафи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 июни соли 1993 тасдиқ шудааст, муқаррар менамояд, ки «ба кӯдак барои инкишофи пурра ва ҳамаҷонибаи шахсияти ӯ зарур аст, ки дар муҳити оила, дар фазои хушбахтӣ, муҳаббат ва ғамхорӣ инкишоф ёбад» [212, с. 92-98].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътироф намудани санадҳои ҳуқуқии зикршудаи байналмилалӣ ва такя ба арзишҳои фарҳангии худ оиларо хамчун рукни муҳимтарини ҷомеа арзёбӣ намуда, ғояҳои асосии онҳоро дар Конститутсия ва қонунгузории худ инъикос намудааст.

Чунончӣ, қисми 2 моддаи 17 Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон баробарҳуқуқии марду занро дар тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ эълон намуда, принсипи мазкурро асоси бунёди оила меҳисобад.

Моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он «давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад», ба ҳифзи оила, модар ва кӯдак нигаронида шуда, фазои ҳуқуқиеро фароҳам овардааст, ки механизми иҷрои он дар Кодекси оила ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардидааст.

Суди конститутсионӣ қайд менамояд, ки принсипи баробарҳуқуқии марду зан дар масъалаи бекор кардани ақди никоҳ дар қаринаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии зани ҳомила, модари тифли ширхорадошта, афзалияти тарбияи кӯдак ва ғамхорӣ нисбати рушду камоли он ва таъмини бештари ҳуқуқу манфиатҳои модару кӯдак мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад, зеро меъёри «кӯдакон ба васоят ва кӯмаки махсус ҳақ доранд» талаб менамояд, ки ба кӯдакон ҳамчун ба шахсони ба камолоти ҷисмонӣ ва фикрӣ нарасида, ба ғамхории махсус ва муҳофизату тарбия мӯҳтоҷбуда муносибат намуда, дар ҳолати зарурии пешбининамудаи қонунгузорӣ ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро аз манфиати волидайнашон боло гузорем.

Моддаи 17 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи шавҳарро оид ба бекор кардани ақди никоҳ махдуд намуда, принсипи қонунгузории оиларо, ки тибқи он ҳуқуқи баъзе аз аъзои оила метавонад то андозаи барои ахлоқ, саломатӣ, ҳуқуқу манфиатҳои дигар аъзои оила зарур маҳдуд карда шавад, мушаххас менамояд. Дар ин ҳолат қонунгузор ҳадди баланди ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқу манфиатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии зани ҳомила, модари тифли ширхораро муқаррар намуда, талаби бекор намудани ақди никоҳро дар ҳолати пешбининамудаи моддаи 17 Кодекси оила аз ҷониби шавҳар манъ кардааст.

Муқарраароти пешбининамудаи қисми 6 моддаи 1 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он «ҳуқуқи шаҳрвандон дар оила дар асоси қонунгузорӣ дар бораи оила ва дар ҳадде, ки бо мақсади

муҳофизати ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ, ахлоқ, саломатии дигар аъзои оилаи шаҳрвандон лозим мебошад, маҳдуд карда мешавад» ба қисми сеюми моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он «маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон,... раво гониста мешавад» мувофиқ мебошад [212, с. 92-98].

Аз тарафи дигар, муҳимтарин ва арзишмандтарин самти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳама соҳаҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва ғайра хусусиятҳои ҷисмонию биологии зан ва мавқеи ҷамъиятии ӯ ҳамчун офаранда ва давомдиҳандаи насли инсоният ба эътибор гирифта шуда, он дар ягон ҳолат ба принсипи баробарҳуқуқии марду зан мухолиф гузошта нашудааст, яъне баробарҳукуқии мардону занон танҳо дар ҳолати ба эътибор гирифтани хусусиятҳо ва мавқеи ҷамъиятии дар боло зикршудаи зан пурра эътироф карда мешавад.

Ваҷҳи дигари Шодиев Ш.Р. дар хусуси он ки маҳдудияти пешбининамудаи моддаи 17 Кодекси оила танҳо ба мардон мансуб буда, занон дар давраи ҳомиладорӣ ва баъди таваллуди кӯдак то якунимсолагӣ дар бекор кардани акди никоҳи худ озод мебошанд ва ин ҳолат баръало аз нобаробарии марду зан дар бекор намудани ақди никоҳ шаҳодат медиҳад, бе асос мебошад.

Ин имтиёзи зан ба ҳеҷ ваҷҳ ҳидояти аз тарафи ӯ сӯистеъмол намудани мавқеи ҳуқуқиашро дар бекор кардани акди никоҳ надорад ва баръакс ин ҳолат бори дигар аз мавқеъ ва масъулияти он дар таваллуд, тарбия ва ба ҷомеа пешкаш намудани фарзанди солим шаҳодат дода, чунин муқаррарот ба қисми 1 моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикисон тавъам аст, ки тибқи он «модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд» [212, с. 92-98].

Агар мо муроҷиати судя ва хулосаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҷиҳати илмӣ ва фаҳмиши ҳуқуқии субъектони ҳуқуқтатбиққунӣ дида бароем, пас маълум мегардад, ки пешниҳоди судя оид ба мутобиқ набудани моддаи 17 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи қисми 2 моддаи 17 ва қисми 2 моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси мантиқӣ ва ҳуқуқӣ дорад. Гарчанде Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаи худ дар бораи мавҷуд будани ҳуқуқи субъекти дигар, яъне кӯдаки дар батни модар буда ва то давраи якуним солагии ӯ сухан ронда бошад ҳам, аммо судя дар пешниҳоди худ ин масъалаҳоро баҳс накардааст ва танҳо ӯ дар бораи баробарии ҳуқуқи марду зан ҳангоми бекор кардани ақди никоҳро баҳс намудааст. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар хулосаи худ ба ин ваҷҳи судя он қадар таваҷҷӯҳ зоҳир накарда, ба андешаи мо, бармаҳал ба чунин хулосабарорӣ омадааст. Агар ба асосҳои дар хулосаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда назар афканем, пас маълум мегардад, ки Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳлили санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дуруст ба хулоса омадааст, ки дар чунин ҳолатҳо ҳуқуқи субъекти дигари ҳуқуқ, кӯдакро ин санадҳо ҳифз менамояд, пас барои чӣ ин талабот ба зан низ зимни бекор кардани ақди никоҳ паҳн карда намешавад, ин ҳолат бе ҷавоб мондааст. Дар ҳоле ки масъулияти ҳам падар ва ҳам модар дар таваллуд, тарбия ва ба ҷомеа пешкаш намудани фарзанди солим баробар буда, дар оилаи пурра амалӣ намудани ин ҳадафҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқии касбиро метавон ҳамчун маҷмуи анъанаҳо, маърифат, ақидаҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ, ки дар амали субъектони фаъолияти касбӣ ба назар мерасад, муносибати онҳоро нисбат ба ҳуқуқ ифода мекунанд, шарҳ дод. Тавре қаблан қайд кардем,

вазифаи шуури ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки он шакли инъикос ва дарки ҷузъи таркибии ҳуқуқии ҷомеа мебошад [34, с. 32-35].

Фаҳмиши судя - дарки моҳияти падидаи мушаххаси ҳуқуқӣ ҳамчун гуногунии гурӯҳи муайяни чунин падидаҳо мебошад. Судя мафҳумҳоро барои тавсифи ин ё он ҳодиса (мисли баробарҳуқуқии марду зан, дуздӣ, сохтакорӣ, сӯиқасд ба куштор ва ғайра) истифода бурда, натиҷаҳои фаъолияти эҷодии равониро ҷамъбаст мекунад ва онҳоро бо меъёрҳои ҳуқуқии дар қонун муайяншуда мутобиқ месозад. Аз ин бармеояд, ки фаҳмиши касбии судя аз дониш, маданияти умумӣ ва таҷрибаи касбии ӯ вобаста аст.

Ба нақши фаҳмиши ҳуқуқ дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судя таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, муайян кардан лозим аст, ки дар шакли идрок умуман фаҳмиш баромад карда, «самти» шахсият дар ҷомеа мебошад. Шуур тарзи дарк, тафаккур, инъикоси мақсаднок ва табдили созандаву эҷодии ҳақиқат буда, ҳам ҷанбаҳои маърифатӣ ва ҳам эҳсосиро дар бар мегирад.

Фаҳмиш, воситаи зеҳнӣ-идрокӣ буда, бо худ ҷараёнеро ифода медиҳад, ки дар асоси он натиҷаи ҳаммонандкунӣ, дарк, арзёбии объекти фаҳмиш дар доираи ҳолати ба вуқуъомадаро ташкил карда, имкон медиҳад дар он самтро ёфта, интихоб, қарор қабул карда, дар асоси ин гуногунии донишҳои аллакай мавҷударо оид ба ин объекти фаҳмиш возеҳу равшан менамояд.

Фаҳмиш асоси паҳлуи маърифатии шуури судя мебошад. Судя маълумотро тавассути шуур ва асосан тавассути фаҳмиш қабул ва дарк мекунад. Фаҳмиши ҳуқуқ дар доираи паҳлуи маърифатии шуури ҳуқуқии судя бо ёрии усулҳои мушаххаси фаҳмиши ҳуқуқ, аз он ҷумла дарки ҳуқуқ, тавсиф, тавзеҳро дар бар мегирад, амалӣ мегардад.

Аз ин рӯ, таҳлили фаҳмиши мазмуну моҳияти санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар муҳокимаи як парвандаи ҷиноятӣ ба амал меояд, эҳтимол

кардан мумкин, ки ҳангоми ҷой доштани қидаҳои асосии фаҳмиши ҳуқуқӣ дар давраҳои муайяни муҳокимаи парванда амалҳои шабеҳ ба миён меоянд, нодуруст мебошад.

Аз ҷумла, яктарафагии айбдоркунӣ дар таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонуни ҷиноятӣ буд ва аслан бо сабабҳои сершумори ҳаёти боқӣ мемонад ва яке аз онҳо дар собиқ ИҶШС ин мансубияти расмии судҳо ба низоми мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва додани вазифаи муборизаи зидди ҷинояткорӣ мебошад.

Дар марҳилаи кунунии рушди давлати мо, дар чаҳорчуби дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии оғозшуда, барои ташаккули ҳокимияти мустақили судӣ заминаҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд, ки ин яке аз шартҳои решакан кардани яктарафагии айбдоркунандаи татбиқи судӣ мебошад.

Мебоист қайд кард, ки паҳлуҳои асосӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ, ин омӯхтани зидиятҳои ҳуқуқӣ ва равандҳои зеҳнии судя мебошад. Барои дарки амиқи қонуниятҳое, ки ба ин фаъолияти мушаххас таъсир мерасонанд, зарур аст масъала ва табиати фаҳмиши ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор гирад. Ин равиш табиатан ба таҳлили чунин падида, ба мисли шуури ҳуқуқӣ, иртибот пайдо мекунад.

Мо дарки моддии шуурро ҳамчун хусусияти майнаи инсон, ки дар натиҷаи эволютсияи инсон ва фаъолияти амалии ӯ ташаккул ёфтааст, асос мегирем. Шуур ҳамчун хусусияти майнаи инсон ба мо имконият медиҳад, ки ҷаҳонро бо мафҳумҳои абстрактӣ дарк кунем ва ин тавонмандӣ диққати моро ҷалб мекунад. Ҷараёни дарк кардани материя аз ҷониби инсон бе зуҳуроти хосияти умумии табиат инъикос кардан ғайриимкон аст. Таҷассум ҳамчун таъсири мутақобилаи дарки инсон дар ҳаёт на танҳо зуҳуроти ҳама гуна ҷараён, балки инчунин ҳамчун натиҷа низ маънидод мегардад.

Дар сатҳи манбаи фаҳмишӣ, ҳуқуқ ҳамчун зуҳуротӣ олӣ, яъне маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки қоидаҳои умумии ҳатмии рафторро муайян мекунанд, фаҳмида мешавад. Ин падида, ки дар сатҳи аршӣ ба осонӣ дарк мешавад, метавонад ва бояд ба таҳқиқоти назариявӣ низ табдил ёбад. Вале дар сатҳи назариявии фаҳмиш, ҳуқуқ дар шуури инсон на ҳамчун натиҷаи дарки маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки ҳамчун як падидаи абстрактӣ тасвир мешавад. Ин симо таъйини тафаккури муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ниёзҳои олӣ барои танзими онҳоро ифода мекунад. Ниёзҳои олӣ ин қоидаҳои рафтори олӣ ё қоидаҳои фикрӣ мебошанд, ки танҳо дар шуури шахс ё гурӯҳи одамон вуҷуд доранд.

Ҳамин тариқ, фаҳмиши ҳуқуқ дар сатҳҳои гуногуни фаҳмиш ба мо имкон медиҳад, ки ҳуқуқро на танҳо ҳамчун маҷмуи қоидаҳо, балки ҳамчун падидаи иҷтимоиву зеҳнӣ таҳлил кунем.

Хусусияти фаҳмиши ҳуқуқӣ якчанд лаҳзаҳои асосиро дар бар мегирад.

Фаҳмиши ҳуқуқӣ дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ дар шакли умумӣ бо худ фаъолияти зеҳнии субъекти татбиқи ҳуқуқро ҳангоми иҷро намудани ваколатҳои хизматӣ ифода медиҳад, ки ба тариқи муқаррарнамудаи меъёрҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад ва ба ташаккули дониш дар бораи ҳодисаи рухдодаи иҷтимоӣ нигаронида шуда, хусусиятҳои ҳуқуқии онро муайян мекунад.

Фаҳмиши ҳуқуқӣ, ин инъикоси иттилооти аз берун гирифташуда дар шуури инсони мушаххас, коркарди зеҳнии он ва ташаккули донишҳои нав дар шуури шахси мушаххас мебошад. Аз ин рӯ, таҷриба ва ақл ин ду сарчашмаи муайяни дарки инсон маъмул мебошанд.

Ҳамин тавр, зери мафҳуми таҷриба гирифтани иттилоот ва зери мфҳуми ақл бошад, мо ҳамаи равандҳои зеҳниро мефаҳмем, ки онҳо дар шуур касбии судяҳо ҳангоми ҳуқуқтатбиқкунии судӣ фаҳмида мешавад.

Аммо ин хусусияти умумии ҳар як дарки инсонист. Фаҳмиши ҳуқуқӣ дарки мушаххас аст, зеро он ба олами ҳуқуқӣ, ба ҳаёти ҳуқуқӣ мансуб мебошад. Ҷаҳони ҳуқуқӣ дар навбати худ, ба худ хос аст. Ҳарчанд он аз ҷониби инсон офарида шудааст, аммо на танҳо ба иртиботи қонуниятҳои иҷтимоӣ, балки ба воқеияти худи ҷаҳоне, ки вуҷуд дорад, асос меёбад. Ин ҷаҳон ба қонунҳои дохилии худ итоат мекунад ва ҳар падидае, ки мехоҳад дар он вуҷуд дошта бошад, бояд ба ин қонунҳо мутобиқ шавад. Дар ин ҷаҳон ҳеҷ падидае наметавонад қонунҳои дохилии онро нодида гирад. Агар мо олами ҳуқуқиро ҳамчун воқеияти ҳақиқӣ фаҳмем, пас фаҳмиши ҳуқуқӣ ҳамон ҷанбаи дарки инсон аст, ки бо риояи қонунҳои умумии дарки инсон хусусият, шакл, мазмун ва зуҳуроти худро пайдо мекунад.

Ба ин тартиб, фаҳмиши ҳуқуқӣ як шакли махсуси дарки инсонӣ мебошад, ки аз дигар намудҳои фаҳмиш бо он фарқ мекунад, ки дар доираи олами ҳуқуқ ҷойгир аст, онро меомӯзад ва ба қонунҳои дохилии он итоат менамояд.

Аз ин рӯ, мавзуи фаҳмиши ҳуқуқӣ ҳамеша ба падидаҳои ҳуқуқӣ рабт дорад ва хулосаҳои дарки ҳуқуқӣ низ ба таври бевосита ба ҳамин падидаҳо дахл мекунанд, ки шакл ва мазмуни фаҳмиши ҳуқуқӣ ҳамеша ҳуқуқӣ бояд бошанд ва субъекти фаҳмиши ҳуқуқӣ ғайри аз инсон дигар субъект шуда наметавонад.

Судя дар ҷараёни фаҳмиши ҳуқуқӣ бояд дар бораи ҳодисаҳои рухдода дониш ба даст оварад. Соҳаи фаҳмиши ҳуқуқӣ танҳо он муносибатҳоро дар бар мегирад, ки ҷомеа онҳоро ҳамчун арзишмандтарин мешиносад ва аз ин рӯ, ба танзими ҳуқуқӣ ворид месозад. Берун аз соҳаи муносибатхое, ки дар ҷамъият ба танзим даровардa мешаванд, ягон дарки ҳуқуқӣ, падидаи мураккаби амалияи татбиқи ҳуқуқ арзи вуҷуд дошта наметавонад.

Аз ин рӯ, судя, ҳангоми шурӯъ ба дарки ҳуқуқӣ, бояд дониши кофӣ дар бораи зиндагӣ дар маҷмӯъ ва махсусан ҳаёти иҷтимоӣ дошта бошад. Ин талабот, ки гӯё худ аз худ равшан аст, дар марҳилаи интихоби кадрҳои касбӣ барои фаъолияти татбиқи ҳуқуқ ҳамчун маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ зоҳир мешавад. Ба ин маҳдудиятҳо, масалан, синну сол, дараҷаи таҳсилот барои баъзе намуди фаъолияти ҳуқуқӣ ва расмиёти гуногуни санҷиш дохил мешаванд. Дар ҷараёни ин санҷишҳо, сатҳи умумии зеҳнии номзад арзёбӣ мегардад, ки дар шакли содда ифодаи сатҳи дарки зиндагӣ аз ҷониби шахс мебошад.

Ба ҳамин тартиб, фаҳмиши ҳуқуқӣ бар асоси таҷрибаи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва дар асоси муқарраротҳои мантиқӣ амалӣ мегарданд. Дар ин маврид яке аз тафовутҳои асосии фаҳмиши ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ аз дигар шаклҳои танзими ҳуқуқӣ дар он аст, ки он бояд дар доираи муайяни танзими ҳуқуқӣ татбиқ гардад.

Танзими ҳуқуқии фаҳмиши ҳуқуқӣ, ин равандро бо як чаҳорчубаи вақт маҳдуд мекунад. Илова бар ин, фаҳмиши ҳуқуқӣ раванди равоние, ки бояд аз ҷониби судяҳо дар доираи салоҳиятҳояшон танҳо ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ, ки санадҳои судӣ аз номи давлат қабул карда мешаванд, анҷом дода шаванд. Ин маҳдудиятҳо на танҳо барои кам кардани хафи ба даст овардани хулосаҳои таҳрифшуда муҳиманд, балки инчунин барои таъкид кардани хусусияти мушаххаси ин ҷараён, ки ба фаъолияти зеҳнии судяҳо дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ нигаронида шудааст. Ҳадафи асосии он расидан ба арзёбии ҳуқуқии ҳодисаҳое мебошад, ки ба муносибатҳои барои ҷомеа муҳим алоқаманданд. Дар ин раванд, зарурати фароҳам овардани шароити беҳтар барои ҳифзи на танҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки озодии шахс дар ҷомеа низ нақши муҳим мебозад. Ҳар яке аз ҷузъҳои фаҳмиши ҳуқуқӣ барои таҳлили амиқи илмӣ

арзишманд аст, аммо ҳадафи мо дар ин ҷо баррасии муҳтавои фаҳмиши ҳуқуқӣ мебошад.

Метавон гуфт, ки муҳтавои фаҳмиши ҳуқуқӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд, аммо чунин таъриф доираи амалии онро маҳдуд мекунад. Дар асл, муҳтавои фаҳмиши ҳуқуқӣ на танҳо муносибатҳои ҳуқуқии бармеомада аз арзёбиҳои умумӣ, балки ҳодисаҳои гуногуне мебошанд, ки ҳатто хусусиятҳои возеҳи ҳуқуқӣ надошта бошанд ҳам, метавонанд мавриди арзёбии ҳуқуқӣ қарор гиранд.

Фаҳмиши ҳуқуқӣ барои таҳлили ҳодисаҳои мухталиф, ки дар натиҷаи муносибатҳои байни одамон ба вуҷуд омадаанд ва арзёбии ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқиро талаб мекунанд, зарур аст. Дар марҳилаи дарки ҳуқуқӣ, вақте ки татбиққунандаи ҳуқуқ ба хулоса мерасад, ки ҳодиса мазмуни ҳуқуқӣ надорад, ҷараёни фаҳмиши ҳуқуқӣ қатъ мегардад. Оё, дар ин замина, ҳукми сафедкунандаи суд, ки дар натиҷаи баррасии ҳодиса ва исбот нашудани ҷиноят содир шудааст, метавонад мурофиаи судиро аз мисоли фаҳмиши ҳуқуқӣ истисно кунад? На, чунин мурофиа ҳамоно як ҷузъи ҷараёни дарки ҳуқуқӣ мемонад, зеро он ба арзёбӣ ва таҳқиқи ҳуқуқии ҳодиса равона шудааст, гарчанде натиҷа хулоса бар он бошад, ки ҳодиса мазмуни ҳуқуқӣ надорад. Маҳз дарки ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ҳодисаҳоро ба аҳаммияти ҳуқуқидошта ва ғайриқонунӣ (аз ҷумла ғайриоддӣ) ҷудо кард. Бо вуҷуди ин, самти умумии ибтидоии дарки ҳуқуқиро соҳаи танзими ҳуқуқӣ муайян мекунад.

Натиҷаи фаҳмиши ҳуқуқӣ, арзёбии ҳуқуқии муносибатҳои мавриди омӯзиш қарор додашуда мебошад. Аз дурустии ин баҳои ҳуқуқӣ бисёр чизҳо вобастаанд, аз он ҷумла озодӣ ва ҳаёти инсон. Дарки ҳуқуқӣ дар навбати худ, ҳамчун раванд возеҳу равшан кардани масъалаеро дар бобати он ки мағзи ҷустуҷӯи дар ҷараёни дарки ҳуқуқии баамалбаровардашуда чиро ифода медиҳад, тақозо мекунад

Чунин тавсифи фаҳмиши ҳуқуқӣ ягон даъво оиди нақшаи ягона ва комилан дуруст намебошад, балки ҷанбаҳои муҳимтарини ин падидаро инъикос мекунад. Ҳамин тариқ, фаҳмиши ҳуқуқии судӣ ҳамчун яке аз шаклҳои зуҳуроти дарки ҳуқуқӣ, умуман аломатҳои махсус ва хусусиятҳои хос дорад.

Ҳамин тавр хулоса кардан ба маврид аст, ки фаҳмиш - воситаи зеҳнӣ-идрокӣ буда, бо худ ҷараёнеро ифода медиҳад, ки дар асоси он натиҷаи ҳаммонандкунӣ, дарк, арзёбии объекти фаҳмиш дар доираи ҳолати ба вуқуъомадаро ташкил карда, имкон медиҳад, ки дар он самтро ёфта, қарор қабул карда, дар асоси ин гуногунии донишҳои аллакай мавҷударо оид ба ин объекти фаҳмиш, возеҳу равшан менамояд. Ба нақши фаҳмиши ҳуқуқ дар ташаккули шуури касбии ҳуқуқии судя таваҷҷуҳ зоҳир намуда, муайян кардан лозим аст, ки дар шакли идрок умуман фаҳмиш баромад карда, самти шахсият дар ҷомеа мебошад. Шуур-тарзи фаҳмиш, тафаккур, инъикоси мақсаднок ва табдили созандаву эҷодии ҳақиқат буда, ҳам ҷанбаҳои маърифатӣ ва ҳам эҳсосиро дарбар мегирад. Фаҳмиш - асоси паҳлуи маърифатии шуури судя буда, судя маълумотро тавассути шуур ва асосан тавассути фаҳмиш қабул ва дарк мекунад. Фаҳмиши ҳуқуқ, дар доираи паҳлуи маърифатии шуури ҳуқуқии судя бо ёрии усулҳои мушаххаси фаҳмиши ҳуқуқ, аз он ҷумла, дарки ҳуқуқ, тавсиф, тавзеҳро дар бар мегирад, амалӣ мегардад.

Дар раванди муайян кардани нақши фаҳмиши ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии судя, метавон ду унсури асосиро ҷудо кард:

- шуури ҳуқуқӣ ҳамчун ҷараён: Ин марҳилаи таҳаввули динамикӣ мебошад, ки дар он судя дарк ва таҳлили меъёрҳои ҳуқуқиро бо шароити воқеии мушаххас пайваст мекунад.

- шуури ҳуқуқӣ дар натиҷа: Ин натиҷаи ташаккулёфтаи раванди дарки ҳуқуқ мебошад, ки ҳамчун фаҳмиши устувори арзишҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти судя инъикос меёбад.

Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқии судя ҳам раванди фаҳмиш ва ҳам натиҷаи ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқиро дар бар мегирад. Ҳангоми муайян кардани нақши фаҳмиши ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии судя метавон шартан ду унсурро дар шуури ҳуқуқӣ ҷудо кард: шуури ҳуқуқӣ ҳамчун ҷараён ва шуури ҳуқуқӣ дар натиҷа:

1. Унсури якум ин ҷараён, донистани ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки ҷараёни дарк, ҷамъоварӣ, тафсири дониши ҳақиқати ҳуқуқиро дар бар мегирад. Маҳз дар доираи ҳамин унсур, аз ҷумла, ҷараёни дарки ҳуқуқ ё фаҳмиши ҳуқуқ, ки асоси ҷараёни фаҳмиши ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ба амал бароварда мешавад. Фаҳмиши ҳуқуқӣ ҳамчун ҷараён бо фаъолияти мақсадноки ақлию зеҳнии судя муайян карда шуда, бо худ ҳаммонандкунӣ, дарк, арзёбии ҳуқукро ҳамчун падидаи мустақили иҷтимоӣ ва зуҳуроти он, инчунин мазмуни онро ифода мекунад. Моҳияти фаҳмиши ҳуқуқӣ дар ҷараёни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ аз фаҳмидани ҳуқуқ (шакл ва мазмуни он), ҷустуҷуи ҳуқуқ, ёфтани ҷавоб ба савол, ки ҳуқуқ чист, дар чӣ ифода меёбад, чӣ гуна шаклҳо дорад, иборат аст.

2. Унсури дуюм, натиҷаи дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки идеологияи ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар чунин низом шуури ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷа мавқеи асосиро ишғол намуда, ҳамчун асоси идеологияи ҳуқуқӣ баромад мекунад. Дар ақидаҳои адабиёти ҳуқуқшиносӣ оид ба падидаи шуури ҳуқуқӣ бояд фаҳмише ҷудо карда шавад, ки дар худ ду категорияҳоро: ҳуқуқ ва шуурро дар бар мегирад.

### 2.2. Фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ заминаи ташаккули ҳуқуқии тафаккури судяҳо

Дар илми ҳуқуқшиносӣ, ба ақидаи Аверин А.В., татбиқи ҳуқуқ ҳамчун «...маҷмӯи амалиётҳои (ҳаракатҳои) фикрӣ ва воқеӣ, ташкилию ҳуқуқии субъекти татбиқи ҳуқуқ фаҳмида мешавад, ки дорои мақсади таъмини дурусти рафти ҷараёни баамалбарории дастурҳои ҳуқуқӣ

мебошад» [31, с. 77]. Дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ ин намуди хоси амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки дар асоси тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ анҷом ёфта, натиҷаи ниҳоии он қабули қарорҳои судӣ ҳангоми ҳалли парвандаҳои судӣ буда, он ҳамчун санади алоҳидаи амалигардонии ҳуқуқ маҳсуб меёбад.

Чунончи, Грошевой Ю.М. қайд мекунад: «Низоми донишҳои судӣ, ки дар санади судӣ инъикос меёбад, аз ду зерсохтор иборат аст: донишҳое, ки судя пеш аз баррасии парванда дорад, ва донишҳое, ки дар ҷараёни таҳлили воқеиятҳое, ки ба мавзӯи исбот дохил мешаванд, ба вуҷуд меоянд. Ин зерсохторҳо дар раванди фаҳмиши судӣ ва қабули қарор ба ҳам алоқаманд буда, иттилооти исботиро, ки судяҳо ҳангоми баррасии парвандаи мушаххас ба даст овардаанд, ба низом медароранд ва онро дар санади судӣ ҳамчун як низоми ягонаи донишҳои судӣ таҷассум менамоянд» [73, с. 13].

Грошевой Ю.М. бар он назар аст, ки «хусусияти зуҳуроти шуури ҳуқуқии касбӣ дар он аст, ки судя хулосаҳои худро дар парванда бо шуури ҳуқуқии шахсӣ мутаносиб менамояд ва ҳамзамон муайян мекунад, ки оё арзёбии ҳуқуқии шахсӣ ба ҳолатҳои воқеии парвандаи ҷиноятӣ ва қарори қабулшуда ба талаботи қонун мувофиқат мекунад ё не» [72, с. 69].

Ин гуна фаҳмиш зарурати ҷудо намудани шуури ҳуқуқии судяҳо ҳамчун як навъи мустақили шуури ҳуқуқиро тасдиқ мекунад. Дар ин самт, Керимов Д.А. аввалин қадамҳоро гузошта, пешниҳод намудааст, ки дар сохтори шуури ҳуқуқӣ, илова бар сатҳҳои илмӣ ва оддӣ, як сатҳи дигар – амалӣ низ мавриди эътироф қарор гирад [208, с. 41-42; 209, с. 4]. Ба гуфтаи ӯ, хусусияти асосии шуури ҳуқуқӣ дар он аст, ки он се сатҳи гуногун – оддӣ, бевосита (эҳсосӣ) ва амалӣ-илмиро ба таври диалектикӣ ба ҳам меомезад.» [208, с. 41-42].

Чунин мавқеъ асоснок аст, зеро фаъолияти касбии судя на танҳо ҳалли масъалаҳои назариявӣ, балки масъалаҳои амалиеро низ талаб

мекунад, ки дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои хизматӣ ба миён меоянд. Барои ҳалли чунин масъалаҳо сатҳи баланди шуури ҳуқуқии касбӣ ва фаҳмиши ҳуқуқӣ зарур мебошад. Бо гузашти вақт, дар шуури ҳуқуқии судяҳо роҳнамоиҳои умумии ҳуқуқӣ, касбӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ ташаккул меёбанд. Ин роҳнамоиҳо ҳамчун яке аз омилҳои муҳими татбиқи якхелаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳамоҳангшудаи судҳои сатҳҳои гуногун ва муносибатҳои дохилии гурӯҳи касбӣ хизмат мекунанд. Илова бар ин, онҳо барои таъмини субот ва самаранокии низоми судӣ дар маҷмӯъ мусоидат менамоянд. Ба андешаи Бортнев А.И., ноустуворӣ ва ихтилофоти таҷрибаи судӣ на танҳо ба набудани ҳамоҳангии кофӣ миёни фаъолияти судҳо, балки ба сатҳи гуногуни шуури ҳуқуқии судяҳо ишора мекунад, ки зуҳури он ҳамчун шуури ҳуқуқии минтақавӣ баён мешавад [57, с. 36].

Аз замонҳои қадим пешбурди судӣ ва адолати судӣ ҳамеша амалӣ мешуд ва ҳоло низ метавонад танҳо дар асоси фаҳмиши ҳуқуқии дуруст, виҷдони поку нек, ақл ва таҷрибаи мусбии ҳаётии судяҳо ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ амалӣ карда шавад.

Бо маънои дигар гӯем, судяи бошуур, бовиҷдон ва боинсоф барои қабули қарор ё ҳукми одилона ва судманд бояд ҳамеша қонунро дуруст фаҳмида тавонад, худро дар ҷои ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда тасаввур кунад, гӯё дар давоми мурофиаи судӣ муваққатан, фикран дар ҷои онҳо бошад, онҳоро фаҳмад ва мувофиқи виҷдони поки худ он чизеро ба ҷо оваранд, ки бешубҳа ба нафъи ниҳоии ҳар як одам ва манфиати ҷамъият хизмат кунад.

Ҳатто дар замони хусусан дунявии мо, коста гаштани меҳру муҳаббат ва боварӣ ба қонун ва суд, дар ҷараёни ҳама гуна истеҳсоли судӣ, то андозае, ба таври муқаррарӣ, на танҳо меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар Кодексҳои мурофиавии маданӣ ва ҷиноятии ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд, ҳамзамон, асосҳои маънавию

ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки аз мулоҳизаҳо, андешаҳо ва таассуроти иштирокчиёни раванди судӣ бармеоянд, ҳамчун ҷузъи муҳим дар ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо нақши калидӣ доранд, алалхусус судяҳо дар бораи некӣ ва бадӣ, адлу адолат, виҷдон, шаъну эътибори инсонӣ, қарзи шаҳрвандӣ, рушду инкишофи касбӣ ва этикаи судяҳо ва ғайраҳо бармеоянд, татбиқ карда мешаванд.

Тамоми низоми ғояҳои консептуалии ҳуқуқӣ, принсипҳо ва меъёрҳои мурофиаи маданӣ ва ҷиноятӣ, ки муҳимтарини онҳо аз арзишҳои муайяни маънавӣ, ахлоқӣ ва бо ҳуқуқ ҳифзшаванда, аксиомаҳои мақсадноки ҳуқуқӣ, постулатҳо ва императивҳо бармеоянд, иҷрои амал ё қабули қарорҳои судиро, ки тавонанд ғайриқонунӣ шаъну шарафи мутлақи шахс ва ҳуқуқҳои қонунии иштирокчиёни пешбурди судии маданӣ ё ҷиноятиро инкор ё худсарона поймол ва таҳқир кунанд, манъ мекунанд.

Дар қисмҳои 1 ва 5 моддаи 6-и Кодекси одоби судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки: «Дар ҳама маврид судя бояд Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, дигар қонунҳо, стандартҳои рафтори баланди ахлоқ ва одобро бечунучаро риоя намояд, дониш ва таҷрибаи худро барои иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи ӯ гузошта шудаанд, истифода кунад, шоистаи номи худ буда, ваколатҳояшро бо маҳорати касбӣ анҷом дода, поку бовиҷдон буда, дар ҳама вазъият шаъну шарафи шахсии худро нигоҳ дошта, аз ҳамаи он амале, ки метавонад нуфузи ҳокимияти судиро паст занад ва ба номи неки судя зиён расонад, худдорӣ намояд. Ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ ва берун аз он, судя набояд амалҳоеро ба анҷом расонад ва ё ба шахсони дигар ҷиҳати содир намудани ҳаракатҳое имконият диҳад, ки онҳо барои хулоса баровардан оид ба аз ҷониби судя истифода намудани салоҳиятҳои ӯ асос гарданд ва мустақилию беғаразии ӯро зери шубҳа гузоранд» [12].

Қайд мегардад, ки: «Судя дар вақти амалӣ намудани адолати судӣ бояд принсипи баробариро ба роҳбарӣ гирифта, онро ба назар гирад, ки ҳама дар назди қонун ва суд қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, инчунин ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, маҳалли ҷойгиршавӣ, тобеият ва дигар ҳолатҳо баробаранд» [12].

Дар Кодекси одоби судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои вазифаҳои судӣ зикр гардидааст, ки: «Салоҳият ва софдилӣ шартҳои зарурии аз ҷониби судя ба тариқи дахлдор иҷро намудани вазифаҳои худ оид баамалбарории адолати судӣ мебошанд. Судя бояд бовиҷдонона, дар сатҳи баланди касбӣ уҳдадориҳои худро ба иҷро расонад, ба шахсони иштирокчии парванда дар татбиқи ҳуқуқҳояшон мусоидат намояд, инчунин тамоми чораҳоро ҷиҳати баррасии саривақтии парванда, қабули қарори қонунӣ ва асоснок андешад. Судя оид ба ҳуқуқҳои шахсони иштирокчии парванда ҷиҳати озодона изҳор намудани мавқеи худ бояд ҳурмату эҳтиром зоҳир намуда, дар ташкил ва гузаронидани маҷлисҳои судӣ дақиқ бошад, чораҳои боандешаи барои ноил гардидан ба мақсаду ҳадафҳои адолати судӣ равонагардидаро қабул намояд. Судя бояд тахассуси худро дар сатҳи баланд нигоҳ дорад, дониши касбӣ, таҷрибаи амалӣ ва сифатҳои шахсии барои иҷрои дурусти вазифаҳояш зарурибударо такмил диҳад» [12].

Аз ин лиҳоз, фаҳмиши табиати ҳуқуқии мавқеъҳои ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо, барои муаррифии мавқеи ҳуқуқии судӣ оид ба нуқтаи назари расмии суд ҳамчун татбиққунандаи ҳуқуқ, ки дар пайвасти бо ғояи умумии маҷмӯи  мулоҳизаҳо дар бораи меъёрҳои ҳуқуқии татбиқшаванда, ки бо истифода аз усулҳои қиёси қонун ва ҳуқуқ, тафсир, мурожиати бевосита ба принсипҳои ҳуқуқ ва татбиқи салоҳдиди судӣ табдил дода мешаванд, муҳим мебошад.

Ба ибораи дигар, гуногунии таҷрибаи судӣ дар судҳои як марҳила якхела вуҷуд доштани ду дараҷаро дар шуури ҳуқуқии судяҳо муайян мекунад, яъне дастаҷамъӣ, ки дар қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода гардидаанд ва инфиродӣ, ки дар карорҳои алоҳидаи судя ба назар мерасад. Дараҷаи фардӣ муҳимтарин аст ва танҳо аз судя вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳар як судяро на танҳо ҳамчун иштирокчии мурофиаи судӣ, балки ҳамчун як шахсияти беназир низ бояд баррасӣ кард.

Вобаста ба ин, метавон мавқеъҳои зерини ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки барои ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар маҷмуъ омили ҳалкунанда мебошанд, муайян кард, аз ҷумла: [44; 48; 49; 46; 185, с. 149–164; 193, с. 60-63; 190, с. 43-57; 183, с. 134–145].

Якум, мавқеи ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо худ низоми мулоҳизаҳоеро ифода медиҳад, ки фаҳмиши меъёрҳои ҳуқуқиро аз ҷониби суди олии кишвар дар ҷараёни ба амалбарории адолати судӣ аз руи парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ дар бар гирифта, дар қарор оид ба парвандаи мушаххас ё дар шарҳи (тавзеҳоти) амалияи судӣ ифода ёфтааст.

Дуюм, хусусияти хоси мавқеъҳои ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як намуди мавқеи ҳуқуқии судҳо бо тартиби махсуси баамалбарории пешбурди судии бо қонунгузории амалкунанда муқарраршуда ҳамчун мақоми олии судии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст ва аз он иборат аст, ки ин мавқеи ҳуқуқӣ:

– вобаста ба ҳолатҳои баҳсӣ, ки дар амалияи татбики ҳуқуқии судхои юрисдиксияи умумӣ ба миён меоянд, ташкил карда мешавад;

– хусусиятҳои хоси доираи парвандаҳои баррасишаванда ва таркиби муносибатҳои моддӣ ва мурофиавии ҳуқуқиро марбут ба тобеияти судҳои юрисдиксияи умумӣ инъикос менамояд;

– дар қисми асосноккунии қарорҳои қабулнамудаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи парвандаҳои мушаххас қайди матниро гирифта, мазмуни тавзеҳоти таҷрибаи судиро, ки медиҳад, муайян менамояд;

– дар миёни мавқеъи судҳои юрисдиксияи умумӣ бо дарназардошти мавқеи олии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми онҳо дорои бартарӣ (афзалият) мебошад.

Сеюм, таснифоти мавқеъҳои ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо як қатор асосҳои гуногун амалӣ карда шавад:

а) вобаста аз мақсади ташкили мавқеъҳои ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ҳамчун ба мавқеъҳои ҳуқуқии казуалии (ногаҳонӣ, тасодуфӣ) судӣ, ки ҳангоми баамалбарории адолати судӣ аз руи парвандаҳои мушаххас (ба сифати суди марҳилаи якум ё болоӣ) ба вуқуъ меоянд, инчунин ба мавқеъҳои оддии судӣ, ки дар рафти ҷамъбасти таҷрибаи судӣ ва додани тавзеҳоти дахлдор ташаккул меёбанд, тасниф гарданд;

б) аз рӯйи тарзи қабули санадҳои судии Суди Олии ҶТ нақши онҳоро ба фардӣ (аз тарафи як судя) ва дастаҷамъӣ (аз тарафи коллегияи судяҳо таҳияшуда) ҷудо карда мешаванд;

в) аз рӯйи аҳаммияти таъсири мавқеъҳои ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалияи (таҷрибаи) судӣ имкон медиҳанд, ки дар байни онҳо ҳам ҳолатҳои ҳуқуқии дар таҷрибаи судӣ муқаррар ва қабулшуда ва ҳам ҳолатҳои ягонаи ҳуқуқиро (дорои ҳаллу фасли ҳолатро,ки минбаъд дар таҷрибаи суд ба вуқуъ намеояд, мебошанд) ҷудо кард;

г) ба муносибати Суди Олии Ҷумхурии Тоҷикистон нисбат ба мавқеи ҳуқуқии қаблан баёнкардаи он барои тақсим кардани мавқеи ҳуқуқии он баамалкунанда ва саҳван эътирофшуда асос мегардад.

Чорум, ҷиҳати ҳуқуқтатбиққунии судӣ ва дарки ҳуқуқ нақши меъёрии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он як тарзи амалишавии ҳуқуқтатбиққунии судӣ, ки дар қонунҳо муқаррар гардидаанд, аҳаммияти хоса доранд.

Панҷум, қонунгузории мурофиавии амалкунанда имкон медиҳад, ки ба қатори онҳо мавқеъ ё ки Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил кардааст, дохил кунем.

Шашум, аҳаммияти мавқеи ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҷрибаи татбиқи ҳуқуқии судҳои поёнӣ ва фаҳмиши ҳуқуқӣ бо самти умумии онҳо оид ба таъмини қонуният ва якхелагиии қарорҳои судии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби тамоми судҳои ба низоми судҳои юрисдиксияи умумӣ қабулшуда дохил мешаванд, муайян карда мешавад.

Ҳафтум, судҳои поёнӣ мавқеи ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун намуди оқилонаи татбиқи ҳуқуқии судӣ, бояд фаҳманд, ки афзалияти он бо ваколатҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бекор кардан ва тағйир додани санадҳои судии судҳои поёнӣ таъмин мегардад, ба инобат мегиранд.

Ба маънои умумӣ фаҳмиши ҳуқуқӣ ифодаи фаҳмиши субъективии ҳақиқати ҳуқуқӣ аз ҷониби судя мебошад. Мавқеи ҳуқуқӣ бошад, падидаи шуури ҳуқуқӣ буда, ҳамчун натиҷаи фаъолияти субъективӣ-арзёбии фикрӣ баромад мекунад. Донистани ҳақиқати ҳуқуқӣ, баҳои субъективии он ва эътиқод ба дурустии хулосаҳои худ мазмуни мавқе ва фаҳмиши ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Асоснокӣ, фаҳмиш, самт ба татбиқи амали онро аз дигар унсурҳои шуури ҳуқуқӣ фарқ мекунад.

Воситаҳои фаҳмиши мавқеи ҳуқуқӣ сухани шифоҳӣ ё матн мебошанд. Мавҷудияти идеяи умумӣ унсурҳои мантиқии алоҳидаи мавқеи ҳуқуқиро ба ҳалли ҳамаҷонибаи масъалаи ҳуқуқӣ муттаҳид мекунад. Фаҳмиши ҳуқуқӣ ба асоснокии ҳуқуқии санади суд нигаронида

шуда, ҳамзамон барои бовар кунондан ба дурустӣ ва қонунии ҳуҷҷати дахлдор даъват карда мешавад.

Фаҳмиши ҳуқуқӣ ҳамчун мафҳуми берунии ифода ва муттаҳидшудаи ғояи умумии низоми қарорҳо оид ба танзими дурусти ҳуқуқӣ, ки дорои арзёбии инфиродии меъёрҳои ҳуқуқии татбиқшаванда мебошад, муайян карда мешавад [306, с. 14].

Вобаста ба ин, фаҳмиши ҳуқуқии судя на танҳо таҳти таъсири шароити иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва муҳити фарҳангие, ки дар ҷомеа ҳукмфармост, ташаккул меёбад, балки дар ин раванд низоми ягонаи пешбурди судӣ низ нақши муҳим мебозад. Ин низом, ки ягонагии он барои ташаккули шуури ягонаи ҳуқуқии судяҳо пешбинӣ шудааст, таъсири назаррас дорад. Ин ягонагӣ асосан дар хислат ва амалияи (таҷрибаи) пешбурди парвандаҳо ва қабули қарорҳои якнавъӣ ифода меёбад. Дар ин маврид, муҳит ва тарзи ҳаёти шахсии ҳар як судя, заминаҳои маънавӣ ва манфиатҳои ӯ, дарки якхелаи муқаррароти қонунгузорӣ аз ҷониби судя, ки дар он нақши асосиро хусусиятҳои махсуси равонии судя мегузорад, асос меёбад.

Фаҳмиши меъёрии ҳуқуқии судӣ бо нақш ва мавқеи худ ҳокимияти судӣ, ба амал баровардани адолати судӣ, тарз ва намудҳои муҳокимаҳои судӣ, расмияти мурофиаҳои судӣ ва санадҳои баровардаи он аз дигар намудҳои фаҳмиши ҳуқуқӣ тафовут дошта, танҳо аз ҷониби суде, ки дар асоси қонун таъсис дода шудааст, амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, яке аз ҳадафҳои фаҳмиши  судӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ, аз пурра омӯхтан ва таҳлили ҳолатҳои парвандаи судӣ, таҳқиқ ва баҳодиҳии далелҳо, муайян намудани ҷоизӣ ва дахлдории далелҳо, муқаррар намудани ҳолатҳое, ки ба моҳитан ҳал намудани баҳс ва қабули қарори асосноку қонунӣ иборат мебошад. Вобаста ба ин, дар банди 2 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ (бо тағйироте, ки бо қарори Пленум аз 14

июни соли 2018, №33 ворид гардидааст)” [213, с. 87-91], омадааст, ки ҳалнома бояд қонунӣ ва асоснок бошад. Ҳалнома дар он ҳолат қонунӣ мебошад, ки агар он бо риояи дақиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ қабул карда шуда, ба меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки нисбати ҳамин муносибатҳои ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд, пурра мувофиқат кунад, ё дар ҳолатҳои зарурӣ ба татбиқи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ асос карда шуда бошад. Ҳалнома ҳамон вақт асоснок мебошад, ки агар ҳолатҳои парванда бо далелҳои дар маҷлиси судӣ таҳқиқгардида, ки ба талаботи қонун оиди дахлдорӣ ва ҷоизии далелҳо ҷавобгӯй мебошанд, ё ҳолатҳое, ки ба исбот эҳтиёҷ надоранд тасдиқ шуда бошанд. Инчунин, вақте ки ҳалнома хулосаҳои мукаммали судро дар бар мегирад, ки онҳо аз ҳолатҳои воқеии парванда бармеоянд.

Ҳангоми баррасӣ ва муҳокимаҳои парвандаҳои судӣ ихтилофҳо, баҳсу мунозираҳо ва воқеияти ҳодисаҳои рухдода дар пеши назари судя айён мегарданд, зеро маҳз судя бо масъала оид ба танзими хушкухолии меъёрҳои ҳуқуқ нею, балки бо ҳалли ҳуқуқии он низоъҳои инсонӣ машғул аст, ки аз муносибатҳое бармеоянд, ки аз тарафи ҷомеа ба сифати муҳимтарин дониста шудааст. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳанд, ки судя ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои судӣ на танҳо аз муқарраротҳои меъёрҳои қонунгузорӣ, инчунин аз қонуниятҳои ҷамиъят, ки онҳо низ аз расмиётҳои гуногун иборат мебошанд, истифода мекунад. Ҷаҳони объективӣ бо худ таъсири мутақобилаи бешумори моҳиятҳои ташаккулёфтаро ифода медиҳад. Барои ҳаёти ҳаррӯза, тахмин кардани ҳаёти ҳуқуқӣ аз воқеияти ҳаёти ҷамиъятӣ аз эҳтимол дур нест, ки душвор аст.

Ҳамин тариқ, дарки моҳияти фаҳмиши ҳуқуқии судӣ барои судя ёрдами ҳамаҷониба расонида, судяро ҷиҳати дар асоси қонун баррасӣ ва ҳал намудани парванда вазифадор, барои аз санадҳои меъёрии

муқаррарнамудаи қонун берун набаромадан ва ба саҳвӣ судӣ роҳ надодан мусоидат менамояд.

Мо ин ҳолатҳоро бо мисол аз таҷрибаи судӣ мехоҳем возеҳу равшан баҳо диҳем. Масалан, судяи суди ноҳияи Рошткалъаи ВМКБ Шодиев Ш.Р. бо пешниҳод ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, дар он нишон медиҳад, ки 26 октябри соли 2010 Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев бо аризаи даъвогӣ ба Суди ноҳияи Рошткалъаи ВМКБ муроҷиат карда, қайд намудааст, ки Хубоншоева М. С. соли 2004 ба шӯъбаи рӯзонаи факултаи фанҳои табиӣ дохил гардида, онро соли 2009 бо ихтисоси омӯзгори фанни химия хатм кардааст. Номбурда дар гурӯҳи буҷетӣ таҳсил намуда, маблағи барои таҳсили ӯ сарфшуда 3229 сомонию 01 дирамро ташкил медиҳад. Хубоншоева М.С. баъди хатми Донишгоҳ ҳамчун мутахассиси ҷавон бо назардошти талаботи қисми 2 моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки тибқи он «Шаҳрвандоне, ки муассисаҳои таълимии давлатиро хатм кардаанд, мувофиқи роҳхати мақомоти дахлдор ва шартномаи тарафайн бояд на камтар аз се сол аз рӯи ихтисос ҳатман кор кунанд», бо роҳхат барои кор ба ноҳияи Ишкошими ВМКБ фиристода шудааст. Донишкада, зимни ба кор фиристодани Хубоншоева М.С., инчунин муқаррароти дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифро, ки дар асоси талаботи моддаи зикргардидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» тасдиқ гардидаанд, мавриди татбиқ ва дастрасӣ қарор додааст [212, с. 47-56].

Аз ҷумла, тибқи банди 3 Низомномаи тақсимот ва бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон (бо қарори якҷояи мушовараи Вазорати маорифи Ҷумхурии Тоҷикистон ва Раёсати Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2008 №21/8 тасдиқ шудааст) «Мутобиқи моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қарордоди фаъолияти

якҷояи мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатӣ, муассисаи олии касбии таълимии давлатӣ ва донишҷӯ ба ҷойи кор ҳозир шудан ва на камтар аз 3 сол кор кардан уҳдадории ҳар як мутахассиси ҷавон мебошад (ба истисnoи мутахассисоне, ки аз ҳисоби худашон гурӯҳи шартномавиро хатм кардаанд)». Тибқи банди 17 Низомномаи зикршуда, «Мутахассисони ҷавоне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ хатм кардаанд, вазифадоранд, ки тибқи таъиноти комиссия, роҳхати вазорату идораҳои дахлдор ва қарордоди сеҷониба на камтар аз се сол кор кунанд». Номбурда дар асоси роҳхати ба ӯ додашуда ба ҷойи кор ҳозир нашудааст. Бинобар ин, Донишгоҳ аз Суди ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ талаб намудааст, ки маблағи 3229 сомонию 01 дирам аз ҳисоби Хубоншоева М.С. ба фоидаи буҷаи давлат барқарор карда шавад.

Судя Шодиев Ш.Р. бо ҳалномаи худ аз 3 ноябри соли 2010 қонеъ гардонидани талаби Донишгоҳро бо назардошти он, ки гуё қисми 2 моддаи 25 Қонун дар бораи маориф ва бандҳои 3 ва 17 Низомномаи зикршуда ба қисми 1 моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад» ва ба қисми 2 моддаи 41 Конститутсия, ки тибқи он «Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун, дар муассисаи таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ тирад», мухолифат дошта бошанд, рад намудааст [212, с. 47-56].

Номбурда бо назардошти номувофиқ ҳисоб намудани қисми 2 моддаи Қонун ва бандҳои 3 ва 17 Низомнома ба Конститутсия, онҳоро инчунин ба қисми 1 моддаи 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва қисми 1 моддаи 6 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ номутобиқ ҳисоб менамояд.

Ба андешаи ӯ, давлат барои шаҳрвандони мамлакат гириф- тани таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбй ва олии касбиро бе ягон хел шарту шароит ва ба таври ройгон кафолат додааст ва ҳар шаҳрванд дар интихоби касб ва ҷойи кор бо назардошти қобилияти худ озод буда, ягон кас ҳуқуқ надорад онҳоро дар ин масъала маҷбур намояд. Хубоншоева М.С. ҷойи корашро озодона интихоб накардааст ва меъёрҳои мавриди баҳс қарор додашуда ҳуқуқҳои конститутсионии ӯро ба таҳсилоти олӣ ва интихоби касб вайрон намудаанд.

Аз ин рӯ, Шодиев Ш.Р. аз Суди конститутсионӣ талаб менамояд, ки оид ба пешниҳоди ӯ мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз карда, мутобиқати қисми 2 моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва бандҳои 3 ва 17 Низомномаи тақсимот ва бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавонро ба қисми 1 моддаи 35 ва қисми 2 моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намояд.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2011 қарор намудааст, ки қисми 2 моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва бандҳои 3 ва 17 Низомномаи «Тақсимот ва ба ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон» ба қисми 1 моддаи 35 ва қисми 2 моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошанд. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки механизми бастани Қарордоди фаъолияти якҷояи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаи олии касбии таълимии давлатӣ ва донишҷӯро пеш аз ба таҳсил оғоз намудани донишҷӯёни муассисаҳои таълимии мамлакат таҳким бахшида, интишори расмӣ ва мавриди амал қарор додани Низомномаи тақсимот ва ба ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавонро таъмин намояд [212, с. 47-56].

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори худро бо он асоснок намудааст, ки ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби касбу кор ва ҳуқуқ ба

таҳсил муҳимтарин ҳуқуқҳои иқтисодию иҷтимоии инсон ва шаҳрванд ба шумор мераванд. Онҳо омили зарурии инкишофи шахсият ва дар маҷмуъ ҷомеа ва давлат буда, дар раванди идоракунии захираҳои инсонӣ, иқтидорҳои зеҳнӣ, меҳнатӣ ва қувваҳои истеҳсолкунандаи давлат нақши ҳалкунанда мебозанд ва аз сатҳи ин ҳуқуқҳо рушди иҷтимоии инсон вобастагӣ дошта, вазъи ҷамъиятияш муайян карда мешавад.

Ҳуқуқҳои зикршуда дар баробари дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян намуда, тавассути ҳокимияти судӣ ҳифз гардида, танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи Конститутсия махдуд карда мешаванд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 1 моддаи 35 ба ҳар кас ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби касбу корро кафолат додааст, ки ин талабот аз моддаи 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (10 декабри соли 1948) ва қисми 1 моддаи 6 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (16 декабри соли 1966) сарчашма мегирад. Муқаррароти моддаи зикршудаи Конститутсия дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин қонунҳои соҳавӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ танзими ҳуқуқии худро ёфтааст.

Кодекси меҳнат бо назардошти муҳимияти ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби касбу кор дар моддаи 3 танзими қонунӣ ва шартномавии муносибатҳои меҳнатиро пешбинӣ намуда, дар баробари муқаррар гаштани сатҳи ҳадди ақали ҳуқуқи меҳнатӣ ва кафолатҳо барои кормандон аз тарафи санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин аз тарафи созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ (вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ), шартномаҳои коллективӣ, шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ муқаррар гардидани ҳуқуқ ва кафолатҳои меҳнатиеро, ки дар санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ нагардидаанд, махсус қайд намудааст. Кодекси меҳнат дар моддаи 6 ба

ҳамаи кормандон татбиқ гаштани амали Кодексро муқаррар карда, тавассути қонунҳои соҳавӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим шудани меҳнати гурӯҳҳои алоҳидаи кормандонро низ сарфи назар накардааст ва муқаррар менамояд, ки «... сатҳи умумии ҳуқуқ ва кафолатҳои меҳнатӣ набояд аз сатҳи муқаррарнамудаи Кодекси мазкур пасттар бошад».

Бо ин назардошт, масъалаҳои вобаста ба фаъолияти касбӣ ва меҳнатии гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон, тавассути қонунҳои соҳавӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи тақсимот ва бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон ва дигар санадҳои ҳуқуқии соҳаи маориф на камтар аз сатҳи умумии ҳуқуқ ва кафолатҳои меҳнатии пешбининамудаи Кодекси меҳнат мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор мегиранд.

Тибқи муқаррароти банди 17 моддаи 15 Кодекси меҳнат дар ташкилот дар баробари дигар кормандон «мутахассисони ҷавон - шахсоне, ки ба ташкилот баъд аз хатми мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус аз рӯи роҳхати муассисаҳои мазкур ба кор қабл шуданд», низ фаъолият менамоянд. Қонунгузор бо назардошти вазъи махсуси ҳуқуқии мутахассисони ҷавон дар банди 7 моддаи 4 Кодекси меҳнат пешбинӣ менамояд, ки «Давлат... муҳайё намудани кори мувофиқро ба муҳлати на камтар аз се сол барои мутахассисони ҷавон-хатмкунандагони муассисаҳои таълимии давлатӣ, ки бо дархости ташкилот ба кор омаданд, кафолат медиҳад» [9].

Давлат, ҳамчунин бо назардошти вазъи ҳуқуқии мутахассисони ҷавон ин гурӯҳи меҳнатиро аз санҷишҳо ҳангоми қабул ба кор ва хизмати давлатӣ, аз озмунҳо барои ишғоли мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ, гузаштан аз атестатсияҳо дар солҳои аввали фаъолияти меҳнатй ва дигар масъулияти меҳнатӣ озод намудааст.

Мутахассисони ҷавон бо вазъи ҳуқуқии худ аз дигар гурӯҳҳои меҳнатӣ бо ғамхории давлат оид ба сари вақт ба кор фаро гирифта шудани онҳо, дастгириҳои рӯҳӣ ва маънавӣ, фароҳам овардани шароит барои мӯътадил ворид шудани онҳо ба фазои меҳнатию ҳуқуқӣ, коллективҳо ва ҷамъиятҳои меҳнатӣ ва дигар имтиёзҳои моддӣ фарқ мекунанд.

Давлат ин амалро тавассути дархостҳои мақомоти дахлдори давлатӣ, роххатҳо ба кор ва фармоишҳои давлатӣ ба нақша гирифта, идоракунии стратегии захираҳои инсонӣ ва қувваҳои истеҳсолкунандадаро дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва минтақаҳои гуногуни маъмурию географӣ амалӣ менамояд.

Суди конститутсионӣ қайд менамояд, ки ҳуқуқ ба таълими сатҳи гуногун, аз ҷумла таълими олии касбӣ эълондоштаи қисми 2 ва умуман моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз моддаи 26 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва моддаи 13 Паймони байналхалқӣ доир ба хуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сарчашма мегирад, аз зумраи он ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки амалӣ намудани онҳо аз мавҷудияти як қатор омилҳо, аз ҷумла ташаккули шахсият, инкишофи зеҳнӣ ва ақлонӣ, ҷиҳатҳои касбию донишандӯзӣ, маърифати шахсӣ, қобилият ва истеъдоди ҳар як шахе вобастагӣ дорад. Ҳар як шахс ҳуқуқи таълими олии касбй дорад, аммо дастрасӣ ба он доштани таълими умумии асосӣ (шаҳодатнома), саломатии барои ихтисос имконпазир, (маълумотномаи заруррии тиббӣ), супоридани имтиҳону санҷишҳои давлатии дохилшавӣ, риояи тартиботи дохилии муассисаи таълимӣ ва дигар ҳолатҳоро тақозо менамояд.

Конститутсия гирифтани таълими сатҳи гуногун, аз чумла таълими олии касбиро ба таври ройгон аз ҳисоби буҷаи давлатӣ кафолат дода, ҳамзамон шаклҳои дигари таълимро низ сарфи назар накардааст. Бо ин назардошт, давлат барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ аз ҳисоби буҷаи

давлатӣ ба таври ройгон мутахасссони ҷавонро тайёр намуда, ба ҷойи кор таъмин кардани онҳоро дар асоси фармоишҳои давлатӣ ба роҳ мемонад. Ин фаъолияти мақсаднок, нақшавӣ ва стратегӣ махсуб гардида, талабот, ниёзмандӣ ва имкониятҳои иқтисодию молиявии давлат ва дар маҷмӯъ бозори меҳнатро ба кадрҳои гуногуни ҳоҷагии халқ инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, давлат захираҳои меҳнатиро, ки аз ҳисоби мутахассисони ҷавон пурра ва аз нав карда мешавад, дар доираи Конститутсия, талаботи санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ идора менамояд. Ҳамзамон, барои мутахассисони аз ҳисоби худашон гурӯҳҳои шартномавии муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатиро хатм карда, тартиботи дигари ҳуқуқӣ муайян намуда, онҳо дар интихоби касбу фаъолият ва ҷой кор озод мебошанд.

Тартиботи ҳуқуқии муқаррарнамудаи давлат, ки танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ низ мебошад, дар ҳеҷ ҳолат ба махдуд кардани ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат, интихоби озоди касбу кор ва гирифтани таълими олии касбӣ нигаронида нашудааст, зеро қонунгузорӣ интихоби озодонаи шаклҳои таълимро, ки ҳар кадоме дорои оқибатҳои ҳуқуқии ба худ хос мебошанд, ба худи шаҳрвандон вогузор кардааст. Шаҳрвандон ин ё он шакли таълимро (ройгон ё пулакӣ) ихтиёран интихоб намуда, аз оқибатҳои ҳуқуқии ин шаклҳо чӣ дар давраи таҳсил ва баъди таҳсил бархурдор мебошанд, яъне интихоби шакли таҳсил ин интихоби оқибатҳои ҳуқуқии он низ ба шумор меравад ва боиси зикр аст, ки интихоби шакли таълим дар баробари қобилият, истеъдод ва дигар хусусиятҳои зеҳнию ақлонии шаҳрвандон, инчунин аз имкониятҳои молиявию моддии шаҳрвандон низ вобастагӣ дорад.

Ҳамин тариқ, давлат ҳуқуқи шаҳрвандонро ба меҳнат, интихоби касбу кор ва таҳсил тавассути ба роҳ мондани низоми ташаккулёфтаи

меҳнат ва маориф, инчунин шароити дахлдори сиёсӣ ва иҷтимоию-иқтисодӣ таъмин менамояд. Дар навбати худ, дар асоси фармоиши давлатӣ ва роҳхат ба кор фиристодани хатмкардагони муассисаҳои таълимии миёнаи касбӣ ва олии касбии соҳаи маориф барои ба амал баровардани ҳуқуқҳои конститутсионии ҳазорон нафар шаҳрвандони мамлакат, ки аз чунин ҳуқуқ бархурдоранд, равона карда шудааст [212, с. 47-56].

Гарчанде Суди конститутсионӣ пешниҳоди судяро оид ба муайян намудани мутобиқати қисми 2 моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва бандҳои 3 ва 17 Низомномаи тақсимот ва бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавонро ба қисми 1 моддаи 35 ва қисми 2 моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ дониста бошад ҳам, аммо дар қисми дуюми қарори худ ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия додааст, ки зарур аст, ки механизми бастани Қарордоди фаъолияти якҷояи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаи олии касбии таълимии давлатӣ ва донишҷӯро пеш аз ба таҳсил оғоз намудани донишҷӯёни муассисаҳои таълимии мамлакат таҳким бахшида, интишори расмӣ ва мавриди амал қарор додани Низомномаи тақсимот ва ба ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавонро таъмин намояд. Бо ин тавсияи худ Суди конститутсионӣ қарори қабулнамудаи худро зери шубҳа гузошта, ба фаҳмиши духӯрагии он оварда расонидааст.

Дар ин ҷо бобати адолати судӣ, ки ба дуруст фаҳмидани қонун ва дар амал дуруст татбиқ кардани он ба миён гузошта мешавад ва дар натиҷаи ҳамаҷониба чуқур ва дуруст доштани фаҳмиши ҳуқуқии судӣ, чӣ тавр ҳақиқати ҳуқуқӣ дар ҳалли парвандаи судӣ ошкор мешавад, сухан меравад.

Судя дар мурофиаҳои парвандаҳои судӣ ба қоидаҳои ҳаётие рӯ ба рӯ мешавад, ки онҳо аз муносибатҳои ҳуқуқии дар ҷомеа мавҷуд буда,

бармеоянд. Масалан, вақте ки дар муносибатҳои ҳаррӯза як шахсе - А. ба шахси дигар - Б. қарз дода, ҳамзамон, чунонки дар ҳаёт аксар вақт ҷой дорад, аз гирифтани забонхат шарм кардааст. Дар доираи ҳаёти ҳуқуқи мурофиавӣ ҳолатҳое муқаррар карда мешаванд, ки барои ҳаёти ҳуқуқӣ аҳаммияти калон доранд. Ҳеҷ кас баҳс намекунад, ки дар асоси ин ҳаёти ҳуқуқӣ, мунокишаи оддии ҳамарӯзаи байни одамони мушаххас, муносибатҳои воқеии ҳаётӣ гузошта шудаанд, аммо онҳо ба доираи ҳаёти ҳуқуқӣ афтода, абстрактӣ ба маънои ҳаёти ғайривоқеӣ мешаванд. дар давраи таҳлил ва омӯзиши парвандаҳои судӣ, судяе, ки ихтилофҳои ҳуқуқиро дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ, фаҳмиши ҳуқуқиро амалӣ менамояд, ки барои як шахс, муҳим буда, оё ӯ бо ному насаби А., ки дар он чо зиндагӣ мекунад, кор мекунад, оилаи серфарзанд аст ва ғайра ба шахси дигар бо номи Б., ки у низ аломатҳои фардии ҳаёти худро дорад, ки дар аризаи даъвогӣ дарҷ шудааст, маблағи пулӣ додааст ё не. Аммо барои ӯ, ҳамчун судя, ки дар ин маврид ба доираи ҳаёти ҳуқуқ афтодааст, бояд саволи тамоман дигар ҷолиб гардад, ки уро водор месозад ҳуқукро равшан кунад, яъне: оё забонхат  гирифта шудааст ё не?

Пас, судя ҳамчун иштирокчии ҳаёти ҳуқуқӣ, вазифадор аст, ки ба қоидаҳое, ки  ин ҳаёт амр мекунад, итоат намояд, кадом ҳақиқатро  бояд муқаррар кунад? Он ҳақиқатеро, ки баъзеҳо объективӣ меноманд? Аммо ин ҳақиқат аз соҳаи дигари дониш, аз ҳаёти дигар аст. Судя ба талаботи ҳаёти хуқуқӣ итоат карда, ҳақиқати дигар, ҳуқуқиро муқаррар мекунад. Судя воқеияти объективиро дарк накарда, воқеияти ҳуқуқиро дарк мекунад. Ва дар ин ҷо ягон чизи бадахлоқона ва ғайритабиӣ нест, зеро ҳақиқати ҳуқуқӣ чизест, ки дар воқеияти ҳуқуқӣ мавҷуд буда, воқеияти ҳуқуқӣ, ҳақиқати ҳуқуқиро инъикос мекунад, ин инъикоси дуруст дар шуури судя, воқеияти ҳуқуқӣ мебошад.

Ин стандартҳои дугона, ки ба ғайр аз ҳақиқати ҳуқуқии парванда боз ҳақиқати моддӣ, ҳаётии ҳаррӯзаи парванда мавҷуд аст, ба андешаи

мо, бо омезиши мафҳумҳои иҷтимоӣ (ҳаётии ҳаррӯза) ва ҳаёти ҳуқуқӣ шарҳ дода мешаванд. Чунин омезиш ба шуури судяҳое, ки саъю кушиш доранд, фаҳманд, ки чиро суд бояд дар натиҷаи фаҳмиши ҳуқуқии судӣ муайян кунад, аз эҳтимол дур нест, ки равшанӣ намеоваранд. Дар навбати худ изҳорот дар бораи он ки суд дар доираи баррасии парвандаи судӣ бояд ҳақиқати ҳуқуқиро муқаррар намояд, яъне он чизе, ки дар воқеияти ҳуқуқӣ мавҷуд аст, воқеияти ҳуқуқӣ, ҳақиқати ҳуқуқие, ки дониши онҳо тибқи талаботи қонун пурра гирифта шудааст, инъикос мекунад ва ба таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ  дар ҷомеа мусоидат мекунад.

Бояд хотиррасон кард, ки сухан дар бораи фаҳмиши ҳуқуқии судӣ, яъне дар бораи ҷузъи марказӣ, умдаи таркибии фаъолияти суд дар доираи ба амал баровардани  адолати судӣ, на ин ки  дар бораи тамоми ҷараёни баамалбарории адолати судӣ меравад. Маҳз дар ҳамин лаҳза натиҷаҳои фаҳмиши ҳуқуқии судӣ дар бораи воқеияти мушаххаси ҳуқуқӣ, ҳама гуна омилҳои ҳуқуқӣ ва ба ҳуқуқ наздик қарор мегиранд. Маҳз дар ҳамин лаҳза хислатҳои инфиродии шахсияти судя ифода меёбад (охир, у на танҳо субъекти махсуси фаҳмиши ҳуқуқии судӣ, балки инсон низ мебошад).

Равшан аст, ки ҷомеаи мутамаддини муосир бояд аз чунин пешомадҳо бо сабабҳое, ки мо қаблан ба асоснокии он таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намудем, канорагирӣ кунад.

Аз ин рӯ, фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ ба маънои дурусти дарк ва татбиқи қонунҳои амалкунанда ҳангоми баррасии парвандаҳои судӣ мебошад ва ин мафҳум асосан ба чунин ҷанбаҳо равона шудааст: - судяҳо бояд меъёрҳои ҳуқуқиро на танҳо ба маънои зоҳирии онҳо, балки бо назардошти руҳия ва мақсади аслии қонунҳо фаҳманд ва ин ба онҳо имконият медиҳад, ки онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои судӣ дуруст

татбиқ намоянд; - дар ҳар як парвандаи судӣ, судя бояд муайян кунад, ки кадом қонун ё меъёр ба ҳолати мушаххас татбиқшаванда аст ва онро дуруст арзёбӣ ва татбиқ намояд; - ташаккули тафаккури ҳуқуқии судяҳо талаб мекунад, ки онҳо ҳодисаҳоро на танҳо тибқи қонун, балки бо назардошти принсипҳои адолат ва ахлоқӣ низ баррасӣ кунанд; - судяҳо бояд дарк намоянд, ки қонунгузорӣ бояд ба манфиати ҷомеа, адолат ва риояи ҳуқуқҳои инсон бошад.

Ҳамин тавр, фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ ҳамчун замина барои ташаккули тафаккури ҳуқуқии судяҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки қарори дуруст ва одилона қабул намоянд, ки ин ба таъмини адолати судӣ мусоидат мекунад.

## 2.3. Расмиёти судӣ ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ

Дар бораи расмиёти судӣ, ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқии судӣ сухан карда, бояд қайд намуд, ки ин падидаи бениҳоят мураккаб буда, танҳо бо меъёрҳои мурофиавие, ки рафти баррасии судиро ба тартиб меандозанд, маҳдуд намешавад. Мисли ҳар як падидаи ҳаёти ҳуқуқӣ, расмиёти судӣ дорои сабабҳои нахустини ҳастии худ, принсипҳои умда, ки хислати умумии онро ташаккул медиҳад, меъёрҳо ё талаботе, ки аз мазмун ва шакли расмиёти судӣ вобастагӣ доранд, механизми воситаҳои амалигардонии онҳо мебошанд. Расмиёти судӣ яке аз намудҳои дарки судӣ буда, дар як вақт бо адолати судӣ ба миён омада, он бо мумури замон тағйир ёфта, шакл ва мундариҷаи он вобаста ба пешрафти ҷамъият мутобиқ мегардад.

Таҳлилу омӯзиши расмиёти судӣ, ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ, аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳуқуқшиносон ба натиҷаҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ (фалсафа, мантиқ, таърих, сиёсатшиносӣ ва ғайраҳо), ки дар бораи давраҳои замони гузашта, ҳастии ҷамъиятро аз нав бавуҷудоварӣ менамоянд, рӯ овардаанд. Тибқи нуқтаи назари

умумиқабулгардида хислати хоси ҷамъияти ибтидоӣ ниҳоят парроканда, ноустувории аёни робитаҳои ҷамъиятӣ, номуайянии пурраи муносибатҳои ҳуқуқӣ, мебошад. Аз қабилаҳои васеъ паҳншуда, ҷамоатҳои хурд таъсис меёфтаанд, ки аз сабаби кашмокашиҳою низоъҳои дохилӣ аз ҳамдигар ҷудо мешуданд. Ҳамон замон ин амалҳо одилона ба ҳисоб рафта, дар асоси қонунҳои табиат ва ҷамъият аз ҳар инсон тақозо менамуд, ки пурқуввату қавӣ бошад, то ки зинда монад.

Дар баъзе мавридҳо ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои муайян тарафҳои ихтилоф ба суди ҷамъиятӣ, ки хусусияти суди ҳакамиро дошт, муроҷиат мекарданд. Иттиҳодияҳо, қабилаҳо ва ё ҷамъиятҳои алоҳида яке аз тарафҳоро пуштибонӣ мекарданд, ки тарафи дигар ба ин қарори ҷамъият итоат мекард ё қабиларо тарк мекард. Мумкин аст, дар чунин мавридҳо ақидаҳо дар байни аъзоёни қабила мешуданд, дар натиҷа ҳатто ба пароканда шавии ҷамоат оварда мерасонидаанд. Ҷамоат муҳокимаро зери назорат гирифта наметавонист, чунки дар ҳалли баҳс миёнаравиро иҷро ба уҳда дошта, рафти баррасии судиро идора намекард. Зеро ҳамон замонҳо дар одатҳо, ҳамчун меъёри қоидаҳои рафтор дар муҳокимаҳои судӣ тартиби баромади тарафҳо, пешкаш ва исботи далелҳо ва баҳодиҳии онҳо аз тарафи суд, пешбинӣ нашуда будаанд.

Тибқи талаботи моддаҳои 150-153 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] барои омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, амалҳои зерин анҷом дода мешаванд, яъне суд ба ҷавобгар талаботи даъворо изҳор намуда, асосҳои ин талаботро баён намуда, ба ҷавобгар нусхаи далелҳоеро, ки ҳолатҳои асосноккунандаи талаботро тасдиқ менамоянд, супорида мешавад. Мувофиқи тавзеҳоти банди 4 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №12 аз 19 декабри соли 2008 «Дар бораи омодасозии парвандаҳои маданӣ ба муҳокимаи судӣ» [213, с. 58-65] судя пас аз қабули ариза дар асоси моддаи 150 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки таъинот дар бораи омодасозии парвандаро ба

муҳокимаи судӣ қабул намуда, дар он амалиётҳои мушаххасро, ки бояд тарафҳо ва дигар шахсони парванда иҷро намоянд, инчунин муҳлати анҷом додан ва давомнокии онҳо дар ҳар як ҳолати мушаххас бо назардошти имконпазирии воқеии иҷроиш муайян кардааст, нишон диҳад.

Мутобиқи тавзеҳоти банди 8 Қарори мазкур ҳангоми омодасозии парванда судя вазифадор аст, ки бо дарназардошти қисми 2 моддаи 13 ва сархати 2 қисми 1 моддаи 153 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] ба тарафҳо ва дигар шахсони иштирокчӣ, ки ба парванда ҷалб карда шудаанд, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мурофиавиашонро ба таври муфассал фаҳмонанд, инчунин муқарароти қисми 1 моддаи 71 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи он ки тарафе, ки ухдадор аст талабу норозигии худро исбот намояд, аммо далелҳои доштаашро нигоҳ дошта, ба суд пешниҳод намекунад, суд ҳуқуқ дорад, хулосаи худро бо баёноти тарафи дигар асоснок карда тавзеҳ диҳад. Ҳангоми ҳозир нашудани ҷавобгар дар давраи омодасозии парванда судя ҳуҷҷатҳоро ба маҳалли зист ё маҳалли ҷойгиршавии ӯ равон карда, ба охирин пешниҳод менамояд, ки дар муҳлати муайян баҳри асоснок намудани норозигиаш далелҳоро пешниҳод намояд. Судя инчунин, тавзеҳот медиҳад, ки далелҳо ва норозигиҳо дар муҳлати муайяннамудаи судя аз ҷониби ҷавобгар пешниҳоднашуда, барои баррасии парванда аз рӯи далелҳои мавҷудбуда монеа шуда наметавонад.

Аммо дар амалия дар баъзе олатҳо гузаронидани омодасозии парвандаҳои судӣ дар асоси талаботҳои моддаҳои болозикршуда ва Қарори Пленум дуруст ба роҳ монда нашудааст.

Аксари таъинотҳо дар бораи омода намудани парвандаҳои судӣ вобаста ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба муҳокимаи судӣ ба таври якхела интишор шудаанд. Дар таъинотҳо танҳо амалҳои алоҳида дар намуди супоридани нусхаи

аризаи даъвогӣ, гузаронидани сӯҳбат нишон дода шуда, ҳолатҳои исботшаванда, басандагии далелҳо, зарурияти тавсияи пешниҳоди далелҳои иловагӣ ва амалҳои дақиқ, ки ҳар тараф бояд иҷро намояд нишон ва муҳокима карда нашудаанд.

Инчунин омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки судяҳо ҳатто нусхаҳои аридаҳои даъвогиро ба ҷавобгарон намесупоранд ва даъвогаронро ба суд даъват накарда, аризаҳои даъвогиро беасос бе баррасӣ мемонанд.

Мисол, бо таъиноти суди ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе аризаи даъвогии адвокатҳои коллегияи адвокатҳои мустақили шаҳри Душанбе Зокиров Ф. Ҷ., Табаров И. ва Қудратов Ш. А. ба ҷавобгарии Директори агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуфаттоҳи Ғоиб дар бораи ҳимояи шаъну шараф ва эътибори корӣ ба баррасии суд қабул гардида, бо он парвандаи маданӣ оғоз шудааст. Бо таъиноти судӣ аз 17 феврали соли 2014 доир ба ин парванда омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ қабул шудааст, ки банди якуми ин таъинот супоридани нусхаи аризаи даъвогиро бо маводҳои замиммашуда ба ҷавобгар мебошад. Аммо судя ин амалиётҳои мурофиавиро нагузаронда, бо таъинот аз 4 марти соли 2014 баррасии парвандаро ба рӯзи 10 марти соли 2014 таъин намудааст.

Аз протоколи маҷлиси судӣ муайян мегардад, ки бинобар ҳозир нашудани тарафҳо баррасии парванда ба рӯзи 26 марти соли 2014 мавқуф гузошта шудааст. Аммо дар қабати парванда ягон хабарномаи судӣ ё телефонограмма оиди ба таври дахлдор ба маҷлиси судӣ даъват намудани тарафҳо мавҷуд нест ва бо таъиноти маҷлиси судӣ аз 2 апрели соли 2014 даъвои зикршуда бархилофи моддаи 227 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон бе баррасӣ мононда шудааст ва нусхаи таъиноти мазкур ба даъвогарону ҷавобгар равон ё супорида нашудааст. Дар ҳоле, ки тибқи талаботи моддаи 227 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] суд ҳуқуқ дорад

танҳо баъди дубора ба таври қонунӣ даъват намудан даъвогар ва ба суд бо сабабҳои беузр ҳозир нагардидани даъвогар ариза бе баррасӣ мононда мешавад. Ё, мисоли дигар, мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 176 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси даст кашидани даъвогар аз даъво, эътирофи даъво аз ҷониби ҷавобгар ба суд аризаи хаттӣ пешниҳод карда мешавад, ки он дар протоколи маҷлиси судӣ зикр мегардад [10]. Тибқи талаботи қисми 2 ҳамин модда, суд ба даъвогар ё ҷавобгар оқибатҳои даст кашидан аз даъво, эътирофи даъворо тавзеҳ дода, аз онҳо дастхат мегирад, ки он ба маводи парванда замима карда мешавад.

Омӯзиш собит сохт, ки судяҳо на ҳама вақт талаботи моддаи мазкурро риоя намуда, муқарраророти қонунро моддӣ назар менамоянд. Мисол, парвандаи судӣ бо даъвои Шарипов М. Н. ба ҷавобгарии “Радиои Озодӣ”, Ҳакимов Қ.М., Қурбонов Р. дар бораи ҳимояи шаъну шараф ва рӯёнидани зарари маънавӣ роҳ дода шудааст. Бо таъиноти маҷлиси судии суди ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе аз 4 майи соли 2015 баррасии парвандаи мазкур бинобар аз даъво даст кашиданӣ даъвогар ва аз ҷониби суд қабул гардидани он қатъ карда шудааст. Аммо ба даъвогар оқибатҳои даст кашидан аз даъво фаҳмонида нашуда, аз номбурда дастхат нагирифта, ба маводҳои парванда ҳамроҳ карда нашудааст.

Пётр Баренбойм қайд менамояд, ки ҳокимияти судӣ аз ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия пештар ба вуҷуд омада, он қоидаҳои рафтореро, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи инсоният рушд ёфтааст, онро дар шакли расмиёти алоҳида пешбинӣ намудааст ва вазифаи қодаҳоеро, ки рафти муҳокимаҳоро танзим менамояд, амалӣ менамояд. Чунончи ӯ қайд менамояд: «Аммо ба корҳои судӣ баргашта, моҳияти масъаларо ёдовар мешавем. Дар китоби «Оқибат» (боби 18) хусури Мусо, дид, ки ҳамаи баҳсҳоро байни одамон ӯ худ танҳо баррасӣ мекунад маслиҳат дод, ки

одамони қобил, Худотарс, ҳақиқатпараст, бадбинӣ ғаразро интихоб кунад (б. 21). Мусо маслиҳати ӯро қабул карда, одамони қобилро интихоб намуд ва онҳо мардумро дар ҳар замон суд карда; дар бораи парвандаҳои муҳим ба Мусо хабар медодаанд, тамоми парвандаҳои хурдро бошад, худашон баррасӣ мекардаанд» (банди 26). Ҳамзамон, ин кодекси инҷили Аҳди қадим (Таврот) барои ҳалли баҳсҳо рост ба судя нигаронида шудааст. Дар он ҷо низ мо аз номи Худо «меъёрҳои мурофиави»-и эълоншударо пайдо мекунем, ки ба унвони худи судяҳо ирсол карда шудааст: «Аз паси аксарият баҳри бадӣ нарав ва баҳсҳоро аз ҳақиқати аксарият дур шуда, ҳаллу фасл накун. Ва нисбати камбағал дар баҳси у тағофул нанамо... Баҳси камбағалро фонӣ баррасӣ накун. Аз дуруғ дур шав, бегуноҳ ва ҳақро қатл накун, зеро Ман тарафдори одами ғайриқонунбуда намебошам. Туҳфа қабул накун; зеро туҳфа биноро кур мекунаду парвандаро ҳақиқат мепиндорад. Қонунгузории Аҳди қадими асрҳои XV-XIII пеш аз мелод дар муқоиса бо Кодекси Хаммурапи бо хусусияти худ демократӣ буда, зиёда аз 1000 сол пештар аз аввалин Маҷмуъи қонунҳои хаттии Миср (300 сол қабл аз милод) ва аввалин маҷмуъи хаттии ҳуқуқи Рим (асри II қабл аз милод) ба вуқуъ омадааст. Ҳамчунин, он нахустин дар таърихи қонунгузорӣ асарест, ки ба забонҳои хориҷӣ тарҷума шудааст» [40, с. 80–81].

Бешубҳа дар ин ҷиҳат нисбати асари Восторгов И. низ таваҷҷӯҳи илмӣ зоҳир мегардад[67]. Восторгов И. қайд менамояд, ки ба ақлу хиради кунҷков имконияти нодир медиҳанд, ки баъзе падидаҳои пешбурди судиро, ки ба расмиёти судӣ мансуб аст ва ба онҳо на ҳамчун ба воқеияти расмӣ, балки аз нуқтаи назари зарурати таърихӣ, асоснокии ба миён омадан ва ҳастии он назар афканда, рӯҳи ибтидоии таърихии расмиёти судиро эҳсос бояд кард.

Ҳуқуқи Рими қадим, бешубҳа ҷои муҳимтаринро ишғол мекунад ва яке аз ҳуқуқшиносии ба худ хос ва қадимтарин мебошад. Ҳисси ҳақиқат

ва қонун, ки дар асоси ҷомеаи ташаккулёфта қарор дошт ва дар суд кори ноҳақро накун, ин навишта шуда буд дар ривоятҳо.

Бар асоси қонунгузории Талмуд қоидаҳои возеҳу равшани расмиётӣ гузошта шуда буданд. «Дар суд эҳтиёткор ва оҳистакор бош». Пас аз мардони «Синегогаи Бузург» асри Синедрион оғоз ёфт, ки ин принсипи эҳтиёткориро дар фаъолияти судӣ то хурдтарин ҷузъҳо муфассал тарҳрезӣ намуд. Қоидаи асосии Синедрион чунин буд: «Ҷаҳон ба се чиз такя мекунад: ба қонун, Худоогоҳӣ ва бахшиш». Мурофиаи судии маданӣ ва ҷиноятӣ (суд др бораи молу мулк ва суд дар бораи ҳаёт) дар қонунгузории яҳудиёни қадим аниқу муайян ҷудо карда шуда будаанд. Дар он замонҳо чор қоидаи расмиёти ҷиноятӣ мавҷуд буд: 1) аниқӣ дар айбдоркунӣ; 2) баррасии ошкоро; 3) озодии пурраи судшаванда; 4) таъмини шоҳидон аз тамоми хавфу хатар. Дар мурофиаи судии маданӣ ва ҷиноятӣ ҳангоми пурсиш ва тафтиш ба як қоида итоат мекарданд, вале вобаста тарзу услуби пешбурд тафовут доштанд. Дар мурофиаи судии маданӣ танҳо се судя, барои ҷиноятӣ бошад, бисту се судя лозим буд; дар якум фарқ надорад, ки судяҳо, ки аввалин шуда фикру ақидаҳои худро баён мекунанд, ба фоидаи ки мегӯянд; дар дуюм-ҳамоно, ки сафед мекунанд, бояд якум сухан кунанд; дар якум зиёда аз як овоз ҳамеша кифоя аст; дар дуюм-зиёда аз як овоз барои сафед кардан кифоя мебошад, аммо на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳо барои маҳкум кардан зарур аст. Дар якум қарор ҳангоми хатогӣ метавонад ба кадом тарафе, ки нигаронида бошад, бекор карда шавад; дар дуюм маҳкумкунӣ метавонад бекор карда шавад, аммо сафедкунӣ- ҳеҷ гоҳ (новобаста аз он ки равшан гардидааст, ки сафедкунӣ хато аст).

Дар якум толибони қонун, ки дар суд штирок доранд (ҳамчун машваратчиён ва ёварон), метавонанд барои тарафдорӣ ё муқобили айбдоршаванда сухан кунанд, дар дуюм бошад, онҳо метавонанд танҳо барои тарафдории айбдоршаванда сухан кунанд, аммо ба муқобили ӯ -

не. Дар якум - судя, ки фикру ақидаи худро барои тарафдорӣ ё муқобил баён кардааст, фарқ надорад, метавонад онро тағйир диҳад; дар дуюм - он нафаре, ки барои айбдоркунӣ овоз додааст, метавонад фикру ақидаашро тағийр диҳад, аммо ки барои сафедкунӣ овоз додааст – не. Мурофиаи маданӣ танҳо рӯзона оғоз меёбад, аммо метавонад то ба шаб расидан хотима бахшида шавад; мурофиаи ҷиноятӣ бошад танҳо рӯзона оғоз меёбад ва бояд танҳо рӯзона ба итмом расонида бошад. Якум метавонад бо сафедкунӣ ё маҳрумкунӣ худи ҳамон рӯзе, ки оғоз гардида буд, ба охир расад; дуюм метавонад худи ҳамон рӯз хотима бахшида шавад, агар ҳукми сафедкунӣ эълон карда шуда бошад, аммо ҳатман бояд то рӯзи дигар мавқуф гузошта шавад, дар сурате агар бояд бо маҳкумкунӣ хотима ёбад. Бо ҳамин сабаб мурофиаи ҷиноятӣ наметавонад пеш аз шанбе ё дар арафаи ид оғоз карда шавад».

Барои ҳар як таҳқиқотчии таърихи мурофиаи судӣ, принсипҳои пурсиш ва тафтишот ҷолиби таваҷҷӯҳ мебошад. Ҳеҷ кас набояд ғоибона суд карда шавад, ба истисноии ҳолатҳои дар қонун пешбинишуда. Дастгиркунии шахсӣ, ба ҳабс гирифтан то оғози тафтишот бениҳоят кам ба чашм мерасад, ин танҳо ҳамон вақт ҷой дошт, вақте ки айбдоршаванда муқобилияти мусаллаҳона нишон медод ё мақсад дошт гурехта аз таъқиби судӣ пинҳон шавад. Ҷалб кардан ба суд танҳо дар сурате имокнпазир буд, агар инро шоҳидон, ки аз давраи Мусо бояд се нафар дар ҳолати истисноӣ-ду нафар бошанд, талаб мекардаанд. Дар мурофиаи судии ҷиноятӣ риояи ҳатмии шартҳои принсипи асосии ошкоро ва озодиро талаб мекард, ки пурсиши айбдоршавандаро ниҳонӣ нагузор, ки ҳангоми он ҳатто бегуноҳ метавонад дар ҳолати фишору зӯроварӣ бар зидди худ нишондод диҳад.

Дар ҷаҳон ягон воситае ҳанӯз ёфт нашудааст, ки худ қонуни ба ғояти камол расида бошад: то даме ки дар дасти инсон аст, то он дам он

метавонад силоҳи ҳам некӣ ва ҳам бадӣ гардад. Ҳаминро метавон гуфт дар бораи муассисаҳо ва қонунгузорӣ.

Судяҳои Синедрион зери зӯроварӣ ва маҷбуркунӣ нею, балки бо рафти корҳои инсонӣ, ақлу шуур, озодии худро нигоҳ дошта, амал кардаанд. Аз ин рӯ фаъолияти онҳо хашму ғазаб ва ваҳму даҳшатро ба миён меоварад. На барои он ки ба ӯ Иуда хиёнат кард, балки барои он ки ӯро намуд, - на барои он ки ин ҳолат пешгӯӣ карда шуда буд, балки барои он ки ин ҳолат, ки Иуда ба хиёнат мекунаду Синедрион- худ, бо иродаи худ. на ин ки бо маҷбуркунӣ уро маҳкум мекунад, пешгӯӣ карда шуда буд [67].

Рушди таърих - ҷараёни бетартиб намебошад. Он ба қонунияти муайян итоат мекунад. Судро ҳамчун ниҳод, мавқеъ ва нақши онро дар таърихи инсоният баҳо додан мушкил мебошад, зеро фаъолияти судиро мақсади олӣ донистан ва мадди назар кардани нақши онро дар ҷомеа, нофаҳмиҳоро ба миён меорад. Бинобар ин, илми ҳуқуқшиносӣ бояд ин нофаҳмиҳоро бартараф намуда, ба ҷомеаи имкон фароҳам орад, ки он ҳамчун воситаи ҳалли самараноки ҳалли ихтилофҳои иҷтимоии ҷомеа гардад. Аз ин рӯ, суд вазифадор буд, ки дар рафти тамоми мурофиа бениҳоят эҳтиёткорона ва бо нозукӣ принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро риоя намояд, ки бо ин хатогии судӣ дар маҳкум кардани шахси бегуноҳ истисно мешуд. Ин дар навбати худ давом додани тарҳрезии илмии назарияи татбиқи ҳуқуқии судӣ ва возеҳу равшан кардани моҳияти шуури ҳуқуқии судиро талаб мекунад.

Масалан, Суди конститутсионӣ аз рӯйи пешниҳоди иҷрокунандаи вазифаи Раиси Суди конститутсионӣ Мустафоқулов Ш.М. дар бораи муайян кардан ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат доштани қисми 3 моддаи 381 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марта соли 2003 парванда оғоз намудааст. Дар пешниҳод омадааст, ки моддаи 381 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби аз рӯйи эътироз дида баромадани

парвандаро ба танзим дароварда, қисми дуюми ин модда муқаррар намудааст, ки дар вақти ба тариқи назоратии судӣ дида баромадани парванда дар зинаҳои судие, ки эътирозро дида мебароянд, мувофиқан прокурорҳои вилоят, вилояти автономӣ, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ҷонишини ӯ иштирок менамоянд. Мутобиқи қисми сеюми моддаи 381 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон суде, ки корро ба тариқи назорати судӣ дида мебарояд, метавонад, ки агар зарур шуморад ба маҷлиси судӣ маҳкумшуда, ҷабрдида ва ҳимоятгарро даъват намояд, яъне масъалаи иштирок кардан ё накардани маҳкумшуда, ҷабрдида ва ҳимоятгарро дар зинаи назоратӣ суде, ки парвандаро дида мебарояд ҳал кунад. Суд метавонад парвандаи ҷиноятиро дар ғоибии онҳо низ дида барояд [212, с. 340].

Суди конститутсионӣ бо таъиноти худ аз 14 октябри соли 2003 мурофиаи судии Суди конститутсиониро «Дар бораи муайян намудани ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат доштани қисми 3 моддаи 381 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар истеҳсолоти Суди конститутсионӣ бо он асос қатъ намудааст, ки лоиҳаи нави КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил шуда истодааст ва масъалае, ки мавриди баррасии мурофиаи Суди конститутсионӣ қарор гирифтааст дар таҳияи лоиҳаи нави Кодекси номбурда мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Мебоист қайд намуд, ки ба чунин шакл хулосаронӣ кардани Суди конститутсионӣ бармаҳал ба шумор меравад, зеро ишора ба лоиҳаи нави КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон намудан, нишонаи баррасӣ ва ҳал намудани пешниҳоди иҷрокунандаи вазифаи Раиси Суди конститутсионӣ Мустафоқулов Ш.М. ба ҳисоб рафта наметавонад. Чунки оё лоиҳаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мегардад ё не ва агар қабул гардад, дар он масъалаи мавриди баррасии мурофиаи Суди конститутсионӣ қарор гирифта ҷой дода мешавад ё не?. Ба ҳамин тарз қабули қарори судӣ, ба назари мо моҳияти расмиёти мурофиаи судиро инъикос карда

наметавонад. Зеро мақсади мурофиаи судӣ ин ҳаллу фасли ихтилофи ҳуқуқӣ буда, барои муқаррар кардани ҳақиқати ҳуқуқӣ равона шудааст ва аз нуқтаи назарияи умумӣ он бо худ яке аз намудҳои расмиёти ҳуқуқӣ мебошад, ки дар натиҷа риоя кардан ва ё накардани расмиёти судӣ дар ба амал баровардани адолати судӣ таъсири худро расониданаш мумкин аст.

Барои пешбурди дурусти расмиёти судӣ ба ҳамаи тарафҳо ва иштирокчиёни мурофиа (прокурорҳо, адвокатҳо ва судяҳо) зарур мегардад, аввалан дар назди омма ошкоро ва ботантана савганд ёд кунанд, ки ҳар кадоми онҳо касбии худро бошуурона, софдилона ва бо адлу адолат иҷро менамоянд. Ба фикри мо, ҳамаи ин ба мурофиаи судӣ тобиши зарурии маънавӣ-ҳуқуқӣ ва назми мувофиқ ворид намуда, инчунин на танҳо ба шаҳрвандони оддӣ, ки мурофиаро тамошо мекунанд, балки ба иштирокчиёни мурофиа низ ба ҳаллу фасли қонунӣ ва самарабахши ҳар як баҳс ё парвандаи мавриди баррасӣ қароргирифта таъсири судманд мерасонад. Ва ин аст, ки ба назари мо имрӯз воқеан дар шуури ҳуқуқии мо, қонунгузорӣ ва амалияи мурофиаи маданӣ ва ҷиноятӣ намерасад [91; 92; 90; 115; 112; 227, с. 6-20; 274; 121; 187, с. 15-26; 194, с. 72-80; 182, с. 106-118; 184, с. 119-141; 176, с. 106–115; 186, с. 49–56].

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра принсипҳое пешбинӣ карда шуданд, ки онҳо на танҳо ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, балки ба фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ низ бевосита дахл доранд. Аз ҷумла, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд. Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд.

Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ якчанд санадҳои байналмилалиро эътироф намуд, ки онҳо пеш аз ҳама ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нигаронида шудаанд. Аз ҷумла,

Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ки тибқи онҳо “Ҳамаи шахсон дар назди судҳо ва трибуналҳо баробаранд. Ҳар кас ҳангоми баррасии ҳар навъ айбдории ҷиноятие, ки ба ӯ эълон карда мешавад ё ҳангоми муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ дар ягон мурофиаи маданӣ, ба мурофиаи одилона ва ошкорои парванда аз тарафи суди босалоҳият, мустақил ва беғаразе, ки дар асоси қонун таъсис дода шудааст, ҳақ дорад” [105].

Бо мақсади татбиқи ин меъёрҳои Конститутсия ва санадҳои байналмилалӣ аз моҳи ноябри соли 1995 сар карда, то имрӯз як қатор қонунҳои конститутсионӣ ба монанди: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул карда шуданд. Баъдан якчанд кодексҳое, ки муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро ба танзим медароварданд низ қабул карда шуданд.

Аз ҷумла, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд. Ҳамаи меъёрҳои қонунҳо ва кодексҳои зикргардида, маҳз бо мақсади таъмини фаъолияти муътадили расмиёти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ равона карда шудаанд. То имрӯз баъзе аз қонунҳои конститутсионӣ ба монанди Қонуни конститутсионии

Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии  Тоҷикистон” [3], Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [2] ё дар таҳрири нав қабул карда шудаанд, ё ба қисми зиёди меъёрҳои онҳо тағйиротҳои куллӣ ворид карда шудаанд.

Махсусан, дар солҳои 2011, 2020-2022 ба Кодексҳои мурофиавии маданӣ ва ҷиноятӣ тағйиротҳои ҷиддӣ ворид карда шуданд, ки баъзе аз онҳо ба андешаи мо як қадам ба пеш ва ду қадам ба қафоро мемонад. Дар баъзе ҳолатҳо бошад, тағйиротҳои воридгардида духӯра ва нофаҳмо мебошанд, ки татбиқи онҳоро дар амал мушкил мегардонад. Масалан, дар қ. 1 м. 47 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КММ ҶТ) аз 19 июли соли 2022  тағйирот ворид  карда шуда, ба прокурор ҳуқуқи пешниҳоди даъворо ба суд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои гурӯҳи номуайяни “корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои давлатӣ” бо ариза муроҷиат кунад, дода шуд.

Агар мо ба таҳрири то ворид намудани ин тағйирот назар афканем, он аз ҷиҳати мазмун ва мантиқ як дараҷае дурусттар мебошад: “Прокурор ҳуқуқ дорад ба суд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, гурӯҳи номуайяни шахсон ё ба манфиати Ҷумҳурии  Тоҷикистон бо ариза муроҷиат кунад. Аризаро ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон прокурор метавонад танҳо дар ҳолате пешниҳод намояд, ки агар шаҳрванд вобаста ба вазъи саломатӣ, синну сол, ғайри қобили амал будан ва дигар сабабҳои  узрнок натавонад  худаш ба суд муроҷиат кунад” [36-М, с. 16-30].

Дар ин ҷо мо ин ду меъёрро муқоиса намоем мебинем,  ки  таҳрири то  тағйирот ворид  гардида,  гарчанде ба сохтор ва  мантиқи  КММ  ҶТ он қадар дуруст набошад ҳам, аммо як дараҷа ба мантиқи ҳифзи ҳуқуқҳо дуруст меомад. Масалан, прокурор ба  шахс танҳо дар ҳолате барои ҳифзи ҳуқуқҳояш мусоидат менамуд, ки агар ӯ “вобаста ба вазъи

саломатӣ, синну сол, ғайри қобили амал будан ва дигар сабабҳои узрнок худаш ба суд муроҷиат карда наметавонад" ё ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон [36-М, с. 16-30].

Акнун савол ба миён меояд, ки оё "корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои давлатӣ" худашон мустақилона ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ба суд муроҷиат карда метавонанд ё не? ё онҳо ҳам бинобар сабабҳои "вобаста ба вазъи саломатӣ, синну сол, ғайри қобили амал будан ва дигар сабабҳои узрнок (надоштани маблағҳои пулӣ барои супоридани боҷи давлатӣ, надоштани мутахассиси дахлдор - ҳуқуқшинос) худашон ба суд муроҷиат карда наметавонад?" Пас барои чӣ ин принсип ба соҳибкорон низ паҳн карда нашудааст. Дар ин ҷо ба андешаи мо аз як тараф вайрон шудани принсипи диспозитивӣ бошад, аз тарафи дигар нобаробар гузоштани субъектони муроҷиат ба суд мебошад. Яъне, як субъект нисбат ба субъекти дигар дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳояш бо ин роҳ бартарият ба даст меорад. Илова бар ин, мақомоти прокуратура чӣ тавре, ки дар таҳрири қабли ва ҳозира ҷой дорад, ӯ танҳо барои ҳифзи манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон на корхонаву идораҳои он ба суд ариза пешниҳод мекунад. Агар татбиқи ин тағйирот дар амал ҷори гардад, пас ба андешаи мо ба мақомоти прокуратура барои ба амал баровардани дигар функсияҳои худ қариб ки имконият ё вақт намемонад.

Тибқи муқаррароти дар қ. 3 м. 47 КММ ҶТ ҷойдошта, иштироки прокурор дар баррасии баҳсҳо хеле васеъ карда шуда, ба онҳо парвандҳо вобаста ба манзил (қаблан танҳо кӯчонидан аз манзил), замин, эътирофи ҳуқуқи моликият, муқаррар намудани ҳолатҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқидошта, аз ҳабс озод намудани молу мулк ва ғайраҳо пешбинӣ гардидаанд, ки ин сарбории мақомоти прокуратураро якчанд маротиба баланд мебардорад. Ин ҳам ҳеҷ гап нест, аммо боз тағйироте илова карда шуд, ки он ҳам духӯрагӣ ва ҳам нофаҳмиро ба миён

овардааст. Аз ҷумла, дар ҳамин қисми моддаи 47 омадааст, ки прокурор дар баррасии ҳолатҳои дар ҳамин модда пешбинигардида ҳатман иштирок менамояд ва хулоса медиҳад. Акнун бинед, агар дар як ноҳия зиёда аз 20 нафар судя фаъолият намояд, пас ёрдамчиёни прокурор низ аз ин шумора кам набошанд, дар акси ҳол фаъолияти муътадили судҳо як дараҷа халалдор карда мешавад. Оё имрӯз ёрдамчиёни прокурорҳоро низ ба шумораи судяҳо баробар кардан зарурат ба миён меояд ё не? [ 36-М, с. 16-30]

Боз дар ҳамин қисми ҳамин модда омадааст, ки "ҳозир нашудани прокурор ба маҷлиси судӣ, ки аз вақту маҳалли баррасии парванда огоҳ карда шудааст, ба муҳокимаи парванда монеа шуда наметавонад". Дар ин ҷо мухолифати байни ин меъёрҳоро мебинем, ки дар як ҷо иштироки прокурро ҳатмӣ мегӯяд ва дар ҷойи дигар бошад иштирок дар мурофиаро ба ихтиёри прокурор мегузорад. Пас суд кадом ин меъёрро татбиқ кунад. Ба андешаи мо албатта суд бояд меъёри ҳатмиро (императивиро) ба роҳбарӣ мегирад.

Илова бар ин, дар қ. 2 м. 47 КМГ ҶТ меъёре ҷой дорад, ки он қариб ҳамаи принсипҳои умумии мурофиаи маданиро мадди назар менамояд. Аз ҷумла, суд парвандаи маданиро дар асоси аризаи шахсе, ки барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ мурофиат кардааст, оғоз менамояд (қ. 1 м. 5 КМГ ҶТ). Ин маънои онро дорад, ки дар мурофиаи маданӣ принсипи диспозитивӣ, яъне озодии шахс, пеш аз ҳама тарафҳо дар ихтиёрдорӣ намудани ҳуқуқҳои моддии худ ва воситаҳои хифзи мурофиавӣ мебошанд. Масалан, шахс ҳуқуқ дорад оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии хеш ба суд мурофиат кунад ё не, шахс ҳуқуқ дорад аз даъвои пешниҳод кардааш ба суд даст кашад, ё онро тағйир диҳад, инчунин шахс ҳуқуқ дорад барои ҳалли баҳс созиши оштӣ бандад, шахс ҳуқуқ дорад бо ариза ба суди ҳакамӣ, арбитражӣ мурофиат намояд ва ғайраҳо [36-М, с. 16-30].

Акнун меъёри қ. 2 м. 47 КММ ҶТ-ро дида мебароем. Тибқи он прокуроре, ки ариза пешниҳод намудааст, аз тамомиҳуқуқҳои мурофиавии даъвогар истифода бурда, ҳамаи уҳдадориҳои мурофиавии даъвогарро ба зимма дорад, ба истиснои ҳуқуқ барои бастани созиши оштӣ ва уҳдадориҳои пардохти хароҷоти судӣ ва боҷи давлатӣ. Дар сурати даст кашидани прокурор аз ариза, ки барои ҳифзи манфиатҳои қонунии дигар шахс пешниҳод шудааст, моҳиятан баррасӣ намудани парванда давом дода мешавад, агар ин шахс дар бораи даст кашидан аз даъво ариза пешниҳод накарда бошад.

Дар ҳолати даст кашидани даъвогар аз даъво суд баррасии парвандаро қатъ менамояд. Ба андешаи мо дар ин меъёр номутобиқатии он бо принсипҳо ва дигар меъёрҳои мурофиаи маданӣ ҷой дорад. Аз ҷумла, мутобиқи қ. 3 м. 176 КММ ҶТ ҳангоми аз даъво даст кашидани даъвогар ва аз ҷониби суд қабул кардани он суд таъинот қабул мекунад, ки дар асоси он баррасии парванда қатъ мегардад. Дар ин меъёри қонун сухан дар бораи аз даъво даст кашидани даъвогар меравад, аммо дар қ. 2 м. 47 КММ ҶТ гарчанде даъвогар аз даъво даст кашад ҳам, моҳиятан баррасӣ намудани парванда давом дода мешавад, пас савол ба миён меояд, суд кадом даъворо баррасӣ мекунад? Бинобар ин, дуруст мешуд, ки дар чунин ҳолат суд парвандаро қатъ карда, ба тараф тавсия медод, ки ӯ метавонад бо чунин даъво шахсан ё тибқи тартиби пешбининамудаи м. 48 КММ ҶТ ба суд муроҷиат намояд [36-М, с. 16-30].

Тағйироти вориднамуда бинобар риоя накардани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ баъзе проблемаҳоро ба вуҷуд овардаанд. Тибқи м. 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд мутобиқати дохилӣ дошта, аз рӯйи мантиқ тартиб дода шавад ва ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷавобгӯ бошад [7].

Ҳангоми навиштани матни санади меъёрии ҳуқуқӣ аввал қоидаҳои умумӣ ва сипас қоидаҳои махсус ҷойгир карда мешаванд. Мафҳумҳо ва истилоҳоти дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда бояд фаҳмо ва ҳаммаъно бошанд. Мазмуни матни моддаҳо, қисмҳо ё бандҳо дар дигар моддаҳо, қисмҳо ё бандҳо дар ҳамон як санади меъёрии ҳуқуқӣ набояд такроран баён карда шаванд. Меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд мушаххас ва дар замони ҳозира ифода шуда, бештар дар шакли тасдиқӣ баён карда шаванд.

Албатта ҷой доштани чунин ҳолатҳо дар амалияи судӣ боиси нобаробарӣ дар меъёрҳои мурофиавие, ки рафти баррасии судиро ба тартиб меандозанд ба шумор рафта, баробарии тарафҳоро дар мурофиаи судӣ халадор менамояд. Зеро расмиёти судӣ дорои принсипҳои муҳим буда, хусусияти умумии онро ташаккул медиҳад, меъёрҳо ё талаботе, ки аз мазмун ва шакли расмиёти судӣ вобастагӣ доранд, механизми воситаҳои амалигардонии баробарии тарафҳо дар мурофиаи судӣ мебошад ва яке аз шаклҳои фаҳмиши судӣ ба ҳисоб рафта, мақсад аз он ба миён овардани адолати судӣ аст.

Мо амалҳои судро,ки расмиёти судиро пешбинӣ менамояд, дар тавзеҳот ва шаҳрдиҳии муқаррароти қонунгузории мурофиавӣ баррасӣ менамоем. Масалан, дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №12 аз 19 декабри соли 2008 “Дар бораи омодасозии парвандаҳои маданӣ ба муҳокимаи судӣ”, зикр гардидааст, ки таври дахлдор нагузаронидани амалиётҳо оид ба омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, ба мавқуф гузоштани баррасии судӣ, кашолкорӣ ва ба қабул намудани санадҳои нодурусти судӣ оварда мерасонад [213, с. 58-65]. Аз ин рӯ, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи меъёрҳои КММ ҶТ, ки омодасозии парвандаҳои маданиро ба муҳокимаи судӣ ба танзим медарорад, тавзеҳот, дода шудааст, ки мутобиқи талаботи КММ ҶТ [10] судҳои ҷумҳурӣ ҳуқуқ доранд ба муҳокимаи парвандаҳои маданӣ,

танҳо пас аз иҷрои ҳамаи амалҳои зарурӣ доир ба омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, шурӯъ намоянд. Омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ давраи мустақили мурофиаи судӣ ба ҳисоб рафта, мақсадаш таъмини дурусту саривақтии баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани парвандаҳо мебошад, ки гузаронидани он аз рӯйи ҳамаи парвандаҳо ҳатмӣ мебошад. Омодасозии саривақтӣ ва пурраи парванда ба муҳокимаи судӣ барои баррасӣ ва ҳалли дурусти парванда дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун аҳаммияти муайян дорад.

Дар қарори мазкур омадааст, ки судя ҳуқуқ дорад ба омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ танҳо пас аз оғоз намудани парвандаи судӣ дар суд ва баровардани таъинот дар бораи қабули ариза ба муҳокимаи судӣ, шурӯъ намояд. Рад намудани қабули аризаи даъвогӣ, баргардонидани аризаи даъвогӣ, беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ, то оғоз намудани парвандаи судӣ мумкин аст. Судя таъинот дар бораи омодасозии парвандаро ба муҳокимаи судӣ қабул намуда, дар он амалиётҳои мушаххасро, ки бояд тарафҳо ва дигар шахсони иштирокчии парванда иҷро намоянд, инчунин муҳлати анҷом додан ва давомнокии онҳоро дар ҳар як ҳолати мушаххас бо назардошти имконпазирии воқеии иҷроиш муайян карда шудааст, нишон диҳад. Чунин таъинот бояд дар ҳолати зарурӣ оид ба гузаронидани амалиётҳои иловагӣ ҷиҳати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, ҳамчунин пас аз бекор шудани ҳалномаи суд ва ирсоли парванда ба баррасии нав ё пас аз нав оғоз намудани истеҳсолоти боздошташуда ё мавқуфгузошташуда низ қабул карда мешавад.

Ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда аҳаммиятдоштаро судҳо бояд дар заминаи ҳолатҳои ҳуқуқие, ки асоси даъво ва норозигии тарафҳоро дар бар мегирад, хусусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки бояд татбиқ карда шавад, муайян намоянд.

Судя вазифадор аст, дар давраи омодасозии парванда барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи ҳолатҳо, ки барои дуруст ҳаллу фасл гардидани парванда аҳаммият доранд, шароит фароҳам орад. Судя тавзеҳ медиҳад, ки исботи ин ё он ҳолат ба зиммаи кӣ гузошта мешавад ва инчунин оқибати пешниҳод накардани далелҳоро мефаҳмонад. Агар далелҳои пешниҳодшуда барои тасдиқи талаботи даъвогар ё норозигии ҷавобгар нокифоя бошанд, судя ҳуқуқ дорад ба онҳо оиди пешниҳод намудани далелҳои иловагӣ тавсия диҳад. Дар ҳолате, агар пешниҳод намудани чунин далел барои шахсони номбаршуда мушкил бошад, он гоҳ аз рӯйи дархости онҳо, ки дар ҷамъовари ва талаб карда гирифтани далелҳо, аз ташкилотҳо ва шаҳрвандон, аз ҷумла далелҳои хаттию шайъӣ мусоидат намояд.

Бо парвандаҳо оид ба муайян намудани ҳолатҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ, ки ба тариқи истеҳсолоти махсус мавриди баррасӣ қарор дода мешавад, ухдадорӣ доир ба пешниҳод намудани далелҳои тасдиқкунанда оид ба аз ҷониби аризадиҳанда имконнопазирии дарёфт намудани ҳуҷҷатҳои дахлдор ё ғайриимкон будани барқарорсозии ҳуҷҷатҳои гумшуда ба зиммаи аризадиҳанда гузошта мешавад. Таъмини далелҳо ба тариқи судӣ аз лаҳзаи оғоз намудани парванда дар суд сурат мегирад, судя ҳуқуқ дорад ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ низ чораҳоро баҳри таъмини онҳо андешад. Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки доираи далелҳое, ки метавонанд таъмин карда шаванд, бо қонун маҳдуд карда нашудааст.

Судя ҳуқуқ дорад бо назардошти фикру ақидаи шахсони иштирокчии парванда ҳангоми омодасозии он ба муҳокимаи судӣ дар ҳар ҳолате, ки зарурати хулосаи эксперт (экспертизаи тиббӣ, муҳосибавӣ ва ғайра), ки аз ҳолатҳои кор ва далелҳои пешниҳодшуда бармеоянд, экспертиза таъин намояд. Ҳангоми таъин намудани экспертиза бояд талаботи моддаҳои 82–87 КММ ҶТ ба инобат гирифта шуда, ҳамзамон

ба шахсони иштирокчии парванда ҳуқуқи онҳо оиди дар назди эксперт гузоштани саволҳое, ки аз рӯи онҳо бояд хулоса дода шавад, фаҳмонида мешавад. Бояд дар назар дошт, ки мутобиқи талаботи моддаи 82 КММ ҶТ ба баррасии эксперт танҳо он саволҳое гузошта мешаванд, ки дониши махсусро дар соҳаи илм, техника, санъат ва касбҳои мухталиф талаб мекунанд. Дар назди эксперт (коршиносон) саволҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, ки ҳаллу фасли онҳо ба салоҳияти суд тааллуқ дорад (масалан, оиди хусусияти бемории шаҳрванд не, балки қобили амал будани ӯ), гузошта намешавад. Ҳангоми таъини экспертиза дар давраи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, судя ҳуқуқ дорад мутобиқи талаботи моддаи 221 КММ ҶТ баррасии парвандаро боздорад. Дар ин ҳолат муҳлати мурофиавии нагузаштаи баррасии парванда, боздошта мешавад. Судя дар бораи боздоштани баррасии парванда дар маҷлиси пешакии судӣ таъинот мебарорад, ки дар ин бора протокол тартиб дода мешавад.

Дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ барои иштирок намудан дар парванда ба мурофиаи судӣ ҷалб намудани мутахассис мумкин аст. Зарурати ҷалб намудани иштирокчии мазкур ба мурофиа ба суд барои гирифтани маслиҳат, фаҳмонидан, хизматрасонии бевоситаи техникӣ дар вақти азназаргузаронии далелҳои хаттӣ ё шайъӣ, шунидани сабтҳои овоз, тамошои сабтҳои видео, таъини экспертиза, пурсиши шоҳидон ва андешидани чораҳо оид ба таъмини далелҳо лозим мебошад. Тарафҳо ҳуқуқ доранд дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ баҳси худро бо бастани созиши оштӣ хотима диҳанд, агар амали онҳо бархилофи қонун набошад, ҳуқуқу манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсони дигарро вайрон насозад. Ҳамзамон, санҷиши шартҳои созиши оштӣ, ки тарафҳо бастаанд ва вобастакунии мурофиавии амалҳои амрии дахлдори тарафҳо дар мурофиаи пешакии судӣ аҳаммияти муҳим доранд. Созиши оштии тарафҳо аз ҷониби онҳо

дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, ба суд пешниҳод карда мешавад, ки ба он даъвогар ва ҷавобгар имзо мегузоранд. Дар созиши оштии тарафҳо шартҳои созиш ва оқибатҳои ногуворӣ иҷро нагардидани шартҳои созиш нишон дода мешавад. Судя ба тарафҳо оқибати бастани созиши оштиро тавзеҳ дода, аз онҳо забонхат мегирад, ки он ба маводи парванда замима карда мешавад.

Бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси парванда судя баррасии масъаларо ҷиҳати ҳайати шахсони иштирокчии парвнада, яъне тарафҳо, шахсони сеюм – аз рӯйи парвандае, ки ба тариқи истеҳсолоти даъвогӣ баррасӣ мегардад, аризадиҳанда, шахсони манфиатдор аз рӯйи парвандаҳои истеҳсолоти махсус ва аз рӯйи парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма ва инчунин дар бораи иштирокчиёни ба ҳаллу фасли парванда муосидаткунанда – намояндагони тарафҳо ва шахсони сеюм, экспертҳо, мутахассисон, тарҷумон, шоҳидонро анҷом медиҳад.

Мутобиқи талаботи моддаи 152 КММ ҶТ ба ғайр аз тарафҳо ё намояндагони онҳо амалҳои мурофиавиро ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ метавонанд шахсони дигари иштирокчии парванда низ иҷро намоянд, аз ҷумла шахсони сеюм, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намудаанд, минҷумла, прокурор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқӣ ё шаҳрвандон. Масалан, дар як вақт якҷоя бо шахсе, ки ба манфиати ӯ парванда оғоз гардидааст ва ӯ дар он ҳамчун даъвогар баромад мекунад, дар амали намудани амалҳои бо моддаи 152 КММ ҶТ пешбинишуда бояд шахсе низ иштирок намояд, ки бо ташаббуси ӯ парванда оғоз гардидааст. Ҳангоми ба суд муроҷиат намудани прокурор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқӣ ё шаҳрванд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии шахсони дигар, гурӯҳи номуайяни шахсон ё ба манфиати

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ариза ба суд прокурор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар шахсон, ки тибқи қонун ба уҳдаи онҳо ҳифзи ҳуқуқу манфиати дигар шахсон вогузор карда шудааст, дар омодасозӣ ба муҳокимаи судӣ иштирок намуда, судя ба онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳояшонро дар мурофиа фаҳмонда медиҳад. Шахсони номбаршуда, ки ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои дигар шахсон муроҷиат намудаанд, аз ҳамаи ҳуқуқҳои мурофиавӣ, ба истиснои ҳуқуқи бастани созиши оштӣ, истифода мебаранд ва ҳамаи уҳдадориҳои даъвогар бар зиммаи онҳо гузошта мешавад. Ба ғайр аз ин онҳо аз уҳдадорӣ доир ба хароҷоти судӣ озод карда мешаванд.

Судя дар рафти омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ба шахсони иштирокчии он ҳуқуқи ба воситаи намоянда пешбурди кор, инчунин тартиби ба расмият даровардани ваколатҳои намояндаро тавзеҳ дода, ҳаҷми ваколати онҳоро, агар онҳо ба расмият дароварда шуда бошанд, санҷида мебарояд, бо назардошти он ки ҳуқуқи намоянда роҷеъ ба анҷом додани амалҳои бо моддаи 56 КММ ҶТ пешбинишуда бояд махсус дар ваколатнома қайд карда шавад, зеро онҳо ба ихтиёрдорӣ намудани ҳуқуқҳои моддию мурофиавии шахси ваколатдиҳанда алоқамандӣ доранд. Судя аз рӯйи парвандаҳои вобаста ба ҳуқуқу манфиатҳои ноболиғони ба синни 14-солагӣ нарасида ва инчунин шахсоне, ки аз ҷониби суд ғайриқобили амал ё қобилияти амалкуниашон маҳдуд сохта шудааст, дар рафти омодасозии парванда синну соли ноболиғ, мавҷудияти ҳалномаи судӣ дар бораи ғайриқобили амал ё қобилияти амалкуниашон маҳдуд сохта шуда, инчунин ваколатҳои намояндагони қонунии онҳоро, аз ҷумла падару модар, ба фарзанди қабулкунандагон, васиён, парасторон ё дигар шахсонро, ки ба онҳо бо қонун чунин ҳуқуқ дода шудааст, санҷида мебарояд. Аз рӯйи парвандҳои вобаста ба ҳуқуқу манфиатҳои ноболиғони синну-солашон аз 14 то 18-сола, судя уҳдадор аст онҳоро барои иштирок дар парванда ҷалб намояд.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун нисбат ба парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, омма бармеоянд, ноболиғони синни аз 14 то 18-сола дар суд шахсан ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи худро ҳимоя мекунанд. Суд ҳуқуқ дорад ҷиҳати иштирок дар баррасии чунин парвандаҳо намояндагони қонунии ноболиғонро ҷалб намояд. Суд мақомоти васӣ ва парасториро дар сурате ба кор ҷалб менамояд, ки агар тибқи қонун чунин парванда бояд бо иштироки намояндаи мақомоти мазкур баррасӣ карда шавад.

Ба судҳо тавзеҳот дода шудааст, ки судя даъвогар ва намояндаи ӯро дар асоси моҳияти талаботи пешниҳодгардида бо мақсади равшан сохтани хусусияти талаботи мазкур, ҳолатҳое, ки асоси даъво гардидаанд ва далелҳое, ки ҳолатҳои мазкурро тасдиқ мекунанд, мепурсад. Ин ҳолат барои аз ҷониби судя муайян сохтани қонуне, ки бояд ҳангоми баррасии парванда дастрас гардад ва муқаррар намудани муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо, муайян сохтани ҳолатҳое, ки барои баррасии парванда ва ҳаллу фасл намудани масъала ҷиҳати тақсимоти уҳдадориҳо оид ба исботи онҳо алоқамандананд аҳаммияти муҳим доранд.

Судя ба ҷавобгар пешниҳоди далелҳои асосноккунандаи норозигиашро тавсия дода, ҳуқуқҳояшро дар бораи то оғози муҳокимаи судӣ пешниҳод намудани даъвои муқобили даъво мефаҳмонад.

Ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, ҳаллу фасл намудани масъала дар бораи ба парванда ҳамроҳ шудан, ҷалб кардани ҳамдаъвогарон, ҳамҷавобгарон ва шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, барои дуруст муайян сохтани ҳайати шахсони иштирокчии парванда зарур мебошад. Агар ҳангоми омодасозии парванда судя ба хулоса ояд, ки даъво нисбати шахсе, ки бояд аз рӯйи он ҷавобгар набошад пешниҳод гардидааст, дар ин сурат судя бо риоя намудани қоидаҳои моддаи 42 КММ ҶТ бо мувофиқаи даъвогар метавонад ҷавобгарро иваз намояд. Ҳангоми ҳал

намудани масъала ҷиҳати иваз намудани ҷавобгари номуносиб ба ҷавобгари муносиб бояд дар назар дошт, ки парвандаро ҳамин суд ҳамон вақт баррасӣ менамояд, ки агар ивазкунии ҷавобгар тобеияти судии парвандаро тағйир надиҳад. Дар сурати бо розигии даъвогар иваз намудани ҷавобгари номуносиб ба ҷавобгари муносиб, агар тобеияти судии парвандаи маданӣ тағйир ёбад, он гоҳ судя мувофиқи муқаррароти моддаи 138 КММ ҶТ аризаи даъвогӣ ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардидаро ба даъвогар бармегардонад.

Шахсони сеюм, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намудаанд, то қабул намудани санади суди марҳилаи якум метавонанд ба парванда ҳамроҳ шаванд. Судя ҷиҳати эътироф ё рад намудан ба сифати шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод мекунанд, таъинот қабул мекунад. Нисбат ба ин таъиноти суд шахсони иштирокчии парванда метавонад шикояти хусусӣ пешниҳод намоянд. Шахсони сеюме, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод намудаанд, аз тамоми ҳуқуқи даъвогар истифода мебаранд ва уҳдадориҳои даъвогарро ба зимма доранд. Дар ҳолатҳои таъхирнопазир судя бо огоҳонидани шахсони иштирокчии парванда дар маҳалли ҷойгиршавӣ далелҳои хаттӣ ва шайъиро аз назар мегузаронад.

Ҳангоми зарурати гирифтани далели дар дигар шаҳр ё ноҳия мавҷудбуда судя ба суди дахлдор мутобиқи талаботи моддаи 65 КММ ҶТ супориши судиро мефиристонад. Супориши судӣ бояд дар намуди таъинот ба таври мушаххас нишон дода шавад. Ин таъинот барои суде, ки ба унвони он ирсол шудааст, ҳатмӣ буда, бояд дар муҳлати то як моҳ аз рӯзи гирифтан иҷро карда шавад. Ирсоли супориши судӣ дар намуди мактуб ё дархостнома қатъиян манъ аст.

Азбаски тибқи талаботи моддаҳои 142 ва 149 КММ ҶТ андешидани тадбирҳои таъмини даъво то оғози парвандаи маданӣ ва дар ҳама давраҳои баррасии парванда имконпазир аст, судя бояд дар назар дошта

бошад, ки таъмини даъво дар давраи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ низ мумкин аст. Тадбирҳоеро, ки суд оид ба таъмини даъво меандешад, бояд ба талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар мутаносиб бошанд.

Дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 155 КММ ҶТ судя масъалаи гузарондани маҷлиси пешакии судӣ, вақт ва маҳаллӣ баргузории онро ҳал менамояд. Маҷлиси пешакии судӣ бо мақсади аз таҳқими мурофиавии амалҳои амрии тарафҳо, ки ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ анҷом дода шудаанд, муайян намудани ҳолатҳои барои баррасии дуруст ва ҳалли парванда аҳаммиятдошта, муайян намудани кифоягии далелҳо барои парванда, таҳқиқи далели гузаронидани муҳлати мурочиат ба суд ва муҳлати даъво иборат мебошад.

Дар маҷлиси пешакии судӣ норозигии ҷавобгар дар хусуси аз ҷониби даъвогар бе сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати даъво ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва мухлати муқаррарнамудаи қонун барои мурочиат ба суд метавонад, баррасӣ гардад. Ҳангоми муайян намудани далели бе сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати даъво ё муҳлати мурочиат ба суд, судя бе таҳқиқи дигар ҳолатҳои воқеии парванда дар хусуси рад намудани даъво ҳалнома қабул мекунад. Ба ҳалнома аз ҷониби шахсони иштирокчии парванда мумкин аст бо тартиби кассатсионӣ шикоят оварда шавад.

Бояд дар назар дошт, ки дар мурофиаи пешакии судӣ ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои бо моддаҳои 220, 221, 225, сархатҳои 2, 6 моддаи 227 КММ ҶТ баррасии парванда метавонад боздошта ё қатъ гардида, ариза бошад, бе баррасӣ мононда шавад. Ҳамзамон судя дар бораи боздоштан, қатъ гардидани баррасии парванда, бе баррасӣ монондани ариза таъинот қабул менамояд.

Дар давраи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ даъвогар метавонад аз даъво даст кашад, тарафҳо созиши оштӣ ё ин ки шартнома дар бораи супурдани даъво ба баррасии суди ҳакамӣ банданд. Азбаски ҳалли масъала роҷеъ ба қабули ариза оиди аз даъво даст кашидан ва тасдиқи созиши оштии тарафҳо дар давраи омодасозии парванда аз ҷараёни дахлдор ҳангоми баррасии судӣ фарқе надорад, чунин ҳаракатҳои амрии тарафҳо бояд ба тариқи мурофиавӣ дар маҷлиси пешакии судӣ қайд карда шаванд. Агар дар давраи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ҷавобгар даъворо эътироф намояд, судя парвандаро ба баррасӣ таъин карда, масъалаи мазкурро тибқи талаботи муқарраркардаи қисми 3 моддаи 176 КММ ҶТ ҳаллу фасл менамояд.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 155 КММ ҶТ судя аз рӯйи парвандаҳои мураккаб метавонад, муҳлати гузаронидани мурофиаи пешакии судиро, ки аз доираи муҳлати бо КММ ҶТ барои баррасӣ ва ҳалли парванда муқарраркардашуда, баромадааст таъин намояд ва дар ин бора таъиноти асоснок бо қайди мушаххаси муҳлати гузаронидани мурофиаи пешакии судӣ тартиб дода мешавад. Бояд дар назар дошт, ки қонун чунин гурӯҳи парвандаҳоеро, ки нисбати онҳо муқаррароти мазкур татбиқ карда мешавад, пешбинӣ нанамудааст.

Судя парвандаро омодашуда эътироф намуда, тибқи талаботи моддаи 156 КММ ҶТ дар бораи таъин намудани парванда ба муҳокимаи судӣ таъинот қабул менамояд. Ҳамзамон, судя вазифадор аст тарафҳо ва дигар шахсони иштирокчии парвандаро дар бораи вақт ва маҳалли баррасии парванда огоҳ намояд ва инчунин дигар иштирокчиёни мурофиаро даъват кунад.

Ҳамаи ин тавзеҳотҳо ва шаҳрдиҳии муқаррароти қонун аз он шаҳодат медиҳанд, ки риоя накардани талаботҳое, ки расмиёти мурофиавиро танзим мекунанд, дар натиҷа ба беэътибории санадҳои

судӣ ва вайрон гардидани ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи шаҳрвандон оварда мерасонанд.

Моҳияти расмиёти мурофиаҳои судӣ пеш аз ҳам муайян намудани маълумотҳое мебошанд, ки аз ихтилофҳои ҳуқуқӣ иборатанд. Мақсади мурофиаи судӣ ин бо роҳи ҳаллу фасли ихтилофи ҳуқуқӣ арзёбӣ намудани маълумотҳо ва танзими муносибатҳои аниқ мебошанд. Судя ҳамчун раисикунандаи мурофиаи судӣ, барои муқаррар кардани ҳақиқати ҳуқуқӣ аз рӯи парванда хулосаи ҳуқуқии таҳқиқшударо дарк намуда, қабул намояд. Батартибандозии ҳуқуқи мурофиаи судӣ бояд ба моҳият ва мақсади он итоат кунад. Аз ҷиҳати назарияи умумӣ он бо худ яке аз намудҳои расмиёти ҳуқуқиро ифода медиҳад. Мафҳуми расмиёти ҳуқуқӣ аз тартиби меъёрии муқарраргардидаи махсуси баамалбарории фаъолияти ҳуқуқӣ, ки барои ба амал баровардани меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии моддии бо онҳо асосёфта ва аз вайронкунӣ бо санксияҳои ҳуқуқӣ ҳифзшаванда нигаронида шудааст, фаҳмида мешавад [308, с. 7]. Батартибандозии ҳуқуқи мурофиаи судӣ бо худ мағзии ҳуқуқӣ ё ороиши ҳуқуқии фаъолияти судиро ҳангоми омӯзиши  ихтилофи ҳуқуқӣ ифода медиҳад. Мурофиаи судӣ вобаста ба батартибандозии меъёрии он васеътар аст.

Розин В.М., се  паҳлуи гуногуни мурофиаи судиро, ки судя онҳоро истифода мебарад,  қайд мекунад, аз ҷумла: «якум, ин технология  ва ташкили мурофиаи судӣ, ки баъзан ҳаҷми зиёди вақт ва диққати судяро мегирад; дуюм, ҷараёни дарки ҳуқуқӣ, ки ташкили мубоҳисаи тарафҳо, омӯзиши тамоми ҳолатҳои парванда, арзёбии рафтор ва кирдори иштирокчиёни асосии мурофиа ва лаҳзаҳои дигарро дар бар мегирад; сеюм, идора кардани мурофиаи судӣ: ташкил ва ташаббускории амалҳои тамоми иштирокчиёни мурофиаи судӣ, ба онҳо бахшидани нерӯ, ҳавасманкунии фаъолнокии онҳо, муайян кардани вазифаю ҳадафҳо, фароҳам овардани шароит ва фазои психологӣ, ки иштирокчиёни

мурофиа барои мақсади ниҳоӣ ва ҳаллу фасли судии ихтилофи тарафҳо ва проблемаҳои ҳукуқ, ки дар рафти кор пайдо мешавад, кӯшиш ба харҷ диҳанд» [129, с. 145-146]. Бешубҳа, ҳамаи ин се паҳлуи кори судя бо ҳам пайвастанд ва бояд баҳри ошкор намудани ҳақиқати ҳуқуқӣ нигаронида шаванд. Аммо дар амал судя баъзан намояндагони тарафҳоро пахш мекунад (алалхусус, агар прокурор ё адвокат ғайрифаъол ё бесалоҳият бошанд) бештар ба души худ вазифаи возеҳу равшан кардан ва омӯзиши ҳолатҳои парвандаро вогузор мекунад, ё ин ки баръакс вазифаи худро ҳамчун яке аз иштирокчиёни фаъоли фаҳмиши ҳуқуқӣ фаромӯш месозад [129, с. 145-146].

Мурофиаи судӣ ҳамчун шакли дарки ҳуқуқии судӣ бояд баҳри муқаррар намудани ҳақиқати ҳуқуқӣ вобаста ба парванда парванда шароитҳои заруриро фароҳам оварад. Ҳақиқати ҳуқуқӣ дар навбати худ метавонад танҳо ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳмиятдошта ва ба тариқи дахлдор тасдиқшуда, муқаррар карда шавад.

Бартараф кардани ақидаҳои нодурусти судяҳо, ки зиёд ба чашм мерасанд, даркор аст: якум, шубҳаи он ки воқеаи ҳуқуқӣ объективона мавҷуд мебошад ва аз хулосабарориҳои тахминии тарафҳо (аз ҷумла норозигӣ ва асоснокқунӣ) ҷудо мебошад; дуюм, андешаи он ки дарки ҳуқуқӣ ба таҳқиқоти илмҳои табиӣ шабоҳат дорад. Чунин андешаҳои саҳвнок нишон медиҳанд, ки судя моҳияти фаҳмиши ҳуқуқиро дуруст дарк намекунад. Ҳодиса ё ҳуқуқвайронкунӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ танҳо дар ҳолате мавҷуд буда метавонад, ки дониш дар бораи он ба воситаи татбиқи дурусти қонун ба даст омада, аз ҷиҳати меъёрӣ асоснок шуда, ба ваҷҳи тарафҳо асос ёфта бошад. Агар судя беихтиёр ҳодисаи ҳуқуқӣ муҳимро бо ҳолати воқеӣ, яъне объективӣ, яксон ҳисоб кунад ва фаҳмиши ҳуқуқиро аз илмҳои табиӣ фарқ накунад, мумкин аст ба хулоса дар бораи гунаҳгории шахси судшаванда бирасад ва ӯро ҷазо диҳад ё не.

Дар чунин ҳолат, судя фаромӯш мекунад, ки худ мантияи судягиро ба бар дорад.

Аз ин лиҳоз, фаҳмиши ҳуқуқии судӣ танҳо ба як мақсад, муқаррар кардани ҳақиқати ҳуқуқӣ вобаста ба парванда буда, он бо ҳолатҳои ҳуқуқии аҳаммиятдошта нигаронида шуда, мурофиаи судӣ бошад, як намуди фаҳмиши ҳуқуқии судӣ мебошад, ки бо қонунгузории мурофиавӣ маҳдуд карда мешавад.

Мурофиаи судӣ аз расмиётҳои пешбининамудаи қонун иборат буда, ба шакл, марҳилаҳои, пайдарҳамӣ ва муҳлат асос ёфта, чун фаҳмиши ҳуқуқии судӣ, дар танзими ҳуқуқии расмиётӣ ҷой дорад. Ба ақидаи Беккариа Ч.: «Риоя кардани расмиёт ва нишонаҳои берунаи ҳокимияти судӣ ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ зарур аст, то ки барои худсарии судӣ ҷой монда нашавад, ҷузъан барои он ки халқ боварӣ ҳосил намояд, ки адолати судӣ бетартибу ғаразнок нею, балки дар асоси қоидаҳои устувору бетағйир ба амал бароварда мешавад. Аммо ин расмиётро дар қонун чунин қайд кардан, ки бо он ҳақиқате, ки метавонад бениҳоят оддӣ ё бениҳоят мураккаб, эҳтиёҷи нишонаҳои зоҳирии муайян бошад то ки таваҷҷӯҳи халқи ҷоҳилро ба даст оварад, зиён набинад, ғайриимкон аст» [41, с. 221].

Дар асоси ақидароніҳои ёдрасшуда, метавон ба хулоса омад, ки фаҳмиши ҳуқуқии судӣ як намуди расмиёти судӣ буда, субъекти ҳуқуқтатбиқкунанда ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои мурофиавии худ зуҳуроти беруна ва ҳудудҳои муваққатии худро баҳри муқаррар кардани ҳақиқати ҳуқуқӣ аз рӯйи парвандаи судӣ, татбиқ менамояд.

Судя, суд бояд дар раванди фаҳмиши ҳуқуқии судӣ, ҳолатҳое, ки барои парвандаи судӣ аҳаммияти муҳими ҳуқуқӣ доранд, моҳияти баҳси ҳуқуқиро муайян созад, барои худ хулосаи императивӣ барорад, ки ягон шубҳа дар бобати аниқии арзёбии ихтилофи ҳуқуқии мавриди омӯзиш қарор додашуда надорад, аз рӯи парванда қарори қонунӣ ва одилона

қабул намояд. Эътимоди ботинӣ ва шахсии судя бобати хулосаҳои дурусти ҳуқуқӣ бояд бо маҷмуи далелҳои кофӣ, ҷоизӣ ва дахлдорӣ аз рӯи парвандаи мушаххас асос ёбад. Аммо маҳдуд кардани ҳуқуқи судя бобати ташаккул додани эътимоди ботинӣ, ки танҳо дар асоси далелҳои дар маҷлиси судӣ дар натиҷаи тафтиши судӣ бадастомада, инчунин мадди назар намудани ҳолати эҳсосӣ-иродавӣ, нодуруст мебошад. Ҳангоми пурсиши тарафҳо ва шоҳидон аз судя донишро дар соҳаи равоншиносӣ низ талаб мекунад, ки то ӯ имкон дошта бошад, самимӣ ва дараҷаи бовиҷдонии тарафҳоро, ки ба суд нишондод медиҳанд, арзёбӣ намояд.

Ду зан назди ҳазрати Сулаймон омада, хоҳиш намудаанд, ки баҳси онҳоро бобати ба кадоме аз занҳо тааллуқ доштани кӯдакро ҳаллу фасл намояд. «Ду зани зинокор назди шоҳ омадаанд. Яке гуфт: О, Ҷаноби ман! Ман ва ин зан дар як хона зиндагӣ дорем ва ман дар назди у дар ҳамин хона кӯдак таваллуд кардам. Рӯзи сеюм пас аз таваллуди кӯдак, ин зан низ кӯдак таваллуд кард ва мо якҷоя будем ва дар хона дигар ҳеҷ каси бегона набуд, танҳо мо ҳарду дар хона будем. Писари ин зан шабона вафот кард, чунки у аз хоб бедор намешуд. Ва у шаб хеста, писари манро гирифт, вақте ки ман, ғуломи ту дар хоб будам ва ба синаи худ гузошта, писари мурдаи худро бояд ба синаи ман гузоштааст. Саҳар ман аз хоб хестам то ки фарзандамро шир диҳам, аммо у мурда буд ва вақте ки ман ба ӯ дақиқ нигоҳ кардам, ин писаре, ки ман таваллуд кардаам, набуд. Ва зани дигар гуфт, не, писари ман зинда аст, аз ту мурда. Ӯ бошад мегуфт, не, писари ту мурда аст, аз ман зинда. Ва ҳамин тавр онҳо назди шоҳ мегуфтаанд. Ва шоҳ гуфт, шамшери манро диҳед. Шамшерро ба шоҳ оварданд. Ва шоҳ гуфт, тифли зиндаро ду пора кунед, нисфашро ба ин ва нисфашро ба он зан диҳед. Ва зане, ки писараш зинда буд, ошуфта шуда, тамоми ҳастиаш аз раҳму шавқат ба изтироб омада, ба шоҳ гуфт: о, Ҷаноби ман! Ин тифли зиндаро ба у диҳед, накушед уро. Зани дигар

бошад гуфт, ки бигзор кушад, на ба ман ва на ба ту нарасад. Ва ҷавоб дод шоҳ: ин тифли зиндаро ба ин зан диҳед, накушед уро, у модараш мебошад»[43]. Эътиқоди Сулаймон дар ҳолати мазкур бо фаҳмиши ҷузъҳои психология алоқаманд аст.

Ягон гуна далелҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта дар ин мисол мушоҳида карда намешавад. Имрӯз албатта ба судя шамшер лозим намешавад, дар асоси генҳо (омили таъмини ирсият) муқаррар намудани хешовандии кӯдак бо яке аз занон кифоя аст. Ба ҳар ҳол мисоли мазкур далели хулоса дар бобати он мегардад, ки эътиқоди судя аз руи баҳси мушаххас метавонад на танҳо бо маҷмуъи далелҳо, балки бо омилҳои дигар, ки хусусияти ҳуқуқӣ надоранд, асос ёбад. Ин омилҳо доимо ҳангоми ҳаллу фасли ихтилофи ҳуқуқӣ ифода ёфта, дорои тасдиқи ҳуқуқӣ дар намуди талаби қабули қарор бо риояи принсипи оқилӣ ва адлу адолат, мебошанд.

Ҳамзамон, ҳар як судя бояд фаромӯш накунад, ки замина барои хулосабарорӣ аз руйи баҳси ҳуқуқӣ метавонад, танҳо маҷмӯи далелҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқидошта гарданд ва судя метавонад аз содир намудани саҳви судӣ ба қадри имкон эмин ёбад.

Ҳамин тавр, расмиёти судӣ ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ ба судя шароит фароҳам меорад, ки дар муайян намудани ҳолатҳои парвандаҳои судӣ, ки дорои аҳаммияти муҳими ҳуқуқӣ мебошанд, дар муқаррар кардани ҷоизӣ ва дахлдории далеҳо ва баҳодиҳии онҳо нақши муҳим дошта, ҳамчун қоидаҳои мурофиаҳои судӣ баромад намуда, дар қонунгузорӣ ва қарорҳои суди конститутсионӣ, пленумҳои судҳои олӣ ва олии иқтисодӣ таҷассум ёфта, дар қабули санадҳои қонунию асосноки судӣ мусоидат менамояд. Расмиёти судӣ дар маҷмуъ, аз давраҳои мурофиаи судӣ (муҳлатҳои мурофиавӣ, қабули аризаҳо, маводҳо ва парвандаҳои судӣ, омодасозӣ ва гузаронидани маҷлисҳои пешакии судӣ, таъини парвандҳоа ба

муҳокимаи судӣ, оғози маҷлисҳои судӣ, тафтиши судӣ, музокираҳои судӣ, қабули санади судӣ), эътибори қонуни пайдо кардани санади судӣ, марҳилаҳои кассатсионӣ, назоратӣ ва ҳолатҳои нав ошкоргардида, иҷрои санадҳои судӣ иборат мебошанд, ки ҳар кадом дорои қоидаҳои махсус ва муҳлатҳо буда, марҳилаҳои судиро аз якдигар тафовут медиҳанд.

# БОБИ 3. ШУУРИ ҲУҚУҚИИ КАСБИИ СУДЯҲО ЧУН ЗАМИНАИ ФАЪОЛИЯТИ ТАФСИРИ ҲУҚУҚӢ

## 3.1. Ҷанбаҳои назариявӣ, намудҳо ва тарзҳои тафсири ҳуқуқӣ

Донишҳои ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ падидаи мураккабест, ки ҳамчун фаъолияти равонии шахс, ки аз ҷониби шахси мансабдори мушаххас амалӣ карда мешавад, дорои салоҳияти татбиқи қонун дар татбиқи адолати судӣ, фаъолиятест, ки ба қонунҳо итоат мекунад.

Бобати баррасии масъалаи тафсири қонун, бояд қайд кард, ки тафсир маънои тассавурот пайдо кардан, фаҳмидани маъно, фаҳмиши муҳтавои қонунро дар назар дорад. Дар баъзе меъёрҳои қонунгузорӣ ҳатто муқарраротҳое, ҷой доранд, ки фаҳмиши духураи меъёри қонунро манъ мекунанд. Аз ҷумла тибқи қисми 4 моддаи 4 Кодекси ҷиноятии ҶТ мазмуни Кодекси ҷиноятӣ бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад [13].

Бояд зикр намуд, ки ҳар як қонун аз фаслҳо, бобҳо, зербобҳо, моддаҳо, қисмҳо ва сархатҳо буда метавонанд ва дар шакли калимаҳое, ки ба ҷумлаҳо, матнҳо муттаҳид шудаанд, ифода меёбад. Баъзан иваз кардани танҳо ҳарфи як калима ва ё интиқол додани аломати китобатӣ кифоя аст, то мазмуни маъноии тамоми ибора ва меъёри қонун ба куллӣ тағйир ёбад.

Луғатҳои тафсирӣ маънои калимаҳоро шарҳ медиҳанд, мазмуни маъноии онҳоро нишон медиҳанд. Ҳар як қонуни ҳуқуқӣ дар шакли калимаҳое, ки ба ҷумлаҳо, матнҳо муттаҳид шудаанд, ифода меёбад. Баъзан иваз кардани танҳо ҳарфи як калима ва ё интиқол додани аломати китобӣ кифоя аст, то мазмуни маъноии тамоми ибора ба куллӣ тағйир ёбад.

Чунин тартиброро мо дар матни қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №3 аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ (бо тағйиру иловаҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 30 июни соли 2011, №2 ва аз 18 ноябри соли 2013, №15 ворид карда шудаанд)»[213, с. 75-82] дидан мумкин аст, ки бо кушодани мазмуни калимаҳо ва мафҳумҳо алоқамандии мантиқи онҳо муайян карда шуда, ба дуруст татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузори ва бандубасти ҷиноятҳо мусоидат менамояд.

Таҷрибаи судии ҷамъбастиҳои ҷиноятҳои вобаста ба тассаруфи молу мулки ғайр нишон медиҳанд, ки дар фаъолияти судҳои алоҳида дар бандубасти ҳаракатҳои гунаҳгорон аз рӯйи тарзи тасарруф, андозаи (арзиши) молу мулки тасарруфшуда, бо нишонаҳои такрорӣ, ҷудо кардани тасарруф аз дигар таркиби ҷиноятҳо, тасарруфи тамомшуда аз нотамом, давомдор аз такрорӣ хатогиҳо ҷой доранд.

Бо мақсади таъмин намудани татбиқи дурусти қонунгузорӣ оиди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва ҳуҷумҳои роҳзанона ва алоқамандона ба масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ пайдо мешаванд ба судҳо тавзеҳот дода шудааст, ки ҳангоми, баррасии парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ, ки ҷиноятҳои нисбатан паҳншуда ба муқобили моликият ба шумор мераванд, мутобиқи банди 1 Эзоҳи моддаи 244 КҶ ҶТ, таҳти мафҳуми тасарруф ғайриқонунӣ, бо мақсади ғаразнок, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон дар назар дошта шудааст [213, с. 37-45].

Таҳти мафҳуми "дуздӣ" бошад, пинҳони тасарруфи молу мулки ғайр фаҳмида мешавад, ки дар ғоибии молик ё дигар шахсе, ки молу мулк дар ихтиёраш мебошад, ё дар ғоибии шахсони бегона ё ин ки дар ҳузури онҳо, лекин ноаён аз онҳо, ғайриқонунӣ кашида гирифтани молу

мулк содир гардидааст, мебошад. Қонунгузор дар ин маврид, зери мафҳуми “пинҳонӣ” ҳолати равонии субъекти ҷиноятро дар назар дорад. Яъне, дар ин ҳолатҳо кирдори ҷинояткор аз рӯйи тарафи субъективии ҷиноят баҳо дода мешавад. То кадом дараҷа субъеткти ҷиноят дарк мекард, ки ӯ пинҳонӣ ҷиноят содир карда истодааст. Дар ин маврид дар назар дошта шудааст, ки оё ҳангоми дуздӣ, кӯдакони хурдсол, шахсони ғайриқобили амал ҷой доштанду, аммо ҷинояткор бинобар вазъи саломатӣ ва синну сол дарк мекард, ки ӯ дуздӣ карда содааст. Аз ин рӯ, дуруст тафсир намудани қонун дар бандубасти кирдори субъекти ҷиноят, ҳам аҳаммияти назариявӣ ва амалиро дорост. Гарчанде дар Тоҷикистон на дар ҳама ҳолат тафсири расмии қонунҳо дар амал ҷой дошта бошанд ҳам, аммо тавзеҳотҳои қарорҳои Суди Конститутсионӣ, Пленумҳои Суди Олӣ  ва Суд Олии иқтисодӣ,  инчунин дар тафсирҳои Кодексҳо ва қонунҳо, ки аз ҷониби олимон ва муатхасиссон дода шудаанд, онҳо ҳангоми ҳуқуқтатбиққунӣ дар таҷриба судӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Тасарруфи молу мулки ғайр бо роҳи қаллобӣ аз содир намудани ҳаракатҳои фиребгарона бо мақсади ғайриқонунӣ соҳиб шудани молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк, бо сӯиистифодаи боварии ҷабрдида бо ҳамин мақсадҳо, иборат мебошад. Фиреб-ин пеш аз ҳама қасдан вайрон нишон додани ҳолати ҳақиқии ашё, қасдан фиреб додани шахс (ҷабрдида), барқасдона гумроҳ кардани ӯ дар хусуси воқеаҳои муайян, ҳолатҳо, ҳодисаҳо бо мақсади ӯро барои бо иродаи худ, лекин бо маълумотҳои дурӯғ ё қасдан нагуфтани ҳақиқат, бо роҳи қалбакӣ ба қаллоб додани молу мулк талқин кардан мебошад [213, с. 75-82].

Масалан, дар мавриде, ки қаллоб худро чун шахси мансабдор ё корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра вонамуд мекунад. Фиреб мумкин аст бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ барои гирифтани нафақа, иловапулӣ ба музди меҳнат, ёрдампулӣ барои бекорӣ ва ғайра ифода ёбад. Сӯиистифодаи боварӣ чун шакли қаллобӣ-ин вақте ки

гунаҳгор муносибатҳои муайяни шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ (шартномавӣ)-ро, ки дар боварии тарафайн (масалан, шартномаи кирояи маишӣ, қарзӣ тиҷоратӣ) асос шудаанд, ҳангоми аз шаҳрвандон гирифтани пул бо шартҳои иҷро кардани ӯҳдадориҳо, ки баъдан иҷро карда нашудаанд, истифода мебарад. Сӯиистифодаи боварӣ бо фиреб алоқамандии наздик дорад. Гунаҳгор муносибатҳои махсуси боваринокиро байни ӯ ва соҳибмулк ё дигар шахсе, ки молу мулкро қонунӣ ихтиёрдорӣ мекунад, истифода мебарад, то ки фиреб нисбатан бовариноктар бошад, ё ин ки ба фиреб барои он рӯй меоварад, ки боварии ҷабрдидаро ба даст оварад. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми дуздӣ, молу мулк қатъи назар ва бархилофи иродаи ҷабрдида ба таври ниҳонӣ тасарруф мешавад, дар мавриди қаллобӣ бошад, аз ҷониби соҳибмулк ё шахсе, ки молу мулкро ихтиёрдорӣ мекунад, ба ҷинояткор «ихтиёрӣ» додани молу мулк ҷой дорад.

Ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр, ки дар моддаи 248 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст (ғоратгарӣ)-ин чунин тасарруфе мебошад, ки дар ҳузури соҳибмулк ё дигар шахсе, ки молу мулк дар ихтиёраш мебошад, ё ин ки дар пеши назари шахсони бегона содир шуда, шахси содиркунандаи ин ҷиноят дарк намояд, ки шахсони дар ин мавриди ҳузурдошта хусусияти ғайриқонунӣ будани ҳаракатҳои ӯро фаҳмиданд, новобаста аз он ки оё онҳо дар пешгирӣ намудани ин ҳаракатҳо чора меандешиданд ё не.

Агар шахси дар вақти ғайриқонунӣ кашида гирифтани молу мулки ғайр ҳузурдошта, ғайриқонунӣ будани ин ҳаракатҳоро намефаҳмид, ё ин ки вай хеши наздики гунаҳгор буда, аз ҳамин сабаб охирин чунин ҳисоб мекард, ки дар рафти гирифтани молу мулк аз тарафи ин шахс ба муқобилият дучор намешавад, ҳаракати содиршуда бояд чун дуздии молу мулки ғайр бандубаст карда шавад. Агар шахси номбаршуда барои пешгирӣ намудани тасарруф чора андешида бошад (масалан, қатъ

кардани ин ҳаракатҳои ғайриқонуниро талаб карда бошад), дар ин ҳолат ҷавобгарии гунаҳгор барои ҳаракатҳои содиршуда бо моддаи 248 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меояд.

Агар дар рафти содир намудани дуздӣ, ҳаракатҳои гунаҳгор аз тарафи соҳибмулк ё шахси дигари соҳибихтиёри молу мулк ё дигар шахсон, ошкор карда шаванду лекин инро гунаҳгор дарк карда, содир намудани ғариқонунӣ кашида гирифтани молу мулк ё нигоҳ доштани онро давом диҳад, дар ин сурат ҳаракати содиршуда бояд чун ғоратгарӣ, дар ҳолати истифода шудани зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ бошад, чун роҳзанӣ банду баст карда шавад.

Дар вақти муайян намудани фарқияти байни тамаъҷӯӣ ва ғоратгарӣ ё роҳзанӣ бояд дар назар дошт, ки ҳангоми тамаъҷӯӣ таҳдиди зӯроварӣ барои дар оянда гирифтани молу мулк равона карда шудааст, на ин ки ба лаҳзаи истифодаи таҳдид.

Дуздӣ, қаллобӣ ва ғоратгарӣ дар мавриде тамомшуда ҳисобида мешаванд, ки агар молу мулк гирифта шуда бошад ва гунаҳгор барои аз рӯи салоҳдиди худ истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ намудани он (масалан, молу мулки тасарруфшударо ба манфиати худ ё ба манфиати дигарон равона кунад, ё аз рӯи ғараз бо дигар тарз онро ихтиёрдорӣ намояд) имконияти воқеӣ дошта бошад; роҳзанӣ аз лаҳзаи ҳуҷум кардан бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, ки бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст, тамомшуда ҳисобида мешавад; тамаъҷӯӣ аз лаҳзаи пешниҳод кардани талабе, ки бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ якҷоя изҳор мешавад, новобаста аз ноил шудан ба мақсади гузошташуда, тамомшуда ҳисобида мешавад.

Ҳаракатҳои ғайриқонуние, ки барои гирифтани молу мулки ғайр бе мақсадҳои ғаразнок, балки, масалан, бо мақсади муваққатан истифода

бурдану минбаъд ба соҳибмулк баргардонидан ё ин ки бинобар ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолӣ доштан ба ин молу мулк, равона карда шудаанд, таркиби ҷинояти дуздӣ, қаллобӣ ё ғоратгариро ташкил намедиҳанд. Дар ҳолатҳое, ки агар ғайриқонунӣ кашида гирифтани молу мулк ҳангоми авбошӣ, таҷовуз ба номус ё ин ки дигар ҳаракатҳои ҷинояткорона, содир шуда бошад, бояд муайян карда шавад, ки шахс бо кадом мақсад ин молу мулкро кашида гирифтааст. Агар шахс мақсади ғаразнокро пеша карда бошад, ҳаракатҳои содиркардаи ӯ вобаста ба тарзи гирифтани молу мулк бояд, барои маҷмӯъи ҷиноятҳо мувофиқан чун ҷинояти муқобили моликият ва авбошӣ, таҷовуз ба номус ё дигар ҷиноят бандубаст карда шаванд [213, с. 75-82].

Мутобиқи банди 3 Эзоҳ ба моддаи 244 КҶ ҶТ барои дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзаниро бо нишонаи «такроран»-и дар моддаҳои 244–251, 254 ва 257 КҶ ҶТ пешбинигардида банду баст намудан содир намудани ҷиноят, агар қабл аз он як ё якчанд ҷинояти пешбининамудаи ҳамин моддаҳо ва инчунин дар моддаҳои 186, 194, 199, 202 КҶ ҶТ пешбинишуда, содир шуда бошанд, асос шуда метавонад. Мувофиқи қисми 3 моддаи 19 КҶ ҶТ бо нишонаи зикршуда бояд ҳамчунин ҳаракатҳои шахсоне, ки дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзаниро содир кардаанду дар сурате, ки агар дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят доғи судиашон барои ҷиноятҳои дар банди 3 Эзоҳи мазкур қайдгардида барҳам нахӯрда ё бардошта нашуда бошад, низ банду баст карда мешаванд. Тасарруфи давомдор, ки аз як қатор ҳаракатҳои ҷиноятии ҳаммонанд иборат буда, бо роҳи аз худи ҳамон як манбаъ кашида гирифтани молу мулки ғайр содир шудаасту ба қасди ягона равона шудааст ва дар маҷмӯъ ҷинояти ягонаро ташкил мекунад, бояд аз тасарруфи такроран содиршуда фарқ карда шавад [213, с. 75-82].

Таҳти мафҳуми ғариқонунӣ дохил шудан ба манзил, бино ё дигар амборхона бояд ба онҳо бо мақсади содир намудани дуздӣ, ғоратгарӣ ё

роҳзанӣ ғайриқонунӣ ба таври пинҳонӣ ё ошкоро даромадан, фаҳмида шавад. Дохил шудан ба сохтмонҳо ё иншоотҳои зикршуда дар ҳолате низ амалӣ гардиданаш мумкин аст, ки агар гунаҳгор бе ворид шудан ба бинои дахлдор бо ёрии ҳар гуна асбобҳои гуногун ашёи тасарруфшавандаро бигирад. Ҳангоми банду басти ҳаракатҳои шахсе, ки дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзаниро бо нишонаи «ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил» содир намудааст, ба судҳо лозим аст дар назар дошта бошанд, ки таҳти мафҳуми манзил-биное, ки барои ба таври доимӣ ё муваққатан зиндагонӣ кардани одамон пешбинӣ шудааст (хонаи инфиродӣ, утоқи алоҳида, ҳуҷра дар меҳмонхона, бустонсарой, боғотхона ва ғайра), ҳамчунин он қисмҳои таркибии бино, ки барои истироҳат, нигоҳ доштани молу мулк ё ин ки қонеъ гардонидани дигар талаботҳои одам истифода мешаванд (балкон, пешайвони оинабандишуда, анборхона ва ғайра), фаҳмида мешавад. Биноҳое, ки барои доимӣ ё муваққатан зиндагонӣ кардан пешбинӣ ва мувофиқ карда нашудаанд (масалан, таххона, анбор, гараж ва дигар биноҳои хоҷагӣ, ки аз сохтмонҳои манзилӣ ҷудо мебошанд), ҳамчун манзил дониста намешаванд. Таҳти мафҳуми бино, ки доир ба он дар қонун сухан меравад, бояд иморат, иншооте, ки барои ҷойгир кардани одамон ё арзишҳои моддӣ пешбинӣ шудааст, фаҳмида шавад. Вай метавонад чун доимӣ ва ҳамчунин муваққатӣ (масалан, анбор, гараж, корпусҳои корхонаҳо, биноҳои муассисаҳо, мағозаҳо), чун статсионарӣ ва ҳамчунин ҷойивазшаванда бошад. Дигар анборхона-ин ҷоест, ки манзил, бино набуда, махсус барои нигоҳ доштани арзишҳои молӣ пешбинӣ шудааст, масалан, ҷойҳои муҳофизаткунандаи истгоҳҳои роҳи оҳан, платформаҳо, рефрижераторҳо, сейфҳо, контейнерҳо ва амсоли инҳо. Инчунин ҳудуде, ки дар зери осмони кушод буда, бо девор, панҷара иҳота гардида, ё махсус ҳифз карда мешавад, дигар амборхона буда метавонад. Агар нишонаҳои қайдшуда ҷой надошта бошанд, масалан, ангишти ба

истгоҳи роҳи оҳан овардашуда тӯда-тӯда дар қитъаи кушода рехта шуда бошад, дар ин ҳолат тасарруфи ангиштро чун аз дигар амборхона тасарруфшуда банду баст кардан мумкин нест. Ҳудуди ҳифзшавандае, ки барои нигоҳ доштани арзишҳои моддӣ пешбинӣ нашудааст, дигар анборхона ҳисобида намешавад. Масалан, дохил шудан ба ҳудуди ҳифзшавандаи боғи мева ва тасарруфи себҳоро, тасарруф бо дохил шудан ба дигар анборхона эътироф намудан мумкин нест [212, с. 75-82].

Агар шахс, дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзаниро содир карда истода, бо роҳи шикастани дарҳо, қулфҳо, панҷараҳо ва амсоли инҳо ғайриқонунӣ ба манзил, бино ё дигар анборхона дохил шуда бошад, ҳаракати содиркардаи вай бояд мувофиқан бо бандҳо ва қисмҳои моддаҳои 244, 248 ё 249 КҶ ҶТ банду баст карда шавад ва бо моддаи 255 КҶ ҶТ банду басти иловагиро талаб намекунад, чунки дар ин ҳолатҳо қасдан несту нобуд кардани молу мулки қайдшудаи ҷабрдида тарзи содир кардани тасарруф бо ҳолатҳои вазнинкунанда ба ҳисоб меравад [213, с. 75-82].

Таҳти мафҳуми зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нест, бояд лату кӯб ё содир кардани дигар ҳаракатҳои зӯроваронае, ки бо расонидани дардҳои ҷисмонӣ ба ҷабрдида ё маҳдуд кардани озодии ӯ (бастани дастҳо, истифода намудани дастбандҳо, дар бинои маҳкам монондан ва ғайра) алоқамананданд, фаҳмида шавад. Таҳти мафҳуми зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок аст, бояд чунин зӯроварие, ки ба расонидани зарари вазнин ва миёна ба саломатии ҷабрдида оварда расонида бошад, ҳамчунин расонидани зарари сабук ба саломатӣ, ки боиси вайроншавии кӯтоҳмуддати саломатӣ ё гум кардани устувории на он қадар зиёди қобилияти умумии меҳнат гардидааст, фаҳмида шавад.

Ба судҳо тавсия дода мешавад, ки таҷрибаи татбиқ намудани қонунгузории оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ба муқобили молу мулки ғайрро мунтазам омӯзанд ва баҳри бартараф намудани хатогиҳову

нуқсонҳо дар татбиқ намудани қонунгузории мазкур сари вакт тадбирҳо андешанд [213, с. 75-82].

Қонунҳо дар ҳама давру замон нокомил буданд, вуҷуд доранд ва нокомил хоҳанд буд. Аммо на ҳама қонунҳо идеалӣ шуда метавонвнд, ҳатто қонунҳое, ки дар як давра муносибатҳои муайяни ҷамъиятиро танзим мекрданд, дар замони дигар метавонанд кӯҳна шаванд ва ба муносибатҳои нав тобовар набошанд ва мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда маҷбур мешавад, ки дар ҳар ҳолати мушаххас вобаста ба вазъияти дахлдор ин ё он меъёри ҳуқуқро татбиқ намояд. Вобаста ба ин, дар Кодекси мурофиавии мадании ҶТ меъёре пешбинӣ шудааст, ки тибқи он мурофиаи судии маданӣ тибқи қонунҳои мурофиавии мадание, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ, содир намудани амали ҷудогонаи мурофиавӣ ё иҷрои санадҳои судӣ (фармон, ҳалнома, қарор, таъинот) ва санадҳои мақомоти дигар амал мекунанд, татбиқ мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ, ки муносибатҳои дар мурофиаи судӣ бавуҷудояндаро танзим менамоянд, суд меъёрҳоеро, ки муносибатҳои шабеҳро танзим менамоянд (қиёси қонун) ва ҳангоми мавҷуд набудани чунин меъёр дар асоси принсипҳои татбиқи адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қиёси ҳуқуқ) - ро татбиқ менамояд (мод. 2 КММ ҶТ).

Мутобиқи моддаи 82 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”бошад: [17]

1. Дар сурати ошкор намудани носаҳеҳӣ ва гуногунфаҳмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, амалияи ихтилофноки истифодаи он, мақомоти (шахси мансабдори) санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро қабулнамуда дар санади тафсир, ки хусусияти расмӣ ва ҳатмӣ дорад, тафсири меъёри онро пешниҳод менамояд.

2. Санади тафсирии расмӣ метавонад аз тарафи дигар мақомоте низ қабул шавад, ки онҳо мувофиқи қонунгузорӣ барои тафсири ин ё он санади меъёрии ҳуқуқӣ ваколатдор карда шудаанд.

3. Санадҳои тафсири расмии мақомоти дигар, ки ваколатдоранд ин ё он санади меъёрии ҳуқуқиро тафсир кунанд, дар он шакле қабул мегарданд, ки бо Қонуни мазкур қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор аз ҷониби онҳо пешбинӣ шудааст.

4. Санади тафсири расмӣ бо санадҳои зерин қабул мегардад: бо қонуни конститутсионӣ барои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; бо қонун барои қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида; бо қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қарорҳои якҷояи онҳо; бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; бо фармоишу қарорҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва ғайраҳо, мутобиқан барои санадҳои меъёрии ҳуқуқии онҳо.

5. Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи судиро оид ба амалияи татбиқи қонунгузорӣ ҷамъбаст намуда, тавзеҳоти

дастурӣ медиҳанд ва онҳо барои судҳо, мақомоту шахсони мансабдоре, ки қонуни тавзеҳшударо татбиқ менамоянд, ҳатмӣ мебошанд.

6. Ҳангоми тафсири санади меъёрии ҳуқуқӣ ба он ворид намудани тағйиру иловаҳо мумкин нест.

7. Маънои санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар мавриди тафсир пурра мутобиқи қонун фаҳмонида ва дақиқ карда мешавад.

Санадҳоии меъёрии ҳуқуқӣ ба субъектони ҳуқуқтатбиққунанда вобаста ба фаҳмиши онҳо, таъсири гуногун мерасонад, агар дар ин маврид дарки нодурусти мазмун ва моҳияти қонун ба миён меояд, пас ин амали онҳо ба нодуруст татбиқ намудани меъёри ҳуқуқ оварда мерасонад, ки он ба ҷомеа заровар мебошад. Баръакс, пешравии иҷтимоӣ бо муназзам қатъии максималии меъёрҳои ҳуқуқиро талаб мекунад. Инро бо он шарҳ медиҳад, ки шахс дар ҷамъият буданаш дар муносибатҳои иҷтимоӣ ба тартибу низом ниёз дорад. Мантиқан ин ҳуқуқ ба дақиқ будани меъёрҳои ҳуқуқӣ яке аз ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи инсон аст, ки онро тасаввур кардан мумкин аст, ки дар маврид ҳуқуқ маҷуд надорад.

Вобаста ба ин ҳолатҳо дар банди 36 тавзеҳоти қарори Пленуми Суди Олии ҶТ №5 аз 29 сентябри соли 2014 “Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ” дуруст қайд карда шудааст, ки: “Ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, диққати суд, судяҳо ба зарурияти қатъиян риоя намудани меъёрҳои Конститутсия, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидааст, ҷалб карда шавад. Агар ҳангоми баррасии парванда вайронкунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, инчунин риоя накардани муқаррароти қонун ошкор гардад, суд, судя метавонад нисбати шахсе, ки ба ин қонунвайронкуниҳо роҳ додааст, таъиноти (қарори) хусусӣ барорад” [213, с. 145].

Дар баъзе ҳолатҳо Пленуми Суди Олии ҶТ меъёрҳои қонунро нодуруст тавзеҳ дода меъёри нав ба вуҷуд овардааст, ки он ҳам баромадан аз ҳадди ваколатҳо ва ҳам ба нодуруст тафсир кардани меъёри ҳуқуқ оварда расонидааст. Масалан, бо таъиноти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми сентябри соли 2002 "Дар бораи қатъ намудани мурофиаи суди конститутсионӣ оид ба пешниҳоди Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани мутобиқати Қарори №2 Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 2001 «Оид ба ворид намудани тағйиротҳо ба Қарори №2 Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1998 №2 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ба ҷиноятҳои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир ё заҳрнок ва прекурсорҳо алоқамандбуда» ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар истеҳсолоти суди конститутсионӣ қатъ карда шудааст [225, с. 350-355]. Асос ба оғоз намудани ин парванда ворид намудани тағйирот ба қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1998 №2 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ба ҷиноятҳои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир ё заҳрнок ва прекурсорҳо алоқамандбуда» ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» гардидааст, ки тибқи он дар банди 2 қарори зикргардида тавзеҳот дода шуда буд, ки судҳо ҳангоми бандубасти ҳаракати судшавандагон бо моддаҳои 200-2002 КҶ ҶТ бояд вазни холиси воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳоро ба инобат гиранд, на вазни тамоми маводи мусодирашударо. Бо ин тафсири нодурусти меъёри қонун Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаҳмиши нодурусти маънои қонун оварда расонидааст, ки дар асл бошад, боиси нодуруст бандубаст шудани кирдори ҷинояткор ва беасос аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сӯиқасд дар содир кардани ҷиноятҳои

пешбининамудаи моддаҳои 200-2002 КҶ ҶТ оварда мерасонад, ки ин якдараҷа муборизаро зидди чунин ҷиноятҳо коҳиш мегардонад.

Дар навбати худ, як муқаддимае, ки дар ибтидо хато буд, дар баробари риояи қонунҳои мантиқ ба хулосаҳои муътамад оварда наметавонад. Дар ин масъала баҳси намояндаи барҷастаи фаҳмиши меъёрии ҳуқуқӣ - Байтин М.И. [39, с. 100-109] бо намояндаи пайвастаи принсипиалии фаҳмиши васеи ҳуқуқ – Петрова Л.В. [238, с. 32-41] намуна мебошад.

Бояд қайд намуд, ки тафсири қонун барои таъмини шарҳи илмӣ ва амалӣ, асоснокии мазмун, маънои меъёри тафсиршуда бо мақсади татбиқи якхела ва дурусти он пешбинӣ шудааст, на ба миён овардани дастури нави умумии ҳуқуқие, ки аз ин меъёр дур мешавад ё онро иваз мекунад. Махсусан дар парвандаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқ, аз руи ваколате, ки ба судяҳо дода шудааст, қарор карда мешавад, ки ҳангоми ҳалли парвандаҳои мушаххас меъёрҳоеро истифода набаранд, ки мувофиқи онҳо боиси вайрон шудани ҳуқуқҳои қонунӣ мегардад ва ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, дар ҳар як чунин ҳолат меъёрҳои дахлдори Конститутсияи ҶТ-ро бевосита ба роҳбарӣ гиранд.

Омӯзиш ва таҳлилҳои таҷрибаи судӣ нишон доданд, ки асосҳои бекор ва тағйир додани санадҳои судӣ ҷӣ ба тариқи кассатсионӣ ва ҷӣ ба тариқи назоратӣ ба таври зарурӣ татбиқ накардани талаботи моддаҳои 150-153 КММ ҶТ, омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ нагузаронидан, оиди натиҷаҳои баҳодиҳии далелҳоро дар ҳалнома дарҷ нанамудан, асосҳое, ки мутобиқии онҳо ба як далел нисбат ба далели дигар афзалият дода шудааст, дар ҳалнома зикр накардан, ҷоизию дахлдории далелҳоро мавриди баҳодиҳӣ қарор надодан, талаботи моддаи 358 КММ ҶТ оиди нишондодҳои марбут ба зарурати гузаронидани амали мурофиавӣ, ки дар қарори суди болоӣ зикр гардидааст иҷро накардан, татбиқ ва нодуруст маънидод намудани

меъёрҳои моддию мурофиавӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Масалан, Ҷамъияти фаръии дорои масъулияти маҳдуди «Ғаюр-1» дар шаҳри Душанбе ба суд бо ариза оид ба беэътибор донистани қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ аз 12 феврали соли 2010 таҳти №72 муроҷиат намудааст. Бо ҳалномаи суди ноҳияи Рӯдакӣ аз 15 ноябри соли 2019 аризаи ҶФДММ «Ғаюр-1» қонеъ гардидааст. Бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои мадании Суди Олӣ ҶТ аз 6 майи соли 2020 ҳалномаи мазкур бо асосҳои зерин бекор карда шуда, парванда ба баррасии нави суди ирсол шудааст.

Мутобиқи талаботи банди 2 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ”, тибқи талаботи моддаи 200 КММ ҶТ ҳалнома бояд қонунӣ ва асоснок бошад. Ҳалнома дар он ҳолат қонунӣ мебошад, ки агар он бо риояи дақиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ қабул карда шуда, ба меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки нисбати ҳамин муносибатҳои ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд, пурра мувофиқат кунад, ё дар ҳолатҳои зарурӣ ба татбиқи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ асос карда шуда, маънои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дуруст тафсир карда шаванд. Аммо талаботи қарори Пленум ва меъёрҳои ҳуқуқи моддию мурофиавӣ аз тарафи суд риоя карда нашуд, ба далелҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода нашуда, мазмуну моҳияти қонун ҳангоми татбиқи он нодуруст шарҳ дода шудааст.

Аз аризаи даъвогии ҶФДММ «Ғаюр-1» бармеояд, ки вай бо талабот дар бораи андешидани тадбирҳои таъминоти дар намуди ба ҷавобгар ё шахсони дигар манъи содир намудани амалҳо вобаста ба корҳои сохтмонӣ дар қитъаи замини баҳснок, бекор кардани қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ аз 12 феврали соли 2010 таҳти №72 ва вайрон кардани иншоотҳои сохтмонӣ дар қитъаи замини баҳснок аз ҳисоби Ҷамъияти боғдории “Оби тоза” муроҷиат намудааст. Мутобиқи нақшаҳои дар маводи парванда мавҷудбуда, қитъаи замини ба ҶДММ

«Ғаюр» вобасташуда воқеан танҳо дар тарҳи №110 ҷойгир буда, вале дар тарҳҳои №11 ва №112 ҷойгиршавии қиътаи заминҳои ӯ бо ягон аломат нишон дода нашудааст. Аз нақшаҳои қитъаи замини мавриди баҳси судӣ қарордошта дида мешавад, ки дар аломати шартии нақша таҳти №3 қитъаи замини ғасбшуда нишон дода шудааст. Вале суди марҳилаи якум аз ҷониби кадоме аз тарафҳои баҳс ғасб намудани ин қитъаи заминро муайян накарда, талаботҳои аризаро ҳал накарда, ҳолатҳое ки барои ҳалли дурусти баҳс аҳаммияти муҳим доранд муайян накарда, меъёрҳои қонунро нодуруст дарк ва татбиқ намуда, ҳалномаи беасосу ғайриқонунӣ қабул намуда, моҳияти қонунро нодуруст тафсир кардааст, ки дар натиҷа ин ҳалнома аз тарафи суди марҳилаи болоӣ бекор карда шудааст [54].

Моҳияти ҳуқуқ аз доираи ҳуқуқӣ берун аст, вай аз табиати инсон сарчашма мегирад. Он қонунҳое, ки ба табиати инсон мувофиқанд, оқилонаанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҷзияи ҳокимияти давлатиро муайян мекунад (моддаи 9), муқаррар кардааст, ки “ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад” ва дар моддаҳои 84 ва 87 Конститутсия омадааст: «Судяҳо мустақиланд ва танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд», ки ифода ва натиҷаи бевоситаи принсипи конститутсионии тақсимоти ҳокимият мебошад [1].

Конститутсияи ҶТ, қонуни конститутсионӣ “Дар бораи судҳо дар ҶТ” ва дигар санадҳои қонунгузории ҶТ, ки фаъолияти мақомоти судиро танзим мекунанд, мазмуни асосии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи судӣ мебошанд.

Дар мавриди назарияи ҳуқуқи фитрӣ бошад, шахс ҳеҷ гоҳ, чунон ки зикр гардид, умуман нисбат ба ҳуқуқи позитивӣ муносибати манфӣ зоҳир накардааст, балки танҳо бо навъҳои хоси он ки ба қонунҳои табиӣ, ки

рамзи ҳуқуқҳои фитрию ҷудонашавандаи инсон мебошанд, мақсаднок шахс мубориза мебурд. “Назарияи ҳуқуқи фитрӣ афзалияти ҳуқуқҳои модарзодии инсонро асоснок намуда, ҳамеша дар давлатҳои мушаххас ва дар байни халқҳои гуногун чунин қонуни мусбӣ эҷод ва инкишофро ҷонибдорӣ мекард, ки ба ин ҳуқуқҳои бунёдӣ асос ёфта бошад заминаи маънавӣ, қувваи ахлоқӣ ва устувории ҳуқуқи мусбӣ аз қонуни фитрӣ сарчашма мегирад” [39, с. 104-108].

Лившиц Р.З. ҳуқуқии табиӣ ва позитивро арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки: «Агар ба ҷисми зинда монанд кардани ҳуқуқ комилан шартӣ бошад, пас ҳуқуқи позитивро ба тан, ҳуқуқи табииро рух ҳисоб кардан мумкин аст. Ҳуқуқи табиӣ ба таври объективӣ ба либоси меъёрӣ ниёз дорад, вагарна он маҷмуъаи ғояҳои зебо боқӣ мемонад. Ҳадафи ҳуқуқи фитрӣ ба даст овардани муқаррароти меъёрӣ то ҳол боқӣ мемонад» [214, с. 285, с. 287-288].

Дар як муддат вазъияте ба миён меояд, ки тараққиёти ҷамъият боз дар мубоҳиса талаб мекунад, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ - суд ҳамчун асбобе, ки фаъолияти он тафовути доимии байни шакли ҳуқуқӣ ва идеалро инъикос намояд ва дар арсаи таърихӣ садо додани қонуни позитивӣ, сатҳи танзими ҳуқуқи (характери идеалӣ, объективии зарурии) муносибатҳои ҷамъиятии ин ё он субъекти ҷамъиятӣ мебошад. Давлат боз иҷозат медиҳад, ки судяҳо мустаққилияти муайянро ба амал баранд, ба маънои муайян, то даме, ки дараҷаи ҳуқуқи позитивӣ боз ба дараҷаи тағийрёфтаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баланд нашавад, ба худсарии судӣ машғул шаванд ва ғайра.

Барои мо ақидаи Беккария Ч. оид ба ин масъала таваҷҷуҳи таърихӣ дорад. Вай дар бораи мушкилоти тафсири қонун аз ҷониби судяҳо андешаронӣ намуда, қайд менамояд, ки судяҳо танҳо барои он ки мақоми қонунгузорӣ надоранд, ҳуқуқи тафсири қонунҳои ҷиноятиро дошта наметавонанд [120, с. 91–92]. Ба ақидаи Беккария Ч.: «судҳо,

мақомоти судӣ вазифаи қонунбарорӣ надоранд [173, с. 75–79]. Ӯ қайд мекунад, ки мақсади онҳо амалӣ намудани адолати судӣ мебошад, ки маънии онро бояд ходимони қонуни имрӯза дарк кунанд, аз як ҳақиқати забонзадае, ки ба роҳнамоии қонун амр мекунад, ки садди хаёли дар сари чараёни афкор аст, чизи хатарноктаре нест. Ин ҳақиқат, ки ба ақли оддӣ ғайриоддӣ менамояд, ки барои он проблемаҳои майда-чуйда аз оқибатҳои фалокатовар, вале дарозмуддати принципи ботил, ки дар шуури мардум чой гирифтаанд, зарбаи сахттар аст. Беккария К. дар асоси он воқеиятҳои ҳаётие, ки мушоҳида карда буд, ақидаҳои худро таҳия кардааст. Муносибати барчастаи манфии Беккария К. ба имкони тафсири судии қонуни чиноятӣ на танҳо бо нобиғаи илмӣ ва инсонпарварии ӯ, балки бо худсарии судӣ, ки дар он вақт чой дошт, аз ҳад гузашта, зарурати дахолати давлат ба тафсири қонун аз чониби суд ба миён омад, ки он барои пешгирии худсарии судӣ равона шуда буд.

Покровский И.А. қайд менамояд, ки: «... проблемаҳои ҳуқуқи маданиро, аз чумла бо истифода аз усули таърихӣ дар Пруссия таҳқиқ карда буд, Фридрихи Кабир дар асоси ақидае, ки фаҳмонидани маънои қонунҳо танҳо ба шохаи қонунгузорӣ тааллуқ дорад, бо фармони соли 1780 комиссияи махсуси қонунҳо ташкил карда, ба судҳои алоҳида тафсири мустақилро манъ намуда, дар ҳолатҳои шубҳа ба ин комиссия мурочиат карданро вазифадор намуд. Ба судҳо супориш дода шуд, ки ҳама парвандаҳоро дар асоси қоидаҳои умумии тафсир ҳаллу фасл кунанд...» [119, с. 91-93].

Дар ҳамон давраҳо дар Франция низ ҳамин хел қоида амал мекард, яъне Қонуни аз 24 августи соли 1790 ба судҳо дастур дод, ки ба қонунгузор мурочиат кунанд. Аммо дар Фаронса ин қоида амалан ғайриимкон шуд ва банди 4 ба Кодекси Наполеон ворид карда шуд, ки ба судҳо манъ кардани қатъи мурофиаро бо баҳонаи хомӯшӣ, норавшанӣ

ё нокофии қонун пешбинӣ шуд ва судҳо боз ҳуқуқи тафсирро доро гардиданд.

Таганцев Н.С. вобаста ба ин ҳолатҳо қайд мекунад, ки гузашта шаҳодати он аст, ки на танҳо масъалаи эътибор ва аҳаммияти тафсири судӣ, балки масъалаи худи ҳуқуқи судӣ ба тафсири қонун бояд ба таври таъҷилӣ ҳал карда шавад [142, с. 160-167].

Дар нимаи аввали асри XIX ба вуҷуд омадани ақидаҳое, ки қонунро аз ҳуқуқ ҷудо мекарданд, ҳуқуқи фитриро ба ҳуқуқи позитивӣ муқобил мегузоштанд, ба зиддиятҳо дар сохторҳои илмӣ дар охири асри XIX оварда расониданд, ки дар замони муосир, роҳҳои беҳтар намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ бо роҳи баргаштан ба доктринаҳои ҳуқуқи фитрӣ ҷустуҷӯ карда мешаванд, ки ҳуқуқи фитриро ба ҳуқуқи позитивӣ муқобил нагузошта, онҳо дар ҳамбастагӣ баррасӣ ва омӯхта шаванд.

Мақсади тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ, фаҳмидани маъно ва мазмуни меъёри тафсиршуда мебошад. Вазифаи тафсири бошад, волояти ҳуқуқ, яъне андешаи воқеии қонунгузорро, ки ба таври шифоҳӣ ифода шудааст, ошкор намояд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ барои татбиқ пешбинӣ шудаанд. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз зарурати ба тартиб даровардани муносибатҳои беохири муносибатҳо ва робитаҳои иҷтимоӣ ба миён меояд. “Тафсири грамматикӣ маънои қонунро мувофиқи калимаҳои он муайян мекунад ва тафсири мантиқи калимаҳоро мувофиқи маънои онҳо шарҳ медиҳад.” Ҳамин тариқ, вазифае, ки дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ меистад, аз он иборат аст, ки меъёри тавсифиро аз нуқтаи назари шифоҳӣ, маънои дохилӣ ва лафзии он омӯхта шавад. Маънои дохилии меъёри ҳуқуқӣ маънои воқеии амри ҳуқуқро дар назар дорад.

Васковский Е.В. ду навъи тафсирро: шифоҳӣ ва воқеӣ муайян намуда, се қисмати асосии герменевтикаи ҳуқуқиро муайян мекунад: тафсири шифоҳӣ, тафсири воқеӣ ва инкишофи мантиқии меъёрҳоро [61, с. 427].

Тафсири шифоҳӣ фаҳмидани мазмуни волоияти қонунро дар асоси маънои калимаҳое, ки ин қоидаро ташкил медиҳанд, дар бар мегирад. Сохти шифоҳӣ, ки меъёри характериро дар бар мегирад, шумораи муайяни калимаҳоест, ки мувофиқи қонунҳои грамматикаи забон ба ҷумлаҳо муттаҳид шудаанд, ки дар навбати худ баъзе фикрро (мантиқро) дар бар мегиранд, ки ба таври муайян услуби ифода карда шудаанд. Аз ин ру, тафсири шифоҳӣ омӯзиши ҳамаи чор унсури қаблан зикршудаи нутқ - луғавӣ, синтаксисӣ, мантиқӣ ва услубиро дар бар мегирад. Унсури лексикии раванди тафсири меъёри ҳуқуқӣ, равшан кардани маънои калимаҳои алоҳидаро, ки ибора ва ҷумлаҳоро ташкил медиҳанд, дар бар мегирад.

Комилан возеҳ аст, ки бидуни муайян кардани робитаи он бо калимаҳои дигари ин сохт (контекст) муайян кардани маънои дақиқи семантикии калимае, ки дар қабати лафзии сохти ҳуқуқии дорои меъёри ҳуқуқ ҷойгир шудааст, хеле душвор аст.

Васковский Е.В қоидаҳои тафсири лексикиро чунин номбар кардааст [61, с. 427]: “- агар муаллифи меъёр дар матни худ нишон дода бошад, ки калима ба кадом маъно истифода шудааст, пас ба ин маъно онро бояд дарк кард; - ба калимаҳо маънои дар лаҳзаи навиштани қонун истифода шудани онҳо дода шавад; - ҳангоми муайян кардани маънои калимаҳо хусусиятҳои лаҳҷаи маҳаллиро, ки муаллиф метавониста буд, ба назар гирифт; - ба калимаҳо бояд мафҳуме дода шавад, ки аз ҷониби доираи муайяни шахсон (он шахсоне, ки ба онҳо меъёри дахлдор дахл дорад) бо он алоқаманд аст; - вожаҳо набояд алоҳида, балки бо пайванди ҷамъӣ тафсир карда шаванд, зеро маънои ҳар як вожа низ аз контексти истифода шудани он вобаста аст; - ба калимаҳо тобишҳои ба услуби муаллиф мувофиқ дода шаванд; - дар мавриди шакку шубҳа ба маънои калимаи муътадил бояд ба маънои маъмули он афзалият дода шавад, на ба истисно, васеъ ва на танг, техникӣ, на муқаррарӣ.

Унсури услубии тафсири шифоҳиро ошкор намуда, Васковский Е.В. қайд мекунад [61, с. 427], ки «Ба ақл аз руи ҳиҷо баҳо дода мешавад.. Ҳиҷо қобилияти ҳукмронии ақлро ошкор мекунад ва ба қувваю заъфии он андозае дода, касро ба хислату хатоҳои он пешгуи мекунад. Охир, чӣ ҳиҷо аст, агар тарзи баёни маъмулӣ набошад! Ва ин роҳро чӣ муайян мекунад, агар ҳолати руҳии муқаррарӣ набошад? Аз ин ру, мо бо донистани он сабаб, сабаби қудратмандро медонем, зеро он ҳамеша ва ҳамеша дар як самт амал мекунад. Мо медонем, ки ақл эҳтиёткор аст ё бепарво, равшан ё норавшан, мунтазам ё бесарусомон ва то чӣ андоза. Пас интихоби вожаҳо, тулонӣ ва кутоҳ будани давраҳо, навъ ва теъдоди истиораҳо нишонаи бузург аст, сифати фикр бо гардиши ибора ифода ёфта, тамоми шахс пайдо мешавад.

Албатта, услуби меъёрҳои ҳуқуқӣ, бархилофи услуби асари бадеӣ, бояд ба талаботи муайян, мушаххас, яъне то ҳадди имкон содда ва дорои истилоҳоти махсуси ҳуқуқӣ бошад. Фаҳмидани ин имкон медиҳад, ки дар ҷараёни тафсири лафзии қонун ба мазмуни семантикии калимаву ибораҳо парешон нашаванд, балки ба услуби сирфи ҳуқуқӣ мувофиқат карда, фаъолияти равонии худро амалӣ созад.

Агар дар натиҷаи тафсири шифоҳӣ волоияти қонун норавшан ба назар расад, он гоҳ татбиқи қоидаҳои дигар барои дарки мафҳуми ин қоида зарур аст. Муайян кардани матни меъёр дидани таҷассуми пурраи мавҷҳои қонунгузор, маънои муболиға кардани маънои калимаро дорад. Яъне, амиқ будани лоиҳаи қонунҳо танҳо барои тахминҳо асос шуда метавонад, маънои лафзии қонун ифодаи ҳақиқии фикри қонунгузор ба ҳисоб меравад, то даме ки тартиби дигаре исбот карда шавад.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки омӯзиши тафсири назариявии ҳуқуқ на танҳо аз фикру ақидаи олимон ва мутахассон соҳа вобаста аст, балки он аз натиҷаи фаъолияти субъектони ҳуқуқтатбиққунӣ ва махсусан судҳо, таҷрибаи судӣ, қарорҳои тавзеҳотии пленумҳои Судӣ

Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ ва махсусан қарорҳои Суди конститутсионӣ низ вобастагии ногусастанӣ доранд, ки маҳз дар фаҳмиш ва дуруст маънидод намудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

## 3.2. Усул ва тарзҳои герменевтикаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ

Асар Васковский Е.В. «Методологияи сивилистӣ: доктринаи тафсир ва татбиқи қонунҳои маданӣ» дар бораи тафсири қонун ибрози ақида намудаас, ки он барои инъикоси мавзӯи тафсири қонун дар доираи иҷрои қонуни судӣ арзишманд ба шумор меравад. Зеро он хусусияти методологӣ дорад [61, с. 427]. Аҳаммияти мавзуи ба миён гузошташуда равшан буда, комилан дуруст аст ва бе малакаи амалии тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ татбиқ кардани онҳо ғайриимкон ба ҳисоб меравад ва ин ҳолат наметавонад барои муайян кардани ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ истифода шавад. Дар дасти шахсоне, ки усулҳои тафсир - қонунгузорӣ, меъёрҳоро намедонанд, тамоми меъёрҳои ҳуқуқ беэътибор хоҳанд монд. Қонунҳо ҳар қадар бад, зиддиятнок, мураккаб ва печида бошанд ҳам, дараҷаи тайёр ва иҷрои онҳо ҳар қадар паст бошад ҳам, қонунҳо бояд ҳануз коркард карда шаванд, меъёрҳои онҳо амалӣ ва аз ин ру тафсир ва татбиқ карда шаванд. Ба ин ё он қонунгузорӣ ҳар қадар бештар баҳои манфӣ дода шавад, ҳамон қадар аҳаммияти аз ҷониби судяҳои ин ё он кишвар аз худ кардани меъёрҳо ва қоидаҳои герменевтикаи ҳуқуқӣ... таълимоти тафсири қонунҳо ҳамон қадар зиёд мешавад» [42, с. 29]. Маънои қонунро ба роҳбарӣ гирифтан, маънои дарк намудани мазмуни онро дорад (ки аз судя дониши чуқур дар соҳаи герменевтикаи ҳуқуқӣ ва меҳнатдустии ақлро талаб мекунад). Аммо тафсир, дарки натиҷаҳои эҷодиёти инсон нисбат ба тафсир ва дарки ҳар як ҳодисаи табиат хеле тангтар аст.

Васковский Е.В. муътақид аст (ин ақидаро Белов В.А. комилан ҷонибдорӣ мекунад) шаҳрвандон аз рӯйи талаботи қонун бояд дониш ва малакаи амиқ дар тафсири қонун дошта бошанд, зеро қонунгузор узрҳоро бо надонистани қонун манъ мекунад. Аз ин рӯ, ба гуфтаи Васковский Е.В., бармеояд, ки шаҳрвандон вазифадоранд на танҳо қонунҳоро донанд, балки фаҳманд, ба ин фақат бо ёрии тафсири бодиққат ноил шудан мумкин аст [42, с. 81-82].

Мисоли боварибахше, ки фикри баёншударо тасдиқ мекунад, қайди Белов В. (No 67 ва 68 ба боби 4 «Тафсири воқеӣ»-и асари Васковский Е.В.), ки ба тафсири меъёрҳои ҳуқуқ оид ба масъалаи таносуби ҷаримаҳои шартномавию ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи Россия дар асри 19 дар охир дахл дорад. Ҳангоми навиштани асари зикршуда Сенат оид ба моҳияти - ин масъала тавзеҳоти зеринро пешниҳод кард: 1) барои таъмини ҳама намуди шартномаҳо, вале дар қонун ҷазои ҳуқуқӣ муқаррар карда нашудааст, ҷазои ихтиёрӣ муқаррар карда мешавад; 2) берун аз ҳолатҳои пешбининамудаи модда.

Масъалаи ба миён гузошташударо таҳлил намуда, Белов В. таъкид мекунад, ки амалияи сенат як навъ фикри «миёна»-ро баён кардааст: дар бораи ҷарима ҳамеша гуфтушунид кардан мумкин аст, аммо агар он дар қонун муқаррар карда шуда бошад, пас танҳо дар санади махсус, на дар шартномаи асосӣ. Меъёри тавзеҳи «диспозитивии шадид»-и м. 1583 ба маънои он ки «бо созиши тарафайн, ҳатто агар дар қонун пешбинӣ нагардида бошад ҳам, маҳрум кардан иҷозат дода мешавад» (ва агар он пешбинӣ шуда бошад, бештар иҷозат дода мешавад) - тарафдорони Мейер Д.И. ва Шершеневич Г.Ф.; бо дастури Анненков К.Н., Думашевский А. низ ба ин мавқеъ шариканд.

Шумораи бештари тарафдорон, Мейер Д.И. ва Шершеневич Г.Ф.; бо дастури Анненков К.Н., Думашевский А., ба тафсири «ифроти императивии» меъёр доштанд, ки онро Васковский Е.В., ба он маъно, ки барои он уҳдадориҳое, ки барои онҳо ҷарима дар қонун муқаррар

шудааст, дар ҳар шакл ғайриқобили қабул шумурдаст, Белов В.А. ин проблемаро омӯхта, ба чунин хулоса меояд: «Бо маҳорати бешубҳаи сенати роҳбарикунанда ва эҳтироми мо ба обрую эътибори ҳамаи ин олимон, мо бояд гуфт, ки тафсири дурусти А. 1583 қисми 1 ҷилди X -и Кодекси қонунҳо аз ҷониби ягонтои онҳо пешниҳод нашудааст» [42, с. 488–490].

Васковский Е.В., менависад: «Мурочиат кардан … ба камолоти моддии меъёрҳо аз чӣ иборат будани онро дидан душвор нест. Воқеан, талабот ба қонунҳо чист? Барои он ки қонун мукаммал эътироф шавад, зарур аст, ки ... он одилона бошад, … ба мақсад мувофиқ ... меҳрубон. ... Аз ин бармеояд, ки дараҷаи камолоти ботинии меъёр ба он вобаста аст, ки он то чӣ андоза одилона, ба мақсад мувофиқ ва лутфу марҳамат аст ва ҳангоми тафсири меъёрҳои норавшан бояд се қоида, ё тахминро ба роҳбарӣ гирифт: - аз ду маънои баробар имконпазири меъёр бояд ба он чизе афзалият дода шавад, ки дар он меъёр одилонатар ба назар мера сад; - аз ду ҳисси баробар имконпазир ва одилонаи меъёр якеро интихоб кардан лозим аст, ки ба мақсад мувофиқтар аст; - аз ду маънои баробар одилона ва ба мақсад мувофиқи меъёр якеро интихоб кардан лозим аст, ки дар он шафқат бештар аст» [ 61, с. 260–263].

Мавқеи ба миён гузошташуда ҳангоми омӯхтани волоияти қонуни мавҷуда дуруст аст. Вақте ки ин ё он меъёри ҳуқуқ дар нақшаи илмию таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад, агар мо онро ба талаботи имруза пайванд карда, аз низоми ҳуқуқие, ки дар он ба вуҷуд омада буд, дур кунем, хато содир мешавад, ки ба он итоат мекард. Бинобар ин, боварӣ дорем, ки мавқеи Васковский Е.В. оид ба ин масъала ҳануз дурусттар аст.

Ҳамин тариқ, герменевтикаи ҳуқуқӣ ин назария (маҳорат, усул) маънидодкунии матни ҳуқуқӣ, илмест, ки махсусияти тафсирро дар илми ҳуқуқшиносӣ, муайян кардани маъное, ки қонунгузор дар матни санадҳои

меъёри ҳуқуқӣ ҷой кардааст, меомӯзад. Аз ин рӯ, ҳама гуна тафсири амиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷорӣ аз ҷониби як шаҳрванди оддӣ, ки бори гарони дониш дар соҳаи ҳуқуқшиносиро бар дӯш нагирифтааст, дар ҳаёти воқеӣ амалан истисно карда мешавад. Сатҳи ҳадди аққали дониши қонун ва фаҳмиши он аз ҷониби як шаҳрванди оддӣ чӣ гуна аст, ки ҷомеа ба он ниёз дорад. Албатта, на илмӣ ва на он чизе, ки бояд ба қонунгузор ва ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод карда шавад. Дар мавриди талабот ба корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, донистани қоидаву усулҳои техникаи ҳуқуқӣ ва герменевтикаи ҳуқуқӣ, шарти ҳатмии муносибати эҷодии корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба омӯзиши ҳар як низоъи ҳуқуқии таҳқиқкардаи  мебошад, ки имкониятҳои неруи корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои у фаҳмидан ва равшан кардани волоияти қонун аст.

Ҳамин тариқ, герменевтикаи ҳуқуқӣ аз лиҳози амалӣ мавҷудияти се сатҳи истифодаро пешниҳод мекунад: - муқаррарӣ (бо дараҷаи ба худ хос аз руи амиқи дарки меъёрҳои ҳуқуқӣ - аз ҳадди аққали зарурии дар боло зикршуда, ки зарурати объективии нигоҳ доштани мувозинат дар ҷомеа мебошад, то ҳадди имкон, ки (ба андешаи шаҳрванд) дар фаҳмиши пурра, дақиқ ва ҳамаҷонибаи мазмун ва маънои меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқиро танзим мекунанд, ки бо ин ё он сабаб барои у манфиатдор мебошанд; сатҳи ҳифзи ҳуқуқ (инчунин дорои дараҷаи худ вобаста ба мавзу, татбиқи қонун, вале ба таври дигар бо уҳдадории касбӣ оид ба доштани ҳадди аққали дониши назариявӣ ҳангоми татбиқи ҳуқуқи тавсиф карда мешавад); илмӣ (назариявӣ) бо назардошти мавҷудияти донишҳои илмӣ дар соҳаи герменевтикаи ҳуқуқӣ, ки имкон медиҳад дар сатҳи назариявӣ меъёрӣ аз рӯйи хусусият дар сатҳҳои гуногун омӯхта шавад.

Ба баррасии усул, қоидаҳои герменевтикаи ҳуқуқӣ шуруъ карда, дониши минималии онҳо, ба андешаи мо, аз ҷиҳати методологӣ ва аз

ҷиҳати аҳаммияти амалӣ барои судя ҷиҳати амалӣ гардонидани адолати судӣ ниҳоят зарур аст.

Яке аз воситаҳои муҳимтарини тафсири воқеӣ фаҳмонидан аст, ки хусусияти расмӣ дорад. Чунин тафсирро, тафсири ҳуқуқӣ меноманд ва агар он аз мақоме, ки ин меъёри ҳуқукро муқаррар кардааст, омада бошад, пас он саҳеҳ аст. Азбаски тафсири ҳақиқии ҳуқуқӣ дорои хусусияти меъёрӣ (ҳатмӣ) аст, он бояд ба таври бояду шояд иҷозат дода шуда, дастрас бошад. Дар баробари ин, танҳо меъёри ҳуқуқие, ки махсус бо мақсади тафсири меъёри дигари ҳуқуқ бароварда шудааст, хосиятҳои тафсири ҳуқуқии саҳеҳро (атентикиро) дорад. Чунин ҳолат ба назар мерасад, ки агар мақомоти қонунгузор хосияти тафсирии меъёри қабулшударо нисбат ба ҳар як меъёри ҳуқуқии мавҷуда махсус муқаррар намояд, он гоҳ чунин меъёри ҳуқуқии қабулшуда, меъёри тафсири ҳуқуқӣ мебошад.

Масъалаи накш ва аҳаммияти одати ҳуқуқӣ барои тафсири меъёри ҳуқуқӣ камтар ҷолиб аст. Ба андешаи мо, бо назардошти сатҳи имрӯзаи қонунсозӣ, одати ҳуқуқӣ воситаи тафсири воқеии қонунгузорӣ шуда наметавонад. Танҳо дар қонунгузорӣ муттаҳидсозии расму оини ҳуқуқӣ тафсири «озод»-и меъёри ҳуқуқиро аз ҷониби иҷрокунандаи ҳуқуқ истисно мекунад, вале дар ин маврид на дар бораи таъсири анъанаи ҳуқуқӣ ба натиҷаҳои тафсири меъёри ҳуқуқӣ, балки дар бораи он сухан рондан лозим аст, таносуби меъёрҳои ҳуқуқӣ дар асосҳои гуногун, аз ҷумла қувваи ҳуқуқӣ.

Дар қисми 3 моддаи 61 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар гардидааст, ки тафсири Конститутсияро тибқи тартиби мазкур Маҷлиси намояндагон дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул намуда, Маҷлиси миллӣ онро ҷонибдорӣ менамояд [1, с. 26].

Мувофиқи моддаи 61 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [6], ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ҳуқуқи расман -

ҳуқуқӣ, бо тартибе, ки барои қонунҳои конститутсионӣ муқаррар шудааст, тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул ва ҷонибдорӣ мекунанд, ки барои ҳама гуна тафсири ҳуқуқшинос ҳатмӣ будани муқаррароти ҳуқуқие, ки дар матни Конститутсия пешбинӣ шудаанд, барои ҳар як судя манфиати амалии бевосита дорад. Зеро дар ҳар як парвандаи мушаххас Маҷлиси Олӣ матни калимаи меъёри тафсири ҳуқукро ҳамаҷониба таҳлил мекунад, маъно ва мақсади муқаррароти муайяни ҳуқукро муайян мекунад, сарчашмаҳои пайдоиши онро меомӯзад ва бо ҳам алоқаманд будани меъёри тафсиршударо бо тамоми низоми меъёрҳои конститутсионӣ таҳқиқ менамояд. Ва азбаски натиҷаҳои фаъолияти тафсир барои қонунгузор хусусияти умумии ҳатмӣ доранд, метавон гуфт, ки фаъолияти хеле тафсирӣ бояд ба назар гирифта шавад, аз ҷониби судяҳо ҳамчун методологӣ, яъне нишон додани он - равишҳои бунёдӣ, ки дар фаъолияти тафсирӣ бояд ҳар як судя роҳнамоӣ кунад.

Муқаррароте, ки Қонуни қонститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар кардааст, барои судяҳо муҳим ва амалан муҳим аст, ки тибқи он қарорҳои Маҷлиси Олӣ оид ба тафсири Конститутсия набояд бо дигар санадҳои тафсири он мухолифат кунанд, қарорҳое, ки тафсири тасодуфии меъёрҳои конститутсионӣ доранд. Татбиқи ин талабот дар амал ба судяҳо имкон медиҳад, ки чунин падидаи ҳуқуқӣ, ба монанди тафсирро дурусттар дарк кунанд.

Агар талаботи мутобиқати байни қарорҳо оид ба тафсири расмии Конститутсия ҳатмӣ бошад, пас талаботи мутобиқати қарорҳо дар - ҳолатҳои мушаххас матлуб ба назар мерасад, аммо мутлақ нест. Дар истилоҳи гносеологӣ, барои муҳофизи ҳуқуқ, гуфтаҳои дар боло зикршуда имкон медиҳанд, ки паҳлуи воқеии тафсирро фаҳманд ва

муфид ба назар мерасанд, зеро он имкон медиҳад, ки хулосаҳои муайян ба даст оварда шавад.

Бояд қайд намуд, ки дар Федератсияи Россия тафсири Конститутсияи Федератсияи Россия аз рафъи номуайянӣ дар дарки муқаррароти он аз ҷониби Суди конститутсионӣ, равшан кардани маънои объективӣ ва принсипҳои мусбати ҳуқуқии дар он мавҷудбуда иборат аст. Аслан тафсири Конститутсия конкретикунонии он аст.

Тафсири расмии санади меъёрии ҳуқуқӣ дар боби 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” пешбинӣ карда шудааст [17].

Мутобиқи моддаи 82-и Қонуни мазкур, ки зарурат ва тартиби тафсири расмии санади меъёрии ҳуқуқиро муқаррарн намудааст, ки дар сурати ошкор намудани носаҳеҳӣ ва гуногунфаҳмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, амалияи ихтилофноки истифодаи он, мақомоти (шахси мансабдори) санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро қабулнамуда дар санади тафсир, ки хусусияти расмӣ ва ҳатмӣ дорад, тафсири меъёри онро пешниҳод менамояд.

Санади тафсирии расмӣ метавонад аз тарафи дигар мақомоте низ қабул шавад, ки онҳо мувофиқи қонунгузорӣ барои тафсири ин ё он санади меъёрии ҳуқуқӣ ваколатдор карда шудаанд. Санадҳои тафсири расмии мақомоти дигар, ки ваколатдоранд ин ё он санади меъёрии ҳуқуқиро тафсир кунанд, дар он шакле қабул мегарданд, ки бо Қонуни мазкур қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор аз ҷониби онҳо пешбинӣ шудааст.

Санади тафсири расмӣ бо санадҳои зерин қабул мегардад:

- бо қонуни конститутсионӣ барои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо қонун барои қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида;

- бо қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қарорҳои якҷояи онҳо;

- бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо фармоишу қарорҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии амнияти ядрой ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мутобиқан барои санадҳои меъёрии ҳуқуқии онҳо.

Ҳангоми тафсири санади меъёрии ҳуқуқӣ ба он ворид намудани тағйиру иловаҳо мумкин нест.

Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи судиро оид ба амалияи татбиқи қонунгузорӣ ҷамъбаст намуда, тавзеҳоти дастурӣ медиҳанд ва онҳо барои судҳо, мақомоту шахсони мансабдоре, ки қонуни тавзеҳшударо татбиқ менамоянд, хусусияти ҳатмӣ дорад. Маънои санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар мавриди тафсир пурра мутобиқи қонун фаҳмонида ва дақиқ карда мешавад.

Аз ин рӯ, барои ҳар як судя, дар раванди тафсири ҳама гуна меъёрҳои ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари мутобиқати онҳо ба муқаррароти конститутсионӣ бояд чунин тахмине бошад, ки агар меъёри ҳуқуқ вуҷуд дошта бошад, пас он меъёри ҳуқуқӣ мебошад, унсури сохтори мувофиқашуда, унсуре, ки ба муқаррароти конститутсионӣ мувофиқат мекунад.

Ҳамин тариқ, танҳо қароре, ки субъекти салоҳиятдор дар доираи салоҳияташ қабул кардааст ва оид ба масъалаҳои тафсири волояти ҳуқуқ ба омма эълон шудааст, барои ҳифзи ҳуқуқ заминаи ҳатмӣ мебошад, ки волояти ҳуқукро ҳамон тавре он дарк менамояд, фаҳмида мешавад.

### 3.3. Тафсири меъёрҳои ҳуқуқ аз руйи робитаи мантиқӣ ва низомнокии онҳо.

Тафсири меъёрҳои ҳуқуқ аз рӯйи робитаи мантиқӣ ва низомнокии онҳо, қоидаи дуюми тафсири воқеиӣ ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи он тафсири меъёри ҳуқуқие, ки тафсири расмӣ надорад, бояд бо назардошти робитаи мантиқии он бо дигар меъёрҳо сурат гирад, дар ҳоле ки бартарият ба натиҷа дода шавад, ки тавассути тафсири меъёр дар низоми бо онҳое, ки дар наздиктарин иртиботи мантиқии ба он қарор доранд, ба даст омадаанд ва танҳо дар сурати норозӣ шудани чунин тафсир, бояд меъёрҳои дар робитаи дур қарордошта истифода шаванд.

Қоидаи зикршудаи герменевтикаи ҳуқуқӣ ба ҳуқуқтатбиқкунанда имкон медиҳад, ки мазмуни семантикии меъёри ҳуқуқии тафсиршавандаро, бе ҷудо шудан аз масъалаи қонун равшан созад. Пайванди мантиқии меъёри ҳуқуқӣ бо наздиктаринаш, инчунин наздиктарин ҷойгиршавии мунтазами меъёри тафсиршаванда он маълумотҳое мебошанд, ки онҳоро сатҳи ҳуқуқии меъёри тафсиршавандаи ҳуқуқ ё қабати ислоҳӣ номидан мумкин аст ва онҳо бояд на танҳо ҳамчун «маълумоти ғайримустақим» [61, с. 199], балки ҳамчун

унсури ҷудонашавандаи волоияти қонун, ки мазмуни дохилии онро тавсиф мекунад, қабул карда шавад. Ин хулоса аз тахмине бармеояд, ки тибқи он, агар ин меъёри ҳуқуқ вуҷуд дошта бошад. Пас он як унсури сохтори мувофиқашуда, унсуре мебошад, ки ба муқарраротн конститутсионӣ мувофиқат мекунад. Ин ақида ҳам аён мегардад, зеро ҳангоми дар алоҳида омӯхтани элемент мазмуни онро берун аз алоқаи низомӣ фахмидан мумкин нест .

Дар баробари ин, бояд аз он хулоса барояд, ки робитаи мантиқии волоияти ҳуқуқ ва ҷойгиршавии низомии он худ ҳамчун мазмун ва шакли қабати ислоҳӣ тавсиф мешавад. Гуногунии муносибатҳои ҷамъиятие, ки танзими ҳуқуқиро тақозо мекунанд, қонунгузорро водор мекунад, ки ҷиҳатҳои ҳукукро ба таври муайян ба низом дароварда бошад.

автомашина ба К.С. ва даъво надоштани ҷавобгар нисбати ӯ забонхати ба ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 6 феврали соли 2020 додаи К.С. тасдиқ менамояд. Ҳамин тариқ дар ин муддат ба К.С. дар маҷмуъ маблағӣ 68 500 доллари ИМА баробар бо қурби асъори сомонӣ то санаи 7 майи соли 2019 бар ивази маблағӣ қарзи гирифтааш баробар ба 40000 ҳазор доллари ИМА пардохт намудааст, ки ин ҳолатро дастхати расмии додаи ҷавобгар К.С. оид ба гирифтани маблағи 40 000 ва 28 500, ҷамъ маблағи 68 500 доллари ИМА то санаи 7 майи соли 2019 бо имзои К.С. тасдиқ менамояд. Новобаста аз пурра барқарор гардидани маблағи қарзи гирифтааш ва баргардонидани автомашинаҳо ба ҷавобгар К.С. номбурда нисбати ӯ ба ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ариза муроҷиат намуда, таҳдиди ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро намуда, дар ин асос аз ӯ талаб намудааст, ки амволи ба гаравгузоштаро, ки манзили истиқоматиаш будааст, воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Ҳувайдуллоев, бинои 141/6, ҳуҷраи 23-ро дар асоси созиши ҳаққи дасткашӣ ба фоидаи К.С. гузашт намояд. Ӯ, ки аз соҳаи ҳуқуқ дур буда, аз ҳимояи ҳуқуқҳои худ бархурдор набудааст фиреби К.-ро қабул намуда, барои худ аҳди асосратоварро дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба расмият даровarда, дар санаи 14 декабри соли 2019 «Созишномаи ҳаққӣ дасткаширо» ба фоидаи К.С. ба имзо расонида, манзили истиқоматии худро иловатан аз маблағи қарзи гирифтааш, ки то ин муҳлат аллакай аз маблағи гирифтааш барзиёд ба К.С. баргардонида будааш гузашт намуда, худ бо фарзандон ва оилааш бе хона мондааст. Дар асоси бастани созиши ҳаққи дасткашӣ К.С. аз КДФ БММҒ шаҳри Душанбе ба номи худ нисбати манзили истиқоматӣ 16 декабри соли 2019 Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ таҳти №20616 ба даст овардааст. Созишномаи ҳаққи дасткашӣ ва Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ба номи К.С. ғайриқонуни мебошанд. Зеро пас аз он, ки К.С. бо ариза ба ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ муроҷиат

намуданаш, ӯро чандин маротиба ба ВКД даъват намуда, тахти фишор ва таҳдиди маҳрум кардан аз озодӣ қарор додаанд ва К.С. бо истифода аз ин ҳолат таклифи бо роҳи бастани созиши ҳаққи дасткашӣ барқарор намудани маблағи қарзи гирифта, ҳамчун амволи ба гаравгузоштаро намуда, ӯро маҷбур намудаанд, ки ба бастани чунин аҳди асоратовар барои худ розӣ шуда, нотариуси давлатиро ба хонаи истиқоматиаш оварда, бе огаҳи аз оқибати навиштани ариза розигии оилаашро гирифта, ин созишномаи ғайриқонуниро ба имзо расонидааст. Новобаста аз ин, аз ҷониби ӯ инчунин ду адад автомашинаи дар боло зикрнамударо низ ба К.С. баргардонидааст ва танҳо пас аз ин аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати ӯ дар асоси аризаи К.С. рад намудаанд. Созишномаи ҳаққи дасткаширо нисбати амволи ба гаравмонда манзили истиқоматӣ ӯ дар ҳоле ба имзо расонидааст, ки маблағи қарзи аз К.С. баробар ба 40 000 доллари ИМА гирифтаашро барзиёд ба маблағӣ 68 500 доллари ИМА ба номбурда баргардонидааст, арзиши манзили истиқоматиаш бошад тибқи санади муайяннамудани арзиши амволи ба гаравмонда баробар ба 300 000 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шудааст. Ҳамин тавр К.С. бо роҳи фиреб аз ӯ бар ивази 40 000 доллари ИМА-и қарзи додааш маблағи 68 500 доллари ИМА гирифта, боз манзили истиқоматиашро, ки предмети шартномаи гарави қарз будааст бо роҳи бастани созиши ҳаққи дасткаши аз худ намудааст. Дар ҳамин асос инчунин шартномаи иҷораи манзили истиқоматиро рӯяки баста худро ҳамчун иҷоранишини манзили истиқоматӣ нишон додааст. Ҳолати дар боло зикргардида, худ шаҳодати ҷой доштани фиреб ва ба гумроҳи бурдани ӯ ҳангоми бастани «Созишномаи ҳаққи дасткашӣ» нисбати амволи ба гаравмонда манзили баҳси ва бастани шартномаии иҷораи манзили истиқоматии баҳси мебошад.

Бинобар ин, аз суд хоҳиш намудааст, ки шартномаҳои қарз аз 10 октябри соли 2018 ва гарав аз 11 октябри соли 2018 байни К.С. ва Н.Р.

бинобар пурра иҷро гардидани шартҳои онҳо, бекор карда шуда, созишномаи ҳаққи дасткашӣ аз амволи ба гаравмондашуда аз 14 декабри соли 2019 ва Шаҳодатномаи бақайдгирии амволи ғайриманқул ба номи К.С. аз 16 декабри соли 2019 бинобар ғайриқонунӣ, бо созиши бадқасдона ва бо асосҳои асоратовар баста шуданашон, шартномаи иҷораи манзили истиқоматии мазкур байни К.С. ва Н.Р. аз санаи 17 декабри соли 2019 бинобар аҳди руякӣ буданаш, беэътибор дониста шаванд.

Дар навбати худ К.С. бо аризаҳои даъвогии муқобили даъво бо он асос муроҷиат намудааст, ки мувофиқи созишномаи ҳаққи дасткашӣ аз 14 декабри соли 2019 бинобар имконнопазир будани иҷрои уҳдадориҳояш қарзгир, яъне Н.Р. аз рӯи шартномаи қарзӣ аз 10.10.2018 сол, ки дар асоси он охирон дар назди ӯ 450 000 сомонӣ уҳдадории иҷронагардида дорад квартираи №23-ро воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Нурулло Ҳувайдуллоев бинои 141/6 воқеъ гардидааст ба моликияти худ қабул намудааст. Созиши мазкур бо розигии ҳарду тараф баста шуда, дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино санаи 14.12.2019 сол таҳти феҳрастӣ №8Ш-4621 ба қайд гирифта шудааст. Инчунин созишномаи ҳаққи дасткашии мазкур мувофиқи Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки аз тарафи КДФ бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар шаҳри Душанбе санаи 16.12.2019 сол таҳти №20616 дода шудааст ба қайд гирифта шудааст. Дар асоси созишномаи ҳаққи дасткашии мазкур ӯ К.С. соҳибмулки манзили истиқомати баҳсӣ ба ҳисоб меравад. Баъд аз бастани созишномаи дар боло зикргардида Н.Р. бинобар надоштани ҷойи зист хоҳиш кардааст, ки ба манзили истиқоматии дар боло зикргардида ҳамчун иҷоранишин иҷозат диҳад то ҷойи зист ёфтани ӯ ва аҳли оилааш зиндагонӣ амоянд. Бинобар фасли зимистон ва сард будани ҳаво ӯ барои муваққатан ҳамчун иҷоранишин истиқомат намудани Н.Р. ва аҳли оилааш рози шудааст ва бо розигӣ

маблағи иҷорапулиро 2000 сомонӣ муқаррар намудааст. Ин ҳолатро шартномаи иҷораи квартира аз 17.12.2019 сол тасдиқ менамудааст, ки он дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе баста шудааст ва муҳлати амали он то 17.04.2020 сол мебошад. Мувофиқи он Н.Р. то санаи дар боло зикргардида бояд манзили истиқоматии баҳсиро холи менамуд, аммо то ҳол аз холи кардани он саркаши мекунад. Ҳар моҳ ӯ маблағи андоз аз иҷорапулиро ба андозаи 260 сомонӣ аз ҳисоби худ пардохт менамудааст, Н.Р. бошад, маблағӣ ҳаққи иҷорапулиро то ҳол насупоридааст.

Шартномаҳои қарз ва гарав, созишномаи ҳаққи дасткашӣ байни ӯ ва Н.Р. басташуда,  Шаҳодатнома дар бораи бакайдгирии давлатӣ ба номи ӯ нисбати манзили истиқоматии баҳсӣ ва шартномаи иҷора дар доираи қонун ба расмият дароварда шудаанд. Бинобр ин, аз суд хоҳиш намудааст, ки Н.Р., Н.Ҳ. бо фарзандони ноболиғаш ва дигар шахсони дар манзили истиқоматии баҳсӣ зиндаги мекунанд, бе додани дигар манзили истиқоматӣ кӯчонида, аз қайди манзили истиқоматӣ бароварда шуда, аз ҳисоби Н.Р. маблағҳои иҷорапулии манзили истиқоматии баҳсӣ, ки муддати зиёда аз 6  моҳу 15 рузро ташкил дода, маблағи 13000 сомониро дарбар мегирад ба фоидаи ӯ руёнида шавад.

Бо ҳалномаи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 22 сентябри соли 2020 даъвои Н.Р. рад, даъвои муқобили даъвои К.С. қисман қонеъ, Н.Р., Н.Ҳ. бо аъзоёни оилааш аз манзили истиқоматии мазкур бе додани дигар манзили истиқоматӣ, кӯчонида, аз қайди манзили истиқоматӣ бароварда шуда, аз ҳисоби Н.Р. ба фоидаи К.С. маблағҳои иҷорапулии манзили истиқоматӣ ба миқдори 8000 сомонӣ руёнида шудааст.

Бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании суди шаҳри Душанбе аз 27 январи соли 2021 ҳалнома бетағйир, шикояти кассатсионии Н.Р., Н.Ҳ. ва намояндаи ваколатдор К.С. беқаноат мононда шудааст.Бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои

граждании Суди Олӣ  аз 21 июли соли 2021 ҳалномаи суди ноҳияи Сино аз 22 сентябри соли 2020 ва қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании суди шаҳри Душанбе аз 27 январи соли 2021  оид ба парвандаи мазкур бекор карда шуда, парванда ба суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе барои барасии нави судӣ аз ҷониби дигар судя фиристода шудааст. Шикояти назоратии Н.Р. ва намояндаи ӯ К.С. қонеъ карда шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 200  КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалномаи судӣ бояд қонунӣ ва асоснок бошад. Мувофиқи қисми 4 моддаи 202 Кодекси мазкур дар қисми асосноккунонии ҳалнома бояд ҳолатҳои парванда,  ки суд муқаррар намудааст; далелҳое, ки хулосаи суд оид ба ин ҳолатҳо бо ин далелҳо асос ёфтаанд; ваҷҳҳое, ки дар асоси онҳо суд ин ё он далелро рад кардааст; қонуне, ки суд ба роҳбарӣ гирифтааст, дарҷ гардад. Ҳалномаи судӣ аз рӯи парвандаи мазкур ба талаботи қонуне, ки дар боло зикр шудааст, ҷавобгӯй намебошад. Чунончӣ, суд даъвои К.С. оиди аз хонаи истиқоматӣ кӯчонидани Н.Р.-ро бе додани дигар хонаи истиқоматӣ қонеъ намуда, ҳалномаро бо он асоснок кардааст, ки соҳибмулки хонаи баҳсӣ К.С. буда, Н.Р. дар асоси шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ аз 17 декабри соли 2019 дар манзили истиқоматӣ ҳамчун иҷорагир, муваққатан бо аҳли оилааш зиндагӣ карда, сокинони муваққати ба ҳисоб мераванд ва аз ин рӯ тибқи талаботи моддаи 77 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз хонаи баҳсӣ кӯчонида мешаванд.

Чунин хулосаи суди марҳилаи якум бармаҳал мебошад, зеро суд ба ин хулоса бе муайян кардани ҳолатҳои кор омадааст. Аз маводҳои парванда маълум мегардад, ки Н.Р. бо аъзои оилааш аз соли 2010 дар хонаи баҳсӣ истикомат мекунанд. Н.Р. дар мурофиаи судӣ баён намудааст, уҳдадориҳои худро тибқи шартномаи қарз дар назди ҷавобгар К.С. пурра иҷро намуда, маблағи ба сифати қарз гирифтаашро,

ки 40000 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медодааст, барзиёд баробар ба маблағӣ 68500 доллари ИМА баргардонидааст, ки ин ҳолатро дастхати расмии додаи ҷавобгар К.С. оид ба гирифтани маблағӣ 40000 ва 28500 ҷамъ маблағӣ 68500 доллари ИМА то санаи 7 майи соли 2019 бо имзои К.С. тасдиқ менамудааст.

Суди марҳилаи якум бошад ин далелҳоро ҳаматарафа насанҷида, баҳои дурусти ҳуқуқӣ надода, бо он асос ба эътибор нагирифтааст, ки гӯё дар муддати бастани шартномаи қарзу гарав то 07.05.2019 сол байни К.С. ва Н.Р. муносибатҳои тиҷоратӣ бо хариду фурӯши автомашинаҳо ҷой доштааст ва ин доду гирифт ба шартномаи қарзу гарави манзили баҳсӣ ягон алоқамандӣ надоштааст.

Ҳол он, ки аз забонхате, ки дар парванда мавҷуд аст дида мешавад, ки маблағӣ 40000 доллари ИМА ва 28500 доллари ИМА ҷамъ маблағӣ 68 500 доллари ИМА аз маблағҳои хона ва мошинро дарбар мегирад (в.п.137). Н.Р. дар аризаи даъвогиаш нишон додааст, ки пас аз он, ки К.С. бо ариза ба ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ гуё барои фиреб додани К.С. ва ғайриқонуни аз худ намудани автомашинаҳо ва маблағҳои пули қарз додаи номбурда муроҷиат намуданаш, ӯро чандин маротиба ба ВКД даъват намуда, таҳти фишор ва таҳдиди маҳрум кардан аз озодӣ қарор додаанд ва К.С. бо истифода аз ин ҳолат таклифи бо роҳи бастани созиши ҳаққи дасткаши барқарор намудани маблағи қарзи гирифта, ҳамчун амволи ба гаравгузоштаро намуда, ӯро маҷбур намудаанд, ки ба бастани чунин аҳди асоратовар барои худ рози шуда, нотариуси давлатиро ба хонаи истиқоматиаш оварда, бе огаҳи аз оқибати навиштани ариза розигии оилаашро гирифта, ин созишномаи ғайриқонуниро ба имзо расонидааст. Новобаста аз ин, аз ҷониби ӯ инчунин ду адад автомашинаи дар боло зикрнамударо низ ба К.С. баргардонидааст ва танҳо пас аз ин аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати ӯ дар асоси аризаи К.С. рад

намудаанд. Созишномаи ҳаққи дасткаширо нисбати амволи ба гаравмонда манзили истиқоматӣ ӯ дар ҳоле ба имзо расонидааст, ки маблағи қарзи аз К.С. баробар ба 40000 доллари ИМА гиирфтаашро барзиёд ба маблағӣ 68500 доллари ИМА ба номбурда баргардонидааст, арзиши манзили истиқоматиаш бошад тибқи санади муайяннамудани арзиши амволи ба гаравмонда баробар ба 300000 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шудааст. Ҳамин тавр К.С., бо роҳи фиреб аз ӯ бар ивази 40000 доллари ИМА-и қарзи додааш маблағи 68500 доллари ИМА гирифта, боз манзили истиқоматиашро, ки предмети шартномаи гарави қарз будааст бо роҳи бастани созиши ҳаққи дасткаши аз худ намудааст.

Суди марҳилаи якум бошад ин ваҷҳҳои Н.-ро бо он асос рад намудааст, ки гӯё К.С. санаи 09.01.2020 сол ба РВКД дар шаҳри Душанбе оиди руёнидани маблағи ду автомашина ба миқдори 24000 доллари ИМА нисбати Н.Р. муроҷиат карда, бо қарори муфаттиш аз 15.01.2020 сол аз оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати Н.Р. рад карда шудааст. Созишномаи ҳаққи дасткаши бошад, аз 14.12.2019 сол дар Идораи нотариалӣ ба расмият даровarда шудааст. Аммо аз қарори муфаттиши ШТ РВКД дар шаҳри Душанбе дар бораи рад намудани аз оғози парвандаи ҷиноятӣ аз 15 январи соли 2020, ки бо парванда хамроҳ карда шудааст, дида мешавад, ки К.С. нисбати Н.Р. бо аризаи худ ба унвони сардори РВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 15 октябри соли 2018 муроҷиат кардааст (в.п.21).

Суди марҳилаи якум бошад ба ин далелҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ надода, бармаҳал ба хулоса омада даъвои Н.Р.-ро рад намудааст. Ҳол он ки шоҳидон Қ.А., Х.М., ва А.М. дар маҷлиси судӣ тасдиқ намудаанд, ки Н.Р. ба К.С. маблағҳои пулии 4400 доллар ИМА, 2200 доллари ИМА ва 15000 доллари ИМА додааст. Суди марҳилаи якум бошад нишондоди ин шоҳидонро бо он асос ба эътибор нагирифтааст, ки гӯё доду гирифти пулии Н.Р. ва К.С. ба муносибатҳои тиҷоратиашон вобастагӣ дорад ва

нишондоди шоҳидони зикршуда ба ҳолатҳои воқеии парванда мувофиқат накарда, ба аҳдҳои граждании тарафҳо алоқамандӣ надоранд. Илова ба ин, шоҳидони номбаршуда шиносҳои даъвогар Н.Р. буда, беманфиатии онҳо зери шубҳа мебошад.

Ҳамзамон, суд хулосаи худро бо ягон далели боэътимоду тасдиққунанда асоснок накардааст, аз ин рӯ норавшан мемонад, ки суд дар кадом асос  ба чунин хулоса омадааст. Бар замми ин, аз протоколи маҷлиси суди дида мешавад, пеш аз пурсиши Қ.А., Х.М., ва А.М. ҳамчун шоҳид,  муносибати онҳо ба шахсони иштирокчии парванда муайян карда шудааст, ки тибқи он шоҳидони қайдшуда тарафҳоро мешиносанд, нисбати тарафҳо ва тарафҳо нисбати шоҳидон ягон қасд, ғараз ва бадбини надоранд (в.п.162-165), ки ин хулосаи суд  бо маводи парванда мувофиқат намекунад. Н.Р. дар мурофиаи судӣ иброз намудааст, ки пас аз баста шудани Созишномаи ҳаққи дасткашӣ аз 14 декабри соли 2019 ҷавобгар К.С. ӯро бовар кунонидааст, ки ҳамчун молик бояд ӯ ба номбурда шартномаи иҷораи манзили истиқоматиро ба расмият дароварда, ба таври формалӣ онро ба қайд гиранд ва арзиши маблағи иҷорапулиро ҳар моҳ 2000 сомонӣ нишон додааст. Дар асл ин шартнома байни онҳо басташуда руяки буда, ӯ бо аҳли оилааш ҳамчун молик дар манзили баҳсӣ истиқомат намуданро идома дода, ба К.С. ягон маблағи пулӣ ба сифати иҷораи манзил пардохт накардааст ва охирон низ аз ӯ пардохти ин маблағро талаб накардааст.

Суди марҳилаи якум ҷой доштани ин ҳолатҳои корро, ки барои ҳалли дурусти баҳси тарафҳоро аҳамияти муҳим доранд мавриди таҳқиқ, санҷиши хамаҷониба қарор надода, оиди байни тарафҳо дар асл шартномаи иҷора ба миён омада буд ё не муҳокима накарда, бармаҳал ба хулоса омада ҳалнома қабул кардааст.

Ҳамин тавр, ҳамаи ҳолатҳои дар боло нишондодашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки суди марҳилаи якум парвандаро бо ба таври ҷиддӣ

вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ баррасӣ ва ҳал намудааст. Аз ин рӯ, ҳалномаро асоснок, қонунӣ ва далелнок ҳисобидан бармаҳал мебошад.

Суди марҳилаи кассатсионӣ бошад, ба камбудию хатогиҳои дар боло нишондодашудаи суди марҳилаи якум аҳаммият надода, ҳалномаро бетағйир монондааст.

Навиштаҳои боло ва дигар ваҷҳҳое, ки дар шикояти назоратӣ ва таъинот оварда шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳангоми қабули санадҳои судӣ оид ба парвандаи мазкур меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ва моддӣ ба таври ҷидди вайрон карда шудаанд ки ин боиси баровардани санадҳои судии ғайриқонунӣ гардидааст, ки тибқи талаботи моддаи 376 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои бо тартиби назоратӣ бекор кардани санадҳои судӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, коллегияи судӣ бекор кардани ҳалномаи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 22 сентябри соли 2020 ва қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании суди шаҳри Душанбе аз 27 январи соли 2021 ва ба баррасии нави судӣ ирсол намудани парвандаро ба мақсад мувофиқ донист.

Аз мисолҳои дар боло овардашуда, хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки бе далелу исбот ва баҳои дурусти ҳуқуқӣ додан санади судии асоснок қабул кардан ғайриимкон мебошад.

Дар бандҳои 4 ва 5 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №33 аз 24 декабри соли 2010 "Дар бораи ҳукми судӣ (бо тағйироте, ки бо қарори Пленум аз 14 июни соли 2018, №32 ворид гардидааст)" [213, с. 136-146] тавзеҳ дода шудааст, ки дар ҳукм бояд далелҳои дар муҳокимаи судӣ таҳти таҳқиқи ҳаматарафа қарор дода шуда, ки бо онҳо суд хулосаи худро асоснок кардааст, дарҷ гардида, ҳамзамон ба ҳамаи далелҳои исботкунанда ва сафедкунандаи судшаванда, ки онҳоро суд қабул ё инкор намудаанд, баҳо дода шаванд.

Ҳукм аз рӯи парвандае, ки бо он якчанд судшаванда дар содир намудани якчанд ҷиноят айбдор карда мешаванд, бояд таҳқиқи далелҳоро нисбати ҳар як судшаванда ва аз рӯйи ҳар як айб дар бар гирад. Ҳангоми дар мурофиаи судӣ аз додани нишондод саркашӣ кардани шоҳид, ки хешованди наздики судшаванда мебошад, суд метавонад дар ҳукм ба нишондодҳои қаблан дар таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ додаи ӯ ҳамчун далел ишора намояд, агар шахси номбурда тибқи талаботи қисми 2 моддаи 56-и КМҶ ҶТ ҳангоми додани нишондод розигии худро дода бошад. Дар ҳукм ба нишондодҳои шахсони аз рӯйи парванда пурсидашуда хулосаи коршинос (эксперт), протоколҳои ҳаракатҳои тафтишӣ ва судӣ, дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба фикру ақидаи суд ин ё он ҳолати воқеиро тасдиқ мекунанд, ишора карда, мазмуни онҳо бояд возеҳу равшан нишон дода шаванд. (Масалан, на танҳо ному насаби ҷабрдидагон, шоҳидон номбар карда шаванд, балки моҳияти нишондодҳои онҳо бояд қайд гарданд). Диққати суд ба он ҷалб карда шавад, ки мувофиқи талаботи қисми 4 моддаи 881 КМҶ ҶТ далелҳое, ки ғайри қобили қабул ҳисобида шудаанд, беэътибор дониста шуда, ба асоси айбдоркунӣ гузошта намешаванд ва барои исботи ягон ҳолати дар моддаи 85 КМҶ ҶТ зикрёфта истифода шуда наметавонанд. Мутобиқи муқаррароти моддаи 339-и КМҶ ҶТ ҳукми айбдоркунанда набояд бо тахминҳо асос ёбад ва танҳо ба шарте бароварда мешавад, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ гунаҳгор будани судшаванда дар содир намудани ҷиноят бо маҷмӯи далелҳои таҳқиқшуда тасдиқ гардидааст. Аз ин лиҳоз, суд бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳукми айбдоркунанда дар асоси далелҳои боэътимод, вақте ки ҳама гуна масъалаҳои ба миён омада мавриди таҳлил қарор гирифта, мухолифатҳои ҷойдошта бартараф гардида, ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода шудааст, қабул карда мешавад. Аз тарафи судшаванда эътироф намудани гуноҳи худ, агар он бо маҷмӯи дигар далелҳои аз рӯйи парванда ҷамъовардашуда ва дар

мурофиаи судӣ таҳқиқгардида, тасдиқ нагардида бошад, барои қабул намудани ҳукми айбдоркунанда асос шуда наметавонад. Риоя намудани муқаррароти қисми 4 моддаи 15-и КМҶ ҶТ, ки мутобиқи он ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории айбдоршаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи КМҶ ҶТ бартараф карда намешаванд, ба фоидаи айбдоршаванда маънидод карда мешаванд, қатъӣ мебошад. Мувофиқи талаботи қонун ба фоидаи судшаванда на танҳо шубҳаҳои бартарафнашавандаи гунаҳгории ӯ бо пуррагӣ, балки он шубҳаҳои бартарафнашавандае, ки бо лаҳзаҳои алоҳидаи айби эълонгардида, намуди гуноҳ, дараҷа ва хусусияти хоси иштироки ӯ дар содир намудани ҷиноят, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо ва ғайра алоқаманд мебошад, маънидод карда мешаванд.

Дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 "Дар бораи ҳалномаи судӣ (бо тағйироте, ки бо қарори Пленум аз 14 июни соли 2018, №33 ворид гардидааст)" бошад омадааст, ки тибқи талаботи моддаи 200-и КММ ҶТ ҳалнома бояд қонунӣ ва асоснок бошад. Ҳалнома дар он ҳолат қонунӣ мебошад, ки агар он бо риояи дақиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ қабул карда шуда, ба меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки нисбати ҳамин муносибатҳои ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд, пурра мувофиқат кунад, ё дар ҳолатҳои зарурӣ ба татбиқи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ асос карда шуда бошад. Агар байни санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳал кардани баҳси мазкур татбиқ карда мешаванд, мухолифат ҷой дошта бошад, пас ҳалнома ҳамон вақт қонунӣ ҳисоб мешавад, ки суд қонуни эътибори бештари ҳуқуқӣ доштаро татбиқ карда бошад. Ҳалнома ҳамон вақт асоснок мебошад, ки агар ҳолатҳои парванда бо далелҳои дар маҷлиси судӣ таҳқиқгардида, ки ба талаботи қонун оиди дахлдорӣ ва ҷоизии далелҳо ҷавобгӯй мебошанд, ё ҳолатҳое, ки ба исбот эҳтиёҷ надоранд, тасдиқ шуда бошанд. Инчунин, вақте ки ҳалнома хулосаҳои мукаммали

судро дар бар мегирад, ки онҳо аз ҳолатҳои воқеии парванда бармеояд. Талаботи арзкардашуда бо асосҳои нишондодаи даъвогар бо риояи меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 58-и КММ ҶТ оиди уҳдадории исбот баррасӣ ва ҳал карда мешавад. Аммо судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеоянд, суд ба асосҳо ва ваҷҳҳои талаботи пешниҳодшуда вобаста намебошад. Чунки уҳдадории исбот кардани ҳолатҳои барои қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ асос гардида, қонунӣ будани онҳо, инчунин қонунӣ будани қарор, амалӣ (беамалии) мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ, ки мавриди баҳс қарор гирифтаанд, ба зиммаи мақомоти чунин санади меъёрии ҳуқуқиро қабулкарда, инчунин мақомот ва шахсоне гузошта мешавад, ки қарори мавриди баҳсро қабул кардаанд ё амалӣ (беамалии) мавриди баҳсро анҷом додаанд. Ҳангоми баррасӣ ва ҳалли чунин парвандаҳо, суд бо ташаббуси худ ва бо мақсади ҳалли дурусти парванда метавонад далелҳоро талаб намояд. Ҳангоми тасдиқ намудани ягон ҳолати парванда аз ҷониби яке аз тарафҳо, ки онро тарафи дигар мавриди баҳс қарор надодааст, эътирофшуда ба ҳисоб рафта, баҳсталаб намебошад ва тарафҳоро аз исбот кардани ин ҳолат озод менамояд, аз ин рӯ, дар вақти таҳияи ҳалнома хулосаи суд оид ба ин ҳолатҳо бе овардани далелҳои тасдиққунанда дарҷ карда мешавад [213, с. 87-91].

Бо дарназардошти он, ки яке аз принсипҳои муҳокимаи судӣ бевосита будани он мебошад, ҳалнома танҳо ба он далелҳое асоснок карда мешавад, ки дар маҷлиси судӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда бошанд. Агар ҷамъоварии далелҳо аз ҷониби суди парвандаро баррасикунанда гузаронида нашуда бошад, бо он шарте суд ҳуқуқ дорад ҳалномаро ба ин далелҳо асоснок намояд, ки агар онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба даст оварда шуда, дар маҷлиси судӣ эълон

гардида, ба шахсони иштирокчии парванда, намояндагони онҳо ва ҳангоми зарурат ба шоҳидон, коршиносони судӣ ва мутахассисон пешниҳод карда, дар маҷмӯъ бо дигар далелҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шуда бошанд. Ба далелҳое, ки аз тарафи суд бо риояи талаботи муқарраркардаи қонун мавриди таҳқиқ қарор дода нашудаанд, инчунин ба далелҳое, ки бо вайрон намудани меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун ба даст оварда шудаанд, асоснок намудани ҳалнома роҳ дода намешавад [213, с. 87-91].

Қайд кардан зарур аст, ки хулосаи коршиноси судӣ дар баробари дигар далелҳои парванда воситаҳои истисноии исбот ва барои суд далели дорои эътибори қаблан муқарраргардида намебошад ва бояд дар маҷмӯъ бо ҳамаи далелҳои дар парванда мавҷудбуда баҳо дода шавад. Баҳои ба хулосаи коршинос додаи суд бояд пурра дар ҳалнома инъикос карда шавад. Дар ин маврид нишон дода шавад, ки хулосаи коршиноси судӣ (эксперт) ба чӣ асос карда шудааст, оё ҳамаи маводе, ки ба экспертиза пешниҳод шудаанд ба эътибор гирифта шуда, онҳо аз тарафи коршиносони судӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд ё не. Агар гузаронидани экспертиза ба зиммаи якчанд коршиноси судӣ гузошта шуда бошад ва ҳар яки онҳо хулосаи алохида дода бошанд, асосҳои ба ҳар як хулоса розӣ будан ё набудан бояд дар ҳалнома нишон дода шавад [213, с. 87-91].

Мутобиқи қисми 3 моддаи 64-и КММ ҶТ ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ барои суди баррасикунандаи парванда оид ба оқибатҳои гражданию ҳуқуқии амали шахсе, ки нисбати ӯ ҳукми судӣ дар хусуси оё чунин амалҳо ҷой доштанд ва ё онҳоро ҳамин шахс содир намудааст, бароварда шудааст, ҳатмӣ мебошад. Бо дарназардошти ин, аз рӯи даъвое, ки аз парвандаи ҷиноятӣ бармеояд, суд гунаҳгории ҷавобгарро муҳокима накарда, танҳо масъалаи талаботи даъворо ҳал менамояд. Дар ҳалномаи суд оид ба қонеъкунии даъво, ба

ғайр аз ишора ба ҳукм аз рӯи парвандаи граждан‍ӣ, инчунин далелҳои дар парванда мавҷудбуда, ки талаботи даъво (масалан, андозаи маблағи рӯёнидашаванда, баҳисбогирии вазъи молу мулкии ҷавобгар ё гуноҳи ҷабрдида ва ғайра) бо онҳо асоснок карда шудаанд бояд нишон дода шавад [213, с. 87-91].

Ҳолатҳоеро, ки объекти дониши судӣ буда, аз ҷиҳати мазмуни худ фарқ мекунанд, ба чор намуд тақсим кардан мумкин аст.

Аз ҷумла, якум, далелҳои ҳуқуқии дорои хусусияти моддӣ. Муқаррар намудани ин навъи далелҳо барои дуруст татбиқи меъёри ҳуқуқи моддие, ки муносибатҳои ҳуқуқии баҳснокро танзим мекунанд ва аз рӯйи онҳо моҳиятан ҳалл намудани парванда зарур аст. Масалан, пеш аз он ки суд муайян кунад, ки оё як шахс тибқи шартномаи қарз уҳдадор аст ба шахси дигар маблағи муайяни пулро пардозад, муайян намояд, ки оё чунин шартнома ба амал омадааст ё не, предмети шартнома ва муҳлати иҷрои уҳдадорӣ ва уҳдадориҳо дар асоси шартнома маҷуданд ё не.

Барои қабули қарори мусбӣ дар бораи муқаррар кардани падарӣ дар суд бояд пайдоиши кӯдак аз шахси мушаххас муқаррар карда шавад. (м. 49 КО ҶТ).

Дуюм, ҳолатҳое, ки ба далелҳо асос ёфтаанд, далелҳои эътибориро дар сарчашмаҳои илмӣ баъзан далелҳои инференсиалӣ меноманд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо ҳатман барои муайян кардани ҳолати баҳс истифода мешаванд. Масалан, дар ҳолатҳое, ки оид ба беэътибор донистани сабти падарӣ, даъвогар метавонад ба далели дуру дароз набудани у дар маҳалли истиқоматии ҷавобгар истинод намояд ва бинобар ин хулоса дар бораи муайян кардани падар истисно карда мешавад.

Сеюм, ҳолатҳои дорои аҳаммияти истисноии мурофиавӣ. Ин ҳолатҳо танҳо барои иҷрои амалиёти мурофиавӣ дахл доранд. Ба онҳо,

ба вуҷуд омадани ҳуқуқи пешниҳоди даъво, ҳуқуқи боздоштани баррасии парванда, қатъи баррасии он, инчунин ҳуқуқи иҷрои ба даъво алоқаманд аст, дигар амалҳои мурофиавӣ.

Чорум, ҳолатҳое, ки муқаррар намудани онҳо барои иҷрои, вазифаҳои тарбиявию профилактикии суд зарур аст. Муқаррар намудани ин намуди далелҳо барои асоснок кардани таъиноти муайян, яъне. андешидани чораҳои пешгирикунанда.

Ҳамин тариқ, ҳангоми муайян кардани ҳолатҳои вайрон кардани қонун ҳангоми баррасии парванда, суд ҳуқуқ дорад таъиноти хусусӣ қабул намояд. (моддаи 231 КММ ҶТ, қ. 2 моддаи 35 КМҶ ҶТ ).

Далелҳои ҳар яке аз гурӯҳҳои номбаршуда, то он ки суд ҳамчун мавҷуд будани онҳоро эътироф кунад, бояд бо истифода аз далелҳои судӣ исбот карда шавад. Тасодуфан нест, ки дар Кодекси мурофиавии мадании ҶТ зикр карда шудааст, ки ҳама гуна маълумот оид ба фактҳое, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун гирифта шудаанд ва дар асоси онҳо суд мавҷуд будан ё набудани ҳолатҳои асоснокkунандаи талабот ва норозигии тарафҳо, инчунин дигар ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда аҳаммият доштаро муқаррар менамояд, далелҳо оид ба парванда эътироф мешаванд. (қ. 1 м. 57 Кодекси мурофиавии мадании ҶТ)[10]. Худи ҳамин тартиб дар кисми 1-уми модда 63 Кодекси мурофиавии иқтисодии ҶТ  пешбинӣ гардидааст.

Ин ақида дар бораи сарчашмаҳои ташаккули мавзуи далелҳо дар парвандаи мушаххаси дорои хусусияти даъвогӣ дар таҳияи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ ва иқтисодӣ инъикос ёфтааст. «Ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда аҳаммиятдоштаро суд дар асоси талабот ё норозигии шахсони иштирокчии парванда мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи моддии татбиқшаванда муайян менамояд.». (кисми 4 моддаи 58 КММ ҶТ) [10]. Меъёри шабеҳи ҳуқуқӣ дар Кодекси мурофиавии иқтисодии ҶТ

низ мавҷуд аст (қисми 2 моддаи 64 КМИ ҶТ) аммо дар шакли каме фарққунанда ифода ёфтааст.

Доираи далелҳои мавзуи исбот дар рафти мурофиаи судӣ метавонад вобаста ба тағйири асоси даъво, зиёд ё кам шудани андозаи даъвоҳо тағйир ёбад. Татбиқи ин ҳуқуқҳои ихтиёрӣ боиси тағйир додани таркиби воқеии аз ҷониби суд тафтишшуда ва ҳаҷми далелҳои ҷалбшуда мегардад.

Далелҳои ҳуқуқии мавзуи исбот ё ҳолатҳо, дар истилоҳоти қонун, бояд пеш аз ҳама аз ҷониби даъвогар дар марҳилаи пешниҳоди даъво нишон дода шаванд. Дар аризаи даъвогӣ даъвогар бояд дар баробари тафсилоти дигар ҳолатҳоеро, ки даъвогар даъвоҳои худро дар он асоснок мекунад (қисми 2 моддаи 134 КММ ҶТ) нишон диҳад.

Дар марҳилаи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ тарафҳо, намояндагони онҳо ва судя вазифадор карда мешаванд, ки ҳолатҳои воқеиро, ки барои ҳалли дурусти парванда муҳиманд, муайян созанд - (моддаи 151-и КММ ҶТ).

Ин вазифа, ки бо муайян кардани мавзуи исбот алоқаманд аст, бо роҳи пурсиш кардани даъвогар ё намояндаи ӯ аз руи моҳияти даъвоҳо аз ҷониби судя ҳал карда мешавад, пурсиш кардани ҷавобгар ё намояндаи у оид ба ҳолатҳои парванда (қисми 1, моддаи 153 КММ ҶТ), гузаронидани маҷлиси пешакии судӣ барои муайян кардани ҳолатҳои барои дурусти баррасӣ ва ҳаллу фасли парванда аҳаммиятдоштаи парванда (моддаи 155 КММ ҶТ).

Мушкилоти махсус дар амалияи судӣ дуруст муайян кардани мавзуи исбот ҳангоми ҳалли баҳсҳое мебошад, ки аз муносибатҳои ҳуқуқие, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ танзим мекунанд, дорои хусусияти нисбатан мушаххас мебошанд (баҳсҳо дар бораи маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ, додани кӯдакон ба тарбия, баҳсҳо дар бораи рӯёнидани зарари маънавӣ ва ғайра), ҳангоме ки суд бояд ҳолатҳои

мушаххаси парвандаро ба инобат гирад ва суд далелҳои алоҳидаро аз нуқтаи назари аҳаммияти ҳуқуқӣ ва дохил намудани онҳоро ба мавзуи исбот, баҳо диҳад.

Ин на танҳо дар бораи он аст, ки рушди илмии назарияи далелҳои судӣ бояд идома ёбад [63; 137; 146; 128; 76]. Бе ин гуна меҳнати пурҷушу хуруш на илм, на кори муҳофизати қонун ва на пешравии ҷамъиятиро тасаввур кардан мумкин нест.

Қобили зикр аст, ки илми ҳуқуқ ба талаботи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хеле ҳассос аст. Аз ҷумла, таҳқиқоти пурмазмуни назариявӣ, ки муҳим будани проблемаи ба миён гузошташударо тасдиқ мекунад, монографияи Новитский В. «Назарияҳои исботи мурофиавии рус дар ҳуқуқтатбиққунӣ» [114, с. 17], ки дар он муаллиф консепсияи далели мурофиавӣ ва татбиқи ҳуқуқро дар назарияи давлат ва ҳуқуқ таҳия кардааст.

Тавре зикр гардид, назарияи далел гиреҳи марказии низоми судӣ, раванди судӣ ва принсипи пешбаранда ба шумор рафта, муҳимтарин равандро дар мурофиаи судӣ ташкил медиҳад.

Чунин ҳолатҳое, ки дар танзими онҳо талаботи муносибатҳои воқеии ҳозиразамон носаҳеҳ инъикос мекунанд, беш аз ҳад зиёданд. Ва барои он ки қонунгузор ба меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои алоҳидаро, мувофиқи сатҳи ниёзҳои иҷтимоӣ танзим мекунанд, ислоҳоти зарурӣ ворид намояд, ҳадди аққал бояд андешае дошта бошад, ки чӣ тавр меъёрҳои ҳуқуқ ба сатҳи имрӯзаи муносибатхои иҷтимоӣ мувофиқат намекунанд ва барои ҷомеа аҳаммият доштани ин проблемаи мушаххас бояд танзим шавад, ки дар ин ҳолат метавонад, ба амалияи дурусти мақомоти судӣ ҳифзи ҳуқуқ (ва пеш аз ҳама - судӣ) мусоидат намояд.

Дар навбати худ, сари вақт ба сатҳи талаботи иҷтимоӣ мутобиқ гардонидани дастурҳои ҳуқуқӣ, ки танзими нави муносибатҳои алоҳидаро тақозо менад, яке аз шартҳои устувории ҷомеа мебошад.

Татбиқи ҳуқуқ як тарзи амалишавии муқарраротҳои ҳуқуқ ба шумор меравад. Дар бораи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамон вақт сухан рондан мумкин аст, ки агар он хусусияти ҳокимиятӣ дошта, аз ҷониби мақомоти муайян дар асоси муқарраротҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ қабул гардида, дар айни замон барои субъектҳои алоҳидаи ҳуқуқ боиси оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ мегардад.

Санади ҳуқуқтатбиққунӣ, ки як намуди санади ҳуқуқии фардӣ мебошад, дар механизми танзими ҳуқуқӣ нақши бениҳоят муҳимро мебозад, зеро он ба таври омирӣ дастурҳои меъёриро дар робита ба ҳолатҳо ва субъектҳои мушаххас таъмин менамояд [285, с. 17]. Бо вуҷуди ин дар шароити имрӯза, проблемаҳои санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ кам омӯхта шудаанд. Чунки чунин вазъият то андозае ба мураккабӣ ва бисёрҷабҳа будани ин проблемаҳо вобаста буда, омӯзиши онҳо бо сершумории санадҳои ҳуқуқии алоҳида, инчунин мурратаб нагардидани онҳо алоқамананд.

Таҳлили санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, дар баробари равшан кардани аломатҳои махсуси онҳо, инчунин муайян кардани нақши онҳо дар раванди амали гардонидани ҳуқуқ яке аз муҳимтарин масъалаҳои назарияи умумии ҳуқуқ мебошад.

Чӣ дар назарияи умумии ҳуқуқ ва чӣ дар соҳаи илмҳои ҳуқуқӣ вобаста ба мавзуи санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ саволҳои зиёде гирд омадаанд. Аксар вақт онҳо ба таври норавшан ҳал мешаванд ва баъзе проблемаҳо умуман ноаён мемонанд. Масалан, дар ҳалли масъалаи ҷойи санадҳои зерқонунӣ муаллифони тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қайд менамоянд, ки «санадҳои зерқонунӣ дар асос ва барои иҷрои қонунҳо қабул карда мешаванд», аммо дар ҳамин ҷо онҳо ибрози ақида намуданд, ки санадҳои зерқонунӣ меъёрҳои қонунҳоро «мушаххас ва пурра мегардонанд» [154, с. 88], ки бо чунин ақида розӣ шудан душвор мебошад. Зеро санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ

(зерқонунӣ) қонунҳоро мушаххас ва ё пурра намегардонанд, яъне ба қонунҳо тағйиру иловаҳо ворид намекунанд, балки барои амалишавии онҳо равона шудаанд.

Дар байни санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ махсусан санадҳои ҳифзи ҳуқуқ, яъне амалигардонии ҳуқуқӣ, фаврӣ ва маъмурӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва юрисдиксиониро фарқ мекунанд. Дар муомилоти ҳуқуқии низоми идоракунии давлатӣ (ҳокимияти иҷроия) санадҳои маъмурӣ зиёд истифода мешаванд, ки гуногунии санади ҳуқуқӣ мебошанд. Ба гуфтаи Старилова Ю.Н. «институти санади ҳуқуқии идоракунӣ бояд дар асоси принсипҳои ҳуқуқ ва принсипҳои идоракунии оммавӣ (ташкил ва фаъолияти идоракунӣ) мавҷуд бошад ва ба татбиқи идоракунӣ (уҳдадориҳои давлат, вазифаҳо) ҳокимияти иҷроия ва вазифаҳои танзими ҳуқуқӣ, мусоидат намояд [138, с. 55].

Санади ҳуқуқтатбиққунӣ бо шакли возеҳ ва аниқ бо шакли муайяннамудаи қонун фарқ мекунад. Маҳз шакл, ба ақидаи Вопленко Н.Н. ба низоми ҳуқуқтатбиққунӣ номгуи, як навъ шакли возеҳи лафзиро медиҳад. Санадҳои маъмултарини татбиқи ҳуқуқ санадҳои судӣ (фармон, таъинот, ҳалнома, ҳукм, қарор), фармонҳо дар бораи ҳавасмандкунӣ ё муҷозот додани кормандон мебошанд. Шакл хусусияти расмӣ ва аҳаммияти ҳуқуқии санади ҳуқуқтатбиққуниро таъкид мекунад. Таҳлили шакли санад имкон медиҳад, ки муқаррар гардад, ки санад аз номи кадом мақомот ё шахси мансабдор қабул карда шудааст; нисбат ба ки ё дар бораи чӣ қабул шудааст; моҳияти масъалаи ҳалшаванда; оқибатҳои ҳуқуқие, ки аз парвандаи ҳалшуда бармеоянд [64, с. 436].

Вобаста ба ин вазъият дар робита ба қарорҳо ва фармонҳои шахси мансабдори олӣ ва мақомоти олии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, бояд қайд кард, ки дар амал санадҳои субъектҳои ҳокимияти давлатӣ аксар вақт муқаррароти меъёрӣ ва дастурҳои инфиродиро муттаҳид мекунанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст қайд карда мешавад, ки дар сатҳи қонунгузорӣ на ба мафҳуми ҳуҷҷат, на ба мафҳуми санади ҳуқуқӣ дар маҷмуъ, на бо муайян кардани меъёрҳои ҳуҷҷати расмӣ ва на бо мафҳуми санади меъёрии ҳуқуқӣ ё бо итминони истилоҳоти манбаъҳои расмӣ дар мавриди истифодаи ин истилоҳҳо муайян карда нашудаанд. Ва аз ҳама муҳим он аст, ки дар қонунгузорӣ шаклҳои ҳуқуқӣ ва намудҳои санадҳои ҳуқуқӣ вуҷуд надорад [216, с. 21].

Дар байни олимони ҳуқуқшинос дар мавриди зарурати қабули санадҳои омехта мавқеи ягона вуҷуд надорад. Интишори санадҳое, ки дорои амрҳои дорои хусусияти якхелаи ҳуқуқӣ, ҳам меъёр ва ҳам инфиродӣ мебошанд, ба мақсад мувофиқ набудани истифодаи якчанд ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи як масъала асоснок карда мешаванд.

Ба субъектони ҳуқуқэҷодкунанда дохил мешаванд: халқи Тоҷикистон, ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, Маҷлиси вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо, раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот.

Дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба нақшаи идоракунӣ ва номгӯи ташкилотҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти назди

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, субъекти ҳуқуқэҷодкунанда намебошанд.

Ваколатҳои субъектони ҳуқуқэҷодкунанда бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Субъектони ҳуқуқэҷодкунанда метавонанд якҷоя санади меъёрии ҳуқуқиро таҳия, қабул ва интишор намоянд, агар он бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда бошад. Тағйир додан, боздоштан ва қатъ намудани амали санади меъёрии ҳуқуқии якҷоя қабулгардида аз ҷониби субъектони ҳуқуқэҷодкунандаи онро якҷоя қабулнамуда амалӣ мегардад, агар бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Субъектони ҳуқуқэҷодкунанда наметавонанд якҷоя санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул кунанд, агар як субъекти ҳуқуқэҷодкунанда дар муносибат бо дигар субъекти ҳуқуқэҷодкунанда мақоми болоӣ бошад.

Олимон чунин меҳисобанд, ки барои ҷудо кардани санадҳои омехта ҳамчун як намуди мустақили санадҳо дар баробари санадҳои меъёрӣ ва инфиродӣ асосҳои кофӣ вуҷуд надоранд, зеро барои муайян кардани моҳияти ҳуқуқии онҳо, пеш аз ҳама, ба муҳимтарин афзалияти онҳо таваҷҷуҳ кардан лозим аст, сифат-нормативӣ ва аллакай дар ҳамин асос шакли мувофиқро муайян менамояд.

Ба меъёр ва ғайримеъёрӣ тақсим кардани санадҳои ҳуқуқӣ, он ба шумор меравад, ки ҳам аломатҳои итминони инфиродӣ ва ҳам хусусиятҳои меъёриро дар бар мегиранд. Фармон дар бораи даъват ба хизмати ҳарбӣ санади ҳуқуқтатбиққунӣ буда, зеро дар ин ҳолат меъёрҳои

Конститутсия ва қонунҳо дар бораи хизмати ҳарбӣ ва алтернативии шаҳрвандӣ татбиқ карда мешаванд ва аз тарафи дигар, чунин фармон ба садҳо ва ҳазорон шахс муносибатҳои иҷтимоиро танзим менамояд.

Дар шароити васеъ шудани доираи субъектҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва бо сабаби ба ҳайати онҳо дохил шудан, ба ғайр аз мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқии шаклҳои гуногуни моликият ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, шахсони ҳуқуқии ҷамъиятӣ, шумора ва навъҳои ин гуна санадҳо хеле афзудааст. Таҳлили ҳаматарафаи санадҳои ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои дар маҳаллҳо қабулардида зарур аст.

Дар ин маврид се гурӯҳи асосии ин ҳуҷҷатҳоро бояд ба таври аниқ ҷудо кард: меъёрҳои маҳаллӣ; шартномаҳои коллективӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии маҳаллӣ. Охирин дар навбати худ, ба ягона ва шартномавӣ тақсим мешаванд.

Дар баробари ин, чунон ки Никитенко Ю.М. қайд намудааст, фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкуниро на танҳо аз тариқи нигоҳи татбиқи меъёрҳои танҳо маҳаллӣ, балки ҳамчун фаъолияте баррасӣ кардан лозим аст, ки иҷрои муқаррароти ба таври мутамарказ муқарраршударо дар назар дорад, ки имкон медиҳад чунин намудҳои онро ҳамчун таркибӣ, юрисдиксионӣ, баҳисобгирӣ, ташкилию маъмурӣ, фаъолият оид ба низомсозии санадҳои ҳуқуқии маҳаллӣ эътироф кард [292, с. 25].

Аксар вақт, хусусиятҳои классикии санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ ба назар гирифта намешаванд (нормативӣ, ваколатдорӣ-ҳатмӣ; қобилияти муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъ кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо нисбат ба доираи муайяни шахсон; шахсиятсозӣ; аризаи яквақта.).

Дар аксар вақт дар муҳокимаи судҳои иқтисодӣ даъвоҳо дар бораи беэътибор донистани санадҳои санҷиш, тафтиш, протокол ё экспертиза ва ғайра вуҷуд доранд. Аммо ин ҳуҷҷатҳо наметавонанд мавзуи баррасии

суди иқтисодӣ бошанд, зеро онҳо барои шахсоне, ки нисбати онҳо тартиб дода шудаанд, оқибати ҳуқуқӣ намеоранд, чунки онҳо ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳс ҳамчун ҳуҷҷати хусусияти далелнокӣ дошта, баҳо дода мешаванд. Ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин санадҳо барои иҷро пешниҳод намешаванд [138, с. 55]. Вақтҳои охир дар судҳои ҷумҳурӣ чунин даъвоҳо ба миён омада истодаанд, ки дар натиҷа онҳо аз ҷониби судҳо рад гардидаанд.

Яке аз масъалаҳои хеле баҳсталаб чӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ, чӣ дар байни олимону мутахасисон, мавқеи Суди конститутсионӣ ва қарорҳои он дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки дар моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", ки субъектҳои ҳуқуқтатбиққунанда ном дорад, нишон надодани Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиққунанда ба андешаи мо бо асосҳои зерин баҳснок мебошад:- аз мазмуни моддаи 34 Қонуни конститутсионӣ "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" [4], бармеояд, ки Суди конститутсионӣ парвандаҳоро дар хусуси муайян намудани мувофиқати дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳодшаванда, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистонро баррасӣ намуда, ба Конститутсия номутобиқ медонад;

- қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё меъёрҳои алоҳидаи онҳо, ки аз тарафи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номувофиқ дониста шудаанд, аз эътибор соқит дониста мешаванд. Қабули такрории санадҳои номбурда, ки ба қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифанд, манъ аст. Ҳангоми қабули чунин санадҳо онҳо эътибори ҳуқуқӣ надоранд; қарорҳо ва хулосаҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъӣ буда, иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошад (моддаи 60 Қонуни конститутсионӣ).

Ҳамин тариқ хулоса баровардан мумкин аст, ки қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми номутобиқ донистани санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит дониста мешаванд ва дар натиҷа нисбати субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои нав ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва ё қатъ мегарданд. Яъне ин маънои онро дорад, ки қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин маврид санади меъёрӣ буда, муносибатҳои ҳуқуқии навро ба вуҷуд меорад, ки инро ба назар нагирифтан нодуруст мебошад.

Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки ба моддаҳои 7 ва 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйирот ворид намуда, мутобиқан Суди конститутсионӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқэҷодкунанда ва қарорҳои он бошад, дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади ҳуқуқтатбиққкунӣ ҷой дода шавад. Илова бар ин ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар боби 2 моддаи $29^1$ қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд илова карда шаванд.

Ҳамин тариқ, судя дар татбиқи адолати судӣ бояд дар доираи мурофиавӣ бошад. Дастурҳои асосии мурофиавӣ бояд аз ҷониби судяҳо бенуқсон риоя карда шаванд.

### 4.3. Баҳодиҳии далелҳо. Ҷоизӣ, дахлдорӣ ва боэътимодии далелҳо

Агар аҳаммияти далелҳои судӣ бо мазмуни он муайян карда шавад, яъне мавҷуд будани маълумоте, ки метавонад далелҳои дар парванда муҳимро тасдиқ ё рад кунад, пас қобили қабул будани далелҳо ҳамчун падида ба шакли мурофиавии он алоқаманд аст, яъне бо манбаи далелҳо ва тарзи нигоҳ доштани маълумот дар он, сарфи назар аз он ки кадом маълумот дар далелҳо мавҷуд аст.

Дар назари аввал маҷмуаи вожаҳои қабул будани далел мухолиф аст, зеро аз нуқтаи назари мантиқ далелҳои мавҷуда қобили қабул нестанд. Қоидаи қобили қабул дар меъёри ҳуқуқҳои мурофиавӣ қариб, ки якхела ифода шудааст. Масалан, ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ, тибқи қонун бояд бо далелҳои муайян тасдиқ карда шавад. Қоидаи қобили қабул будани далелҳо дар парвандаҳои ҷудогонаи судӣ татбиқ карда мешавад, ки аксаран бо татбиқи қоидаҳои ҳуқуқи маданӣ, ки намудҳои гуногуни аҳдҳоро танзим мекунанд, алоқаманд аст. Одатан қоидаи қобили қабул будани далелҳо дар ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ҳамчун - маҳдудияти муайяне, ки қонун дар истифодаи далелҳо дар ҷараёни ҳалли парвандаҳои мушаххаси маданӣ муқаррар кардааст, дар натиҷаи мавҷудияти шаклҳои хаттии аҳдҳои ҳуқуқии маданӣ ва оқибатҳои вайрон кардани онҳо, шаклҳои ба қайд гирифтани амалиёти ҳуқуқӣ муайян мешавад.

Дар таърих қоидаҳои қобили қабул будани далелҳо дар зери таъсири мавҷудияти шаклҳои гуногуни муомилот дар муомилоти маданӣ ва оқибатҳои вайрон кардани онҳо ташаккул ёфтаанд.

Назарияи далелҳои судӣ зарурати маҳдуд кардани ихтиёрдории озодонаи далелҳоро аз ҷониби тарафҳо ба манфиати устувории гардиши маданӣ, ба даст овардани дониши дурусти воқеият ва кафолати зидди сӯиистифода аз ҷониби шахси беинсоф эътироф мекунад. Бо вуҷуди ин, ин мавқеъро проф. Боннер А.Т., менависад, ки эътирофи шаҳодати шоҳидон ба далелҳо метавонад ба мустаҳкамии муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ [198, с. 23] "хатар" эҷод кунад.

Қобили қабул будани далелҳо ҳамчун падидаи ҷолиб, принсипан - муҳими қонуни далелҳо муддати дароз мавриди муҳокима қарор нагирифта, ҳам дар илми ҳуқуқи маданӣ ва ҳам дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ.

Бо омӯзиши муфассал ва муқоисаи нуқтаи назари олимони намояндагони соҳаҳои гуногуни илми ҳуқуқ метавон баҳодиҳии якхеларо оид ба қобили қабул будани далелҳо ва дар айни замон муносибатҳои гуногунро ба таҳқиқи падидаи ҳуқуқшиносӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки қобили қабул будани воситаҳои далелҳоро дар раванди мурофиаи судӣ муайян мекунанд.

Умумияти баҳодиҳии қобили қабул будани далелҳо аз ҷониби - намояндагони илми мурофиаи маданӣ ва ҷиноятӣ дар он аст, ки ҳамчун мафҳуми қатъии расмӣ баҳо дода мешавад, ки маънои мутобиқати манбаи маълумоти воқеӣ ва шакли мурофиавиро дар бар мегирад, ки онро ба талаботи муқарраршуда аз қонун ифода мекунад [88].

Аммо вақте, ки олимони илми мурофиавии ҷиноятӣ хусусияти қобили қабул будани далелҳоро дар мурофиаи ҷиноятӣ муфассалтар ошкор мекунанд, ихтилофот дар шарҳи ин зуҳурот дар ду илми соҳаи ҳуқуқ маълум мегардад.

Дар натиҷаи омӯзиши қобили қабул будани далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ Кипнис Н.М. ба хулосае омадааст, ки қобили қабул будани далелҳо чор меъёрро (унсурҳо, ҷанбаҳоро) дар бар мегирад: - “Мавҷуд

будани субъекти дахлдор барои анҷом додани амалҳои мурофиавӣ, ки барои ба даст овардани далелҳо ваколатдор шудааст;- манбаи дахлдори маълумоти воқеӣ, ки мундариҷаи далелҳоро ташкил медиҳанд;- раванди мувофиқе, ки барои ба даст овардани далелҳо истифода мешавад;- артиби дурусти гузаронидани амали мурофиавӣ (судӣ ё тафтишотӣ), ки - ҳамчун воситаи ба даст овардани далелҳо истифода мешавад” [88, с. 27].

Қобили қабул будани далелҳои судӣ, мувофиқи тафсири намояндагони илми мурофиаи ҷиноятӣ, дар натиҷаи риояи тамоми меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми тафтиш ва баррасии парвандаи ҷиноятӣ зоҳир мегардад. Ба ибораи дигар, қобили қабул будани далелҳо танҳо дар доираи худи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ баррасӣ мешавад.

Ба Кодекси нави мурофиавии ҷиноятӣ моддаи «Далелҳои ғайри қобили қабул» (моддаи 88[1)] дохил карда шудааст. Дар он гуфта мешавад, далелҳое, ки бо вайрон кардани талаботи Кодекси мазкур гирифта шудаанд, қобили қабул нест. Далелҳои қабулнашаванда қувваи ҳуқуқӣ надоранд ва наметавонанд ҳамчун асос барои айбдоркунӣ истифода шаванд ва инчунин барои исботи ягон ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, истифода шаванд.

Мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ далелҳо ғайри қобили қабул ҳисобида мешаванд: агар онҳо бо вайрон кардани талаботи Кодекси мазкур бо роҳи маҳрум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қонун кафолат дода шудаанд, вайрон кардани тартиби ҷамъоварии далелҳо ё дигар қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди тосудӣ ё муҳокимаи судии парванда ба даст оварда шуда, ба саҳеҳияти маълумотҳои воқеии бадастовардашуда таъсир расонида бошанд ё имкони таъсиррасонӣ дошта бошанд, аз ҷумла бо: истифодаи шиканҷа, муносибати бераҳмона, зӯроварӣ, таҳдид, фиреб ё дигар кирдори ғайриқонунӣ; истифодаи

гумроҳшавӣ, ки дар натиҷаи нафаҳмонидан, нопурра ё нодуруст фаҳмонидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадааст; гузаронидани амали мурофиавӣ аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқи анҷом додани пешбурдро бо парвандаи ҷиноятии мазкур надошт; гузаронидани амали мурофиавӣ бо иштироки шахсе, ки бояд рад карда мешуд; ба таври ҷиддӣ вайрон кардани тартиби гузаронидани амали мурофиавӣ; ба даст овардани маълумот аз сарчашмаи номаълум ё сарчашмаи дигаре, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян кардани он ғайриимкон аст; истифода бурдани усулҳои хилофи донишҳои муосири илмӣ ҳангоми исботкунӣ ва далелхои дигаре, ки бо вайрон кардани талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба даст оварда шудаанд.

Далелҳое, ки ғайри қобили қабул ҳисобида шудаанд, беэътибор дониста шуда, ба асоси айбдоркунӣ гузошта намешаванд ва барои исботи ягон ҳолати дар моддаи 88 Кодекси мазкур зикрёфта истифода шуда наметавонанд.

Аммо доктрина дар бораи қобили қабул будани далелҳо дар - мурофиаи маданӣ бо самти ҳуқуқи моддӣ, бо омӯзиши таъсири ҳуқуқи моддӣ ва пеш аз ҳама маданӣ ба ҳуқуқи мурофиавӣ ва меъёрҳои он алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ, ҷузъҳои асосии шуури ҳуқуқии касбии судӣ дар таносубҳои гуногун дар тамоми унсурҳои эътиқоди ботинии шахс ифодаи мушаххас пайдо намуда, дар амалисозии ҳаракатҳои асосноки татбиқи ҳуқуқ фаъол мегардонанд. Ба амалбарории ниҳоии омодагии доимӣ ва вазъиятӣ ба фаъолияти татбиқи ҳуқуқ, ҷузъҳои асосии он, инчунин ҳолат ва инкишофи шуури ҳуқуқии касбӣ бевосита дар қабули қарор оид ба парвандаи ҳуқуқӣ ифода мегардад.

Ҳокимияти судӣ яке аз сохторҳои бунёдӣ дар раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Агар ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия аҳкоми давлат бошанд, ҳокимияти судӣ, пояи ҳифзи давлат ва ҳуқуқҳои шахсон ба ҳисоб меравад. Суд фаъолияти худро дар асоси принсипҳои Конститутсия, қонунҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшуда ба роҳ монда, метавонад дар ташаккули давлатдорӣ нақши пешбаранда бозад. Қарорҳои одилона ва инсонпарваронаи мақомоти судӣ ба кам кардани нигилизми ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон таъсир мерасонанд. Низоми судӣ, мисли тамоми низоми ҳуқуқӣ, ба танзим ва такмили муфассал ниёз дорад.

Дар асоси пешрафти технологӣ, ки дар ҷаҳон ба амал меояд, яке аз роҳҳои такмили низоми судӣ дастрасии онлайн ба маҷлисҳои кушодаи судӣ барои ҳамаи шаҳрвандон, баланд бардоштани дониши амалӣ ва назариявии шаҳрвандон дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, инчунин ба худсарии шахсони мансабдор ва мақомоте, ки қонун барои иштирок кардан дар мурофиаи суд ваколатдор шудааст, ҷиҳати пешгирӣ кардан ва кори муайянро мувофиқи қонун ҳал намудан мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, пешниҳод дар бораи ислоҳоти ҷараёни кор дар судҳо хеле маъмул аст ва дар форумҳо ва конфронсҳои гуногуни илмӣ баррасӣ мешаванд. Дар айни замон дастрасӣ ба бойгонии электронии судӣ танҳо барои кормандони мақомоти судӣ маҳфуз аст, дар ҳоле ки дастрасӣ ба муомилоти электронии ҳуҷҷат барои ҳамаи иштирокчиён метавонист вақт ва неруро сарфа намояд. Моҳияти асосии андешаи боло аз он иборат аст, ки занҷири бюрократии гирифтани маводҳои парванда, инчунин пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои гуногуни мурофиавӣ (аризаи даъвогӣ, ариза, шикоят ва ғайра) истисно карда шавад.

Ҳамзамон, рушди видеоконфронсҳои фосилавӣ барои бе ҳузури ҷисмонии як тараф, ки бо сабабҳои узрнок ҳузур надорад, низ яке аз навгониҳои эҳтимолии низоми судӣ мебошад. Тибқи меъёрҳои ҳуқуқи

мурофиавии маданӣ суд метавонад парвандаҳоро бидуни ҳузури баъзе иштирокчиёни мурофиаи судӣ аз руи аризаи хаттии онҳо баррасӣ намояд. Аммо як гуруҳи муайяни иштирокчиён вуҷуд доранд, ки бояд дар мурофиа ҳузур дошта бошанд. Ва аз сабаби ҳозир нашудани онҳо дар аксари мавридҳо, мурофиаҳои судӣ ба таъхир меафтад, ки дар натиҷа барои дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ мушкилоти зиёдеро ба миён меоварад, ки вобаста ба вақти шахсии онҳо барои ҳалли мушкилоти рӯзмарраашон ба миён меояд. Бояд гуфт, ки пешниҳоди ҷорӣ намудани видеоконфронсҳо танҳо ба мурофиаи маданӣ ва маъмурӣ дахл дорад, зеро пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар ғайби судшаванда аз эҳтимол дур нест. Вобаста ба ин, зарурати ворид намудани тағйирот дар танзими ин масъала ба миён омадааст.

Барои пешгирии зуҳуроти номатлуби ҳуқуқтатбиққунии судӣ ва қабули санадҳои ғайриқонунию давомдор бояд механизми самараноки мониторинги ҳайати ҳокимияти судӣ, таъсис дода шавад. Барои ин тавассути ҳар моҳ санҷиши мувофиқати қарорҳои суд ба принсипҳои адолат ва қонуният, аттестатсияи ҳарсолаи судяҳо, тафтиши ҳамаҷонибаи шикоятҳои ба унвони судя воридшуда, оғоз намудани парвандаҳои ҷиноӣ нисбати категорияи судяҳое, ки аз доираи салоҳияти мансабиашон берун баромадаанд, ноил шудан мумкин аст.

## 5.2. Таҳсилоти касбии судяҳо чун заминаи инкишофи шуури ҳуқуқии судяҳо

Шуури ҳуқуқии судя, ки яке аз муҳимтарин ҷузъҳои адолати судии беғаразона мебошад, зеро шуурнокии ҳуқуқии касбии судяҳо ҳамчун воситаи асосии сифати мурофиаи судӣ ва тарбияи кадрҳо ба шумор меравад. Метавон гуфт, ки суд як механизми мустақил ва беғараз аст, ки дар асоси чунин омилҳо, ба монанди кафолати адолат, маърифати

ҳуқуқии иҷрокунандагони қонун ва рушди фаъолияти ҳуқуқии ҷомеа, мавриди баррасӣ қарор дорад.

Бояд қайд намуд, ки шуури ҳуқуқии судяҳо ҳамавақт ташаккул меёбад ва он аз ақидаҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, фалсафӣ, психологӣ, идеологӣ ва тафаккури ҷаҳонӣ асос ёфта, аз ҷониби мутафаккирон ва файласуфони қадим, ҷомеашиносони асрҳои гузашта сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва ғайра таҳқиқ шудаанд ва шуда истодаанд.

Ба ақидаи Ибрагимова И.М., Ибрагимова А.И., шуури ҳуқуқии судя бояд ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ, ки низоми назари судяҳо ба фаъолияти механизми ҳуқуқӣ мебошад, фаҳмидан лозим аст [206, с. 142-149].

Бояд қайд кард, ки шуури ҳуқуқӣ маҳаки психологияи ҳуқуқӣ ва идеологияи ҳуқуқӣ буда, ҳамчун нишондиҳандаи сифати парвандаҳои баррасишавандаи суд ва одилона будани қарорҳои қабулшуда, баромад мекунад. Дар сурати мавҷудияти ин омилҳо истилоҳи демократиро метавон нисбат ба тавсифи давлат истифода бурд.

Аз ин рӯ, нақши давлат дар тарбияи маърифати ҳуқуқӣ кадрҳои судӣ ҳалкунанда мебошад. Аммо, шуури ҳуқуқии судӣ бо мафҳуми деформатсияи касбӣ зич алоқаманд аст. Дар ин маврид касби судя низ мисли дигар корҳо ба ин гуна деформатсия дучор мешавад, ки боиси паст шудани сатҳи адолат дар мурофиаи судӣ мегардад.

Полина В.К. қайд кардааст, ки «деформатсияи касбӣ падидаи манфӣ аст, зеро: якум, он аз мушкилоти фарҳанги ҳуқуқии судяҳо шаҳодат медиҳад; дуюм, метавонад ба оқибатҳои манфӣ: вайроншавӣ, стресс, хастагӣ, невроз ва ғайра оварда расонад». Ба судя се ҷанбаи деформатсияи касбӣ хос аст: идеявӣ, равонӣ ва рафторӣ. Ҳар яке аз ин унсурҳо фаҳмиши судяро дар бораи ҳолатҳои баррасишаванда вайрон мекунанд [239, с. 121-131].

Маҳорати касбии судя аз сифатҳои касбии у (тафаккури интиқодӣ, дониш, инчунин истифодаи моҳиронаи қонунгузорӣ ва ғайра) ва хислатҳои шахсият, яъне хурушонии эмотсионалӣ ва эҳсосот (ҳисси эҳтиром ба ҳуқуқи инсон, шахсияти у, ҳисси қонун, ҳисси адолат, одоб ва ғайра) иборат мебошад.

Аммо бе дастгирии дурусти ҷанбаи психологии деформатсияи касбӣ, сатҳи боварии судя нисбат ба одамон паст мешавад, фикри ягонаи дурусти у пайдо намешавад, ки ин на танҳо боиси вайрон шудани фарҳанги ҳуқуқии судя мегардад, балки боиси кирдорҳои ғайриқонунӣ нисбат ба иштироккунандагони мурофиаи судӣ мегардад. Ин ҳолат он аст, ки судя ба далели ғаразҳои худ метавонад ба талаботи қонун беэътиноӣ кунад ва аз қонун суиистифода намояд, яъне. аз доираи салоҳдиди судӣ, ки комилан ба шуури ҳуқуқии иҷрокунандаи қонун асос ёфтааст, берун равад. Яъне парвандаҳое, ки дар онҳо қарори ниҳоӣ ба салоҳдиди судӣ тааллуқ дорад, аз сабаби ғурури судя нодуруст ва ноодилона ҳал мешавад. Дар ин маврид сухан дар бораи вайрон кардани идеологияи ҳуқуқӣ меравад.

Инчунин, судяҳо аз ҷиҳати рафтори худ бевосита дар ҷараёни мурофиаи судӣ ба деформатсияи касбӣ дучор мешаванд, яъне сухан дар бораи изҳорот ва кирдорҳои нодуруст нисбат ба иштироккунандагони мурофиа меравад, ки онҳо беэҳтиромӣ, беэътиноӣ ва нафратӣ ошкоро зоҳир менамоянд. Ин унсур аз ҷанбаи идеологияи ҳуқукӣ бармеояд, ки аз надонистани донишҳои бунёдии одоби судӣ иборат аст. Чун қоида, ин мушкилот дар марҳилаҳои тарбияи кадрҳо ба миён меоянд.

Аз ин рӯ, хеле муҳим аст, ки ин раванд ба таври қатъӣ танзимшаванда, шаффоф ва таҳти назорати ҷомеа бошад. Судяҳо ҳам, ҳамчун донишҷӯ, бояд дар ҷустуҷӯи тарзҳои баланд сатҳи дараҷаи тахассусии касбии худ бошанд. Маҳз самти амалии фаъолияти тарбиявю тахассусӣ имкон медиҳанд, ки асосҳои маърифати ҳуқуқии судӣ бо

тамоми омилҳо гузошта шавад. Аз ҷумла, аз нав дида баромадани низоми талабот нисбати номзадҳо ба вазифаи судяҳои, ки аз дархостҳои номзадҳо ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба куллӣ фарқ мекунанд, судяе, ки дар суди болоӣ фаъолият мекунад, дар асоси таҷрибаи судӣ бояд низоми махсуси назорати салоҳдияти судиро, ки ба қонуншиканию худсарӣ муқобил бошад, вале ба дахлнопазирии судя мухолиф набошад, аз нав коркард шаванд.

Механизми ташаккули институти адолати судӣ аз дархости ҷамъиятӣ оғоз мешавад, ки он бо тағирёбии босуръати қонунгузорӣ ва мураккаб шудани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар тамоми соҳаҳои ҷомеа муайян карда мешавад. Яке аз унсурҳои таркибии ин механизми мураккаб шуури ҳуқуқии касбии судя мебошад, ки дар айни замон ҳамчун ҷавобгӯ ба талаботи замон ба шумор намеравад.

Муҳимтарин роҳи ташаккули сатҳи фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо дар замони муосир, ин баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ва истифодаи имкониятҳо дар ҷустани чораҳои ташкилию ҳуқуқӣ ҳангоми танзими низоъҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар натиҷа тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ёфта, дар навбати худ нигоҳи ҷомеаи Тоҷикистонро куллан тағйир медиҳад.

Аз ин лиҳоз, тарбияи ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои судӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа бояд яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифатнокии ҳуқуқӣ гардад [1; 14; 24; 176, с. 106-115; 180, с. 21-39; 178, с. 87-98; 177, с. 45–54; 186, с. 44–51; 237, с. 86; 303, с. 6; 115].

Ҳангоми ташаккули шуури баланди ҳуқуқии судяҳо дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин ба равонии шахс, ҳамчун шахсе, ки дараҷаи эҳтиёҷоти худро дар ҳаёт дорад, диққат додан муҳим аст. Аксар вақт бояд эътироф кард, ки судя омода аст, ки ба қоидаҳои муайяни ҳаёт (аз ҷумла меъёрҳои қонунгузорӣ ва маънавӣ) мутобиқ шавад. Дар ин ҷо

низоми баҳисобгирии манфиатҳои давлат ва ҷомеа бояд ба назар гирифта шавад. Ноил шудан ба тавозун дар ин масъала имкон медиҳад, ки арзишҳои ҳуқуқӣ дар байни ҷомеа самараноктар тарғиб карда шаванд, ҳуқуқ ва тамоми низоми қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун ҳавасмандгардонӣ барои таъмини зиндагии шоиста ва шукуфон ба аҳли ҷомеа шарҳ дода шавад. Шароит бояд дар асоси имкониятҳои давлат барои таъмини зиндагии шоиста ба шаҳрвандон ташаккул ёбад. Дар маҷмуъ, ҳамаи ин омилҳо имкон медиҳанд, ки шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мунтазам баланд бардошта шавад [31; 180. с. 21-39; 243, с. 26–37; 194, с. 72-80; 274, с. 19; 70, с. 54].

Ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар ҳар як давлат ба таври гуногун сурат мегирад. Ва аксар вақт ба ин раванд хусусиятҳои таърихии рушди давлат таъсир мерасонанд. Аммо шубҳае нест, ки ҳар як ҷомеа мехоҳад бехатар зиндагӣ кунад ва маҳз барои ҳамин идеали рафтори ҳуқуқии худро ба вуҷуд меорад, ки мундариҷаи дохилии он ба арзишҳои муайяни ҳуқуқӣ асос ёфтааст.

Аз ин рӯ, муваффақияти масъалаҳои зикргардида бештар аз сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии судяҳо вобаста аст. Фаъолияти сиёсии судя, мавқеи воқеии мурофиавии он, ҳассосият ба дигаргуниҳои демократӣ омилҳои муҳимтарини ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда мебошанд.

Дар зеҳни одамон бояд эътиқод пайдо шавад, ки танҳо шахсе, ки дониши ҳуқуқӣ дорад ва дар амал татбиқ кардани онҳоро медонад, фарҳангӣ ва маълумотнок ҳисобида мешавад.

Ҳамзамон, вазъи кунунии рушди ҷомеа ва давлат баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судя, саводнокии ҳуқуқии ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи судиро тақозо мекунад. Ҳамаи ин чорабиниҳо ҳадафи ташкили низоми фарогир ва доимоамалкунандаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқиро доранд, ки ҳамаи қишрҳои аҳолӣ саводнокии

ҳуқуқиро азхуд намуда, ба сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ расанд ва дониши ҳуқуқиро дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқ карда тавонанд.

Дар асоси зарурати таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон дар кишвар, фароҳам овардани шароит барои демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ ва ташаккули пояҳои давлати ҳуқуқбунёд, якчанд ҳуҷҷатҳои миллӣ бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа қабул карда шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 "Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 "Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 "Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028" ва Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "27" ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ карда шудаанд, амалӣ карда мешавад [1; 14; 24; 5; 11; 10].

Дар ҳуҷҷатҳои зикргардида қайд карда мешавад, ки сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд, масъулият дошта бошанд ва ба имкониятҳои баробар, аз ҷумла имкониятҳои ҳуқуқӣ тавассути волоияти қонун дастрасӣ дошта бошанд, ки ҷиҳати расидани Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба ҳадафҳои ворид шудан ба қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Дар ин ҳуҷҷатҳо махсусан таъкид гардидааст, ки таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва намудҳои дигари тарбияи инсон бояд анҷом дода шавад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин раванд, диққати махсус ба интихоби мушаххаси гурӯҳҳои аҳолӣ, ки бо сабаби дар сатҳи паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ ё надоштани имконияти гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд, бояд равона гардад [14; 24; 5; 180, с. 21–39].

Дар Барномаҳои қабулгардида бошад ба ҳусусиятҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва паҳлуҳои дигари рушди ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, уҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва натиҷаҳое, ки рушди устувори давлатро таъмин менамояд, аҳаммияти махсус дода шудааст.

Сиёсати давлатӣ дар сатҳи ташаккул ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ба якчанд принсипҳо такя мекунад, аз ҷумла: афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; волоияти Конститутсия ва қонун; демократия; адолати иҷтимоӣ; илм; муттасилӣ ва универсалии тарбияи ҳуқуқӣ; мавҷудияти иттилооти ҳуқуқӣ; ягонагӣ ва муносибати дифференсиалӣ ба таълим ва маърифати ҳуқуқӣ.

Умуман, фарҳанги баланди ҳуқуқӣ ҳамчун шуури ҳуқуқии хуб инкишофёфтаи шахс асоси ҷомеаи демократӣ ва нишондиҳандаи камолоти низоми ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти воқеиятҳои муосири сиёсиву ҳуқуқӣ, таъмин намудани барномаи мақсадноки тадбирҳо ҷиҳати ба таври куллӣ беҳтар намудани таҳсилоти

ҳуқуқӣ ва маърифат дар кишвар, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа муҳим мебошад.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ баланд бардоштани сифати тайер кардани кадрҳои ҳуқуқиро талаб мекунад. Яке аз роҳҳои таъмини сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ такмил додани раванди таълим, навсозии барномаҳои таълимӣ ва барномаҳо, ҷорӣ намудани фанҳои нав мебошад. Инчунин бояд тамоюлҳои нави рушди фанҳои илмии ҳуқуқӣ, аз ҷумла тамоюли тақвияти робитаҳои байнисоҳавӣ байни фанҳои анъанавӣ ва нав ва байни фанҳои ҳуқуқӣ ва ғайрирасмӣ ба назар гирифта шаванд [187, с. 15-26; 182, с. 106–118; 112; 227, с. 6-20; 91; 92].

Ташаккули тарбияи ҳуқуқӣ ҳамзамон бевосита аз сатҳи таҳсилоти ҳуқуқӣ ва сатҳи тарбиявии мурофиаҳои судӣ вобаста мебошад, ки дар он нақши судя ҳамчун намояндаи ҳокимияти судӣ, ки аз номи давлат қароарҳо қабул менамояд, басо муҳим аст.

Аз нуқтаи назари олимони ҳуқуқшиносӣ, робитаи мустақими таълими ҳуқуқӣ ва омӯзиши ҳуқуқӣ бо баланд шудани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ, бояд дар бечуну чаро риоя намудани қонунҳо ва арзишҳои маънавии миллӣ аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дошта метавонад.

Олимони ҳуқуқшиносӣ дуруст қайд мекунанд, ки тарбияи ҳуқуқӣ пеш аз ҳама фаъолияти мақсаднок ва муназзами давлат, мақомоти он ва хизматчиёни онҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ оид ба ташаккул ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа мебошад [110; 157].

Ҳангоми баррасии масъалаи баланд бардоштани сатҳи тарбияи ҳуқуқӣ, ҳуқуқшиносон-омӯзгорон боварӣ доранд, ки маҷмуъи донишҳо дар соҳаи ҳуқуқ ва тарбияи ҳуқуқӣ воситаи асосии ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва омода кардани шахс ба муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин ру, фаъолият оид ба таълими ҳуқуқӣ раванди ҳуқуқии педагогӣ мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ дастовардҳои Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистонро дар панҷ соли сипаригардида таҳлил карда, дурнамои рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва дигар самтҳои иҷтимоию амнияти давлатро барои солҳои минбаъда муайян намуданд [243, с. 26–37; 192, с. 66–80; 227, с. 6–20].

Овардани таҳлилҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар паём шаҳодати он аст, ки маҳз сулҳу суббот ва оромии кишвар, амалӣ гардонидани Барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, гузаронидани ислоҳотҳои ҳуқуқӣ дар мамлакат, аз ҷумла, Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва сатҳу сифати адолати судӣ, самаранокии татбиқи меъёрҳои қонун ва иҷрои санадҳои судӣ аз ҳамин нишондиҳандаҳо вобастагӣ дорад.

Инчунин, хеле муҳим аст, ки фаҳмиши ҳуқуқро дар тамоми қишрҳои аҳолӣ ҳамчун воситаи муассиртарини танзими иҷтимоии муносибатҳо, табақабандии иҷтимоии ҳама ва ҳама, механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки тамоми ҷомеа бояд ба фаъолияти беҳтарини он манфиатдор бошад, ҷорӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо як ниҳоди мураккаб ва гуногунҷабҳаест, ки дар чорроҳаи психология ва назарияи ҳуқуқ ба вуҷуд омадааст, ки на танҳо бо воқеиятҳои ҳуқуқие, ки дар ҷараёни ҳуқуқтатбиқкунӣ ва таҳсилоти касбии судяҳо ташаккул меёбанд, ба амал меоянд.

## 5.3. Роҳҳои пешгирии саҳви судӣ чун омили тақвияти шуури ҳуқуқии судяҳо

Саҳви судӣ чун падидаи иҷтимоию ҳуқуқӣ, дар гумроҳии судя ҳангоми саҳви судӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии судӣ мебошад, ки дар натиҷаи муносибати бемасъулиятона ба уҳдадориҳои хизматӣ ё хатои софдилона вобаста ба ҳолатҳои объективӣ ба амал меояд. Омилҳое, ки ба содир шудани хатогиҳои судӣ мусоидат мекунанд,

набудани салоҳияти касбӣ; бадгумонӣ, худбоварӣ ва ғаразнокӣ нисбат ба субъекти фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; казуистӣ ва декларативии баъзе меъёрҳои ҳуқуқ; ба саводнокии ҳуқуқӣ ҳангоми қабули қарорҳо дар мурофиаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ ба шумор меравад. Грицанов А.С. қайд мекунад, ки барои пешгирӣ кардани саҳви судӣ тадбирхои зерин пешниҳод карда мешаванд: тартиб додани хулосаи саҳви судӣ дар таҳлили таҷрибаи судӣ; таълими ҳуқуқӣ ва мусоидат ба кори баландсифати судя; навсозии низоми таҳсилоти касбӣ ва интихоби кадрҳо барои мақомоти судӣ ва ғайра [68].

Дар таҳқиқот усулҳои умумии илмӣ ва махсуси илмӣ: диалектикӣ, муқоисавӣ, ҳуқуқии расмӣ, моделсозӣ ва ғайра истифода шудааст. Афзоиши бори гарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба дӯши судяҳо бо бартараф ва кам кардани хатогиҳо дар субъектҳои ин фаъолият зич алоқаманд аст.

Омӯхтани масъалаи сабабу шароите, ки ба содир кардани хатохои суд мусоидат мекунанд, аҳаммияти амалӣ дорад, барои пешгирӣ кардани онҳо замина ба вуҷуд меоварад; фаъолияти судяҳо оид ба татбиқи ҳуқукро дар сатҳи сифатӣ идора кунанд.

Омӯзиши саҳвҳои бандубастӣ нишон дод, ки бисёре аз саҳвҳои бандубастӣ судӣ бо саҳвҳое, ки субъектҳои бандубаст дар рафти тафтиши пешакӣ содир кардаанд, робитаи бевоситаи сабабӣ доранд. Дар баробари ин, ин маънои онро надорад, ки дар судҳо танҳо такрори ин саҳвҳо рух медиҳад. Барои амиқтар муайян кардани сабабҳо ва шароитҳои пайдо шудани саҳвҳои бандубастӣ дар фаъолияти судяҳо мо ин сабабҳо ва шароитҳоро аз сабабу шароите, ки ба пайдо шудани чунин саҳвҳо дар фаъолияти субъектҳои дигари бандубаст мусоидат мекунанд, алоҳида баррасӣ намудем.

Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

дар вохурӣ бо судяҳо иброз доштанд, ки: «Бояд ёдовар шуд, ки дар 10 соли охир аз ҷониби мақомоти судӣ дар маҷмӯъ, беш аз як миллиону 722 ҳазор парвандаи судӣ баррасӣ гардидааст. Аз ин шумора 40 ҳазору 500 парванда ба судҳои иқтисодӣ мансуб мебошад. Азбаски санадҳои қабулкардаи судҳо аз номи давлат бароварда мешаванд, онҳо бояд ба тамоми талаботи қонунгузорӣ мувофиқат карда, барои барқарор гардидани адолат мусоидат намоянд. Бо вуҷуди чораҳои дар самти беҳсозии сифати санадҳои судӣ андешидашуда дар даҳ соли охир аз ҷониби судҳои болоӣ беш аз шашуним ҳазор санадҳои судӣ бекор карда шудаанд.

Ҳарчанд ки дар баробари афзудани сарбории судяҳо бекоршавии санадҳои судӣ дар судҳои умумӣ нисбат ба соли 2009 2,3 баробар ва дар судҳои иқтисодӣ 3,5 баробар кам шудааст, вале ин нишондиҳанда ҳанӯз қонеъкунанда нест, зеро судяҳо ҳуқуқ надоранд, ки ба хатоӣ роҳ диҳанд ва парвандаҳоро бояд дар доираи талаботи қонунҳои моддиву мурофиавӣ баррасӣ ва ҳал намоянд.

Инчунин, дар давраи солҳои 2009-2019 судҳои умумӣ қариб 95 ҳазор парвандаи ҷиноятиро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Аз ин шумора 610 парванда нисбат ба 891 нафар ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст, ки 466 адади онҳо аз мақомоти тафтиши пешакӣ ба судҳо бозпас фиристода нашудаанд. Дар нуҳ моҳи соли равон аз ҷониби судҳо 635 нафар судшавандагони дар ҳабс қарордошта бо таъини ҷазоҳои ғайриҳабсӣ аз ҳабс озод карда шудаанд, ки на ҳамаи ин ҷазоҳо асоснок мебошанд.

Тибқи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки барои ҳамаҷониба ва пурраву холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд ва ҳамзамон ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, сабуккунанда, вазнинкунанда ва асосҳои

ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд. Мутаассифона, ин талаботи қонун аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ на ҳама вақт риоя мегардад. Дар баъзе мавридҳо ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон халалдор гашта, онҳо беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд ва дар натиҷа дар мурофиаҳои судӣ айби эълонгардида исботи худро наёфта, аз ҷониби судҳо ҳукми сафедкунанда бароварда мешавад.

Чунончи, дар ин давра аз ҷониби судҳо нисбат ба 121 нафар ҳукмҳои комилан сафедкунанда бароварда шудаанд, ки аз ин шумора 62 нафар бо парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ба итмом расонидашуда ва 59 нафар ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ вобаста мебошанд. Ҳамчунин, нисбат ба 151 нафар ҳукмҳои қисман сафедкунанда бароварда шудаанд, ки аз ин шумора 13 нафар бо парвандаҳои айбдоркунии хусусии оғознамудаи судҳо ва 138 нафар бо парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиш ба итмом расонидашуда мебошад.» [26].

Маълумотҳоии омории овардашуда далели он мебошанд, ки дар парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба шахсони беасос маҳкумшудагон ба саҳвҳои бандубастӣ роҳ дода шудаанд, илова бар ин, ҳукмҳои судӣ бештар аз сабаби саҳвҳои бандубастӣ судяҳо ва боқимонда аз сабаби саҳвҳои судии дорои хусусияти мурофиавии ҷиноятӣ тағйир дода мешуданд. Дар хусуси саҳвҳое, ки субъектхои бандубаст ҳангоми татбиқи бандубасти кирдори ҷиноятии дигар кирдорҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ содир кардаанд, ин гуна саҳвҳо дар маълумоти омории додашуда инъикос намеёбанд.

Таҳлили саҳвҳои судӣ аз ҷониби Наумов А.В., ба у имкон додаанд, ки номгӯи зерини сабабҳои нодуруст истифода шудани қонуни ҷиноятиро пешниҳод намояд, ки онҳоро ба се намудҳои гуногун ҷудо кардан мумкин аст: - камбудиҳои дар фаъолияти мақомоти судӣ ва прокурорӣ-тафтишӣ; -мавҷудияти «нуқтаҳои заиф» дар назарияи ҳуқуқи

ҷиноятӣ; - номукаммалии техникаи қонунгузории матни баъзе меъёрҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ. Дар баробари ин, ӯ махсусан сабабҳои нодуруст истифода бурдани қонуни ҷиноятиро, ки ба намуди якум мансубанд, қайд мекунад: - на ҳама вакт аниқ донистани қонуни ҷиноятӣ аз тарафи кормандони амалӣ; - аксар вақт рӯякӣ шинос будани кормандони амалӣ бо дастурҳои ба таври умумиҳатмии Пленумҳои Суди Олӣ…; ба тачрибаи кори Суди Олӣ… ба қадри кифоя диққат надодани мақомотҳои маҳаллии судӣ ва тафтишӣ; дониши нокифояи кормандони амалӣ оид ба баъзе муқарраротҳои назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ [228, с. 152 - 153].

Олимони дигар низ умуман сабабҳои саҳвҳои судиро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд, ки хусусияти объективӣ ё субъективӣ доранд [202, с. 128 – 129; 210, с. 15]. Аммо дар адабиёт ақидаеро пайдо кардан мумкин аст, ки тибқи он дар баробари сабабҳои объективӣ ва субъективии сабабҳои бандубаст, инчунин сабабҳои объективӣ ва субъективии чунин саҳвҳоро ҷудо кардан пешниҳод карда мешавад [241, с. 108 - 111]. Дар нашрияҳо дар бораи хусусияти субъективии саҳвҳои судӣ хулоса бароварда мешавад [205, с. 52].

Вопленко Н.Н., ки сабабу шароитҳо ё омилҳои боиси бавуҷуд омадани саҳвҳоро ҳангоми бандуаст омӯхта, онҳоро чунин ҷудо кардааст. У ҳамчун сабабҳо инҳоро номбар мекунад: - ноил нашудан ба ҳақиқат ҳангоми омӯзиши ҳолатҳои воқеии парванда, нодуруст интихоб ва тафсири ҳукуқи моддӣ ё мурофиавӣ, номувофиқатии қарор ба асосҳои воқеӣ ё ҳукуқии парвандаи баррасишаванда ва ғайра. Ба омилҳо бошад, Вопленко Н.Н., ба инҳо аҳаммият додааст: - дарачаи омодагии касбии субъектҳои ҳукуқтатбиққунанда, сифатҳои маънавию сиёсии онҳо, шароити мушаххаси ҳаётӣ ва фаъолияти онҳо, дараҷаи муташаккилӣ ва самаранокии низоми мақомотҳо ва гайра [199, с. 103].

Ақидаҳое, ки дар адабиёт баён шудаанд, дар бораи он ки тасаввуроти нодурусти кормандони ҳуқуқтатбиққунанда сабаби асосии

умумиэътирофгардидаи саҳвҳои субъектҳои ҳуқуқтатбиққунанда мебошад, сазовори таваҷҷуҳ аст, аммо он чунин як мулоҳизаи умумиро дарбар мегирад, ки он дар сатҳи амалӣ барои субъектҳои бандубаст қобили қабули имконпазир нест, ки ба тартиб додани механизми пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани саҳвҳои бандубаст нигаронида шудаанд ва дар асоси он низоми тадбирҳо тартиб дода шаванд.

Андешаҳои овардашуда имкон медиҳанд хулоса кунем, ки муҳаққиқон бо нишон додани сабабҳои муайяни саҳвҳо на ҳамеша шароитҳоеро қайд мекунанд, ки саҳвҳои бандубастиро ба вуҷуд меоранд, зеро онҳо омилҳое мебошанд, ки барои падидаи ҳуқуқии баррасишаванда хоки ғизоӣ медиҳанд. Ба ғайр аз ин, як қисми муайяни сабабу шароитҳои пайдо шудани саҳвҳои бандубаст мавҷуданд, ки ҳеҷ гоҳ касе онро таҳлил накардааст. Дар байни онҳо бояд сабабҳо ва шароитҳоеро, ки ба пайдоиши саҳвҳои бандубаст дар муайян кардани аломатҳои рафтори баъди ҷиноятӣ мусоидат мекунанд, кирдорҳои аз ҷониби қонун ба ҳолатҳое, ки ҷиноят будани онҳоро истисно мекунанд ва ғайраҳо, аҳаммият надодаанд.

Вобаста ба ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бо кормандони мақомоти судии кишвар 5-уми декабри соли 2024 сабаб ва шароитҳое, ки ба саҳви судӣ оварда мерасонанд, гуфта гузаштанд, аз ҷумла, қайд карда шуд, ки: «Мусаллам аст, ки санадҳои судӣ аз номи давлат бароварда мешаванд ва онҳо бояд ба талаботи қонунгузорӣ мутобиқат намуда, барои барқарор гардидани адолати иҷтимоӣ равона карда шаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди тадриҷан беҳтар гардидани кори судҳо дар фаъолияти онҳо ҳанӯз камбудиву норасоиҳо, аз ҷумла риоя нагардидани муҳлати баррасии парвандаҳо, сари вақт ба тарафҳо насупоридани санадҳои судӣ, бекоршавии санадҳои судӣ ва беэҳтиромӣ нисбат ба шаҳрвандон ба назар мерасанд. Баъзе судяҳо дар вақти баррасии

парвандаҳо беаҳаммиятӣ зоҳир намуда, ба далелҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ намедиҳанд ва ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдоштаро ҳаматарафа намесанҷанд. Чунин тарзи муносибат боиси татбиқи нодурусти қонунҳо, қабули санадҳои ғайриқонунӣ ва дар ниҳоят, бекор шудани қарорҳои қабулкардаи онҳо мегардад.

Бо ҳамин сабаб дар зарфи солҳои 2020 – 2023 ва нӯҳ моҳи соли 2024 аз ҷониби судҳои болоӣ беш аз 1700 қарори судҳои поёнӣ бекор гардидааст. Инчунин, тибқи маълумот қариб 1400 ҳолати риоя нагардидани муҳлати баррасии парвандаҳо ба қайд гирифта шудааст. Дар давраи зикршуда аз ҷониби Суди Олӣ 2320 муроҷиати шаҳрвандон доир ба кирдори судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо баррасӣ гардидааст. Қисми зиёди муроҷиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ, ки ба Дастгоҳи иҷроияи Президент ворид мешаванд, шикоят аз амалҳои судяҳо, кашолкорӣ дар баррасии парвандаҳо ва норозигӣ нисбат ба санадҳои судӣ мебошанд. Солҳои 2020 – 2023 ва даҳ моҳи соли 2024 ба Дастгоҳи иҷроияи Президент доир ба ин ҳолатҳо 4332 муроҷиат ворид гардидааст. Баъзан шаҳрвандон бинобар ҳал нашудани масъалаҳояшон ва яктарафа баррасӣ гардидани даъвои онҳо такрор ба такрор муроҷиат мекунанд. Ҳамчунин, таъкид месозам, ки ҳолатҳои ба ҳуқуқвайронкунӣ, бахусус, ба кирдорҳои ҷиноятӣ даст задани баъзе судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо ҳоло ҳам ҷой доранд, ки чунин вазъ моро ба нигарониву ташвиши ҷиддӣ овардааст.

Дар даҳ соли охир, яъне аз соли 2014 то соли 2024 нисбат ба 107 нафар, аз ҷумла 45 нафар судяҳо, муовинон ва раисони судҳои шаҳру ноҳияҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз ва тафтиш карда шуда, бо ҳукми суд ба муҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум ва аз сафи мақомоти судӣ хориҷ гардидаанд. Ҷиноятҳои содиршуда, асосан, дорои хусусияти коррупсионӣ, аз ҷумла қаллобӣ, баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ, ришвагирӣ, баровардани ҳукми ноодилона аз ҷониби судяҳо ва

кормандони мақомоти судӣ мебошанд. Боиси нигаронист, ки содиршавии ҷиноят аз ҷониби кормандони мақомоти судӣ сол то сол зиёд шуда истодааст. Дар 10 моҳи соли 2024 26 ҷиноят нисбат ба 16 нафар ба қайд гирифта шудааст.

Бори дигар таъкид менамоям, ки аз ҷониби судҳо зимни татбиқи адолати судӣ ба камбудиву қонунвайронкуниҳо, аз ҷумла қабули санадҳои ғайриқонунӣ, кашолкории беасос дар ҷараёни баррасии парвандаҳо, назорат накардан ба иҷрои санадҳои судӣ ва камбудиҳои дигар роҳ дода мешавад. Масалан, дар давраи соли гузашта ва нӯҳ моҳи соли ҷорӣ дар миқёси кишвар 1008 санади судӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла 709 санад бо эътирози прокурорҳо ва 299 санад бо шикояти кассатсиониву назоратии маҳкумшудагон, ҷабрдидагон ва намояндагони онҳо бекор ва тағйир дода шудааст. Дар соли 2023 бо эътирози кассатсионии прокурорҳо 11 ҳукми ғайриқонунии судӣ бинобар таъин гардидани ҷазои сабук бекор гардидааст.

Дар ҳолатҳои алоҳида хунукназарии судяҳо дар ҷараёни барасмиятдарории санадҳои судӣ боиси ғайриимкон гардидани истирдоди ҷинояткорон шудааст. Аз ҷониби судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ ва маъмурӣ низ ба камбудиву қонунвайронкуниҳо, аз ҷумла беасос эътироф кардани ҳуқуқи моликият ба сохтмонҳои худсарона, аз ҳисоботи оморӣ пинҳон намудани чунин парвандаҳо, кам кардани ҳаҷми ҷарима ва монанди инҳо роҳ дода мешавад. Ҳолатҳои баръало ғайриқонунӣ қабул кардани санадҳои судӣ аз рӯйи чунин парвандаҳо ҷой доранд» [27].

Аксари саҳвҳои бандубастиро дар омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ бо ҳукмҳои тағирёфта пайдо кардан мумкин аст. Дар асоси омӯзиши интихобии парвандаҳои ҷиноятӣ муайян карда шуд, ки 77,7% саҳвҳо аз ҷониби субъектҳои бандубаст ҳангоми татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ содир шудаанд 2,9 фоиз - саҳвҳо дар муқаррар намудани ҳолатҳои

воқеии парванда, 19,4 фоиз - саҳвҳо дар татбиқи принсипи фардикунонии ҷазо ба вуҷуд омадаанд.

Ошкор кардани генезиси хатоҳои судӣ як қатор душвориҳо дорад: якум, ба содир шудани ҳар як саҳви судӣ ҳолатҳои гуногун мусоидат мекунанд; дуюм, барои аниқ кардани сарчашмаҳои саҳви судяҳо, тамоми доираи муайянкунандаҳо, мурофиаҳои судӣ ва дигар ҳолатҳоро таҳлил кардан лозим аст.

Аксар вақт санадҳои судӣ бинобар қарорҳои ғайриқонунӣ ё беасоси мурофиавии судяҳо, барои амалҳои нодуруст иҷрошуда ё иҷро накардани онҳо бояд бекор карда ё тағйир дода мешаванд.

Масалан, ҳозир набудани тарафҳои ба таври дахлдор огоҳнагардида ҳангоми баррасии аризаи даъвогӣ, баҳои нодурусти далелҳо ба моҳиятан ғайриқонунӣ ҳал намудани парванда мусоидат мекунад. Дар чунин ҳолатҳо, бешубҳа байни санади нодурусти судя ва қонуншиканиҳои қаблан содиркардаи у робитаи сабабӣ вуҷуд дорад.

Аммо инҳо барои содир кардани саҳви судӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои ба анҷом расидани мурофиаи судӣ (протоколи маҷлиси судӣ) сабт шудаанд, асосҳои раднопазир мебошанд. Вақте ки чунинои саҳвҳои судӣ ошкор карда мешаванд, шарҳ додан ба он ки барои содиршавии онҳо чӣ мусоидат кардааст, хеле душвор аст. Сабабҳо ва шароитҳое, ки ба содир кардани хатогиҳои судӣ мусоидат мекунанд, аз доираи амалигардонии ҳуқуқ берунанд.

Муносибати аз ҷониби умум қабулшуда оид ба ин масъала чунин аст: бисёре аз олимони ҳуқуқшинос ҷонибдори чунин ақида мебошанд, ки саҳви судӣ бо сабабҳои объективӣ содир карда мешаванд. Дар ин хусус, ақидаи Грисанов А.С., сазовори таваҷҷуҳ аст, ки вай менависад, «...номукамалии баъзе институтҳои мурофиавӣ, норасоӣ ва зиддиятҳои қонунгузорӣ, душворӣ дар шароити кори судяҳо...»-ро сабабҳои саҳви судӣ медонад [68, с. 129].

Петрухин И.Л. ва Морщакова Т.Г. даъво мекунанд, ки «... маълумоте, ки дар рафти мурофиаи судӣ ба даст омадааст, на ҳамеша боэътимод аст; вақти маҳдуди баррасии парванда; хусусияти индуктивии тафаккур хатари бо эҳтимолияти баланд иваз кардани ҳақиқатро ба вуҷуд меорад...» [118]. Ин мавқеъ яктарафа аст. Мо ба ақидаи Зайцев И.М, ки консепсияи объектикунонии генезиси хатоҳои судиро аз ҷиҳати назариявӣ ғайриимкон ва аз нигоҳи амалӣ зараровар меҳисобад, розӣ ҳастем [279]. Сабабҳои аслии ин падида асосан дар омилҳои субъективӣ мебошанд: - нуқсонҳои шуури ҳуқуқӣ; - сатҳи пасти тарбияи ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ; – сифатҳои ахлоқии субъекти фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки механизми пайдоиши саҳви судӣ дар гумроҳии судя (ҳолати дохилии он, ки дар натиҷаи муносибати бемасъулиятона ба уҳдадориҳои хизматӣ ё саҳви бовиҷдонона аз сабаби объективӣ ба вуҷуд омадааст) мебошад. Дар амал хеле кам аст, ки судяҳо софдилона иштибоҳ кунанд ва чун қоида, ин ба ҳолатҳои аз у вобаста алоқаманд аст. Бештар аз ҳама, саҳви судӣ аз сабаби надоштани салоҳияти касбӣ (надоштани дониши чуқури ҳуқуқӣ, нодуруст татбиқ намудани қонун, маҳорату малакаи таҷрибаи корӣ надоштан ва ғайраҳо ) содир карда мешаванд.

Омили дигаре, ки ба содир намудани саҳви судӣ таъсир мерасонад, сатҳи қобилияти муайяни субъекти татбиққунандаи ҳуқуқ мебошад. Ба муносибати бепарвоёна ба иҷрои вазифаи касбӣ, асосан сифатҳои ахлоқии судяҳо таъсир мерасонанд: ба таври расмӣ амалӣ нанамудани иҷрои қонун; беэътиноӣ нисбат ба сарнавишти инсон; набудани хоҳиши фаҳмидани масъала; ришвахурӣ; бевиҷдонона рафтор намудан, нодуруст ва дар сифати паст тартиб додани санадҳои судӣ. Таҷрибаи кофии ҳуқуқӣ надоштани судяҳо низ метавонад, сабаби саҳви судӣ гардад. Судяҳо на ҳама вақт малакаҳои баҳодиҳии салоҳиятноки ҳолатҳои парвандаро хуб медонанд; баҳои баъзе маълумотҳоро кам ё аз ҳад зиёд арзёбӣ кардан;

нодуруст баҳо додани ҳолатҳои парванда вобаста ба далелу ҳуҷҷатҳои дар парванда мавҷудбуда, ки барои қабули санади қонунию асоснок аҳаммияти муҳим доранд.

Масалан, маводҳои омӯхташуда парвандаи ҷиноятӣ нишон доданд, ки мақомоти тафтишоти пешакӣ бархилофи қонуни зикршуда амал карда, ба Т.Г. бо моддаи 170 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон айб эълон карда қайд намудаанд, ки ӯ бархилофи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шаҳрвандон С.З., Ш.Д. ва С.Д. хоҷагии умумӣ ташкил намуда зиндагонӣ кардааст. Вале дар айбнома аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ вақт, ҷой ва дагар ҳолатҳои содир шудани ҷиноят нишон дода нашудаанд, ки ин ҳолат низ дар қатори дагар норасоиҳо асосе гардидааст, ки парвандаи мазкур бо таъиноти суди ҳарбии гарнизони Хатлон аз 11 октябри соли 2001 ба прокуратураи ҳарбии гарнизони Қӯрғонтеппа барои гузаронидани татфишоти иловагӣ фиристонида шавад. Дар хусуси аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ риоя нагардидани талаботи моддаи 140 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барон ба тафтишоти пешакӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ асос шудааст, мисоли мушаххаси зайл шаҳодат медиҳад.

Ё мисоли дигар, аз тарафи мақомоти тафтишоти пешакӣ ба Т.Д. барои он айб эълон карда шудааст, ки 29 майи соли 2002 бо таклифи М.Ф. ба хонаи охирон воқеъ дар маҳаллаи 31, хонаи 14, ҳуҷраи 14 омада, дар он ҷо бо зане, ки тафтишот шахсияташро муайян накардааст, дар бораи хариду фурӯши воситаҳои нашъадори намуди «героин» маслиҳат кардаанд. Сипае Т.Ф. аз тарафи кормандони милиса дастгир шуда, аз ӯ ба миқдори 1013 грамм воситаҳои зикршуда ёфта гирифта шудааст. Ба М.Ф. барои он айб эълон крада шудааст, ки вай дар бораи ҷинояти аниҷ маълуми таёршудаистодаи махсусан вазнин ва шахсони аниқи ҷиноят содиркрадаистода ба мақомоти дахлдор хабар надодааст.

Дар рафти муҳокимаи парванда дар маҷлиси судӣ суд бо хулосаи тафтишоти пешакӣ оид ба қатъ кардани қисми маводҳои парвандаи ҷиноятӣ нисбати М.Ф. бо моддаи 200 қ.3 бандҳои «б,ж» КҶ розӣ нашуда, қайд намудааст, ки чӣ тавре ки мақомоти тафтишоти пешакӣ муайян кардаанд, М.Ф. бо таклифи зани ношинос рӯзи 29 майи соли 2002 ба хонаи Т.Ф. рафта, ба охирон гуфтааст, ки дар хонааш зане ҳузӯр дорад, ки харидори героин мебошад ва Т.Ф. метавонад героинро ба он зан фурӯшад. Сипае онҳо ба хонаи М.Д. омадаанду Т.Ф. бо он зани ношинос оиди хариду фурӯши героин маслиҳат кардаанд. Баъдан рӯзи 30 майи соли 2002 дар вақти фурӯхтани героин Т.Ф. дастгир карда шудааст.

Гарчанде аз тарафи мақомоти тафтишоти пешакӣ мукаррар карда шудааст, ки М.Ф. барои хариду фурӯши воситаҳои нашъадор ба Т.Ф. ёрдам кардааст, лекин қисми маводҳои кор нисбати ӯ бо он асосҳо қатъ карда шудааст, ки вай дар вақти сӯҳбати Т.Ф. ва он зани ношинос иштирок накардааст.

Аз ин рӯ, суд бо чунин хулосабарории мақомоти тафтиши пешакӣ розӣ нашудааст ва бо таъиноти судии суди вилояти Суғд аз 2 октябри соли 2002 парванда барои гузаронидани тафтиши иловагӣ ба прокуратурам вилояти Суғд баргардонида шудааст.

Ҳамин тариқ, судяҳои ботаҷриба нисбат ба дигар судяҳо ҷаҳонбинии амалии васеътар доранд. Бояд қайд кард, ки танҳо сабабҳо бидуни шароити мувофиқ, санадҳои судии нодурустро ба вуҷуд намеоранд. Муносибатҳои сабабӣ ба ҳодисаҳо ва далелҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки маҷмӯи онҳоро шароит меноманд. Меъёрҳои декларативӣ ба танзими самарабахши ҳуқуқӣ монеъ мешаванд. Сифати пасти техникаи қонунгузорӣ: норавшанӣ, номуайянии ибора, бо як истилоҳот нишон додани падидаҳои гуногун, шумораи зиёди мафҳумҳои арзёбӣ боиси саҳви судӣ мегарданд; ихтилофот дар қонун боиси хатогиҳои маҷбурӣ дар татбиқи қонун мегардад.

Инчунин, ҳангоми ба вазифа таъин намудан, на дар ҳама ҳолатҳо қобилияти зеҳнӣ ва касбӣ ба назар гирифта мешавад. Илова бар ин, шароити номусоиди корӣ, тақсими нобаробарии сарборӣ байни судяҳо аз ҷониби роҳбарони судяҳо, набудани адабиёти назарияви таҷрибавии зарурӣ, дастрасии нокифоя ба манбаъҳои меъёрӣ ва иттилоотӣ, набудани таълими ҳамаҷонибаи назариявию амалии касбӣ, ба таври зарурӣ набудани салоҳдиди судӣ, дар баъзе ҳолатҳо метавонанд, боиси саҳви судӣ дар қабули санадҳои судӣ гарданд, ки дар натиҷа ба вайрон шудани адолати судӣ оварда расонад.

Гуфтаҳои боло тақозо менамоянд, ки роҳҳои бартараф намудани саҳви судӣ бояд муайян карда шаванд. Шарти бечунучарои кори самарабахш оид ба рафъи саҳви судӣ дар фаъолияти судяҳо, пеш аз ҳама ба таври зарурӣ ва босифат бозомӯзии ҳуқуқии онҳо, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, мавҷуд будани микдори зиёди иттилооти саҳеҳ дар бораи онҳо мебошад.

Маълумотҳои оморӣ яке аз сарчашмаҳои иттилоотӣ боэътимод бо фарогирии васеи падидаҳои амалияи судӣ аст. Дар такмили амалияи судӣ ба умумиятҳое, ки ба ошкор намудани сабабу шароитҳои саҳви судӣ мусоидат мекунанд, аҳаммияти калон дода мешавад. Тартиб додани шарҳи саҳви судӣ дар таҳлили таҷрибаи судӣ ба сифати татбиқи қонун таъсири назаррас мерасонад. Ҳангоми тартиб додани чунин баррасиҳо, на танҳо асосҳои хатогиҳои худ, балки мақомоти дигари ҳуқуқтатбиқкунандагонро низ дохил намуд. Дар ин гуна баррасиҳо бояд ба хусусияти хатогиҳо, баҳодиҳии онҳо аз ҷониби коршиносони гуногуни соҳаи ҳуқуқ зоҳир карда шавад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки на танҳо хатоҳои дар татбиқи ҳуқуқ, балки дар ин самт таҷрибаи мусбӣ низ ҷамъ карда шаванд.

Пурсиш ҳамчун усулҳои сотсиологӣ барои муайян кардан ва омӯхтани омилҳое, ки боиси саҳви судӣ, ки дар натиҷа ба вайроншавии

адолати судӣ мегарданд, қобили қабуланд. Истифодаи мунтазами онҳо намуд ва хусусияти умумии хатогиҳоеро, ки шахсони мутассадӣ онҳоро содир кардаанд, нишон медиҳанд. Ерёмина И.С. қайд мекунад, ки тарбияи ҳуқуқӣ бояд аз ташаккули чунин сифатҳои ахлоқии корманд, ба монанди масъулият, инсондӯстӣ, худшиносӣ, виҷдон, худдорӣ, вазифа, эҳтиром нисбат ба дигарон иборат бошад [276].

Натиҷаи хуб дар таълими ҳуқуқии касбӣ тавассути саъю кушиши худи мутахассис, ба такмили маҳорати касбии худ, яъне худомӯзӣ ба даст меояд. Шавқу рағбат ва хоҳиши баланд бардоштани сатҳи мутобиқати касбӣ тавассути ҳавасмандгардонии кори босифати корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба даст меояд. Дар навбати худ, ҳавасмандгардонӣ ҳамчун як навъ татбиқи ҳуқуқ бояд танҳо дар тартиби қатъиян муқарраргардидаи ҳуқуқӣ, дар асоси принсипҳои адолат ва мақсаднокӣ сурат гирад.

Роҳи муҳими пешгирии саҳви судӣ, таърифи қонунгузории консепсияи он шуда метавонад. Ҳар як иштирокчии раванди татбиқи ҳуқуқ бояд донад, ки ҳуқуқтатбиққунанда «падидаи меъёрӣ эътирофшуда» мебошад [284].

Дар хусуси он ки аз тарафи мақомоти тафтишоти пешакӣ нодуруст татбиқ гардидани қонуни ҷиноятӣ, ки барои ба тафтишоти иловагӣ фиристонидани парвандаи ҷиноятӣ асос шудааст, мисоли зерин шаҳодат медиҳад. Мақомоти тафтишоти пешакӣ ба Г.С. барои он айб эълоп кардаанд, ки рӯзи 22 апрели соли 2002 тахминан соати 17 бо маслиҳати пешакӣ бо Н.З. аз автомашинаи тамғаи ВАЗ-2106 рақами давлатиаш А68-50 00 РТ воқеъ дар назди кӯчаи Шамсӣ, хонаи 24, ш. Душанбе бо таври пинҳонӣ аккумуляторашро дӯздида, ба ҷабрдида Х.Х. зарари ҷиддӣ расонида, аз ҷои ҳодиса ғайб задаанд.

Ҳангоми муҳокимаи парванда дар рафти тафтишоти судӣ муқаррар карда шудааст, ки Г.С. қаблан бо моддаи 201 қ.2 КҶ ба ҷазои маҳрум

сохтан аз озодӣ маҳкум карда шудааст, ки тибқи қисми 4 моддаи 18 КҶ ин ҷиноят ба категорияи чиноятҳои вазнин дохил мешавад. Инчунин, ҷинояти навбатие, ки барои он ба Г.С. бо моддаи 244 қ.2 бандҳои «б, в» КҶ айб эълон карда шудааст, низ ба категорияи ҷиноятҳои вазнин дохил мешавад. Дар ин сурат, мебоист мақомоти тафтишоти пешакӣ дар асоси банди «б» қисми 2 моддаи 21 КҶ дар кирдори Г.С. ҷой доштани аломати бандубасткунандаи банди «б» қисми 2 моддаи 244 КҶ, яънс дӯздии дар ҳолати ретсидиви хавфнок содир шударо муҳокима менамуд. Вале ин ҳолат аз тарафи мақомоти тафтишоти пешакӣ муҳокима карда нашудааст. Аз ин рӯ, дар асоси қисми 2 моддаи 256 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқи он, агар тағйир додани айбдорӣ боиси вайрон карда шудани ҳуқуқи ҳимояи судшаванда гардад, суд корро барои тафтиши пешакӣ мефиристад, парвандаи мазкур бо таъиноти суди ноҳияи Сино аз 3 июли соли 2002 барои гузаронидани тафтиши иловагӣ ба прокурори ноҳияи Синои шаҳри Душанбе фиристонида шудааст.

Омили муҳими рафъи саҳви судӣ хусусияти дастаҷамъонаи баррасии парвандаҳо мебошад, ки боиси рафъи субъективӣ мегардад. Истифодаи таҷриба ва дониши чанд нафар мутахассисон ба моҳиятан ва пурра, холисона ва ҳамаҷониба баррасии парвандаҳо мусоидат мекунад.

Яке аз шартҳои ҷиддии фаъолияти салоҳиятнокии ҳуқуқтатбиққкунанда ин аст, ки ҳар як судя ва корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дорои маълумот ва иттиоолоти зарурӣ мебошанд. Мавҷудияти низомҳои муосири махзанҳои ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ ва иттиоолотӣ ба сифати баланди фаъолияти судя ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, семинарҳои мунтазами таҷрибаомӯзони бонуфуз ба таври иловагӣ ба пешгирии саҳви судӣ мусоидат мекунанд. Назорати оқилона ва санҷиши фаъолияти судяҳо, ки аз ҷониби судҳои болоӣ амалӣ карда мешаванд, самти муҳим дар соҳаи таъсири пешгирикунанда ба

саҳви судӣ мебошад. Худи ҳолати мавҷуд будани назорат нисбати судя уро ба масъулиятшиносӣ ва бошуурона рафтор намудан водор мекунад.

Таҳлили сабабу шароите, ки боиси содир шудани саҳви судӣ мегардад, нишон медиҳад, ки яке аз проблемаҳои асосии ин нарасидани маҳорати касбӣ, донишу малакаи кофӣ, бемасъулиятӣ ва беаҳаммиятии баъзе аз судяҳо мебошад. Дар ин раванд бояд қайд намуд, ки мавҷудияти дипломи тасдиққунандаи маълумоти ҳуқуқӣ доштан на ҳамеша нишондиҳандаи мутахассиси баландихтисос ба шумор меравад. Барои соҳиби дониши баланди ҳуқуқӣ будан ва мутахссиси хуб шудан шахс бояд пайваста барои баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ, касбият, маърифати ҳуқуқӣ, одоби худ дигар омилҳое, ки шахсро сазовори мутахассиси хуб дар мақомоти судӣ мегардонад, кушиши зиёд ба харҷ диҳад.

Ҳамин тавр, чунин ба назар мерасад, ки таҷдиди низоми таҳсилоти касбӣ ва интихоби кадрҳо барои низоми судӣ самти муҳими рафъи саҳви судӣ мебошад.

Омӯзиши на танҳо донишҳои назариявӣ, балки таҷрибаи амалии пешгирии саҳви судиро мутахассиси дорои тафаккури интиқодӣ (мунақидӣ) омода месозад.

Таҳлили муфассали хатоҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқукнӣ, ин омӯхтани роҳҳои нави бартараф кардани онҳо, таҳлил ва муҳокимаи ҳолатҳои мушаххаси амалӣ ба ташаккули ҳуқуқшиносии мутафаккир, боварӣ ва аз ҷиҳати кордонӣ мусоидат мекунад.

Нуфузи касби судя имкон медиҳад, ки нисбати довталабон серталабтар шуда, ҳуқуқшиносони арзанда интихоб ва ҷо ба ҷо карда шаванд. Мо чунин мешуморем, ки ворид намудани меъёрҳо ва талаботи ахлоқию маърифатнокӣ нисбати вазифаи судя як тадбири муассири пешгирикунанда барои пешгирии саҳви судӣ мебошад.

Фаҳмиши дурусти иродаи қонунгузор ва иҷрои якхелаи он ба сифати фаъолияти судӣ таъсири калон мерасонад. Возеҳият, дастрасӣ, фаҳмо будани меъёрҳои ҳуқуқӣ шарти ҳатмист, ки судя ҳангоми татбиқи фаъолияти ҳуқуқтатбиқукнӣ бояд ба роҳбарӣ гиранд. Набудани донишу малака ва тафсири муназзами қонун, баҳо надодан ва риоя накардани меъёрҳои ҳалли низоъҳои ҳуқуқӣ, мавҷуд набудани механизми мувофиқи рафъи низоъҳо, боиси вайрон шудани қонун мегардад ва дар натиҷа, ба қонуншиканӣ оварда расонида, боиси нодурустии адолат ва норозигии мардум нисбати ҳокимияти судӣ мешавад.

Чунон ки Лаврентьев А.Р. дуруст таъкид мекунад, зинанизомии қоидаҳои ихтилофиро тафсири қонунгузорӣ кардан зарур аст, ки он имконият медиҳад як қатор қарорҳои ғалатро аз ҷониби иҷрокунандаи ҳуқуқ аз байн барад [283]. Шарти самарабахши ошкор ва рафъи саҳви судӣ, ҳуқуқи шахс барои шикоят кардан аз амали шахсони мансабдор мебошад.

Ҳамин тариқ, дар қонунгузориҳои мурофиавӣ танҳо муқаррар намудани далели вайрон кардани қонун, ки боиси бекор кардан ё тағйир додани санади татбиқи ҳуқуқ мегардад, кифоя аст. Иҷрои маҷбурии уҳдадориҳо низ як чораиислоҳкунандаи рафъи саҳви судӣ мебошад. Тадбирҳои хусусияти тавонбахшӣ дар масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон аз оқибатҳои саҳви судӣ сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошанд.

Тадбирҳои барқароркунанда аз инҳо иборатанд: ҷуброни неъматҳои моддӣ; бекор кардани манъ ё маҳдудиятҳои нодуруст; барқарор кардан дар ҷои кор; товони зарари маънавӣ, ба ҳолати аввала баргардонидани ҳуқуқҳои вайронгардида, рӯёнидани маблағҳои қарзӣ, аз манзили истиқоматӣ кӯчонидани шахсони худсарона маскуншуда ва ғайра. Ҳамзамон, нисбати шахсе, ки санади татбиқи ҳуқуқи ғалатро

баровардааст, метавонад чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ татбиқ карда шаванд [287].

Масалан, Гулов С. ва Ғиёсова М. бо аризаи хусуӣ дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани Ҳомидова М. ба суди ноҳияи Рӯдакӣ муроҷиат намуда, баён намудаанд, ки рӯзи 6-уми майи соли 2007 соати $14^{00}$ дар назди истгоҳи автобусҳо, нохост аз пешаш Ҳомидова М. баромада, ӯро ҳақорат додааст. Сипас, бо Ғиёсова М. даст ба гиребон шуда, ӯро ба даруни билярдҳо дароварда, бо чӯби билярдбозӣ лату кӯб намудааст, ки дар натиҷа Ғиёсова М. ҷароҳати ҷисмонӣ бардоштааст. Аз хулосаи ташхиси судӣ-тиббӣ таҳти № 183 аз 6-уми майи соли 2007 бармеояд, ки ҷароҳатҳои ҷисмоние, ки дар бадани Ғиёсова М. дида мешавад, бо расонидани зарар ба саломатӣ мансуб нестанд. Инчунин, рӯзи 21-уми ноябри соли 2007, соати тахминан $16^{00}$ Гулов С. дар ҳавлии истиқоматиаш воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати «Зайнабобод», кӯчаи Косибон, хонаи 56 будааст, ки собиқ ҳамсараш Ҳомидова М. омада, бо суханҳои қабеҳ ӯро дашном додааст, вай бошад ба суханҳои номбурда аҳаммият надода, ба кори замин машғул шудааст. Баъд аз чанд дақиқа кормандони милитсия омадаанд ва Ҳомидова М. ба онҳо гуфтааст, ки гӯё Гулов С. индукҳояшро дуздидааст ва ба тарафи Гулов С. ҳақорат карда, бо воситаи қубур (труба) ба тарафаш ҳамла карда, ӯро задааст. Дар ин холат писараш Гулов Ф. низ ӯро бо лағат задааст. Дар натиҷа нозири минтақавӣ қубурро аз дасти Ҳомидова М. гирифта ҳаво додааст. Аз хулосаи ташхиси судӣ-тиббӣ таҳти № 275 аз 21-уми ноябри соли 2007 бармеояд, ки ҷароҳатҳои ҷисмоние, ки дар бадани Гулов С. дида мешавад, бо расонидани зарар ба саломатӣ мансуб нестанд [229, с. 70-71].

Суд бо қарори худ аз 30-уми январи соли 2008 оғози парвандаи ҷиноятиро нисбати Ҳомидова М. бо сабаби дар ҳаракатҳояш набудани таркиби ҷиноят рад кардааст.

Гулов С. ба қарори судя розӣ нашуда, дар шикояти хусусӣ иброз намудааст, ки вақте Ҳомидова М. бо чӯби билярд шаҳрванд Гиёсоваро лату куб намудааст, бачаҳои дар билярдхона буда чӯбро аз дасти Ҳомидова гирифта будаанд. Аммо судя шоҳидони дар билярдхона бударо напурсида, ба хулосаи дақиқ наомада, қарори ғайриқонунӣ баровардааст, бинобар ин маъсалаи бекор кардани қарори судяро пурсидааст.

Коллегияи судӣ ҳуҷҷатҳои дар мавод ҷамъовардаро омӯхта, ваҷҳҳои шикояти хусусиро муҳокима намуда, бо асосҳои зерин бекор кардани қарори судяро лозим шуморид. Тавре аз маводи ҷамъовардашуда, аз ҷумла аз ариза ва баёноти Ғиёсова М.Х. дида мешавад, Ҳомидова М. рӯзи 06.05 соли 2007 соати $14^{00}$ дар назди истгоҳи автобусҳо Ғиёсоваро ҳақорат дода, бо вай даст ба гиребон шуда, ӯро ба даруни билярдхона дароварда, бо чӯби билярдбозӣ лату кӯб намудааст. Аз аризаи Гулов С. бармеояд, ки рӯзи 21-уми ноябри соли 2007 собиқ ҳамсараш Ҳомидова М. дар ҳавлии истиқоматиаш ӯро ҳақорат карда, ба воситаи қубур ӯро задааст ва дар ин ҳолат писараш Гулов Ф. низ модарашро тарафдорӣ намуда, Гуловро бо лағат задааст. Дар натиҷа дасти чапи ӯ сахт лат хӯрда, варам карда, ӯ ҷароҳат бардоштааст. Вале дар вақти ҳал кардани аризаҳои мазкур, аз ҷониби судя ваҷҳҳои дар ин аризаҳо нишондода санҷида нашуда, ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода нашуда, бармаҳал қарор қабул карда шудааст. Зиёда аз ин, дар қарор дарҷ гардидааст, ки аз муоинаи тиббии нисбати Гулов С. бармеояд, ки ба саломатии ӯ зарари сабуки ҷисмонӣ, ки боиси ба муҳлати кутоҳ хароб шудани саломатӣ ё ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнат гардидааст, ки дар диспозитсияи моддаи 116-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, аз ҷониби Хомидова М. расонида нашудааст [229, с. 70-71].

Дар ин маврид, коллегия суда қайд менамояд, ки дар даспозитсияи моддаи 116 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои лату кӯб ё содир намудани ҳаракати дигари зӯроварӣ, ки дарди ҷисмонӣ расонидаанд, вале оқибатҳои дар моддаи 112 Кодекси зикршуда нагардидаанд, муқаррар карда шуда, дар ин модда мафҳумҳое, ки дар қарори судя нишон додааст, пешбинӣ нашудаанд. Ба ғайр аз ин, тартиби омодасозии маводи пеш аз судӣ дар шакли протокол дар моддаҳои 406-412 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки тибқи моддаҳои зикргардида, маводҳо оиди ҷинояти дар моддаи 116 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида низ бо тартиби дар ҳамин моддаҳо муқаррашуда тайёр карда мешаванд. Аммо аз ҷониби судя муқаррароти зикргардидаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ мадди назар карда шуда, қарори дар боло нишондода бароварда шудааст. Бар замми ин, дар ҳуҷҷатҳои мавод, қарори суд аз 10-уми декабри соли 2007 ҳамроҳ карда шудааст, ки тибқи он, аз оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ҳомидова М. оиди ҳодисаи рӯзи 2 ноябри соли 2007 баамаломада, бинобар бо Гулов С. оштӣ шудан ва дар ҳаракатҳояш ҷой надоштани таркиби ҷиноят, рад карда шудааст. Вале ин ҳолат низ аз ҷониби судя ҳангоми ҳал кардани аризаи навбатии Гулов С. маврида таҳқиқ ва баҳодиҳии ҳуқуқӣ қарор дода нашудааст.

Ҳолатҳои қайдгардида дар маҷму аз яктарафагӣ ва нопуррагии мурофиаи судӣ, ба таври ҷиддӣ вайрон карда шудани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ва нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ шаҳодат дода, тибқи бандҳои 1, 3 ва 4-и моддаи 346 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси бекор шудани қарори суда мегарданд. Бо назардошти гуфтаҳои боло коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъиноти худ қарори судяи суди ноҳияи Рӯдакиро аз 30-уми январи соли 2008 дар бораи рад кардан аз оғози

парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ҳомидова Моҳрамой бекор кардааст [229, с. 70-71].

Ҳамин тавр, ҷомеаи мо дар рушди худ ба дараҷае расидааст, ки боварии мардум ба адолати санадҳои судӣ, аз эътимоднокӣ ва сифати асосноккунии хулосаҳои баровардаи суд вобаста аст, ки он дар замони муосир рӯ ба беҳбудӣ нигаронида шуда истодааст, гарчанде ҳоло ҳам дар таҷрибаи судӣ камбудиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд.

Пешниҳоди қонунӣ намудани назарияи далел ва исбот (назарияи эътимоднокии судӣ) бо доштани сатҳи дониши замонавӣ, ки назарияи далел ва исботро ба тавре ки он комилан аз унсури субъективӣ иборат набуда, масъалаи ба даст овардани эътиқоди судӣ бошад, аз рӯи қоидаҳои арифметикӣ соф механикӣ ҳал карда мешавад. Як далел бо назардошти омили субъективӣ метавонад ба судяҳои гуногун таассуроти ҳархела дошта бошад.

Олими маъруф Кони А.Ф. як ибораро сад сол пеш гуфта буд, ки ҳар касе, ки даъвати ӯро дар кӯмак ба одамон дар роҳи ҳалли ихтилофҳои ҳуқуқии байни онҳо мебинад, вазифадор аст дарк кунад ва қабул кунад: «Судя, ки парвандаро ҳал мекунад, ҳеҷ гоҳ асоси ҳуқуқ ва маънавии сухан гуфтанро надорад: «Ин ҳамон чизест, ки ман мехоҳам». Ӯ бояд бигӯяд, ки «ман дигар тавр карда наметавонам». Ман наметавонам, зеро мантиқи чизҳо ва эҳсоси ботинӣ ва ҳақиқати дунявӣ ва маънои қонун устувор ва устуворона тасмими маро пешниҳод мекунанд. Ва виҷдони ман, ҳамчун судя ва шахс, бар зидди ҳама гап мезанад. Ба андешаи ман, ин калимаҳои тиллоӣ мебошанд» [144, с. 156].

Чунончӣ, дар рафти баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар мурофиаи судӣ муқаррар карда шудааст, ки миллати М.М. узбек буда, забони тоҷикиро намедонад, вале дар рафти тафтишоти пешакӣ ӯ бо тарҷумон таъмин карда нашуда, ҳаракатҳои тафтишотӣ бе иштироки тарҷумон гузаронида шудаанд. Ҳангоми ҷалб намудани шахсони холис низ ба

хатогӣ роҳ дода шуда, шахсони холис баъди ба анҷом расонидани ҳаракатҳои тафтишотӣ даъват карда шудаанд. Дар мурофиаи судӣ бошад, шахсони холис қайд намудаанд, ки аз куҷо гирифтани далелҳои шайъӣ, яъне воситаҳои нашъадорро нададаанд. Мувофиқи моддаи 143 КМҶ ҶТ дар қарор дар бораи ба сифати айбдоршавнада ба ҷавобгарӣ кашидан бояд ҷинояте, ки шахси мазкур дар содир кардани он айбдор карда мешавад ва дагар ҳолатҳои барои кор аҳаммиятдошта (аз ҷумла, вақт, ҷой ва дагар ҳолатҳои содир гардадани ҷиноят) нишон дода шаванд.

Чунин вайронкунии ҷиддии қонуни мурофиавии ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти тафтиши пешакӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ нисбати М.М. бо моддаҳои 201 қ.2, 289 қ.2 ва 32 қ.3, 289 қ.3 КҶ ҶТ низ роҳ дода шудааст, ки дар натиҷа бо таъиноти суди ноҳияи Б.Ғафуров аз 30 ноябри соли 2001 он ба тафтишоти иловагӣ баргардонида шудааст.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ, татбиқи ҳуқуқ ҳамчун «маҷмуи амалиётҳои (ҳаракатҳои) фикрӣ ва воқеӣ, ташкилию ҳуқуқии субъекти татбиқи ҳуқуқ фаҳмида мешавад, ки дорои мақсади таъмини дурусти рафти ҷараёни баамалбарории дастурҳои ҳуқуқӣ мебошад» [31, с. 77]. Ин шакли махсуси амалигардонии ҳуқуқ буда, бо тартиби муқарраргардида пеш бурда шуда, натиҷаи бевоситаи он санади судӣ аз рӯи парвандаи мушаххаси ҳуқуқӣ мебошад, ки он санади инфиродии татбиқи ҳуқуқ мебошад.

Ба таври ҷиддӣ вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ва нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд асос барои бекор кардани ҳукми суд ва ба тафтиши пешакӣ баргардонидани парванда гардидааст. Мисол, Бо ҳукми суд Розиқов Ҷ. барои он бо моддаи 200 қ. 3 банди «г» КҶ ҶТ гунаҳгор дониста, маҳкум карда шудааст, ки ӯ 15-уми июли соли 1998 аз ду нафар шаҳрвандони Давлати Исломии Афғонистон, ки шахсияташон дар тафтишоти пешакӣ ва суди муайян карда нашудааст, бо мақсади ба

соҳибияти каси дигар додан, дар деҳаи Анҷироби ноҳияи Шӯрообод ғайриқонунӣ 12 кг воситаи нашъадори навъи «афюн»-ро соҳиб шуда, дар хонааш нигоҳ доштааст [229, с. 73-75].

Коллегияи судӣ маводи парвандаи ҷиноятиро омӯхта, бо асосҳои зерин бекор кардани қарорҳои судӣ ва ба тафтиши иловагӣ баргардондани парвандаи ҷиноиро лозим шуморид. Аз маводи парванда дида мешавад, ки баъди оғоз кардани парвандаи ҷиноӣ, бурдани тафтиши пешакӣ бо қарори сармуфаттиши ШКД-и ноҳияи Шӯрообод аз 23-уми июли соли 1998 қисми парвандаи ҷиноӣ нисбати Розиқов Ҷ. бинобар алоқаманд набуданаш дар ҷинояти ғайриқонунӣ соҳиб шудану дар хонааш нигоҳ доштани 12 кг воситаи нашъадори навъи афюн бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан бо м. 5 б. 2 КМҶ ҶТ аз сабаби дар кирдораш набудани таркиби ҷиноят қатъ карда шудааст. Бе бекор намудани қарори номбурда, бо қарори дуюми сармуфаттиши ШКД-и ноҳияи номбурда аз 13-уми сентябри соли 2006 маротибаи дуюм низ қисми парвандаи ҷиноӣ нис- бати Розиқов Ҷ. бинобар дар кирдораш набудани таркиби ҷинояти дар моддаи 240 қ.2 КҶ ҶТ (таҳрири соли 1961) пешбинигардида қатъ карда шуда, ҳаракатҳои ӯ бо моддаи 200 қ.4 б. «д» КҶ ҶТ (таҳрири соли 1998) гузаронида, бандубаст карда, бо қарори аз 14-уми сентябри соли 2006 ба ӯ бо ин модда айб эълон шуда, парванда ба суд ирсол гардидааст [229, с. 73-75].

Суди зинаи якум бошад ҳангоми басуддиҳӣ, ин вайронкунии ҷиддии роҳ додаи мақомоти тафтишоти пешакиро сарфи назар карда, Розиқов Ҷ-ро ба суд дода, бо моддаи 200 қ. 3 б. «г» КҶ ҶТ гунаҳгор дониста маҳкум кардааст. Бо ин мақомоти тафтишоти пешакӣ ва ҳам суд ба вайронкунии ҷиддии қонуни мурофиавии ҷиноятӣ роҳ додаанд. Зеро, мақомоти тафтишоти пешакӣ Розиқов Ҷ.-ро барои он ҳаракатҳое, ки дар қарорҳои бекорнашудаи муфаттишон оиди қатъ намудани қисми парвандаи ҷиноӣ қайд шудаанд, ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида, суд бошад

ӯро барои ин кирдор маҳкум кардааст, ки ин аз риоя нашудани қонуни мурофиавӣ ҷиноятӣ шаҳодат медиҳад [229, с. 73-75].

Ҳолатҳои зикргардида тибқи қ.1 б. 2 моддаи 233 КМҶ ҶТ, ки мувофиқи он агар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар вақти гузаронидани таҳқиқи ибтидоӣ ё ки тафтиши пешакӣ ба таври ҷиддӣ вайрон карда шуда бошад, боиси ба тафтишоти иловагӣ баргардондани парвандаи ҷиноӣ мегарданд. Зиёда аз ин, тавре аз маводи парвандаи ҷиноятӣ дида мешавад, Розиқов Ҷ. қаблан суд нашудааст, ҷинояти содиркардааш тибқи қисми 4 моддаи 18 КҶ ҶТ ба категорияи ҷиноятҳои дараҷаи вазнин мансуб буда, мувофиқи моддаи 58 қ.5 банди «в» Кодекси мазкур ба шахсони чунин категорияи ҷиноятро бори аввал содирнамуда, ҳангоми ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуданашон, адои ҷазо дар муассисаҳоиислоҳии низоми пурзӯр таъин карда мешавад. Аммо суди зинаи якум ин муқаррароти қонуни ҷиноятиро риоя накарда, дар вақти таъини низоми адои ҷазо ба Розиқов Ҷ. ба ҷойи низоми пурзӯр, нодуруст низоми сахт таъин кардааст, ки ин бархилофи моддаи 58 қ.5 банди «в» КҶ ҶТ мебошад [229, с. 73-75].

Судҳои зинаи кассатсионӣ ва назоратӣ бошанд, ин камбудию хатогиҳои мақомоти тафтиши пешакӣ ва суди зинаи якумро сарфи назар карда, ҳангоми баррасии парванда дар зинаҳои кассатсионию назоратӣ ҳукмро нисбати Розиқов Ҷ. бетағйир монондаанд. Ҳолатҳои номбурда, тибқи талаботи моддаҳои 383 ва 346 қисмҳои 3,4 КМҶ ҶТ ба таври ҷидди вайрон карда шудани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ва нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ ҳисоб ёфта, боиси ба тариқи назоратӣ бекор кардани қарорҳои судӣ мегарданд [229, с. 73-75].

Бинобар ин коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъиноти худ бо дастрасии моддаи 382 қ.1 банди 2 КМҶ ҶТ ҳукми суди ноҳияи Шӯрообод аз 09 ноябри соли 2006, таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноии суди вилояти

Хатлон аз 16 январи соли 2007 ва Қарори Раёсати суди вилояти Хатлонро аз 17 майи соли 2007 нисбати Розиқов Ҷумахон бо моддаи 200 қисми 3 банди «г» КҶ ҶТ бекор намуда, парвандаи ҷиноятиро барои гузаронидани тафтиши иловагӣ ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидааст [229, с. 73-75].

Дар ин мисол пайвастшавӣ ба ин раванди шуури ҳуқуқии касбии судя дар он ифода меёбад, ки он:

- судяро барои равона кардани фаъолияти мурофиавӣ ба муқаррар намудани ҳақиқат водор месозад;

- дар ҷанбаи иттилоотӣ мазмуни маъноии далелҳоро аз нуқтаи назари таъини сифатӣ ва арзиши далелнокии онҳо шарҳ медиҳад;

- дониши бадастомадаро оид ба ҳолатҳои воқеии парванда бо тасвири меъёрии манъи ҳуқуқӣ мутаносиб менамояд;

- асоси субъективие мебошад, ки ба табдил додани имконияти объективии мавҷудаи муқаррар намудани ҳолатҳои воқеӣ ба андешаи худи судя мусоидат мекунад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло тақозо менамоянд, ки кори минбаъда оид ба таҳияи илмию амалии ҷамъбастии мунтазами татбиқи қонунгузорӣ ва хатоҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (аз ҷумла судӣ) гузаронида шавад. Сабабҳо ва шароитҳои баррасишуда, ки ба содир шудани саҳви судӣ мусоидат мекунанд, тадбирҳои пешгирии онҳо беҳтар мегардад. Роҳҳои пешниҳодшудаи рафъи саҳви судӣ баҳсбарангезанд, ки аҳаммият ва мубрамияти масъалаи баррасишавандаро нишон медиҳад.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти мазкур хулосаҳои зерин манзур мегарданд:

1. Шуур - яке аз мафҳумҳои пойдеворӣи фалсафа, психология, ҷомеашиносӣ буда, ҷузъи муҳими низоми равонии инсонро тавсиф мекунад. Фаъолияти шуур ба шахс имконияти таъсис додани дониш дар бораи алоқамандӣ, муносибатҳо, қонунияти олами объективӣ, гузоштани мақсад ва тартиб додани нақшаҳо, ба танзим даровардан ва назорат бурдан аз болои муносибатхои эҳсосӣ, оқилона ва амалӣ мебошад. Шуури ҳуқуқӣ, маҷмуи ғояҳо ва эҳсосотест, ки муносибати одамонро нисбат ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ифода мекунад. Шуури ҳуқуқӣ, як намуди махсуси ҳисси инстинктивии адолат аст, ки дар он шахс маънавиёти худро дарк намуда, маънавиёти одамони дигарро эътироф мекунад. Шуури ҳуқуқӣ дар шуури шахс зуҳуроти маҷмуии талаботи абадӣ ва тағйирёбандаи ҳуқуқи фитрӣ - дастурҳои идеалии меъёрӣ, принсипҳо, асосҳои адолат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки ба тамоми моҳияти маънавии инсон дохил мешаванд, мебошад. Шуури ҳуқуқӣ, ин низоми ақидаҳо, эътиқодҳо, баҳодиҳиҳо дар бораи ҳуқуқ ва қонуният мебошад, ки хоси тамоми ҷомеа, синф, гуруҳи иҷтимоӣ ё фард аст.

Муҳаққиқ ду гурӯҳи ақидаҳоро қайд мекунад: ғояҳои маънодор ва низомсоз. Якум табиати шуури ҳуқуқиро ифода намуда, тамоми мазмуни онро мувофиқи мантиқи он возеҳу равшан месозад. Муаллиф муътақид аст, ки ин навъи ғояҳо табиати шуури ҳуқуқиро дар ҳама гуна шаклҳои мушаххаси таърихию фарҳангии он тавсиф мекунанд. Ӯ ба ғояҳои маънодор - ғояҳои ҳуқуқ, меъёр, тартибро мансуб медонад. Ин ғояҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, метавон табиати ҳуқукро дар умумияти он фаҳмид. Ғояҳои низомдор ин мазмуни шуури ҳуқуқиро дар заминаҳои фарҳангӣ ва таърихии он инъикос мекунанд ва ба фарҳанги муайяни

ҳуқуқӣ хусусиятҳои фарққунандаи хос медиҳанд. Бо кумаки омӯзиши онҳо моҳияти ҳуқуқ, дар дақиқии он дарк карда мешавад.

Шуури ҳуқуқӣ, дорои якчанд функсияҳо мебошад: идрокӣ; баҳодиҳӣ; танзимкунанда; пешгуӣ; робитавӣ; амсиласозӣ. Шуури ҳуқуқӣ, аз унсурҳои зерин иборат мебошад: психологӣ ва идеологӣ.

Намудҳои шуури ҳуқуқиро субъектҳои он, барандагон ва эҷодкунандагони шаклҳои гуногуни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Аз ин лиҳоз, се намуди асосии шуури ҳуқуқиро қайд намудан мумкин аст: а) ҷамъиятӣ, б) гуруҳӣ ва в) фардӣ. Чунин тақсимот бо аломати дараҷаи гуногуни ҷомеаи иҷтимоӣ асос меёбад.

Шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ - ифодаи абстрактии шуури ҳуқуқӣ дар маҷмуъ мебошад. Ин низоми ғояҳо, ақидаҳо, назарияҳо, эҳсосот, ҳиссиёт, майлу таассуроти ҳуқуқии таърихан дар асоси хусусиятҳои умумии фарҳангӣ ва миллии рушд ташаккулёфта, ба ҷомеа хос мебошад. Шуури ҳуқуқии гурӯҳӣ - бо гурӯҳҳои калон, азим ва хурд, ки сохтори миллӣ, синфӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, истеҳсолии ҷамъиятро ташкил медиҳанд, ифода меёбад. Шуури ҳуқуқии фардӣ - аз як тараф, ифодаи мушаххаси шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва гуруҳӣ дар ҷаҳонбинии шахси алоҳида буда, аз тарафи дигар, маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ, ғояҳо ва назарияҳои ба таври инфиродӣ беназир, ки фард аз худ кардааст, инчунин эҳсосот, руҳия ва самтҳои мувофиқи ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибати шахси мушаххасро нисбат ба қонун ва ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд.

Шуури ҳуқуқӣ ба рафтори татбиққунандаи ҳуқуқ ҳам бевосита ва ҳам бавосита тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Равиши мулоҳизаҳои судяе, ки ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунанда намуди ҷазоро интихоб намуда, муҳлат ё андозаи аниқи ҷазоро муайян мекунад, бо дарназардошти иҷозати қонун оид ба татбиқи ҳудуди болоӣ ва поёнии ҷазо, ба дониши низомии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои хоси ҷиноят ва шахсияти судшаванда, дарк кардани сиёсати

ҷиноятии давлат, нақши ҷазо ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои дар қонун гузошташуда асос ёфтааст. **[3-М]**, **[4-М]**, **[5-М]**, **[14-М]**, **[17-М]**, **[20-М]**, **[21-М]**, **[22-М]**, **[23-М]**, **[25-М]**, **[28-М]**.

2. Шуури ҳуқуқии касбӣ ин маҷмӯи ақидаҳо, анъанаҳо ва эътиқоди шахсони касбӣ мебошад, ки мустақиман ба фаъолияти ҳуқуқӣ машғуланд. Ин гуна шуур дар асоси дониши касбии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалӣ ташаккул ёфта, судяҳо, прокурорҳо, адвокатҳо, мушовирони ҳуқуқӣ, вакилони мақомотҳои намояндагӣ ва дигар шахсони ҳирфаиро дар бар мегирад.Тарҳрезии дастурҳои бошууронаи ҳуқуқӣ ва самтҳои арзишӣ дар ҳуқуқшиносӣ, истифодаи онҳо дар амалияи ҳуқуқӣ, татбиқи ба амал баровардани дастовардҳои афкори назариявӣ, принсипҳо ва арзишҳои ҳуқуқ бештар аз он вобаста аст. Шуури ҳуқуқии касбӣ пеш аз ҳама дар асоси амалияи ҳуқуқӣ ташаккул меёбад, аммо, аз тарафи дигар, воқеан инсонпарварӣ ва сатҳи воқеан касбии чунин амалия аз он вобаста аст. Шуури ҳуқуқии касбии судя - як намуди шуури ҳуқуқии касбӣ мебошад, ки дар робита ва дар ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ ташаккул меёбад.

Омӯзиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо қисми ҷудонашавандаи таҳлили мураттаби ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ мебошад. Таҳқиқи хислатҳои хоси ташаккул ва фаъолияти шуури ҳуқуқии касбии судяҳо имкон медиҳад, ки ба амал баровардани салоҳдиди судӣ ҳангоми қабули санадҳои судӣ фаҳмида шавад.

Татбиқи салоҳияти судя оид ба амал баровардани адолати судӣ аз лаҳзаи ворид гардидани маводи парванда барои баррасӣ то баровардани санади ниҳоии судӣ, бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ танзим карда мешавад. Баррасии фаъолияти судӣ танҳо ҳамчун мурофиавӣ метавонад ба тасаввуроти носаҳеҳ, дар бораи нақши шуури ҳуқуқии касбии судя - ҳамчун инъикоси фаъолияти мурофиавӣ оварад.

Шуури ҳуқуқии касбии судя - ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ дорои сифатҳои функсионалӣ - сохторӣ буда, дар хислатҳои инфиродии судя зоҳир гардида, моҳияти шуури ҳуқуқии охиринро муайян намуда, табиати падидаи мавриди таҳқиқ қарордоштаро возеҳу равшан мекунанд.

Шуури ҳуқуқии касбии судя - сатҳи олии инъикоси равонии ҳақиқат аз тарафи судя, дар шакли тасвирҳо ва мафҳумҳои умумишуда ба амал баровардани онҳо мебошад. Шуури ҳуқуқии касбии судяро дониши касбӣ, тафаккури касбӣ ташкил медиҳад. Дар ин ҷо ҳолати эҳсосии судя, муносибати уро нисбат ба ҳуқуқ муайян мекунад.

Шуури ҳуқуқии касбии судя аз унсурҳои гуногуни сохторӣ иборат аст, ки ҳар яке дорои аҳаммият ва ҷузъҳои таркибии хоси худ мебошад.

- унсури мантиқӣ-меъёрӣ: Ин унсури асосӣ пайванди мантиқӣ ва меъёриро дар бар мегирад, ки сатҳи амиқии донишҳои ҳуқуқӣ ва тафаккури ҳуқуқии судяро муайян мекунад.
- унсури равонӣ: Ин ҷузъ эҳтироми баланд ба ҳуқуқ, эътиқод ба зарурати иҷрои бошууронаи талаботи ҳуқуқ ва дарки ҳуқукро ҳамчун арзиши олӣ дарбар мегирад.
- самт ба рафтори фаъоли ҳуқуқӣ: Ин унсур ба рафтори касбӣ нигаронида шудааст, ки омодагии судяро барои иҷрои вазифаҳои касбӣ, татбиқи дақиқ ва қатъии талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, талош барои адолат ва эътирофи зарурати такмили шахсӣ дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқии касбии судя дар пайвасти дониш, муносибат ва рафтори фаъол дар доираи ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. **[5-М]**, **[23-М]**, **[25-М]**.

3. Фаҳмиши судя - дарки моҳияти падидаи мушаххасси ҳуқуқӣ ҳамчун гуногунии гурӯҳи муайяни чунин падидаҳо мебошад. Судя мафҳумҳоро барои тавсифи ин ё он ҳодиса (мисли дуздӣ, сохтакорӣ, сӯиқасд ба куштор ва ғайра) истифода бурда, натиҷаҳои фаъолияти эҷодии

равониро ҷамъбаст мекунад ва онҳоро бо меъёрҳои ҳуқуқии дар қонун муайяншуда мутобиқ месозад. Аз ин бармеояд, ки фаҳмиши касбии судя аз дониш, маданияти умумӣ ва таҷрибаи касбии ӯ вобаста аст.

Фаҳмиш - воситаи зеҳнӣ-идрокӣ буда, бо худ ҷараёнеро ифода медиҳад, ки дар асоси он натиҷаи ҳаммонандкунӣ, дарк, арзёбии объекти фаҳмиш дар доираи ҳолати ба вуқуъомадаро ташкил карда, имкон медиҳад, ки дар он самтро ёфта, қарор қабул карда, дар асоси ин гуногунии донишҳои аллакай мавҷударо оид ба ин объекти фаҳмиш, возеҳу равшан менамояд.

Ба нақши фаҳмиши ҳуқуқ дар ташаккули шуури касбии ҳуқуқии судя таваҷҷуҳ зоҳир намуда, муайян кардан лозим аст, ки дар шакли идрок умуман фаҳмиш баромад карда, самти шахсият дар ҷомеа мебошад. Шуур-тарзи фаҳмиш, тафаккур, инъикоси мақсаднок ва табдили созандаву эҷодии ҳақиқат буда, ҳам ҷанбаҳои маърифатӣ ва ҳам эҳсосиро дарбар мегирад.

Фаҳмиш - асоси паҳлуи маърифатии шуури судя буда, судя маълумотро тавассути шуур ва асосан тавассути фаҳмиш қабул ва дарк мекунад. Фаҳмиши ҳуқуқ, дар доираи паҳлуи маърифатии шуури ҳуқуқии судя бо ёрии усулҳои мушаххаси фаҳмиши ҳуқуқ, аз он ҷумла, дарки ҳуқуқ, тавсиф, тавзеҳро дар бар мегирад, амалӣ мегардад. Дар раванди муайян кардани нақши фаҳмиши ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии судя, метавон ду унсури асосиро ҷудо кард:

- шуури ҳуқуқӣ ҳамчун ҷараён: Ин марҳилаи таҳаввули динамикӣ мебошад, ки дар он судя дарк ва таҳлили меъёрҳои ҳуқуқиро бо шароити воқеии мушаххас пайваст мекунад.
- шуури ҳуқуқӣ дар натиҷа: Ин натиҷаи ташаккулёфтаи раванди дарки ҳуқуқ мебошад, ки ҳамчун фаҳмиши устувори арзишҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти судя инъикос меёбад.

Ҳамин тавр, шуури ҳуқуқии судя ҳам раванди дарк ва ҳам натиҷаи ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқиро дар бар мегирад.

Фаҳмиши ҳуқуқӣ аз якчанд унсурҳо иборат мебошад, аз ҷумла:

1) Унсури якум ин ҷараён, донистани ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки ҷараёни дарк, ҷамъоварӣ, тафсири дониши ҳақиқати ҳуқуқиро дар бар мегирад. Маҳз дар доираи ҳамин унсур, аз ҷумла, ҷараёни дарки ҳуқуқ ё фаҳмиши ҳуқуқ, ки асоси ҷараёни фаҳмиши ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ба амал бароварда мешавад. Фаҳмиши ҳуқуқӣ ҳамчун ҷараён бо фаъолияти мақсадноки ақлию зеҳнии судя муайян карда шуда, бо худ ҳаммонандкунӣ, дарк, арзёбии ҳуқуқро ҳамчун падидаи мустақили иҷтимоӣ ва зуҳуроти он, инчунин мазмуни онро ифода мекунад. Моҳияти фаҳмиши ҳуқуқӣ дар ҷараёни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ аз фаҳмидани ҳуқуқ (шакл ва мазмуни он), ҷустуҷуи ҳуқуқ, ёфтани ҷавоб ба савол, ки ҳуқуқ чист, дар чӣ ифода меёбад, чӣ гуна шаклҳо дорад, иборат аст.

2) Унсури дуюм, натиҷаи дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ мебошад, ки идеологияи ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар чунин низом шуури ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷа мавқеи асосиро ишғол намуда, ҳамчун асоси идеологияи ҳуқуқӣ баромад мекунад. Дар ақидаҳои адабиёти ҳуқуқшиносӣ оид ба падидаи шуури ҳуқуқӣ бояд фаҳмише ҷудо карда шавад, ки дар худ ду категорияҳоро: ҳуқуқ ва шуурро дар бар мегирад.

Фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ ба маънои дурусти дарк ва татбиқи қонунҳои амалкунанда ҳангоми баррасии парвандаҳои судӣ мебошад ва ин мафҳум асосан ба чунин ҷанбаҳо равона шудааст: - судяҳо бояд меъёрҳои ҳуқуқиро на танҳо ба маънои зоҳирии онҳо, балки бо назардошти руҳия ва мақсади аслии қонунҳо фаҳманд ва ин ба онҳо имконият медиҳад, ки онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои судӣ дуруст татбиқ намоянд; - дар ҳар як парвандаи судӣ, судя бояд муайян кунад, ки кадом қонун ё меъёр ба ҳолати мушаххас татбиқшаванда аст ва онро

дуруст арзёбӣ ва татбиқ намояд; - ташаккули тафаккури ҳуқуқии судяҳо талаб мекунад, ки онҳо ҳодисаҳоро на танҳо тибқи қонун, балки бо назардошти принсипҳои адолат ва ахлоқӣ низ баррасӣ кунанд; - судяҳо бояд дарк намоянд, ки қонунгузорӣ бояд ба манфиати ҷомеа, адолат ва риояи ҳуқуқҳои инсон бошад.

Ҳамин тавр, фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ ҳамчун замина барои ташаккули тафаккури ҳуқуқии судяҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки қарори дуруст ва одилона қабул намоянд, ки ин ба таъмини адолати судӣ мусоидат мекунад. **[4-М]**, **[6-М]**, **[8-М]**, **[9-М]**, **[10-М]**, **[11-М]**, **[23-М]**, **[25-М], [26-М]**.

4. Расмиёти судӣ ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ ба судя шароит фароҳам меорад, ки дар муайян намудани ҳолатҳои парвандаҳои судӣ, ки дорои аҳаммияти муҳими ҳуқуқӣ мебошанд, дар муқаррар кардани ҷоизӣ ва дахлдории далеҳо ва баҳодиҳии онҳо нақши муҳим дошта, ҳамчун қоидаҳои мурофиаҳои судӣ баромад намуда, дар қонунгузорӣ ва қарорҳои суди конститутсионӣ, пленумҳои судҳои олӣ ва олии иқтисодӣ таҷассум ёфта, дар қабули санадҳои қонунию асосноки судӣ мусоидат менамояд. Расмиёти судӣ дар маҷмуъ, аз давраҳои мурофиаи судӣ (муҳлатҳои мурофиавӣ, қабули аризаҳо, маводҳо ва парвандаҳои судӣ, омодасозӣ ва гузаронидани маҷлисҳои пешакии судӣ, таъини парвандҳоа ба муҳокимаи судӣ, оғози маҷлисҳои судӣ, тафтиши судӣ, музокираҳои судӣ, қабули санади судӣ), эътибори қонуни пайдо кардани санади судӣ, марҳилаҳои кассатсионӣ, назоратӣ ва ҳолатҳои нав ошкоргардида, иҷрои санадҳои судӣ иборат мебошанд, ки ҳар кадом дорои қоидаҳои махсус ва муҳлатҳо буда, марҳилаҳои судиро аз якдигар тафовут медиҳанд. **[5-М]**, **[10-М]**, **[11-М]**, **[14-М]**, **[16-М]**, **[25-М]**.

5. Тафсири ҳуқуқӣ, ҳамчун фаъолияти мушаххаси ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки барои фаҳмиши маънои аслии мазмуни

ҳуқуқ нигаронида шуда, бо мақсади таъмини танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда мешавад.

Санадҳои тафсири меъёрӣ ҳангоми ҳуқуқтатбиқкунӣ нақши ташкилӣ ва ёридиҳандаро мебозанд ва ягонагии ҷараёнҳои тавзеҳдиҳӣ ва қонунсозиро таъмин менамоянд. Натиҷаи тафсири ҳуқуқӣ ва натиҷаи татбиқи ҳуқуқ аз рӯйи эътибори ҳуқуқӣ бо ҳам рақобат карда наметавонанд, зеро санади тафсири сабабӣ нисбат ба санади татбиқи ҳуқуқ ёридиҳанда, тобеъ ва хизматкунанда мебошад. Тафсири ҳуқуқ дар мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда бо тафсири маънои меъёрҳои ҳуқуқӣ алоқаманд аст, ки бевосита дар ҷараёни иҷрои қонун дар ҳолати мушаххас ва ё бо мақсади хизматрасонӣ ба раванди иҷрои ҳуқуқ амалӣ карда мешавад. **[10-М]**, **[11-М]**, **[16-М]**, **[23-М]**, **[21-М]**.

6. Назарияи ҳуқуқи исботкунӣ ин маҷмӯи қоидаҳо, принсипҳо ва методологияест, ки асосҳои қонунии исботи далелҳоро дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ муайян мекунад. Он мафҳумҳо ва равандҳои асосии ба даст овардани далелҳо, арзёбии онҳо ва истифодаи онҳоро барои қабули санадҳои судӣ ва ҳуқуқиро дарбар мегирад. **[16-М], [22-М], [21-М].**

7. Назарияи ҳуқуқи исботкунӣ аз унсурҳои асосии зерин иборат мебошад: -мафҳуми далелҳо (исбот): далелҳо ин маълумотҳое мебошанд, ки воқеияти як ҳодиса ё амалиётро тасдиқ ё рад мекунанд ва барои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ истифода мешаванд; - манбаъҳои исбот: ба инҳо баёноти тарафҳо, нишондоди шоҳидон, ҳуҷҷатҳо, далелҳои шайъӣ, хулосаҳои ташхисӣ ва дигар шаклҳои манбаъҳои исботкунӣ дохил мешаванд; - принсипҳои исбот: принсипҳои асосӣ ин объективият, қонунӣ, боэътимодии далелҳо, ҷоизӣ, дахдорӣ ва шаффофият мебошанд; - тақсими гаронии исбот: дар бисёр низомҳои ҳуқуқӣ муайян кардани он, ки кадом тараф бояд далелҳои худро пешниҳод кунад ва уҳдадории исботи дурустии онҳоро бар дӯш дорад, муҳим аст. - арзёбии далелҳо:

арзёбӣ асосан аз рӯйи принсипҳои ҳақиқати объективӣ, далелнокӣ ва қонунӣ анҷом дода мешавад. - раванди исботкунӣ: ҷараёни ҷамъоварӣ, сабт, арзёбӣ ва пешниҳоди далелҳо дар мурофиаи судӣ ва дигар равандҳои ҳуқуқӣ мебошад. **[10-М], [11-М], [16-М], [21-М], [23-М].**

8. Нақши баланд бардоштани шуури касбии ҳуқуқии судяҳо дар раванди ба амал баровардани адолати судӣ, татбиқи самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои босифати судӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Бешак, татбиқи адолати судӣ аз ҷониби судя бояд уҳдадории ӯро дар бар гирад, ки ба такмили ихтисос ва тайёрии касбии худ пайваста чораҳо андешад. Дар бораи зарурати баланд бардоштани тахассуси судя барои таъмини бомуваффақонаи иҷрои вазифаҳои мансабии судяҳо, муқарраротҳои дар қонунгузорӣ ҷойдошта, нокифоя буда, такмили қонунгузориро тақозо менамояд. Андешидани чунин чораҳо имкон медиҳад, ки барои баланд бардоштани тахассуси касбии судяҳо аз ҷониби давлат шароити мусоид фароҳам оварда шуда, дар навбати худ судяҳо уҳдадории худро дар назди давлат бобати ба амал баровардани адолати судӣ дар асоси қонун чораҳои мутақобила андешанд. Дастгирӣ ва баланд бардоштани такмили тахассусӣ дар фаъолияти судяҳо ҳамчун омили ҳавасмандии судяҳо бояд бо имконияти болоравии мансаби онҳо алоқаманд бошад. **[5-М]**, **[14-М], [16-М]**.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Вобаста ба амалӣ гардидани таклифҳои пешниҳодшуда оид ба таҳқиқоти гузаронидашуда дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади такмил додани қонунгузорӣ тағйиру иловаҳои зерин манзур мегарданд:

### ТАВСИЯҲОИ НАЗАРИЯВӢ:

**Якум,** Дар асоси қисми 1 моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, мурофиа дар ҳамаи марҳилаҳои судӣ ва ҳамаи судҳо ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад.

Аз ин принсипҳои конститутсионии фаъолияти судҳо бармеояд, ки шахсони дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ буда, нисбат ба шахсони дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе мавҷуда, аз ҷиҳати дастрасӣ ба адолати судӣ дар як мавқеъ қарор надоранд. Зеро шахсони дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ҷойгирбуда, то ба Суди Олӣ муроҷиат намудан, инчунин ба марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии судҳои вилоятӣ ва шаҳри Душанбе муроҷиат менамоянд. Аммо шахсони шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ аз муроҷиат ба чунин марҳилаҳои судӣ маҳрум мебошанд.

Бинобар ин асосҳо ва бо мақсади ба принсипҳои конститутсионии дастрасӣ ба адолати судӣ, мутобиқ намудани баъзе аз меъёрҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Кодексҳои мурофиавии маданӣ, иқтисодӣ,

ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ тағйироту иловаҳо ворид намудан лозим аст. **[8-М], [10-М], [16-М], [30-М].**

**Дуюм,** бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, инчунин баланд бардоштани устуворӣ ва сифати санадҳои судӣ, боиси ба кашолкориҳои беасос роҳ надодан, муҳлатҳои тулонӣ мавриди баррасӣ қарор нагардидани парвандаҳои судӣ ва дар оянда бекор намуда, барои баррасии нав ба суди марҳилаи якум нафиристонидани парвандаҳои судӣ, пешниҳод мегардад, ки салоҳияти марҳилаҳои кассатсионии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд карда шуда, суди марҳилаи кассатсионӣ зимни муайян намудани камбудиҳои суди марҳилаи якум, ки асос барои бекор кардани санади судӣ мегардад, салоҳияти аз нав баррасӣ намудани парвандаҳои судиро бо талаби далелҳо, даъвати шоҳидон ва гузаронидани экспертизаҳо бо қабул намудани санади нави судиро додан ба мақсал мувофиқ мебошад. Дар чунин мавридҳо ба раисони Суди Олӣ, судҳои ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе салоҳияти дароз намудани муҳлати баррасии парвандҳоро дар судҳои марҳилаи кассатсионӣ ба муҳлати то як моҳ дода шавад. **[10-М], [16-М], [30-М].**

**Сеюм,** дар марҳилаҳои назоратии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо қарори кассатсионии судҳои марҳилаи кассатсионӣ баррасӣ карда шаванд. Парвандаҳои судие, ки санадҳои судии онҳо дар марҳилаи кассатсионӣ баррасӣ нашудаанд, шахсони иштирокчии парванда ҳуқуқи ба марҳилаи назоратӣ муроҷиат карданро надошта бошанд. Судҳои марҳилаи назоратӣ, танҳо ҳуқуқи як маротиба бекор кардани санади судии судҳои марҳилаи кассатсиониро дошта, ҳангоми маротибаи дуюм ворид гардидани чунин парвандаҳо қарори қабулнамудаи судҳои марҳилаи назоратӣ қатъӣ буда, санадҳои судӣ дигар мавриди баҳс қарор дода нашаванд. **[8-М], [10-М], [20-М], [30-М].**

**Чорум,** салоҳияти овардани шикоят ва эътирозро танҳо шахсони иштирокчии парванда дошта, аз судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз суди болоӣ бо санади асоснок кардааш, дигар шахсони мансабдор ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ талаб кардани парвандаҳоро надошта бошанд. Овардани эътирози назоратӣ аз ҷониби Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеъи он ки иштирокчии парванда намебошанд, аз қонунҳои мурофиавӣ хориҷ карда шаванд. Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар оянда ҳуқуқи овардани эътирози назоратиро надошта бошад. Ҳардуи ин ҳолате, ки ҳоло дар қонунгузорӣ ҷой дорад, ба моҳияти ҳуқуқи мурофиавӣ ва принсипҳои конститутсионии адолати судӣ мутобиқат намекунанд. **[9-М], [10-М], [16-М], [27-М], [30-М].**

**Панҷум,** марҳилаи назоратии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи як маротиба баррасӣ намудани қарорҳои марҳилаи назоратии судҳои ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанберо дошта бошад, ки қарори он қатъӣ буда, дигар мавриди баҳс қарор дода нашавад. Қарори марҳилаи назоратии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба қарорҳои марҳилаи кассатсионии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъӣ буда, дигар мавриди баҳс қарор дода нашавад.

Дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо як марҳилаи назоратӣт дар қонун ҷой дода шавад, яъне коллегияи назоратии судӣ, Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҳамчун суди марҳилаи назоратӣ аз ҳайати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузориҳои мурофиавӣ хориҷ карда шавад. **[8-М], [10-М], [16-М], [27-М], [30-М].**

**Шашум,** масъалаҳои хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории кадрҳои судягӣ ба таври ҷиддӣ таҷдиди назар карда шавад. Ба мансаби судягӣ шахсоне интихоб ва пешбарӣ карда шаванд, ки онҳо на танҳо аз ҷиҳати сиёсию ахлоқӣ устувору арзандаанд, инчунин донишҳои назариявию касбиятии онҳо ва таҷрибаи ҳаётиашон низ ба ин мансаб ҷавобгӯ бошад. **[9-М], [10-М], [23-М], [30-М].**

**Ҳафтум**, Коркарди илмии қисми зиёди аз институтҳои ҳуқуқҳои мурофиавӣ дар сатҳи дахлдор қарор надоранд. Имрӯз тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд намуди мурофиаҳо мавҷуданд, аз ҷумла мурофиаи конститутсионӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи маданӣ, мурофиаи иқтисодӣ, мурофиаи маъмурӣ, мурофиаи ҳакамӣ, мурофиаи арбитражӣ, гарчанде дутои охир мурофиаҳои шартномавӣ ба ҳисоб меравανд. Дар маркази илми ҳуқуқшиносӣ, яъне факултети ҳуқуқшиносии ДМТ имрӯз дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ оид ба мурофиаи конститутсионӣ, мурофиаи иқтисодӣ, мурофиаи маъмурӣ, мурофиаи ҳакамӣ, мурофиаи арбитражӣ умуман устодон ба донишҷӯён дарс намехонанд ё омӯзиши ин намуди ҳуқуқии мурофиаҳо ба салоҳияти дигар кафедраҳо вогузор карда шудаанд ё баъзе аз онҳо умуман вуҷуд надоранд. Агар омӯзиши ҳуқуқи мурофиавӣ дар як кафедра нею, ба якчанд кафедраҳо вогузор шуда бошад, пас дар бораи ягонагии кадом ҳуқуқи мурофиавӣ, ки принсипҳои асосии он дар Конститутсияи ҶТ пешбинӣ шудааст, сухан рондан мумкин аст. Ба андешаи мо ҳамаи ҳуқуқҳои мурофиавӣ агар дар доираи як кафедра мавриди омӯзиш қарор гиранд, мантиқан дуруст мебуд. Чунки ҳамаи институтҳои мурофиавӣ ба ҳам робита дошта, пайвастагии ногусастании дохилӣ доранд ва танҳо ҳамон вақт такмил меёбанд ва устувор мегарданд, ки агар назари ягонаи илмӣ вуҷуд дошта бошад. Ба таври зарури наомӯхтани ҳуқуқҳои мурофиавӣ, дар амалия ба ҳуқуқшиносони касбӣ аз ҷумла, судяҳо ҳангоми татбиқи ин меъёрҳо мушкилотро ба миён оварда, фаҳмиши ҳуқуқии судяҳоро коста гардонида, ба шуури ҳуқуқи касбии судяҳо таъсири манфӣ мерасонад ва боиси қабули санадҳои судии сифатан паст мегардад. **[8-М], [10-М], [16-М], [30-М].**

**Ҳаштум,** Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки дар мансаби судяҳои Суди конститутсионӣ, судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Олии

иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба синни 70-солагӣ расидан дар мансаби судя будан ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро ин судяҳо салоҳияти назоратӣ дошта, ба санадҳои қабулнамудаи судҳои поёнӣ ва мақомотҳо баҳо дода, таҷрибаи ягонаи судиро дар мамлакат таъмин менамоянд. Барои амалӣ намудани ин вазифаҳо пеш аз ҳама таҷрибаи бойи кофии корӣ ва оқилиро талаб менамояд, ки ҳама ин дар натиҷаи ба як синну соли муайян расидан ва таҷрибаи бойи судя пайдо мешавад ва судяҳои поёнии судҳои ҷумҳурӣ бошанд то ба синни 65-солагӣ расидан дар мансаб будан, ба устуворӣ ва сифати адолати судӣ мусоидат менамояд. **[8-М], [10-М], [23-М], [30-М].**

**Нуҳум,** Андешидани тадбирҳо ҷиҳати пайваста баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ, масъулияту одоби судяҳо, беҳдошти раванди бозомӯзии ихтисосӣ бо назардошти тағйирот дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ва дар ин замина баланд бардоштани мақоми Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ метавонад, ҷиҳати баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ва барои қабули қарорҳои қонунию асоснок мусоидат намояд. **[9-М], [10-М], [23-М], [30-М].**

**Даҳум,** Мақсад аз тез-тез ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои мурофиавӣ ба андешаи мо агар аз як тараф устувор набудани меъёрҳои мурофиавӣ бошад, аз тарафи дигар таҷрибаи нодурусти татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ба шумор меравад. Танҳо дар соли 2022 дар моҳи март ва моҳи июл ба КМГ ҶТ якчанд тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Тағйироти моҳи март воридгардида, агар ба маҳдуд кардани салоҳияти судяҳо дар боздошти иҷрои санадҳои судӣ дахл дошта бошад, пас тағйироти дар моҳи июл воридшуда, ба васеъ намудани салоҳияти прокурор вобастагӣ дорад. Бинобар ин, қонунгузор салоҳияти судяҳоро оид ба боздоштани иҷрои санадҳои судӣ як дараҷа маҳдуд намудаст. Аз ҷониби қонунгузор зиёд намудани ваколати прокурор оид ба иштирок

дар баррасии парвандаҳо, талаб карда гирифтани парвандаҳо аз судҳо ва овардани эътироз нисбати санадҳои судӣ ба андешаи мо аз ҷониби баъзе аз судяҳо ба таври дахлдор иҷро нагардидани вазифаҳои хизматиашон мебошад. Ба андешаи мо барои ин ҳолат, муқарарроти принсипҳои конститутсионии мурофиавиро сарфи назар намудан ба мақоми судя ва суд ҳамчун шохаи ҳокимияти давлатӣ ба мақсад мувофиқ нест. Дар чунин ҳолатҳо бояд қонунгузор чораҳои назоратии судӣ, хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории судяҳо, синну соли судягӣ, ҳар се сол ротатсияи шудани судяҳо, пурзур намудани ҷавобгарии судяҳо, раисони судҳо, мақсаднок будани институти судя-коромӯз ва тарзи бозомӯзии судяҳо, таъмини моддию техникӣ ва шароити кори судҳоро аз нав таҷдиди назар намудан, ба мақсад мувофиқ мебошад. **[24-М], [27-М], [30-М].**

**Ёздаҳум,** Мутобиқи қисми 1 моддаи 92 Конститутсияи ҶТ «Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад.». Дар ассоси моддаи 19 Конститутсияи ҶТ бошад, «Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс хуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи уро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд. Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест.». Бинобар ин асосҳо пешниҳод мегардад, ки дар Конститутсияи ҶТ ва дигар қонунҳо дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ иштироки ҳатмии адвокат пешбинӣ карда шавад. **[9-М], [10-М], [15-М], [30-М].**

**Дувоздаҳум,** Бинобар асоси он ки дар Тоҷикистон таъсиси ҳукумати электронӣ пешбинӣ гардидааст, пешниҳод карда мешавад, ки рафти тамоми марҳилаҳои тафтишот ва ҳамаи мурофиаҳои судӣ ба таври электронӣ сабт карда шуда, дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва ҳамаи мурофиаҳои судӣ аз тартиб додани протоколҳои хаттии коғазӣ даст кашида шавад ва ҳомилҳои элктронӣ ба парвандаҳо ҳамроҳ карда шаванд. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки дар қонунҳои мурофиавӣ

вобаста ба сабти навори электронӣ муқарраротҳои дахлдор ворид карда шаванд. **[15-М], [30-М].**

**Сенздаҳум,** Ба андешаи мо вақте расидааст, ки қонунҳои мурофиавӣ, пеш аз ҳама кодексҳои мурофиавии маданӣ, ҷиноятӣ ва иқтисодӣ таҷдиди назар карда шуда, дар таҳрири нав қабул карда шаванд. **[32-М].**

**Чордаҳум,** низоми мавҷудаи таҳсилоти бозомӯзии судяҳо ба баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мусоидат карда наметавонад. Зеро муқаррароти қонун оид ба дар ду сол як маротиба бо такмили ихтисос фаро гирифта шудани судяҳо, ки муҳлати он дар таҷриба 10 руз муқаррар гардидааст нокифоя мебошад. Таҷрибаи дигар давлатҳо нишон медиҳад, ки муҳлати бозомӯзии судяҳо аз як моҳ кам набуда, он дар муассисаҳои илмӣ, бо ҷалби кафедраҳои дахлдор ва олимони маъруф фаро гирифта мешавад. Маркази таълимии судяҳо дар назди Суди Олии ҶТ чунин имкониятҳо надошта, барои баланд бардоштани такмили ихтисоси онҳо ба талабот ҷавобгу шуда наметавонад, ҳатто барои судяҳои Суди конститутсионӣ ва судҳои иқтисодӣ шароити бозомӯзии судяҳо вуҷуд надорад. Бинобар ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки бозомӯзӣ ва баланд бардоштани такмили ихтисоси судяҳо бо сабаби мавҷуд набудани замина оид ба бозомӯзии судяҳо дар Суди Олӣ ва Маркази тахлимии он, бозомӯзии судяҳо дар факултаети ҳуқуқшиносӣ бо таҳияи барномаи махсус бо васоитҳои таълимии дахлдор амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Чунки маҳз бозомӯзии сифатнок ва дахлдор ба баланд бардоштани тахасуси касбии судяҳо, ҳамчун заминаи инкишофи шуури ҳуқуқии судяҳо мегардад. **[8-М], [10-М], [23-М], [30-М].**

**Понздаҳум,** фаъолияти судӣ масъулияти баландро талаб намуда, неруи зиёди ақлонию ҷисмониро талаб менамояд. Бо ин мақсад муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ ва қабули санадҳои судӣ, дар фаъолияти судҳо дар қонунгузорӣ баъзе

истисноиҳо пешбинӣ карда шаванд, ки онҳо ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судяҳо ва беҳтар гардонидани сифати санадҳои судӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, дар ҳамаи зинаҳои судӣ пурра таҳия намудани санадҳои судӣ вобаста ба парвандаҳои мушаххас ҳамчун истисно пешбинӣ карда шаванд: санади судӣ ҳамон вақт пурра таҳия карда мешавад, ки агар онро тарафҳои мурофиа ва ё иштирокчиёни мурофиа талаб намоянд; санади судӣ ҳамон вақт пурра таҳия карда мешавад, ки агар санади судӣ аз ҷониби тарафҳо ва ё иштирокчиёни мурофиа шикоят карда шавад; санадҳои судие ки дар онҳо сирри давлатӣ, сирри оилавӣ ва сирри тиҷоратӣ ошкор мешаванд, новобаста аз ду ҳолати дар боло зикргардида, пурра таҳия карда намешаванд. Вобаста ба ин пешниҳодҳо инчунин дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани имзои электронии судя ва супоридани нусхаи санади судӣ ба тариқи электронӣ пешбинӣ карда шавад. **[8-М], [10-М], [14-М], [16-М], [30-М].**

## ТАВСИЯҲОИ АМАЛӢ:

1. Ба Конститутсияи ҶТ тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1) Қисми 2 моддаи 19 дар тахрири зайл ифода карда шавад:

«Ҳеҷ касро ғайриқонунӣ дастгир ва ё ҳабс кардан мумкин нест. Ба ҳар шахс ёрии адвокат аз лаҳзаи дастгир шудан таъмин карда мешавад.».

2) Моддаи 84 дар таҳрири нав ифода карда шавад:

«Моддаи 84. Адолати судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи давлат танҳо суд ба амал мебарорад.

Ҳокимияти судӣ ба воситаи мурофиаи судии конститутсионӣ, маданӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ амалӣ мегардад.

Тартиби таъсис, ташкил ва фаъолияти низоми судиро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.

Таъсиси суди фавқулода манъ аст.»;

3) Моддаи 85 дар таҳрири нав ифода карда шавад:

«Моддаи 85. Ба вазифаи судя шахсе интихоб ё таъин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни у аз 30 кам набошад ва ҳадди аққал 5 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Қонуни конститутсионӣ метавонад нисбати судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботҳои иловагиро муқаррар намояд.»;

4) Ба моддаи 86 қисми 1 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент аз ҷониби Маҷлиси Миллӣ интихоб ва бозхонд мешаванд.».

2. Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014, № 1084 «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1) Дар моддаи 2:

- қисми 2 хориҷ карда шавад;
- дар қисми 3 калимаи «оилавӣ» хориҷ карда шавад;

2) Моддаи 4 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 4. Вазифаи суд**

Вазифаи суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз баровардани адолати судӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ иборат мебошад.»;

3) Дар моддаи 12:

– дар қиссми 2 рақами «25» ба рақами «30» ва рақами «3» ба рақами «5» иваз карда шаванд;

– қисми 3 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«3. Дар мансаби судяҳои Суди Конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ будан синни ниҳоӣ 70 сол, синни ниҳоии дар мансаби

судяҳои судҳои шаҳр ва ноҳия, суди ҳарбии гарнизонҳо, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе будан 65 сол муайян карда мешавад».

4) дар моддаи 22:

Сархатҳои якум, дуюм, сеюм ва чорум хориҷ карда шаванд.

5) дар моддаи 23 қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати зерин фаъолият мекунад:

– Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– коллегияи касссатсионӣ ва назоратии судӣ оид ба парвандаҳои мадании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– коллегияи касссатсионӣ ва назоратии судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– коллегияи касссатсионӣ ва назоратии судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– коллегияи судии касссатсионӣ ва назоратии ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

6) моддаҳои «28, 29 ва 30» хориҷ карда шаванд.

7) Моддаи 32 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 32. Салоҳияти коллегияҳои ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Коллегияҳои ҳарбӣ:

– парвандаҳоро ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ баррасӣ менамоянд;

– аризаи тарафҳо, прокурор, шахсони дигари иштирокчии парванда ва шахсони манфиатдор дар бораи вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ

пайдонамуда, инчунин қарори қабулнамудаашонро, ки дар асоси он санадҳои судии марҳилаи якум тағйир дода шудааст ё санадҳои судии нав қабул шудааст, баррасӣ менамоянд;

– тaҷрибаи судиро ҷамъбаст, омори судиро таҳлил менамоянд ва аз натиҷаи онҳо ба мақомоти дахлдор пешниҳод ирсол менамоянд;

– ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, амалӣ менамоянд.».

8) Моддаи 33 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 33. Салоҳияти коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои мадании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ:

– ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ парвандаҳои маданӣ ва оилавиро баррасӣ менамоянд;

– аризаи тарафҳо, прокурор, шахсони дигари иштирокчии парванда ва дигар шахсони манфиатдоро дар бораи вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдонамуда, инчунин қарори қабулнамудаашонро, ки дар асоси он санадҳои судии марҳилаи якум тағйир дода шудааст ё санадҳои судии нав қабул шудааст, баррасӣ менамоянд;

– таҷрибаи судиро ҷамъбаст, омори судиро таҳлил мекунад ва аз натиҷаи онҳо ба мақомоти дахлдор пешниҳод ирсол менамоянд;

– ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамоянд.».

9) Моддаи 34 хориҷ карда шавад.

10) Моддаи 35 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 35. Салоҳияти коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ:

– ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ парвандаҳои ҷиноятиро баррасӣ менамоянд;

– аризаи тарафҳо, прокурор, шахсони дигари иштирокчии парвандаро дар бораи вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдонамуда, инчунин қарори қабулнамудаашонро, ки дар асоси он санадҳои судии марҳилаи якум тағйир дода шудааст ё санадҳои судии нав қабул шудааст, баррасӣ менамоянд;

– таҷрибаи судиро ҷамъбаст, омори судиро таҳлил мекунанд ва аз натиҷаи онҳо ба мақомоти дахлдор пешниҳод ирсол менамоянд;

– ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамоянд.».

11) Моддаи 36 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 36. Салоҳияти коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ:

– ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ парвандаҳои маъмуриро баррасӣ менамоянд;

– аризаи тарафҳо, прокурор, шахсони дигари иштирокчии парванда ва шахсони манфиатдоoро дар бораи вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдонамуда, инчунин қарори қабулнамудаашонро, ки дар асоси он санадҳои судии марҳилаи якум тағйир дода шудааст ё санадҳои судии нав қабул шудааст, баррасӣ менамоянд;

– таҷрибаи судиро ҷамъбаст, омори судиро таҳлил мекунанд ва аз натиҷаи онҳо ба мақомоти дахлдор пешниҳод ирсол менамоянд;

– ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамоянд.».

12) Дар моддаи 37:

– дар сархати 9 калимаҳои «шумора ва ҳайати Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шавад;

– сархати 10 ва 12 хориҷ карда шавад;

– дар сархати 11 калимаҳои «Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,» хориҷ карда шавад;

– дар сархати 13 калимаҳои «коромӯз-судя» хориҷ карда шавад;

13) Дар моддаи 38:

